Абдулҳамид Аҳмад
Абу Сулаймон

# БУҲРОНИ АҚЛИ МУСУЛМОН

# Буҳрони ақли мусулмон

*Абдулҳамид Аҳмад Абу Сулаймон*

Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ (IIIT)

*Бишкек 2023*

УДК 297
ББК 86.38
А 13

**Бухрони ақли мусулмон (Tajik)**
*Абдулҳамид Аҳмад Абу Сулаймон*

© Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ (IIIT)
1444 AH / 2023 CE
ISBN 978-9967-493-44-5 *paperback*

**Azma al-`aql al-muslim (Tajik)**
*`Abdul Ḥamīd ảbū Suleymān*

© The International Institute of Islamic Thought (IIIT)
1430 AH / 2009 CE
ISBN 978-156564-333-8 *paperback*
IIIT
P. O. Box 669
Herndon, VA 20172, USA
www.iiit.org

Тарҷумон: Мирзоев Насим Шарафович
Муҳаррир: Мирзоев Ҷовид Шарафович
Муҳаррири фаннӣ: Байчабаева Элмира Наринбековна
Саҳифабанд: Кекенова Нарбегим Бейшембековна

Ин китоб аз ҷониби Идораи дини мусулмонони Қирғизистон тасдиқ шудааст.

Китоб аз ҷониби Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ нашр шудааст

Бознашри ин китоб ё бахши он бе иҷозати хаттии Муассиса мамнӯъ аст. Фикру андешаҳое, ки дар ин китоб баён шудаанд, аз они муаллифанд ва метавонанд нуқтаи назари ношир, тарҷумон ва муҳарриронро инъикос накунанд.

Ҳамаи ҳуқуқ маҳфуз аст
ISBN 978-9967-493-44-5 УДК 297
ББК 86.38

# МУНДАРИЧА


ДЕБОЧА ........ 8

МУҚАДДИМАИ МУАЛЛИФ ........ 13

ФАСЛИ АВВАЛ

Асолати муосири исломӣ: роҳҳали ягона ........ 23

1.1. Се роҳҳал ........ 23

*1.1.1. Роҳҳали аҷнабии воридшуда ........ 27*

*1.1.2. Роҳҳали анъанавии таърихӣ ........ 35*

*1.1.3. Роҳҳали асолати муосири исломӣ ........ 40*

1.2. Решаҳои таърихии ин уммат ........ 45

*1.2.1. Дигаргунии қоидаии сиёсӣ: бадавиҳо, фитна ва пош хӯрдани хилофати рошидин ........ 45*

*1.2.2. Ҷудоӣ байни пешвоёни фикрӣ ва пешвойни сиёсӣ ........ 48*

1.3. Мазмуни буҳрон ва роҳҳои дуруст намудани ин ҷода ........ 51

*1.3.1. Буҳрони фикр, на буҳрони ақида ........ 51*

*1.3.2. Фарқ байни масъалаи фикру васоил ва масъалаи арзишҳову ҳадафҳо ........ 71*

*1.3.3. Гӯшагирии фикрӣ – маншаи шахшудагиву тақлид ва қафомондагӣ ........ 73*

ФАСЛИ ДУВУМ

Равиши анъанавии фикри исломӣ: накд ва арзёбӣ ........ 77

2.1. Усул: таъриф ва тавзеҳ ........ 78

2.2. Зинда ба гӯр кардани илмҳои иҷтимоӣ (ҷомеашиносӣ) ........ 87

2.3. Мероси мо: сарвати дирӯз, тӯшаи роҳ ва ибрати оянда ........ 108

ФАСЛИ САВУМ

Равиши андешаронии исломӣ: бунёдҳо ва асосҳои он ..................116
3.1. Чорчӯби барномаи андешаи исломӣ ва маорифи он:
Комил шудани ғайбу шаҳодат ..................119
3.2. Сарчашмаҳои фикр ва барномаи исломӣ: ваҳй, ақл ва ҳастӣ ..................128

3.3. Роҳҳалҳои бунёдӣ барои барнома ва фикри исломӣ ..................141
*3.3.1. Ваҳдоният ..................142*
*3.3.2. Хилофат ..................144*
*3.3.3. Масъулияти ахлоқӣ ..................147*

3.4. Мафҳумҳои бунёдии барномаи исломӣ ..................151
*3.4.1. Ҳадафмандии офаринишу вуҷуд ..................152*
*3.4.2. Айнгароии ҳақиқат ва нисбатгароии ҷойгоҳи он ..................154*
*3.4.3. Озодии тасмиму ирода ..................158*
*3.4.4. Таваккал ..................169*
*3.4.5. Сабабият дар фаъолияти инсон ..................173*

3.5. Хусусиятҳои барномавии фикри исломӣ:
умумӣ будани соҳа ва восита ..................177

ФАСЛИ ЧОРУМ

Барномаи исломӣ ва талаботи бунёд ниҳодани донишҳои тамаддуни исломӣ ..................187
4.1. Таснифи нусуси исломӣ ..................188
4.2. Фарогир будани дидгоҳи тамаддунӣ ..................190

4.3. Муқаддимоти донишҳои иҷтимоӣ ..................193
*4.3.1. Буъдҳои вуҷуди инсонӣ-исломӣ: ваҳдати куллӣ ва таадduди комил ..................199*
*4.3.2. Ҳадафу мақсад аз низоми ҳастиву зиндагӣ ..................205*
*4.3.3. Бунёдӣ будани ҳаққу ҳақиқат дар ниҳодҳои нафсҳо ва дар алоқаҳои иҷтимоии инсон ..................206*

ФАСЛИ ПАНҶУМ

Дар баёни муқаддимоти донишҳои иҷтимоӣ ..... 211
5.1. Ислом ва илми тарбия ..... 213
5.2. Ислом ва илмҳои сиёсатшиносӣ ..... 225
5.3. Исломӣ будан ва донишҳои техникӣ ..... 241

ФАСЛИ ШАШУМ

Ислом ва оянда ..... 249
6.1. Ояндагароии сохтори уммат ..... 249
6.2. Исломинамоии дониш ва муассисаҳои илмӣ ..... 255
6.3. Ояндаи масири инсон ..... 261

ДАР ОХИР: Ислом - масъалаи бунёдии уммат ..... 270
МУАРРИФИНОМА ..... 274

# ДЕБОЧА

Ҳамагон дар ин масъала иттифоқи назар доранд, ки уммати исломӣ марҳилаи вазнинтарини худ: парешониву азҳамгусехтагӣ, аз даст додани ҳувият, пош хӯрдани ниҳодҳо ва ҳолати буҳрониеро, ки ба он дучор омадааст, аз сар мегузаронад.

Ҳамчунин, баъд аз он ки уммат гирифтори ду озмуни талх: бедодиву фармонбардорӣ аз таҷрибаи бегонагон ва ду аср боз ба таври иҷборӣ кӯшиши амалӣ намудани он таҷрибаҳои бегона гардид, инчунин аз вақте, ки уммат эҳсос намуда истодааст, ки маҳз иртиботи бевоситаи кишварҳои мусулмоннишин, хусусан, Туркияву Миср бо тамаддуни ғарбӣ сабаби мушкилоти мавҷуда мебошад, ҳамагон ба тағйиру дигаргун намудани вазъият иттифоқи назар доранд.

Уммат муддати тӯлоние мешавад, ки дар сиёсату ҳукмронӣ, фарҳангу идора, адабиёту иҷтимоъ ва илму ҳунар ба тамаддуни Ғарб пайравӣ менамояд, аммо ин (тақлиди кӯр-кӯрона) орзуву нияти ӯро (барои бурунрафт аз буҳрону мушкилӣ) ҷомаи амал напӯшонид. Дар натиҷа ба чунин хулоса омад, ки беҳтарин роҳ барои ҷилавгирӣ аз тавсеа ёфтани фосилаи байни худ бо дигар умматҳо танҳо такя намудан ба худ ва ҷустани роҳҳалҳо дар ниҳоди худ мебошад.

Хулоса, нухбагони уммат натавонистанд мантиқи дурустеро дар раванди дигаргунсозӣ ҷиҳати дастрасии ҳадафҳои дилхоҳ муайян намоянд. Бо андешаронии тӯлонӣ атрофи ин вазъият, таҳлили назарҳо ва муроҷиат ба таҷрибаҳое, ки дар гузашта уммат барои баромадан аз вазъияти буҳронӣ ба кор мегирифт, ҳамзамон бо арзёбии мӯшикофонаву амонатдо-

рона ва мавзӯии ин таҷрибаҳо бароямон маълум гардид, ки нуқтаи асоси дар раванди тағйир бояд аз андеша оғоз шавад. Зеро андеша заминаи табиии амал буда, дуруст ё хато будани амал аз он вобастааст.

Ин ба он маънost, ки андешаи дуруст эҳёи дурустро ба майдон меоварад ва маҳз ҳамин андешаи дуруст аст, ки дасти умматро барои берун шудан аз буҳрони хафакунанда мегирад.

Азбаски маҳз Ислом фикри дурусту бунёдии уммати исломиро ташкил додаву рӯҳи умматро таҷассуму замири онро ба таҳрик медарорад ва неруи пӯёи тавономандиҳои созандагиву бархӯрд ва муқовимату хидматрасониҳоро дар уммат фаъол месозад, пас андешаи дуруст, бе тардид, ҳамон адешаи исломӣ мебошад.

Бо такя бар ин нукта метавон гуфт, ки раванди ислоҳоти дилхоҳ, пеш аз ҳама, фаъолсозии андеша мебошад. Аз ин рӯ, ин фаъолсозӣ бар асоси Ислом сурат гирифта, аз роҳнамоиҳои он истифода намояд ва бо такя бар ақидаву арзиш ва ҳадду марзҳову пояҳои ахлоқии он амали худро оғоз намояд ва аз сарчашмаҳои бунёдии он кумак гирад.

Азбаски истилоҳи андешаи исломӣ истилоҳи фарогир аст ва дар фаҳми он мардум бештар ихтилофи назар доранд, пас ба мушаххас намудани чорчӯби он ниёз дорем, то бо такя бар он равишҳову қонуниятҳо ва истилоҳоти бунёдӣ муайян гарданд. Бо ин тариқ умед дорем, ки дар охир аз ин ҳама бурҳонҳо убур карда, ба як андешае даст пайдо мекунем, ба гунае ки тасаввурҳои ҳамаро муттаҳиду ягона месозад.

Китоби зерин низ ба ҳамин хотир нигошта шудааст, то дар гиреҳкушоии ин масъала ва ироаи воситаҳои ҳалли он саҳми арзанде гузошта бошад.

Китоб гуфтори худро аз равиши анъанавии андешаи исломӣ оғоз намуда, сипас онро мавриди накду баррасӣ қарор медиҳад. Гуфтори баъдии китоб атрофи пояҳои бунёдии равиши фикри исломӣ аз нигоҳи чорчӯбу сарчашма ва роҳҳалҳои асосӣ мебошад. Сипас дар китоб гуфтор дар мавриди амал-

карди ин равиш аз нигоҳи фарогирии соҳаҳову воситаҳо идома ёфта, сипас ба таври умум ба баррасии равиши исломӣ ва донишҳо мепардозад.

Баъди ин муаллиф масъалаҳои донишҳои иҷтимоӣ-инсонӣ ва исломӣ ва муқаддимаҳои вижаи онро аз диди маърифати исломӣ ва ниҳодҳои матлуби исломӣ мавриди арзёбӣ қарор медиҳад.

Дар хулосаи китоб муаллиф ба баёни ду масъала мепардозад: а) ислом ва оянда ва б)ояндаи масири инсоният. Гуфтори худро муаллиф бо эълом доштани ин нукта, ки баёнгари ҳақиқати биниши ӯст, ба анҷом мерасонад. Нуктаи мазкур ин аст, ки маҳз Ислом қазияву бозгашт, сарнавишту ҳадаф ва воситаи уммат барои баромадан аз буҳрон ва роҳи бунёд ниҳодани ва барпо доштани эҳёи он аст.

Бе тардид, ислоҳи равишҳои андешаронӣ, решаёбии матолиб ва рафтан аз ҳошияи масоил ба батни онҳо, аз зоҳири мушкилот ба ҳақиқати он бунёд ниҳодани қоидаҳои ому қонунҳои куллӣ ва бо такя ба роҳнамоиҳои Ислом ислоҳ намудани роҳҳалҳо худ замонати ҳақиқие мебошад, ки раванди тағйирсозии андешаро раванди дурусту муваффақе мегардонад ва уммат тавассути он гомҳои худро дар ҳаракат бар масири дуруст хоҳад гузошт.

Оре, китоб маҳз ҳамин ҳадафи бузургро дунболагирӣ менамояду дар амалсозӣ ва кушодани роҳи он талош меварзад.

Шояд бархе хонандагон пиндоранд, ки муаллифи арҷманд масъалаи андешаро аз будаш зиёд нишон додааст. Вале дар ин нукта ҷойи баҳс нест, ки ба иттифоқи ҳама андешамандони исломӣ масъалаи андеша масъалаи бунёдиву пураҳамият мебошад. Гузашта аз ин, дар мақоми аввал қарор додани андеша ба маънои хати бутлон кашидан ба масъалаҳои дигар нест. Зеро барои расидан ба эҳёи дурусте дар пояи таолими исломӣ танҳо ҳамбастагиву роҳҳалҳои якҷояи ин масоил лозим мебошад.

Дар робита ба масъалаи буҳрони фикрӣ, сохтори ақли арабиву бозсозии ақли мусулмон ва масъалаҳои адешаву

барномаи исломӣ пажӯҳишҳои зиёде нашр гаштааст, вале ин пажӯҳиш аз навъи дигар аст ва аз диди бартаре бархӯрдор аст.

Муаллиф дар арзёбии буҳрони уммати исломӣ, буъди фикриву барномагароӣ ва решаёбии таърихии он бисёр мӯшикофонаву устодона мепардозад, ба гунае ки дар дигар пажӯҳишҳои дар ин росто ба нашр расида ин нукта дида намешавад. Аз ҷумла, нависанда байни бештари масъалаҳое, ки бархе нависандагон аз он тез мегузаранд ва ё ба бахше аз он мепардозанду бахши дигареро вомегузоранд, пайванди ногусастание эҷод менамояд. Муаллиф бо диди фарогиру куллие, ки махсуси худи ӯст, панду ибратҳо ва роҳи расидан ба натиҷаҳоро пайгирӣ менамояд. Муаллифи тавону неруи зеҳнии худро дар масъалаҳои ҷузъиву дувумдараҷа ва фанниву тахассусӣ ё академӣ сарф намекунад, ҳатто намегузорад, ки хонанда вақти бештари худро ба масъалаҳои мазкур сарф намояд, балки дасти ӯро гирифта рост ба сӯйи асли матлаб мебарад. Аз ин рӯ, хонандаи одӣ дар марҳилаи аввал (бори аввал хондани китоб) дар дарку фаҳми услуби муаллиф душворӣ мекашад, вале агар онро дар партави ҳадафе, ки мушаххас шудаву андешаи бунёдине, ки ироа шудааст, дубора хонад, ба зудӣ онро дарк хоҳад кард ва ба оромишу ризомандӣ хоҳад расид.

Воқеан, вақте ин китобро мехонед, онро ҳамчун як китоби бадеӣ намеёбед ва худро дар баробари маҷмӯае аз суханпардозиҳои бадеиву услубҳои баёнӣ намебинед, балки худро дар баробари кони пур аз андешаҳои гуногуне меёбед, ки барои расидан ба ақлу мағзи ту ба ҳамдигар пештозӣ мекунанд ва шояд ин андешаҳо туро қаноатманду розӣ созанд. Нависандаи ин китоб муборизи собитқадамест, ки дар наврасиву ҷавонӣ ва пиронсолӣ масъулияти муҳимми даъвати диниро бар дӯш доштааст. Баррасӣ намудани дарду ранҷҳои уммат барои ӯ ҳамчун ироаи гузорише ва ё баёни жанру санъати адабӣ набуда, балки ин ҳама бозтоби дарду ранҷҳо ва оҳу афғони дили ӯ мебошад. Агар ӯ шоир мебуд, ҳоло китобхонаҳо пур аз

суханони зебояш буданд ва агар ӯ нависандаи касбӣ мешуд, ҳоло рӯйхати китобҳояш ба чанд баробар мерасид. Аз ҳар андешаи ироашудаи ин муаллиф нависандагони касбӣ метавонанд як ё чандин китоб нигошта намоянд. Вале пажӯҳандаи ин китоб равшанфикрест, ки ба ҳадафу мақсади ҳастии уммат сахт пайванд гаштааст. Гоҳе дар гуфтораш хушунати мубориз ва салобати сиёсатмадор дида мешавад. ӯ ҳадафашро нахуст муайян намуда, сипас ба гуфтор мепардозад. Ҳаргиз дар пайи мушавваш ва мунҳариф намудани зеҳну назари хонанда нест, балки ӯро ба сахтӣ такон медиҳад ва назарашро бо зӯрӣ ҷониби ҳадафаш равона месозад, то роҳ барояш маълум гардаду вақти бо ин ҳам каммонда аз даст наравад.

Ҳарчанд маводу фаслбандии ин китоб кайҳо боз омада шуда бошад ҳам, чопи он чандин сол ба таъхир афтод, то шароити мувофиқе фарор расад, ки нухбагони фикриву иҷтимоии уммат нигоҳи содиқонаву ошкоре ба гунаи ин пажӯҳиш дошта бошанд; нигоҳе, ки аз ҳар гуна ҳассосиятҳову узрхоҳиҳо ва манфиатҳои хосса орӣ ва дур аз тирагии пайраҳаҳои зудгузари сиёсӣ бошад. Вале чархи гузари таърих ва зуҳури рӯйдодҳои бузург боис гашт, ки ин китоб бо шумули масъалаҳои муҳимми матраҳкардааш ба таври ҳатмӣ ба майдони омӯзишу арзёбӣ ва диалог раҳ ёбад. Умед дорем, ки ин китоб ва масъалаҳои муҳимми матраҳкардаи он аз ҷониби нухбагони фикриву иҷтимоӣ ва ҷавонони ин уммат пазируфта мегардад ва ҷойгоҳи худро дар ин росто ба даст меорад.

Дар охир, дуо менамоем, ки Худованд ин китобро судманд гардонад. Худованд бар ҳама чиз тавоно аст. Анҷоми дуои мо ин аст: «Ситоиш барои Худо, Парвардигори ҷаҳониён аст».

***Доктор, профессор Тоҳо Ҷобир ал-Улвонӣ***

# МУҚАДДИМАИ МУАЛЛИФ

Ситоиш барои Худост, Парвардигори ҷаҳониён. Дуруд ва салом бар Паёмбарамон, Муҳаммад ва бар ҳама олу саҳобагони ӯ.

Хонандаи азиз, китобе, ки дар даст дорӣ, китоби пураҳамияту вижа аст. Ин китоб асари гирдоваришудаву таълифкардашуда нест, балки пажӯҳиш, чашмандоз ва таҳлилест, ки мавзӯи он зеҳну қалби инсонро дар тӯли таърих машғул доштааст. Мавзӯи ин китоб мавзӯи уммат не, балки худи уммат маҳсуб мешавад.

Ҳанӯз аз замоне, ки чашмони кӯдак чӣ гуна хондани калима, даҳонаш ба чӣ гуна талаффуз кардани вожа ва дилаш ба чӣ гуна дарк намудани маъно ошно мешавад, зеҳну қалбаш бар дардҳову ранҷҳо ва шикоятҳои шоирону нависандагони онҳо ошноӣ ёфтааст. Нигорандаи ин китоб низ дар манзилгоҳи ваҳйу қадамгоҳи Паёмбари Ислом (с) аз ҳамон замони нишастан ба мизи мактаб ба варақ задани сафҳаҳои ширину талхи таърихи исломӣ пардохтааст. Дар хобу хаёли худ бо абармардони таърих зиставу беҳтарини онҳоро баргузидааст. Гоҳе ҳасрату талхӣ саропои ӯро фаро гирифтааст ва эҳсос намудани жарфои буҳрон азму тасмими ӯро барои тағйир додану ислоҳи ин вазъияти номатлуб бештар кардааст.

Корвони зиндагӣ таҷрибаву маърифатро ба нигорандаи ин сатрҳо эҳдо кардаву шикастҳои талхи уммат боиси пайваста андешарониву таammули ӯ дар робита ба аҳволи уммат гаштааст, ба гунае ки пайваста дар мавриди уфту хез ва парешонии миллат аз худ пурсон мешавад ва зеҳну дилаш, ки дар

духурагиву бим тарбия наёфтаанд, танҳо бо посухи дурусти қонеъкунанда қонеъ мешаванд.

Ҳамчунин, муаллиф дар натиҷаи пажӯҳиш ва таҷрибаи зиндагӣ, ки шинохти анъанавӣ ва шинохти муосирро бо таъаммули пайваста, жарфназарӣ, решаёбӣ ва бо ҷустани воситаҳову роҳҳалҳо гирд овардааст, ҳаргиз ба сӯгвориву навҳгарӣ ва ба эҳсосоти оташин тан нахоҳад дод. Аз нигоҳи нависанда вазъияти уммат масъалаи печидае гаштааст, ки ба фаҳму омӯзиш ва таҳлил ниёз дорад. Аз ин рӯ, ҳама неруи зеҳниву амалии худро ба он равона карда, ҳама таҷрибаву пажӯҳишҳои дар робита ба ин мушкилӣ анҷомдодаашро ба ҳамдигар пайванд намудааст ва барои дарку пайгирии ин нукта шабу рӯзҳо ва таъриху рӯйдодҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст, то бо ин ҳақиқатро ҷустуҷӯ намояду роҳҳалро пайдо созад. Ҳеҷ чизе наметавонад, ки нигорандаи ин сатрҳоро аз фидокорӣ дар роҳи беҳбудӣ ва бурунрафти уммат аз мушкилӣ монеъ шавад.

Хонандаи азиз! Нависандаи ин китоб, вақте онро менависад, ба он аз умқи ҷони худ назар менамояд, зеро дард дарди ӯ ва ранҷ ранҷи ӯст. Рӯйдодҳои таърих, пасмондаҳои гузаштаву мушкилии кунунӣ ва орзуҳои оянда дар умқи ҷону қаъри дил ва дар раҳҳои мағзи сар ҷо шудааст. Касе аз ӯ дида ба дард ошнотар нésту касе монанди ӯ ошуфтагиро эҳсос наменамояд. Зеро ӯ дардро колбудшикофӣ менамояду барои он даво ироа месозад. Ҳар мусибату фоҷеа ва ё бадбахтие рух диҳад, ҳатман, ӯро ҳадаф қарор хоҳад дод. Ҳар он чӣ, ки нигоранда навиштааст, ба хотири танқиду таҳқир ё ранҷондану бад гуфтани касе нест, балки ин баёнгари фаҳм ва сухани ошкору ростин аст. Шояд сухани ростин тезиву сухани ошкор талхии худро дошта бошанд.

Хонандаи азиз! Вақте нависандаи ин китоб бо чунин услубе ба шумо сухан мегӯяд, ин ба маънои он нест, ки ӯ аз умқи таъриху фазл, неру ва фарри имону бахшандагӣ ва ихлоси ин уммат хабаре надошта бошад. Коре, ки нависанда анҷом додааст, на барои фазлфурӯшӣ асту на барои узрхоҳӣ

ва на барои сабук намудани дард, балки корест саропо хайр. Кори анҷомдодаи ӯ аз он сабаб аст, ки ӯ худро дар мақоми шахсе қарор додааст, ки дар авҷи нотавониву вомондагӣ ва мушкиливу фурӯмондагӣ фарёди кумаку пуштибонӣ ва ёфтани бурунрафтеро аз он мушкилӣ сар медиҳад.

Агар нигорандаи ин сатрҳо бархе маврид дар қадрдониву бузургдошти дастовардҳову абармардон, донишмандону нухбагон ва ҷавонону муборизони ин миллат кӯтоҳие намуда бошад, ҳама ба ин хотир буда, ки вазъият бuҳронитару мушкилиҳо бештар гашта истодааст ва ӯ мехоҳад бидуни ба дарозо кашидани сухан дард ошкор намояду давоеро барои он ҷустуҷӯ намояд.

Суханоне, ки дар ин китоб гуфтаам ва пажӯҳишу чашмандозҳое, ки дар он ироа намудаам, ба ин маъно нест, ки ба пазириши ҳатмии он исрор варзидаву ё аз ошкор шудани хатоие дар он биме дошта бошам, балки ҳадафи ман танҳо ин аст, ки хонанда маро дар ин пажӯҳиш ва дар он чӣ аз дидгоҳ ва дарки сабабҳои рукудбарандаи умматамон даст ёфтаам, ҳамроҳӣ намояд.

Умед дорам, ки хонандаи азиз барои дарку дунболагирии масоиле, ки дар ин китоб дар тӯли чандин соли тааммулу пажӯҳиш ва омӯзиш гирдоварӣ шудааст, вақту шикебоии худро дареғ намедорад ва ба он чӣ ҳадафи нигоранда аст, даст меёбад. Вале бо сафҳагардонии шитобкорона хонанда дар ин китоб ба ҷуз суханони беарзишу масъалаҳои ҷузъии назарногир дигар чизеро намебинад, ба гунае ки аз калимаҳову маонӣ ҳамон шакли навишту маънои маъмулиро мегирад, на тааммулу чашмандозеро. Дар натиҷа, дидгоҳ боз хиратар мешаваду роҳ бошад тиратар. Зеро бо назардошти густардагии мавзӯъ нависанда дар аксари маврид ба ҷузъиёт, овардани далелу шавоҳид ва баррасиву арзёбии андешаҳо таваҷҷуҳ накарда, балки бештар ба баёну баррасии масоили куллӣ ва бунёдии мавзӯъ иктифо варзидааст.

Умедаст, ки ин китоб дар доираҳои илмӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ-иҷтимоии уммат мавриди пазириш қарор мегираду

онҳо андешаву дидгоҳ ва таваҷҷуҳи нависандаро ба масъалаи буҳрони фикрии уммат, набудани диди фарогиру равиши комил ва пешниҳоди роҳҳалҳову раҳёфтҳоро мавриди арзёбӣ ва баррасии ҷиддие қарор медиҳанд, ки муҷиби чашмандозу ибрат мегардад. Барои ворид шудан ба жарфои буҳроне, ки ақлонияти мусулмонро сайди худ гардондааст, барои даст ёфтан ба услубу воситаҳои зарурӣ ҷиҳати ислоҳи он ва ҷиҳати ба қадри имкон пиёда намудани ин ҳадаф мо ҳама гуна тарсу бимро аз нафси худ дур намудем.

Мақсад аз матраҳ намудани ин масоил дар китоби мазкур нодидаву костанамоии қадри ҳеҷ гурӯҳ ва ҳеҷ донишманди ин уммат нест, чун нависандаи он аз имону ихлос ва фидокориву хидмати абармардону донишмандон ва гузаштагони ин миллат ба хубӣ огаҳӣ дорад. Балки ин пажӯҳиш талоше барои дарки воқеии масири таърих ва рӯйдодҳои шабонарӯзии уммат мебошад, ки боиси заъфи далелу тирагии дидгоҳ ва аз даст рафтани ҷойгузине барои абармардону давлатҳо гардид. Инчунин, ҳадаф аз ин китоб маломату накӯҳиш ва ё гуфтори тасаллоомезу пӯзишхоҳона нест, балки чашмандозу фаҳм ва пажӯҳишу таҳлилест, ки муаллиф умед дорад тавассути он орзуи ҳар ихлосмандеро дар мавриди дур кардани мусибатҳо амалӣ созад, агарчи он мусибатҳо дар умқи ҷону мағзи зеҳнамон раҳ ёфта бошад ҳам.

Умедаст, ки равшанфикрону фарҳангиён ва нухбагону ҷавонони ин уммат масъулияти худро ба таври холисонаву содиқона ба ҷо меоранд ва дар ин росто абзори заруриро барои рӯёрӯӣ бо мубориза ҳо ба кор мегиранд. Вале адои масъулияту бархӯрди муваффақона бо хатарҳо бо инкори ҳувияту табиат, харҷи зиёди захираҳову қурбониҳо, фарохониҳо барои пойбандӣ ба арзишҳову усули асосӣ ва бо мавъизаҳову суханони ҷаззобу эҳсосзо амалӣ намешавад, балки танҳо бо ислоҳ намудани равишҳои андешаронӣ сурат мегирад. Зеро маҳз ислоҳи андеша муқаддимаву асос ва роҳе ба ислоҳ намудани равишҳои тарбия, ислоҳи муассисаҳои мадании уммат, эҳёи тавонҳои маънавӣ ва қадаме

барои гирифтани маърифат ва доштани қудрату амалкард мебошад.

Мушаххас намудани бемориву донистани даво ва роҳҳалҳои ислоҳ мавзӯи ин китоб ва мазмуни ин диалогро ташкил медиҳанд. Маҳз ҳамин ҳастае барои андешамандону фарҳангиёни ихлосмандест, ки дар пайи ҳаққу ҳақиқатанд, ҳарчанд дидгоҳҳои гуногун дошта бошанд ҳам. Зеро маҳз бо нияти холису накду арзёбии воқеӣ андеша пухта мегардад ва боис мешавад, ки ҳадаф мушаххас, дидгоҳ комил ва восита афзоиш ёбад.

**Зери вайронаҳои девор**

Чи тавре пештар зикр шуд, китоби мазкур дар асл маҷмӯаи лексияву пажӯҳишҳоест, ки муаллиф қаблан ироа намудааст. Нуқтаи оғозини ин китоб ба вақте рост меояд, ки ҳанӯз дар курсии донишҷӯӣ менишаст ва умед дошт, ки дар оянда мавзӯоти хулосавии онро шарҳу тавзеҳ ва ба таври муфассал бознависӣ намояд. Вақте соли 1404 ҳ./1984 м. дар Амрико ба ҳайси мудири Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ интихоб шудам, ба гирдоварии пажӯҳишҳову лексияҳои мазкур дар шакли сиёҳнависи ин китоб машғул шудам. Вале бинобар машғулияти зиёд доштан дар Муассиса амали мазкурро дар давоми ду сол ба анҷом расонидам. Дар ин муддат масъалаҳои дар ин китоб матраҳшударо дар чандин кишвару минбарҳои зиёде ироа намудам. Ҳама равшанфикрону фарҳангиён аз матолибу мавзӯоти матраҳкардаи ин китоб хуб пазироӣ намудаву арзишу аҳмияти онро барои ман мавриди таъкид қарор доданд. Ҳатто бисёре аз нависандагон барои ворид шудан ба ин мавзӯъ ва решадортар намудани он бо Муассиса ҳамкорӣ намуданд. Ба хотири ҳамин нашри ин китоб ба таъхир афтод, то тавассути барომадҳову баррасиҳое, ки дар мавриди мавзӯи он мешуд, масъалаҳои матраҳшуда возеҳтар гашта, омилҳои равонии берунӣ аз он дур карда шаванд, то китобро аз масъалаҳои мавриди назараш канора набарад.

Имрӯз вақти нашри ин китоб ва матраҳ намудани масъалаҳои он ба шакли пурра барои фарҳангиёну равшанфикрони уммат фаро расидааст, то дар решаёбии буъдҳо ва татбиқи роҳҳалҳо ҳамкорӣ намоянду дар ин росто ба дастовардҳои илмӣ-амалии дилхоҳ бирасанд. Бояд дар рӯёрӯии рӯйдодҳои кунунӣ ва шинохти мавқеи китоби мазкур дар мавриди онҳо нуқта гузошт.

Дар ин ҷо ман рӯйдодҳои халифаҳову корзору фоҷеаҳои арабӣ-исломиро дар назар надорам, чун рӯйдодҳои арабӣ-исломӣ такрори ҳамон рӯйдодҳоест, ки дар тӯли асрҳо сурат гирифтааст ва ҳаргиз фоҷеаи нобуд шудани уммати исломӣ дар Андалус ва решҳои расида ба он дар майдони Қудсу замини Фаластин аз фоҷеаҳои имрӯз камӣ надоранд.

Рӯйдодҳое, ки дар назар дорам, ин пош хӯрдани Империяи марксистии Шӯравӣ дар Шарқи Аврупо, такон хӯрдани режими мазкур ва бузург шудани тарқишҳо дар сохтори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии он мебошад.

Рӯйдодҳои мазкур аз дидгоҳи матраҳшуда дар ин китоб барои уммати исломӣ ва масъалаҳои фарҳангии он аҳамияти сиёсӣ не, балки аҳамияти фикрӣ-тамаддунӣ дорад.

Муҳим аст донем ва ёд оварем, ки гавҳари ҳаракати марксистӣ ҳамон ҳаракати ислоҳталаби Ғарб дар мавриди андешаву ҷамъияти ғарбӣ мебошад. Худи Маркс бошад, яке аз файласуфон, пешвоёни андешаи навин ва сиёсатмадорони ҳаракати ислоҳталаби Ғарб мебошад. Аммо ин нукта табиати ҷанги иттилоотие, ки байни давлатҳои Ғарб ва байни давлатҳои инқилоби марксистӣ, аз қабили Россия ва кишварҳои Шарқи Аврупо ва ҳизбҳои марксистие, ки дар Ғарби Аврупо, аз қабили Италия, Фаронса, Юнон ва ғайра сурат гирифта истодааст, тағйир намедиҳад. Ҳатто ин ҷанги иттилоотӣ сабаб гаштааст, ки бештари мардум ҳаракати марксистиро ҳаракати бегонаву зидди андеша ва тамаддуни Аврупову Ғарб пиндоранд.

Аслан, асоси ҳаракати марксистиро азнавсозии роҳҳалҳои андешаву тамаддуни муосири Аврупои ғарбӣ ва тавассути ин ба натиҷаҳои мантиқӣ расидан ташкил медиҳад.

Тамаддуни Аврупои ғарбӣ, ки дар натиҷаи таъсирпазирӣ аз тамаддуни исломӣ ба майдон омадааст, дар оғоз масеҳиятро, чӣ тавре дар асрҳои миёна буд, ғарқа дар гумроҳиву фасод ва хурофот ёфт, ба гунае ки дар он ҳеҷ санади воқеии фикрие вуҷуд надошт, ки дар ислоҳу тағйир ба кор равад. Аз ин рӯ, Аврупои ғарбӣ ақлро сарчашма ва моддаро ҳадаф қарор дод, масеҳиятро бошад, бо анъанаву русумаш дар паси деворҳои калисо ва дур аз таъсиргузорӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ ҷо намуд. Бо такя бар ақл ва таваҷҷуҳ ба зиндагии моддӣ чархаҳои тамаддуни Ғарб ба пеш ҳаракат кардан гирифт, дар ҳоле ки неруи маънавии ахлоқии он камранг гаштан гирифт, ба гунае ки танҳо он аз толорҳои ислоҳотхоҳи калисо баланд мегашту бас.

Вале ин вазъияти сохта (на табиӣ) халои маънавӣ ва осеби назарраси иҷтимоӣ аз худ гузошт, осори он бо гузашти замон афзоиш ёфтан гирифт. Дар ин марҳила андешаи тамаддунии Аврупо роҳи бурунрафтро аз ин варта ҷустуҷӯ мекард. Маҳз дар ин давра буд, ки намояндагону андешамандони Инқилоби Фаронса дар талоши мақоми худоӣ додани ақл ва бунёд кардани ибодатгоҳҳо барои он шуданд.

Сипас андешаи марксистӣ ба майдон омад, ки дар муқоиса ба дигар ҳаракатҳо дар раҳо ёфтан аз ин сохтакорӣ ва даст ёфтани тамаддуни Ғарб ба ҳадафҳояш пешрафтатару ошкортар буд. Ба ин тартиб ҳастӣ танҳо дар модда хулоса мешуд ва инсон ба ҳоли худ гузошта шуду куфру илҳод ва инкори динҳо ба таври аланӣ гардид. Дар нақшаву андешаи ислоҳхоҳи марксистӣ барои раҳнамоии инсону ҳадафи маънавӣ-ахлоқии ӯ дар зиндагӣ ҷойе барои рӯҳ ё ваҳй вуҷуд надошт.

Таҷрибаи болшевикии марксистӣ маҳз дар пояи ҳамин андешаҳо ба майдон омаду чандин даҳсолаҳо дар паҳнои дунё интишор ёфт. Вале ин таҷриба пас аз ҷанги ғайриахлоқиву табаҳкори Шӯравӣ дар Афғонистон дар пайи буҳрони сахти сиёсиву иҷтимоӣ ва ақлоқиву иқтисодӣ ба нокомӣ анҷом ёфт.

Аз хурсандии ин шикаст ва гумони пирӯзӣ таблҳои воситаҳои ахбори оммаи Ғарб кӯфта шуданд ва ВАО-и мазкур та-

лош кард ва ҳанӯз талош карда истодааст, ки аз пош хӯрдану нокомии режими марксистӣ ба нафъи Ғарб ва режими капиталистии он истифода намояд. Ҳамин аст, ки қариб бештари мардум ин гуна арзёбиро мепазиранду чунин иддаоро рост мешуморанд.

Барои он ки тасвири ҳақиқии воқеияти ҷаҳону тамаддун аз назари мо дур наафтад ва барои он ки мо баъди чандин сол ё даҳсолаҳо бедор нашавем, ки аллакай дар даст чизеву дар дил умеде набошад, донистани ин нукта муҳим аст, ки дар марҳилае, ки режими марксистӣ зери мушкилии буҳрони иқтисодӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ пош хӯрда истодааст, Ғарб низ дучори буҳрони сахти иқтисодиву ахлоқие гаштааст, ки бунёни ҷомеаҳояшро таҳдид менамояд, ҳатто изтироби равониву набудани амнияти маданӣ афроди ин ҷомеаҳоро сахт дар ташвиш гузоштааст.

Бе шак, заъфи буъди маънавӣ ва набудани ҳидояти рӯҳӣ, ки инсони ғарбиро пурра ба ақлу идроки маҳдудаш вогузор кардааст, асоси бемории тамаддуни муосири Ғарбу Шарқ мебошад. Гузашта аз ин, ҳар қадар тамаддуни Ғарб армуғонҳои боқимондаи рӯҳу рисолатро ба ақлу модда гудозиш диҳад, ҳамон қадар ҳолаш бадтару буҳронаш сахттар хоҳад шуд.

Пош хӯрдани таҷрибаи ислоҳотхоҳи фасодзадаи нокоми марксистӣ асосҳои тамаддуни Ғарбро дучори буҳрони шадидтар, мушкилии бузургтар карда, онро ба нуқтаи сифру ноумедӣ суқ хоҳад дод.

Муҳим аст, ки мо байни марксизм ҳамчун ҷунбиши идеологӣ-фикрии ислоҳхоҳи ғарбӣ, ки дар анҷоми масъулияти худ номуваффақ гашт ва байни дахолат намудани давлат дар идоранамоии иқтисод ва даст ёфтан ба натиҷаи соф фарқ гузорем.

Воқеан, дахолат кардани давлат дар ҳама ҳолату марҳила ва соҳаҳои ҷомеа кори хато мебошад. Инчунин, мардумро бе назорату роҳнамоӣ озод гузоштан, ба гунае касе дар корбурди неруву қудрати худ андозае нашносад, кори хато аст.

Масалан, давлатҳои Осиё ва Африқо маҳз бо ҳамин дарки маъно чандин аср аст, ки зери ҳукмронии Ғарб боқӣ монда-

анд, балки вазъияти онҳо бадтар шуда, ба дараҷае расидааст, ки дигар вазъияти Россияву ҷумҳуриҳои Шӯравиро аз нигоҳи саноатӣ  наметавон ба онҳо муқоиса намуд.

Ибрат аз ин буҳрон ин аст, ки бояд тавозуни нақши шахс ва нақши ҷамъият дар ҳама ҷанбаҳои зиндагӣ, чи тавре Ислом фаро мехонад, ба инобат гирифта шавад. Бояд дар зиндагӣ ба шахс фурсат дода шавад, ки ба мақсади ислоҳнамоӣ ва иҷрои масъулияту созандагии худ ташаббусу фидокорӣ намояд, дар ҳоле ки дар ин маврид ҷамъият бояд нотавонро парасторӣ кунаду аз ҳаққи нодор пуштибонӣ намояд ва рӯҳияи бародариву ҳамбастагиро дар ҷомеа таъмин созад.

Ҷойи тардид нест, ки Россия бо дахолат намудан дар марҳилаи қафомондагии саноатие, ки дар асри 19 аз сар мегузаронд, муваффақ гашт, ниёзҳои асосии саноату техникаро фароҳам оварад. Вале мафҳуми ҷамъиятӣ фарогир шуду аз ҳадди зарурӣ таҷовуз кард, чунончи арзишро боло бурду кишварҳоро аз раҳо ёфтан аз чанги ҷамъиятӣ нотавон намуд, дар натиҷа режим дар зери фишори зулму бюрократия пош хӯрд.

Ибрати воқеӣ аз ин рӯйдодҳо ин аст, ки буҳрони тамаддуни муосир рӯз аз рӯз афзоишу сахттар гашта истода, ниёз ба наҷоту ислоҳнамоӣ аз ҳар вақти дигар дида ҳоло бештар гаштааст. Аз ин рӯ, бояд мо дар нишон додани тавозунҳои рисолати Ислом, аз нигоҳи яктопарастӣ, ҳадафи созандагӣ дар замин, комил намудани шинохт дар мавриди ваҳйу ақл ва фитрат, посдории тавозун дар робита ба пояҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва моддии инсон ва таодул ба нақши шахсу ҷамъият дар зиндагӣ дучанд талош намоем. Маҳз бо ҳамин роҳ метавонем ҳаққи Исломро адо намуда, мусулмононро наҷот диҳем, бар инсоният накуӣ намоем ва пояҳои тамаддуни ислоҳталаби беҳтаринро пайрезӣ кунем.

Аслу марҷаи ин гуна масъулият, пеш аз ҳама, андешаи дурусти тавоное мебошад, ки бо дидгоҳи дурусти ақидавӣ-маънавӣ ва ахлоқӣ бе ягон изтиробу зиддият ва таноқуз якҷоя такомул ёбад. Зеро тамоми ислоҳот дар таърих маҳз бар пояи

ақидаву дидгоҳи тамаддунии фаъоле ба майдон меояд, ки такя ба ақлу андешаи пӯё ва барномаи таодулкунандаи ростин дошта бошад.

«Парвардигоро, ҳақро барои мо ҳақ нишон дода, аз пайравии он бархӯрдорамон соз ва ботилро барои мо ботил нишон дода, тавоноии канораҷӯӣ аз онро ба мо деҳ».

Дар охир, аз Худованди поку баландмартаба ҳидояту ростӣ, тавфиқу бозгашт ва ҳадафмандиро талаб дорем. Ӯ шунаванда ва пазирандаи дуост.

***Доктор, профессор Абдулҳамид Аҳмад Абу Сулаймон***

***Куала-Лумпур, Малайзия***

***1412 ҳ./1991 м.***

# ФАСЛИ АВВАЛ

## АСОЛАТИ МУОСИРИ ИСЛОМӢ: РОҲҲАЛИ ЯГОНА

### 1.1. СЕ РОҲҲАЛ [1]

Воқеан, пажӯҳанда ва таҳлилгари вазъияти мусулмонон чӣ гуна дар қафомондагии фарҳангӣ, ҳолати пасти сиёсӣ ва зиллати инсонӣ қарор доштани ин умматро ба осонӣ пай мебарад, дар ҳоле ки ин уммат аз имкониятҳои башариву моддӣ ва арзишҳову қонуниятҳои бунёдӣ бархӯрдор аст.

Оре, ҳамин нукта асоси буҳронест, ки мусулмонон дар гӯшаву канори гуногуни олам аз он ранҷ мебаранд. Ин вуҷуди қафомондаву назарногирест, ки замири исломиеро, ки таҷассумгари замири уммати созандаву пешгом аст, заиф мегардонад. Аз ин рӯ, табиист, ки уммати исломӣ бояд дар ҷустуҷӯи эҳёву ислоҳ ва таҷдиду бедорӣ шавад.

Ислоҳи камбудҳо дар ниҳоди ин уммат ва амалӣ намудани шартҳои ислоҳу комёбӣ, пеш аз ҳама, ба дарки сабабҳои бурузи он камбуд ва ангезаҳои ақибмондагиву заъфе, ки нахустин бор дар дарозои таърих ба он расидаву ба ҳастии он таҳдид мекунад, ниёз дорад. Таҳдид ба ҳастии уммат аз рӯёрӯиву бархӯрд ба тамаддуни ғарбиест, ки дар умқи зиндагӣ, равишҳои андешаронӣ ва ташкилотҳои ин уммат таъсиргузор гаштааст.

Барои донистани сababи камбудҳо ва решаҳои ақибмондагии фарҳангие, ки уммати исломӣ дар асри кунунӣ аз он ранҷ мебарад ва ҷиҳати шинохти ангезаҳои мушкилзое, ки дар вуҷуди ин уммат таъсиргузор аст, ҳатман ба як диди фарогиру таҳлили мӯшикофона ниёз дорем.

---

1 Вожаи роҳҳал дар ин китоб бештар муодили калимаи “мунталақ”-и арабӣ интихоб шудааст ва ифодагари “сароғоз” ва “сарнуқта” аст.

Бе шак, асрҳост, ки мусулмонон дар ҳоли калавидагиву пастравӣ қарор доранд, ба истисной бархе минтақаҳои ангуштшумори назарногиру мушкилгузари дурафтода, ҳамагӣ зери ҳукмронии истеъмор ва давлатҳои аврупоӣ афтодаанд. Дардовартар ва талхтар боз он аст, ки уммати исломӣ то имрӯз ба ҳайси минтақаҳои нуфуз ва бозорҳои истеҳсоли саноати бегона, сарчашмаи арзоне барои маводҳои зарурии аввалия ва дасти коргари беҳунар баромад менамояд; саропо майдони мубориза байни неруҳои ҷаҳонӣ гаштааст, зеро аз таъмини ғизоии худ нотавон асту ба пойгоҳи илмӣ–техникӣ, саноату таҷрибаҳо, муассисаҳои пешрафтаи касбӣ, хулоса ба ҳама воситаҳои асосии неруву тавоноӣ эҳтиёҷ дорад.

Агар сабабҳои ин заъфу пастравӣ ва решаҳои онро дар таърихамон пайгирӣ намоем, (пас, ангезаҳои заъфу пастравӣ ва баҳампошӣ) дар аввал ба чашм наменамояд. Зеро дар бештари давлатҳо дар оғози даврони пастравӣ сарватҳову нишонаҳои бойӣ ҷамъ мешавад, ки он натиҷаи пешравию рушди собиқи он мебошад. Вазъияти уммати исломӣ низ пас аз садаи аввал ҳамин гуна будааст. Чунончи дар баробари нишонаҳои сарвату боигарӣ, абзору бино ва равоқҳо боз пастравӣ, косташавии густардагии исломӣ, интишор ёфтани падидаҳои фасоду инҳироф, аз ҳуҷум ба дифоъ гузаштани уммат, пирӯз шудани душману аз даст рафтани Бағдоду Қудс ва Қуртубаву ғайраро эҳсос менамоем.

Инчунин, барои дарки сабабҳои заъфу пастравии худ муҳим аст, ки байни сабабҳои асосии бемории заъфу пастравӣ ба байни дучандшавии онҳо фарқ гузорем. Масалан, пайдоиши фирқаву мазҳабҳо ва даъвоҳои гумроҳкунанда чизи нав нест, чи тавре қарматиҳову нусайриҳо ва дурузиҳову дигарон дар гузашта буданд, ҳамон гуна дар асри ҳозир баҳоиҳову аҳмадияҳо ва даъватҳои мардумиву даҳриёна вуҷуд доранд.

Ин ҳама падидаҳои беморӣ ва офатҳои асосие мебошанд, ки мисли як ҳақиқати таърихӣ ба майдон омада, дар ниҳоди ин уммат реша давондааст. Ин решадавонӣ аз вақте оғоз меёбад, ки ҳангоми рӯёрӯӣ бо империяҳои Эрону Рум

зимоми қуввaву лашкар дар давлат ба дасти лашкариёне аз қабилаҳои бодиянишини арабӣ, ки нав Ислом оварда буданд, дода шуд. Маҳз ин сабаб гашт, ки ин қабилаҳо бо ақлонияти қабилавию сириштии худ амал карда, фитнаи бузургеро ба бор оварданд, сипас давлатдории хилофати рошидинро дар Мадинаи мунаввара, пойтахти давлати набавӣ, аз байн бурда, давлатҳои қабилагарову нажодгароро ба майдон оварданд ва дастурҳои исломиву ҷоҳилиро ба ҳам омехта намуданд. Бо он ҳама чизҳое, ки ба охири ҳукмронии хилофати рошидин нисбат медиҳанд, ин давлатҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон ба давлатдории хилофати рошидин муқоиса намуд. Гузашта аз ин, бисёр чизҳое, ки ба охири ҳукмронии хилофати рошидин нисбат медиҳанд, ҳанӯз мавриди пажӯҳиши дурусти илмӣ қарор нагиритаву нашр нагардидаанд.

Агар дар охири ин роҳ жарфои чоҳе, ки имрӯз ин уммат бар он афтодааст, дарёбем, ҳатман хатарнокии ин вазъият, ҷиддӣ будани ранҷ ва зарфияти онро дарк хоҳем кард, то худи уммат барои раҳоӣ аз пастравию мушкилӣ ва бадбахтиҳое, ки имрӯз дар саросари кишварҳои мусулмоннишин ва бар сари онҳо ҳукмрон аст, талош намояд.

Агар заъфу пастравӣ ва нотавониву ранҷкашӣ дар давраи кунунии уммати исломӣ як чизи воқеиву аниқ бошад ҳам, чун бар ин нукта ҳама ихлосмандону соҳибназарон иттифоқи назар доранд, бе шак, роҳҳои берун омадан аз ин ҷой ва аз ин буҳрони амиқу душвор ва воситаҳое, ки дар ин маврид заруриянд, ошкор ва мавриди иттифоқ нестанд.

Балки бадтару мушкилтар ин аст, ки дучандшавиҳои ин буҳрону беморӣ дар ҷасади ин уммат дар интишори равияҳои зиддимиллӣ, нажодӣ, миллигаро, бединӣ, ҳараҷумараҷталабӣ ва бебандубории муосир, ки дар ҳар гӯшае гӯши ин умматро кар менамояд, таҷассум мегардад. Бо ин ҳама бархе даъвогарони ислоҳро мебинем, ки ба ин гуна равияҳо даъват намуда, онҳоро ба ҳар роҳу восита ва фишороvариву фиребҳо тарвиҷ мекунанд ва ҳамчун падидаи танумандӣ ва роҳе барои пешрафт мешуморанд, сарфи назар аз он ки чӣ

таъсироти баде бар ин уммат ва амиқтар намудани реши он, устувор намудани иллатҳои ранҷу заъф ва собит намудани дарду натиҷаҳо он дорад.

Суоли матраҳ имрӯз ин аст: роҳи дурусти баромадан аз ин буҳрон кадома аст? Ҷавоби дуруст ба назари ман, нахуст аз муайян ва ташхис намудани роҳҳо ва роҳҳои эҳтиётие, ки бо ҳаракати исломӣ бархӯрд намудааст, маншаъ мегирад. Ин роҳҳо ва роҳҳои эҳтиётии муосиру барои уммат вуҷуддошта асосан дар се бахши асосӣ мунҳасир мешавад, ки ба таври зеранд:

1. Роҳи тақлиди бегонагон ё чи тавре мегӯем, «ҳалли аҷнабӣ». Роҳи мазкур маҷмӯи роҳҳалҳое мебошад, ки аслан аз таҷрибаи муосири моддигароии ғарбӣ бо ҳама шаклҳои фардиву умумӣ ва даҳриву бебандуборӣ (сармодориву марксистӣ) ворид шудааст;
2. Роҳи тақлиди таърихӣ ё худ «ҳалли анъанавии таърихии исломӣ». Ин роҳ дар худ маҷмӯи роҳҳалҳоеро фаро гирифтааст, ки аслан аз бутуни таърих, сарфи назар аз гузашти замониву маконӣ ва осори он интиқол ёфтааст;
3. Роҳи асолати исломӣ ё худ «ҳалли муосири исломӣ». Ин роҳ ҳалли рӯёрӯӣ ба бархӯрдҳои муосирро аз мантиқи исломӣ дар бар мегирад.

Уммати исломӣ ва сарварони он агар неру ва сиҳатии худро баргардондан хоҳанд, бояд ба чаҳор чиз чанг зананд:

– Муайян намудани роҳи дурусти ҳал;
– Пурра ба он боварӣ доштан;
– Қадам ба хатҳои устувор дар рӯёрӯӣ ва бо ҳидояти он бардоштан;
– Таъмини воситаҳои ҷонноки илмӣ ба хотири амалӣ гардонидани он ва тарбияи уммат дар он рӯҳия.

Талаби андешаманд ё нависанда ё сарваре барои ҳал ва роҳи дурусти ин уммат бештар ба таваҷҷуҳи бевосита ба он

чизе мебошад, ки онро роҳҳали дуруст мепиндорад ва барои қаноатманд шудан паҳлуҳое аз онро тавзеҳ медиҳад, дар ҳоле ки барои баёни фасод ва ё нестшавии он ба роҳҳалҳо ва роҳҳои эҳтиётии дигар, агарчи хато ва ё камфаъолтар ҳам бошанд, таваҷҷуҳе наменамояд. Маҳз ҳамин гуна равиш бархе гурӯҳҳои уммат ва ё гӯшаҳое аз онро пойбанд ба роҳҳалҳои дигар боқӣ гузоштаву онро тарвиҷ менамояд, ки ин анҷом додани муқоисаи дуруст байни онҳо ва байни роҳҳале, ки ҳамчун роҳҳали дуруст шуморида шудааст, мушкилии ҷиддӣ эҷод мекунад.

Ба назари нависанда равиши таъсиргузортару барои пайравӣ авлотар ҳамон равише мебошад, ки дар баробари роҳҳалҳо ва роҳҳои дигари эҳтиётӣ ва баёни сабабҳои ҷавҳарӣ ба хотири хатоӣ ва ё ношуданӣ пиндоштани онҳо гузошта шавад, чунончи роҳҳали дуруст, сабабҳои чанг задан ба он ва қаноатманд шудан талаботи он низ ошкор карда мешавад.

Дар ин китоб ҳамин равиши охиронро ихтиёр хоҳам кард, зеро боварӣ дорам, ки он ба вазъияти уммати исломӣ, ки дар баробари тохтутози фикриву фарҳангии марказонидашудае, ки зеҳнҳои онро бесаранҷом ва роҳи онро паҳну париш менамояд, қарор дорад, мувофиқ мебошад. Гузашта аз ин уммати исломӣ ба шинохти сабабҳое, ки роҳҳои ҳалҳо ва равишҳои нодурустро бесамар гардонидааст, сахт ниёз дорад. Ба ҳамин тартиб бо баёни услуби боло, агар Худо хоста бошад, метавонад ба хати устуворе ба ҷониби роҳҳали дуруст ва роҳи ба комёбӣ расонанда равад.

### *1.1.1. Роҳҳали аҷнабии воридшуда*

Ин роҳ ҳамон роҳест, ки ҳамчун асосҳои ислоҳ ва эҳёи низоми иҷтимоӣ дар саҳни олами ислом ва таваҷҷуҳоти ҳаракати уммати исломӣ беш аз ду сад сол мешавад, ки мавриди нуфуз қарор дорад. Ин аз замонест, ки Давлати Усмонӣ пешравӣ ва бартарии неруҳои олами Аврупои ғарбиро пазируфт ва неруву низоми худро дар муқобили бархӯрдҳои низоми ғарбӣ ва дастовардҳои онҳо бозигарӣ намуд.

Аз ин рӯ, Давлати Усмонӣ аз асри ҳаждаҳи мелодӣ бо ибтикори Султон Салими Савум ба таври ҷиддӣ ба тақлиди Аврупо рӯ овард ва ин тақлид ягона роҳ ба нерумандӣ ва аз нав бардоштани бино ба шумор мерафт.

Дар осиёи тақлиди бегона дар талоши интиқоли маърифату таҷриба ва илмҳои касбиву техникии аҷнабӣ гардиши фарҷому аздастдиҳӣ оғоз шуд. Давлат ба бунёни аввалин мактаби ҳандаса ва улум ва таъсиси аввалин мактаби ҳарбии замонавӣ пардохт, ки дар он машқдиҳӣ ва ташкили неруҳо ба равиши аврупоӣ сурат мегирифт. Вақте рӯ ба нақшаи замонавӣ гардонданд ва ташкили дастаҳои нави ҳарбӣ ба равиши аврупоӣ оварданд, тасмими қатъии усмониён дар амалисозии ин нақша ва барқарор намудани тавоноиву ҷойгоҳи худ ба дараҷае буд, ки ба нест кардан ва сӯзондани ҳама дастаҳои ҳарбии анъанавии усмонӣ дар сарбозхонаҳо пардохтанд.[1]

Ҳамчун як ҳақиқати таърихӣ маълум аст, ки чунин иқдом дар тақлид ва ин гуна равиш дар пайравӣ дар амалисозии неруву рӯёрӯӣ ба мушкилот ва дар интиқоли маърифату ҷо намудани он дар ниҳоди уммат муваффақ нагашт. Чунончи пастравии неруи усмонӣ дар баробари Аврупо ва рушди неруи аврупоӣ идома ёфтан гирифт.

Баъдтар Давлати Усмонӣ иқдоми тақлид ба Аврупоро афзоиш дод ва ба фиристодани донишҷӯён пардохт. Турки ороста ба фарҳанги ғарбӣ бармегашт, то роҳи наверо дар тақлид илова намояд ва ин ҳама зарурати ислоҳоти сиёсиву иҷтимоӣ ба шакли аврупоӣ ба шумор мерафт, то муҳити фикриву иҷтимоӣ ба ислоҳоти илмиву идорӣ ва ҳарбӣ таъмин карда шавад. Усмониён барои ин адавот мехостанд, дар барқарорнамоии бинои империя комёб шаванд ва ин андеша аз шумораи зиёди тағйироту ислоҳоти иҷтимоӣ, сиёсии либералӣ, ки ба авҷи худ дар нисфи дувуми асри нуздаҳи мелодӣ бо Сарқонуни Мадҳат-пошо расида буд, хулоса карда мешавад.

1 Ба хотири маълумоти бештар аз талошу кӯшишҳои туркҳо дар ғарбгароиву замонависозӣ ба китоби «Gobb. H.A.R. and Eowen, Harold, Islamic Society and the West (U.K. Oxford University Press, 1975), Vol. One, Part II, P.P.159-61 муроҷиат шавад.

Ҳамчун ҳақиқати таърихӣ маълум аст, ки он талош аз талоши пешӣ дар роҳи ислоҳот муваффақтар набудааст. Маҳз талоши номуваффақи ахир Султон Абдулҳамиди Дувумро барои ба даст гирифтани идораи пурраи ҳама корҳои давлатӣ водор намуд, то бо муқарраб сохтани донишмандон ва фарохонӣ ба донишгоҳи исломӣ равиши таърихии низоми усмониро наҷот диҳад.

Аммо ҷунбиши ислоҳ аз роҳи тақлиди аҷнабӣ пирӯз гашт ва рушд намуд, ба гунае ки ҳадду марзи наве ба худ касб кард. Ин ҳадду марзи нав аҳамияти таассуб, миллатгароиро дар муқобили ҷунбишҳои аврупоӣ ташкил менамуд, ки ба ҳайси муҳаррики тавоноиҳои неру ва созандагии уммат ба шумор мерафт.

Туркҳо ва пешгомони ислоҳоту тақлиди аврупоӣ дар Давлати Усмонӣ ба аҳамияти миллатгароӣ фаро хонданд ва дар ин росто барои худ «туронӣ»-ро ҳамчун мафҳуми миллӣ ва миллати туркро эҷод карданд, ки мардуми бо забони туркӣ сухангӯро дар Осиёи Ғарбӣ ва Миёна дар бар мегирифт. Ба ин тартиб ҷунбиши «Ислоҳгарои замонасоз» нерумандтар гашта, дар охири асри нуздаҳ ва аввали асри бист дар ҳукмфармоӣ мустақил шуд ва дар шарикӣ бо Ҳизби Иттиҳод ва Тараққӣ пурра ба Давлати Усмонӣ ҳукмрон гашт, сипас Султон Абдулҳамиди Дувумро сарнагун ва аз ҳукмронӣ маҳрум кард.

Талошҳои мазкур ба шикасти нангини Давлати Усмонӣ аз охирин анҷомид, ки назираш дар таърихи усмониён набуд. Дар натиҷа маркази сарзамини Анатолия аз тарафи юнониҳо ғасб карда шуд.

Бо ин ҳама кӯшишҳои ислоҳнамоӣ аз роҳи аҷнабӣ боз наистод, балки паҳнтару густардатар шуда, боиси аз байн рафтани Хилофати Усмонӣ ба дасти асосгузори Ҷумҳурии Туркия генерал Мустафо Камол Отатурк ва дӯстони ҳарбии ӯ гардид, ки тақлиди аҷнабиро бо тамоми сурат пайравӣ карда, мувофиқ ба намунаи аврупоӣ ба дигаргунии пурраву фарогир пардохтанд. Онҳо нақши Ислому фарҳанги исломиро дар бунёди ҷомеа мункир шуда, мафҳуми дунявияти Авру-

пои масеҳиро пазируфтанд ва дини Исломро аз давлату низом ва алоқаҳои иҷтимоӣ пурра ва бо зӯриву бераҳмӣ ҷудо намуданд. Ба ҳамин тартиб ҳама қонунгузориҳои исломӣ ва тартиботи усмониро бекор намуда, ба ҷойи онҳо якбора қонуни пешрафтатарин давлати аврупоӣ Швейсарияро ҷорӣ намуданд. Инчунин, ба ҷойи алифбои арабӣ алифбои лотиниро қабул карданд, то фарҳанги исломӣ ягон роҳи таъсиррасонӣ ба наслҳои нав надошта бошад. Мардумро ба пӯшидани либосҳои аврупоӣ водошта, занонро барои партофтани ҳиҷоб ва баранҳна намудани сар маҷбур менамуданд. Ҳатто нафаронеро, ки ба адои фарзҳои бандагӣ исрор меварзиданд, маҷбур менамуданд, ки азон ва ҳама корҳои бандагиро ба забони туркӣ ба ҷо оранд.

Ҳанӯз пеш аз анҷоми ҳукмронии Отатурк давлат бисёр мафҳумҳоеро дар мавриди раҳнамунсозӣ ва роҳнамоии муассисаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ аз ҷониби давлат асос гузошта, ба ташкилотҳои муҳимми моливу иқтисодӣ, аз қабили банкҳову ширкатҳои суғурта соҳиб гардид.

Мусаллам аст, ки миллати турк баъди ин ҳама – монанди он бештари кишварҳои исломӣ – вазъияташон хуб не, балки ба сӯйи пастию қафомондагӣ идома ёфт, ҳарчанд онҳо ҳама марҳилаҳои тақлиди аҷнабиро дар ҷодаҳое зер аз сар гузарониданд: тарҷумаи илмҳои табиӣ ва интиқоли техникаи ҳарбиву бунёни неруҳои мусаллаҳ; замонавӣ намудани идораи умумӣ; пазироии мафҳумҳои либералӣ ва тарҷумаи фарҳанги ғарбӣ, ҳамзамон ворид намудани тағйироти сиёсиву конститутсонӣ; қабул намудани мафҳумҳои милливу ватанӣ; чанг задан ба мафҳуми даҳриву бединӣ; қабул намудани қонуну тартиботи аврупоӣ; рушд бахшидани ташкилоти давлат ба хотирӣ ҳукмронӣ ва ташкилотҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва молӣ. Ин ҳама тақлиду пайравӣ заъфи Туркия ва рукуди онро дучанд намуд ва сабаби пурра дар зери нуфузи ғарбиён қарор гирифтани он гардид. Аз ин рӯ, генерал Исмат Инуну, ҷонишини Мустафо Камол Отатурк ва рафиқи роҳаш, дар натиҷаи нокомии ин гуна сиёсатҳо ва зери нуфузи Ғарб қа-

рор гирифтан маҷбур шуд, ки ҳукмронии яккаҳизбӣ (Ҳизби Ҷумҳурихоҳ) ва дахолати давлату ҳизбро дар ҳама арзишҳои Туркия бекор намуда, ба гардиши наву такрории либерализми сиёсӣ баргардад ва интихоботи ҷадидеро аз сар гирад, ки он ба пирӯзии ҳизби наву мубориз – Ҳизби демократӣ зери роҳбарии Аднон Мендерес оварда расонд.

Ҳарчанд тақлиди аҷнабӣ бо ҷиддият ва ба таври фарогиру густарда сурат гирифтаву наздик ба ду аср бештар идома ёфта бошад ҳам, он ҳама кӯшишҳо Туркияро наҷот дода ва неруву ҷойгоҳи онро баргардонда натавонист. Қафомондагиву изтироб ва нопойдорӣ идома ёфт, то ин ки Мендерес соли 1381ҳ./1961 м. дар нахустин давраи силсилаинқилобҳои ҳарбиёни турк ва ба зӯриву бедодгарӣ ва ноумедиву нокомсозӣ ҳукмронӣ намудани онҳо ба дор кашида шуд. Туркия бошад, ба ҳамон ҳоли худ чун марди беморе боқӣ монд, балки бемориаш сахттар гашт ва дар ҳоли ноустуворӣ дур аз савории Ғарб ноумед аз шифову даво қарор гирифт.

Агар ба таҷрибаи Мисри араб аз замони Муҳаммад Алӣ аз ибтидои асри ҳаждаҳи мелодӣ (сенздаҳи ҳиҷрӣ) то имрӯз ва ба ҳама он таҷрибаҳои баъдӣ дар кишварҳои арабиву исломӣ дар Осиёву Африқо назар андозем, ягон чизи наве намеёбем, ки ба таҷрибаи Туркия ва пайомадҳои талхи он илова гардад.

Ҷаҳони ислом бо гузашти асрҳо – бо таҷрибаи тақлиди воридшудаи аҷнабӣ – ҳанӯз дар умум бемору пачақгашта ва қафомонда боқӣ монда, чоҳи тамаддунӣ байни ин олам ва байни сарзаминҳои пешрафтаи ҷаҳон жарфотару густардатар мегардад, ки ин ҳаргиз ба нафъи он нест.

Дарки рози нокомии роҳи тақлиди воридшудаи аҷнабӣ ва ангезаҳои воқеии он барои нафаре, ки онро мехоҳад дарк намояд, душвор нест. Зеро миллатҳо ҳамгуни вуҷуди инсонӣ зинда ба шумор рафта, аз нигоҳи офариниш, ангезишу таҳрики он ба бунёдкорӣ ва пирӯз шудани он ба беморӣ аз инсонҳо дида печидатар мебошад.

Ҳар миллате аз нигоҳи сохтор арзишҳову боварҳо, ҷаҳонбиниву ангезаҳо ва хислату таърихи худро дорад, ки дар ин

ҳолат ба асосҳои таркибии одамизод монанд аст. Агар ҳамкорӣ бо он бо дарки ин қисматҳо ва тавассути ин таркибҳову ангезаҳо анҷом напазирад, пас дар ҳаракат овардани он ё дар ҳаракат овардани бахшҳои неруву мубориза ва бунёдкории дар он буда бисёр мушкил хоҳад буд.

Як чизе вуҷуди инсонеро таҳрик медиҳад, дар ҳоле ки вуҷуди инсони дигареро ба ҳаракат дароварда наметавонад. Миллатҳо низ ҳамин гунаанд, як чизе миллатеро ба фаъолият вомедорад, дар ҳоле ки ба миллати дигар таъсиргузор нест. Ҳар миллате ангезаҳо ва авлавиятҳои худро дорад, ки маҳз бар асоси онҳо ба ҳаракат медароянд. Ба ҳамин тартиб ангезаҳову авлавиятҳои миллатро нашинохтаву бе дарки огоҳонаву нодида гирифтани вижагиҳо ва бартариятҳову фарқиятҳои миллатҳо, дар роҳи кору ислоҳ ба тақлиди кӯр-кӯрона афтодан хатои маҳз аст. Дар сурати кӯр-кӯрона будани тақлид тақдири уммати исломӣ дар оянда беҳтар аз он чӣ дар дарозои асрҳои тақлиду пайравӣ доштааст, нахоҳад буд.

## Намунаҳову достонҳои воқеӣ

Яке аз намунаҳои содае, ки ин ҷо атрофаш сухан мегӯем, ин таъсири ташкилоти банкии Ғарб мебошад, ки мусулмонон онро аз рӯйи тақлиду пайравӣ қабул намудаанд. Ин ташкилоти ғарбӣ вақте дар ватани худ таъсис дода шуд, ҷавобгӯ ба ниёзҳову уҳдадориҳои иқтисодиву бозаргонии кишварҳои ғарб гардид, аммо худи ҳамин ташкилот вақте бо ҳамон шакли ғарбиаш ба сарзамини исломӣ интиқол ёфт, пайомадҳои он дар муҳити нав ва ба мусулмонон – бо назардошти ихтилофи боварҳову арзишҳо – манфӣ буд. Чунончи ташкилоти мазкур ба ҷойи он ки дар бунёну рушди иқтисодӣ мусоидат намояд, пастравию бархӯрдҳо ва заъфҳоро барангехта, бадтарин асареро дар ниҳоди уммату барҳамзании неру ва ҷилавгирӣ аз ангезаҳову пахшкунии шуҷоати он гузошт ва вуруди ҳукмронии бегонагонро бар арзишҳояш осон намуд.

Рози нокомии ташкилоти банкии Ғарб дар хидмати ҷомеаҳои исломӣ ва муваффақияти он дар ҷомеаҳои ғарбӣ,

пеш аз ҳама, дар он хулоса мешавад, ки дар ҷомеаҳои исломӣ татбиқи роҳкорҳо ва арзишҳои исломӣ дар иқтисод фарқ дорад. Чунончи инсони мусулмон ва уммати исломӣ дар ҷодаи иқтисодӣ пешорӯи интихоби сахту ҳатмие қарор доранд: ё соҳиб шудан ба бойигариву тавоноии иқтисодӣ дар дунё бар асоси меъёрҳову арзишҳои ғайриисломӣ ва додугирифти рибоӣ бо банкҳо ва дар натиҷа гирифтори хориву бадбахтӣ ва азоб дар он дунёи ҷовидона шудан; ё бо чанг задан ба арзишҳо ва шариати исломӣ ва рад кардани ҳамкорӣ бо ташкилотҳои банкии рибоӣ кашидани ранҷу нотавонӣ ва бечорагӣ дар дунё ва дар баробари ин умеди неъмату наҷот дар охират доштан.

Воқеан, ниҳоди мусулмон, аз як тараф талошу ободонӣ ва савоб дар ин дунё ва аз тарафи дигар подошу наҷот ва неъматҳои охиратро ҷӯё мебошад. Дар сохтори ин ниҳод роҳе барои пазируфтани духӯрагӣ ва бархӯрд байни он чи хайру савоб ва ободонӣ дар ин дунё ва байни он чӣ хайру савоб ва ободонӣ дар охират аст, вуҷуд надорад.

Имрӯз ташкилотҳои банкии исломӣ як талоши ҷузъие дар роҳи ҳали исломӣ ба шумор меравад, ки барои имконияти амалисозии ниёзҳои муосири исломӣ, аз ҷумла хидматҳои моливу иқтисодӣ ба гунае ки ҷавобгӯ ба рӯҳу фикр ва замири мусулмон умедеро ба бор овардааст.

### Уммат ва роҳҳалли воридотӣ

Воқеан, роҳҳали воридотии аҷнабӣ ҳамгуни намоишномаест, ки мардумро ҳамчун тамошобини намоишнома, ки ягон нақше дар иҷроиши он надоранд, қарор медиҳад. Намоишнома як чизи танзомезу ҳунармандист, ки дар ниҳоди худ ягон чизи воқеиро таҷассум наменамояд. Вақте сюжети намоишнома ҳаяҷонеро меангезад, танҳо коре, ки тамошобин менамояд, ин дар баробари намоишнома бо доду фарёд вокуниши салбӣ нишон додан асту бас. Аммо ин ба он маъно нест, ки миллат бар он чӣ дар саҳнаи намоишнома байни ҳунармандоне аз ҳисоби пешвоёни сиёсиву иҷтимоӣ саҳме ба таври воқеӣ

дошта бошад. Аз ин рӯ, вақте намоишномае ба анҷом расад, ё пешвое сукут кунад ва ё навбате ба анҷом расад, ҳамаи миллат канора меистанду ба ҷойҳои худ мераванд, гӯё онҳо аз коре ошӯфтахотир нашудаанд. Ва боз намоишномаи наву танзи нав ва пешвоии нав ва гардиши тақлидиву роҳҳали бегонагии нав оғоз мешавад.

Фарқ байни андешаи миллатҳои пешрафта ва пешвоёни тартиботи дар он сарзаминҳову дар он марказҳо буда ва байни андешаи миллатҳои қафомонда ва пешвоёну тартиботи онҳо ин гуна аст, ки миллатҳои пешрафта фикру роҳҳалҳо ва пешвоҳои ҳақиқӣ доранд, ки бархоста аз вуҷуду рӯҳоният ва арзишҳову ниёзҳои миллат мебошанд ва андешаву сиёсатҳо ва таълимотеро намояндагӣ мекунанд, ки аз пешвоёну миллат дастаҳои созандаву идомадиҳандаи масири ҳадафмандеро дар зиндагии он миллатҳо ба майдон меоранд.

Маҳз ҳамин дарки аслӣ бароямон тафсири дурустеро барои мо арза медорад, ки онро ба таври махсус мазҳакаи сиёсатмадорону сиёсат дар олами исломӣ ё дар умум ба он чӣ ба олами қафомонда маъруф аст, меномем, ки он аз табиати сиёсат ва ҳукму идоранамоии миллатҳои тавоно (пешрафта) тафовут дорад, чун дар он (пешрафта) алоқаи ҳамкорӣ ва иҷрои намояндагӣ аз ҷомеаву амал ва ҳаракат бархоста аз воқеият буда, дар доду гирифти ҳамдигарӣ ва дар таъсирпазириву таъсирнамоӣ ба ҳамдигар қарор доранд.

Ин ҷо аз мо танҳо фаҳми буъди фикриву фарҳангӣ дар роҳҳалҳои бегонаи воридотӣ талаб карда мешавад, то вақти бештари мо дар тақлиду пайравӣ нагузараду барои худу ин уммат сабабгори ранҷу дарди бештар нагардем.

Идомаи идоранамоиҳои фикриву сиёсии миллӣ ва марксистии даҳрии ғарбгаро ба ҳаққи умматамон дар ин роҳи баставу ҳалқаҳои баҳамрехта баъди садсолаҳое, ки дар кӯшишҳои номуваффақона зоеъ шуд, на аз инсоф асту на аз адл. Забони ҳоли эшон ва ҳоли фикру дастгоҳҳои онҳо баъди ҳар нокомиву ноумедӣ ва вожгуниву бадбахтие, ки дуборабари ноумедиҳову бадбахтиҳои пешин аст, гӯёи ин қавли шоир

аст: «Маро ба он чизе мудово намуд, ки худ дард буд». Яъне ҳоли андешаи пешвоиҳои даҳриву ғарбгаро дар олами ислом бо ҳама шаклҳои милливу марксистиаш танҳо ифодагари як андешаи ҷузъие мебошад, далели фарогиру мустақиле надорад, то онро аз гили ҳалқаҳои баҳамрехта ва роҳҳои бастае, ки дар пеши чашмҳову сарчашмаҳои фикриашон андохтаанд, берун кашад.

Андешамандони мусулмон ва роҳнамоиҳои исломии пухтаву ҷиддиро мебояд ба роҳи ягонаву кушода ҳақиқати дар пеш дошта чанг зананд, ҳарчанд дар аввал чӣ гуна мушкил намояд ҳам. Бояд онҳо яқин дошта бошанд, ки роҳҳали мақсуд ҳатман аз дину сарзамин ва таъриху ангезаҳояшон сарчашма мегирад, ки бо он ба бархӯрдҳои замон дар асолат рӯбарӯ мешаванд. Вагарна таҷрибаҳои номуваффақи талхе, ки ҷаҳони Ислом дар тӯли асрҳои гузашта аз он ранҷ мебурд, дар муқобили он мушкилоти тозае, ки инҳо дар интизор доранд, баробар ба пилтаи чароғе беш нест. Ҳар як роҳбари исломӣ ва ҳар як фарҳангии мусулмон сарфи назар аз гуногунии андешаҳояшон, инчунин ҳама кишварҳои исломӣ ва ҳама эҳсосҳои мусулмонӣ метавонад наҷоту пешравӣ ва иззату нерумандиро орзу намояд, ба шарте воситаву равишҳо ва барномаи фикрронииро тағйир дода, ҳадафҳоро дақиқан мушаххас созад. Дар ғайри ин сурат набояд умед дошта бошад, ки он ҳама насибаш мегардад, балки талхтар аз он чизеро хоҳад дид, ки ин уммат то имрӯз чашидааст.

Андешамандони ин уммат ва роҳбарҳои иҷтимоии онро мебояд, ки аз бахшҳои роҳҳалҳои асилу эҳтиётӣ ва аз ғояту сарчашмаҳои онҳо бо меъёрҳои дурусташ ҷустуҷӯ намояд ва барои ҷо намудани он дар умқи зеҳни фарзандони ин уммат ва кори ҳамешагӣ гардонидани он талош варзанд.

### *1.1.2. Роҳҳали анъанавии таърихӣ*

Воқеан, роҳҳали анъанавӣ аз роҳи тақлидӣ роҳҳалест, ки ин уммат ҳанӯз аз асрҳои дур ба он талош варзидааст ва он роҳҳалест, ки диди кӯр-кӯронаро рад карда, фосилаҳои за-

мониву макониро барои ҳастии уммат ва масири таърихии он бекор менамояд. Ин роҳҳал дар давраҳои баъдии худ бозгашти бардавомеро дар муқобили бархӯрдҳои зиндагии кунунӣ ва неруҳои кинаварзи бераҳм бар ақлонияти мусулмонону андешаҳои эшон таҷассум менамояд. Маълум аст, ки ин роҳҳал дар наҷоти уммати исломӣ натиҷаи дилхоҳе надод, вагарна аҳволи он чунин паст намегашту душманон низ наметавонистанд ба буҳрони он даст ёбанд ва ё ба ин уммат пешомадҳои дардовар намерасид.

Ҳама он чи дар бораи монеаҳое, ки ба натиҷа додани як пайомади дилхоҳ нисбат ба боровариии роҳҳали тақлид дар ҳақиқати таърихӣ метавон гуфт, баҳонаи кофӣ буда наметавонад. Зеро аз ҳар роҳҳали дуруст чунин талаб карда мешавад, ки эҳтимолияти чунин монеаҳо ва ҳалли онҳоро дар худ дошта бошад, чун монеаҳо ҷузъи ногусастании мушкилии ҳалталаб ба шумор меравaнд.

Роҳҳали тақлидии таърихӣ корҳоро шарҳ медиҳад, то дар оғоз дурустии роҳ ва иштибоҳи ҳама ҷонибҳову шароите, ки мувофиқ аст ё мувофиқ буда наметавонад ва ё имконияти мувофиқ будан ба маълумоту пажӯҳишҳояш надорад, мушаххас карда шавад.

Барои муваффақ шудани ҳама гуна роҳҳал барои барҳам задани монеаҳо аз масираш ҳамкории душманон зарурӣ мебошад, то дар амал овардани он барояш дастрас гардад, дар ҳоле ки муваффақият наметавонад баёнгари роҳҳал бошад ва ё чанг ба он зада шавад, балки танҳо ҷузъе аз мушкилотро нишон медиҳад, ки бояд аз он халосӣ ёфт.

Роҳҳали тақлиди таърихиеро, ки муддати дарозест бар андешаву зеҳни ин уммат ҳукмрон аст, наметавон нодида гирифт. Роҳҳали мазкур пофишорӣ дар эҳё ва баргардонидани шаклҳои моддии таърихии ҷомеаи исломӣ дар нахустин давраи тиллоияш ба шумор меравад, дар ҳоле ки ба нишонаҳои шаклҳои таърихӣ ва ё дигаргуниҳое, ки ба майдон омадааст, таваҷҷуҳе карда намешавад. Маҳз ҳамин нукта, сарфи назар аз он ки мардум мусулмонанду Ислом реша дар таърихи онҳо до-

рад, нокомии ин роҳҳалро дар роҳи наҷоти уммат ва дар даст ёфтан ба идораи корҳо баён месозад. Инчунин, ҷавобгӯ набудани майдони фиқҳи тақлидии мазҳабиро дар баробари сиёсатҳои гуногуну додугирифтҳои навпайдошудае, ки мехоҳад дар чаҳорчӯбаи фарзҳои ибодатӣ ва аҳволи шахсӣ дар гӯшаҳои мухталифи ҷаҳони Ислом онро ҷо намояд, баён месозад.

Шояд аз намунаҳое, ки иштибоҳоти ин роҳҳалро ифода мекунад, нуктаест, ки донишманди нотакрор ва яке аз чеҳраҳои муосири ислоҳоти исломӣ Ҷамолиддини Афғонӣ дар фаҳми робитаҳои низоми иҷтимоиву сиёсӣ дар замони хилофати рошидин ба хато рафта, аз дарси машҳур ҳангоми таъкиди он ки уммати исломӣ чӣ гуна ислоҳ мешавад, чунин хулосагирии нодуруст намудааст, ки «уммати исломиро танҳо худкомаи одил ислоҳ менамояд».

Дар сиёсату ҳукмронӣ маълум аст, ки худкомагӣ зидди адл аст ва ин аз нахустин нуктаҳоест, ки дар Китоби Худованди азимушшаън нозил шудааст:

*«На чунин аст (ки мепиндоред), ҳаққо, ки одамӣ нофармонӣ мекунад, ҳар гоҳ ки хештанро тавонгар бинад» (сураи «Алақ», оятҳои 6-7).*

Ояти Худованд аст:

*«...ва дар корҳо бо эшон машварат кун...» (сураи «Оли Имрон», ояти 159).*

Дар Қуръони карим омадааст:

*«...ва корашон бар пояи машварат бо якдигар аст...» (сураи «Шӯро», ояти 38).*

Муҳимтарин чизе, ки ҳангоми фаҳми падидаи тақлиди таърихӣ месазад ба он ишора намуд, пеш аз ҳама, донистани решаҳои таърихии пайдоиши он мебошад. Аслан ин па-

дида аз он вақте оғоз мешавад, ки байни пешвоёни фикрӣ ва пешвоёни сиёсии уммат ҷудоӣ ба вуҷуд омад. Ин ҳам дар пайи фитнае буд, ки дар натиҷаи мубориза байни давлати хилофати рошидин ва гурӯҳҳои қабилагарову нажодпарасти қабилаҳои бодиянишини араб ва ба майдон омадани ҳаракатҳои муртаддиву исёнҳои пайиҳами сиёсӣ даврони хилофати рошидинро барҳам зад ва ба рӯёрӯии сахти байни масъулони Давлати Мадина, ки ба сиёсатҳои умумии Ислом пойбанд буданд, монанди Ҳусайн ибни Алӣ, Абдуллоҳ ибни Зубайр, Муҳаммад Зу-н-нафс-из-закия, Зайд ибни Алӣ ва дигарон (Худованд аз ҳамаашон розӣ бод) ва байни роҳбарони сиёсӣ, ки бархоста аз оилаҳои ҳукмрон ва сарварони қабилаҳо буданд, анҷом ёфт ва ба пайдоиши гурӯҳҳои нажодпарасту қабилагаро оварда расонид. Даврони муқобилият байни ин ду гурӯҳ ба шикасти пешвоёни фикрӣ ва канораҷӯии онҳо анҷомид, ба ин гуна ки онҳо дар ҳайати донишмандону пешвоёни дин аз сиёсату ҳукмронӣ бо узлату эътироз намояндагӣ мекарданд. Бо гузаштани вақт ин гӯшагириву ҷудоӣ печидатар гашт ва чандин аср идома ёфта, асари худро дар андешаи исломӣ ва дар тарзи фикррониву таваҷҷуҳи абармардони он гузошт ва мактаби тақлиду пайравӣ ва диди ҷузъӣ доштану танҳо ба фаҳми забонии ваҳйу мутун машғул шуданро эҷод намуд. Шояд тарс дар шариат аз бечорагону пайравон дар ҷодаи тақлиду рукуд саҳми худро гузошт. Табиист, ки ин мактаб дар асрҳои баъдӣ ба таваққуфу беҳаракатии зеҳни исломӣ дар мавриди садаи аввал, бозгашт ба шаклҳои таърихӣ ва ғарқаи сунъӣ шудан дар ёдномаҳои таърих ва муболиғаҳои бузургдоронаи он анҷомид. Ба ҳамин тартиб решаҳои фикрии раҳбариятҳои иҷтимоиву сиёсӣ хушкид ва ин раҳбариятҳо зимоми худро ба нотавонии фикрӣ ва ҷаҳли сиёсӣ супурданд.

Ин ҳама боис гардид, ки уммат, аз як тараф, ба чанги тақлиду шахшудагии фикрии раҳбарияти андешарон (донишмандон), ки барояшон сарчашмаҳои амалии иҷтимоӣ ва сиёсие, ки аз он бархӯрдор бошанд, вуҷуд надошт, афтад, аз тарафи дигар ба чанги худкомагиву зулм ва қафомонда-

гии сиёсиву иҷтимоӣ қарор гирад. Чун роҳбарияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ бунёди фикрие надоштанд, ки такя ба он намуда, роҳҳалҳову рушду роҳҳоди дигареро аз он хулосагирӣ намоянд.

Ҳамин гуна тақлиду беҳаракатии фикрӣ умматро, аз як тараф ва аз тарафи дигар, зулму худкомагии сиёсӣ онро печонидааст, ки ин дар натиҷаи таваҷҷуҳ намудан ба таърихи давлатҳои баъдии ҷаҳони Ислом аён мегардад. Назаррастин сабабҳое, ки баъди ҳуҷуми муғулу салибиён ба он расид, ин афтодан ба чанголи истеъморгарону ҳукмронони муосири аҷнабӣ мебошад.

Нуктаи муҳим ин ҷо он аст, ки қафомондагии уммат, пошхӯрии ташкилот ва маҳдуд шудани андешаронии он дар партави барномаи таърихии тақлид хатари бузургтареро ба миён овард, ки он иборат аз таваҷҷуҳи уммат ва роҳбарияти он ба роҳҳалҳо бо такя ба тақлиди тамаддуни бегона аз рӯйи шефтагиву дилбастагӣ ё аз ҷиҳати маҷбуриву шикастагӣ мебошад, дар ҳоле ки натиҷаҳои ин тақлид низ нотавониву қафомондагиро бештар намуд. Уммат ба падидае гирифтор гашт, ки пажӯҳишгарон онро «густардагии фосилаи тамаддун – иқтисодӣ ва технологӣ байни шимолу ҷануб, ё байни давлатҳои пешрафтаи саноатӣ ва давлатҳои қафомондаи ҷаҳони савум» меноманд, ки давлатҳои ҷаҳони Ислом таҷассумгари онанд.

Муҳимтарин дарсҳое, ки аз фикри канораҷуиву узлатнишинӣ хулоса мешавад, ин нокомии мактаби тақлидии таърихӣ мебошад. Зеро бозгашт ба зиндагӣ дар руъёҳои таърихӣ зидди табиати ашё, ҳаракати ҳаёт дар замону макон ва фикру имкониятҳо мебошад. Пофишорӣ ба ин гуна равишҳои фикриву роҳҳалҳои тақлидӣ барои ислоҳ корест, ки онро бидуни натиҷаҳое, ки моро ба қафомондагиву нотавонӣ ва шикаст дар муқобили ҳуҷуми фикрии бегона оварда расонид, наметавон қабул кард.

Ин уммат ба роҳи нав ниёз дорад ва роҳбарону андешамандони он бояд кӯшиши ҷиддии наве намоянд, ки ҳама гуна роҳҳои баставу барномаҳои беҳосили нозоро ба ҳам резад.

Вале равиши навин кадом аст? Роҳҳалҳои нав кадомҳоянд? Асоси онҳо чист? Нишонаҳояш чӣ гуна аст? Чӣ гуна онро мавриди санҷиш қарор медиҳем, то донем, ки ин равиш ва ин роҳ аз гузашта дида беҳтар хоҳад буд ва он чизеро амалӣ хоҳад кард, ки то имрӯз амалӣ нашудааст?

Барои амалӣ намудани ин бояд нахуст худи ҳамин падидаро дарк созем, ки чӣ гуна шурӯъ шудаву чӣ гуна нотавонию қафомондагӣ оғоз шудааст? Кай ва чаро оғоз шудааст? Чӣ гуна печидаву рушд намудааст?

Воқеан, дарки бемории ва шинохти пайдоиш, пайомад ва дучандшавии он дар ҷасади ислом ва дар таърихи он ҳамагӣ барои донистани мушаххасоти даво ва чигунагии талош барои ислоҳ дар авлавиёт ва нақшаи амалии он зарурӣ мебошад.

### *1.1.3. Роҳҳали асолати муосири исломӣ*

Ин роҳҳал ба хотири чунин номгузорӣ шуданаш ҳатман роҳҳали аз нигоҳи мақсаду ақида ва арзишҳову тасаввурот бар асоси Ислом бунёнёфта мебошад. Зеро уммати ба рушду ҳаракат ва бунён ҳавасманд ҳамин уммати исломӣ бо шумули боварҳову арзишҳо ва ниҳоди рӯҳиву зеҳнии худ ба шумор меравад. Бе дарк намудани ин ҳақиқати асосӣ, яъне фаҳми шахсиятҳову захираҳои неру ва ангезаҳои он, ҳарчанд бемориҳову маслуқиҳо ва мушкилиҳо фарогираш шуда бошад ҳам, роҳе барои таҳрики он ва ба ҳаракат овардани чарххои он вуҷуд надорад.

Мусаллам аст, ки ҷавҳари роҳҳал ва равиш наметавонад пурра исломӣ бошад, зеро Ислом омили муштараке байни роҳи тақлидии таърихии исломӣ ва байни роҳҳали асолати муосири исломӣ аст. Аз ин рӯ, мушаххас намудани паҳлуҳои «роҳҳали асолати муосири исломӣ», ки ин роҳҳалро бар дигар роҳҳо бартарӣ додаву шартҳои фаъолнокии онро таъмин ва бо абзори комёбӣ онро мусоидат менамояд.

Муайяннамоии матлуб ҳамон асолат ва замонавӣ будани роҳҳали пешниҳодшудаи исломӣ мебошад, ба ин маъно, ки ин роҳҳал аз оғозгоҳи боварҳову арзишҳо ва ангезаҳои

исломӣ ба воқеияти имрӯзии уммат ва мушкилоти вуҷуддошта равона мешавад. Ин ҳама, аз як тараф, дарки фосилаҳои замону маконро дар фаҳмиши меросу таҷрибаи исломӣ дар садаи аввал ва аз тарафи дигар, дарки маънои тағйироти чандиву чигунагиро дар зиндагии башарӣ бо ҳатмияти фаҳми хубу фарогир ва таҷрибаву таҳлил зарур мегардонад. Ин аз роҳҳалҳои тақлидӣ ва тақлидкориҳо фарқ мекунад, то роҳҳалҳо, сиёсатҳо ва тасаввуроти муосири исломиро баён карда, ба ниёзҳои воқеии уммат мувофиқат намуда, бо такя бар арзишҳову тасаввурот ва ғояҳои исломӣ ба бархӯрдҳои воқеӣ ҷавобгӯ бошад. Ба ин тартиб уммат ва тавоноияш дар ҷойгоҳи пешоҳангӣ қарор гирифта, бо арзишҳову ғояҳои худ инсонро ба сӯйи масири беҳтар раҳнамун шавад.

Мафҳуми «асолати муосир»[1] ба маънои додугирифт ба воқеияти муосир аз ҷастгоҳу асолати исломӣ, яъне ба ҳаври фарогир мебошад. Яъне, дарки куллии фаъолият ва сиёсатҳои нахустини исломӣ аз нигоҳи замону макон ва шинохти ғояву мақсад ва робитаҳои дурусти он роҳе барои қоидаи ҳамкорӣ бо зиндагиву ҷомеаи муосир мебошад, то уммат имконияти ба курсии роҳбарияти тамаддун нишастан пайдо кунад.

Асолати муосир қудрату таҷрибаи ҳунарӣ ва дурусти барномаро хостор мебошад, ҳамчунин ба роҳи омӯзиши таҳлили асоси илм бо назардошти фитрату хислат ва асоси таҷрибаву машғул шудан ба он таваҷҷуҳ менамояд. Маҳз ҳамин машғулияти бардавом аз воқеият ва мушиколоту имкиноятҳо ба сӯи Ислом, мақсадҳову арзишҳо ва роҳна-

1 Аз нигоҳи назарияи таҷридӣ (абстрактӣ) истилоҳи асолат ниёз ба изофа ва ё сифате надорад, чун асолат баёнгари берун шудан аз зот ва ҳамкорӣ бо воқеият ба шакли мусбат мебошад, вале бо сабаби ҳамгуниҳои фарҳанги исломӣ ва вуҷуди духӯрагӣ истилоҳи асолат дар назди мактаби тақлидӣ ба маънои бозгашти таърихӣ ва маҳдуд шудан дар масоилу рӯйдодҳои асрҳои гузашта мебошад, дар ҳоле ки истилоҳи муосир на ба маънои додугирифт ба масоили ҷаҳони имрӯз, балки баёнгари ғарбгароӣ ва канора гузоштани арзишҳову асосҳои исломӣ мебошад. Равшанфикрону ғарбгароён низ истилоҳи асолатро ба маънои бозгашт ва истилоҳи муосирро ба маънои ғарбгароӣ мефаҳманд. Аз ин рӯ, беҳтар шуморидем, ки дар ин марҳила ҳар ду истилоҳро якҷо оварем, то маънои мақсуд ба ин гуна ошкор бошад: «аз арзишҳои асливу асосҳои Ислом ба сӯйи ҳамкорӣ бо масоили муосир равона шудан».

моиҳои он равона мешавад. Бо барномаи фарогири илмӣ-амалӣ имконияти аз кору фаъолияти ҷомеаҳои чорвопарвару зироаткор ва бозаргонии сода интиқол ёфтан ба ҷаҳони техникаву пешравии бардавом аст. Ин бошад зарурати дигаргуниро дар шаклҳои неруву имкониятҳо ва корҳову талошҳо, инчунин дар шаклҳои бойигариву истеҳсол ва имконияту воситаҳои он пеш оварда, дигаргунӣ дар ниёзҳову уҳдадориҳои фардиву дастаҷамъӣ ва тартиботи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар пай дорад, то ба бархӯрдҳову хатарҳо ва фурсатҳое, ки ҷаҳон аз он истифода бурдаву ба сабаби он ранҷ мекашад, ҷавобгӯ бошад.

Аз ин рӯ, мебояд бо пайгирӣ аз ҳаракатҳои тӯдаи мардуму зичӣ ва ҳамкориҳои дастаҷамъии онҳо дар мавриди роҳҳалҳои кулливу фарогир андешаронӣ намуд. Ба ин маъно, ки нахуст огоҳии комил ва таваҷҷуҳи пурраи марказонидашуда ба мақосиди шариат, умумиятҳову арзишҳо ва асосҳои он дошта, онро роҳе ба сӯйи андешаи иҷтимоии исломии муосир ва чигунагии ташкилоту тартибот ва асосҳое гардонид, ки ҳаракати онро раҳнамоиву ҳукмронӣ менамояд. Ба ин гуна ки ҷомеаи исломӣ ба адлу шӯро ва ҳамкориву бародарӣ ва дигар арзишҳои бузурги худ дур аз нотавониву маҳрумият ва бе фасоду исрофкориву носипосӣ бартар боқӣ бимонад.

Барои амалинамоии ин ҳадаф дар асолати муосири исломӣ бояд шакли барномаи пажӯҳиш ва омӯзиши исломӣ бознигарӣ шавад, то аз асоси машғулияту идрок ва таҷриба ба сӯйи Ислому ҳадафҳо ва арзишҳову асосҳои иҷтимоиву тамаддуни он равона гардад. Ба ин маъно, ки воситаи таълим бо ду бахши худ: рӯҳиву арзишмандӣ ва санъативу амалӣ ба таври умум бознигарӣ шуда, ба роҳҳалҳову фалсафаи исломӣ, жарфову тахассуси илмии он дар ҳар соҳаи маърифат, ба вижа ба бахши илмҳои иҷтимоиву инсонии он таваҷҷуҳ карда шавад.

Инчунин, асолати муосири исломӣ дар ниҳояти кор ба бознигарии тартиби авлавиятҳо ва чигунагии барномаву андеша вомедорад, ба гунае ки васоили тарбияи дурусти исло-

миро таъмин месозад ва сохтмони ташкилоту ниҳодҳо ва иқдомоти сиёсиву иҷтимоӣ аз нав баррасӣ шуда, ба ин тартиб комилшавию пайдарҳамии саҳеҳ дар ҳаракати ҷомеа барои бознигарии сохтмон бар асоси арзишҳои исломиву ҳадафҳои воло амалӣ мегардад.

Воқеан, роҳҳали асолати муосир дар худ ду нуктаи дигареро фаро мегирад, ки агар ислоҳу имконият ва пешоҳангии инсонияту тамаддунро хоҳонем, бояд он ҳар дуро якҷо гирд оварем. Бар ин нукта таҷрибаҳои таърих дар дарозои асрҳову наслҳо дар ҳар бори ангезаву дигаргунии тамаддунӣ далолат мекунад. Ин ду нукта яке ангезиши руъёи созандаи ақидавӣ ва дигаре бартарии андешаи фаъол мебошад. Ин нукта дар оғози Ислом бо истифода аз ақидаи ноби исломӣ аз сарчашмаҳои нахустини он ва бартарии фикрие, ки сафҳаҳояш дастовардҳову ташаббусоти абармардони садри аввал вуҷуд дошт. Хусусан, қатъи ду шоҳраги бозургонии Қурайш ва чораҳои ҳарбиву дипломатие, ки дар ғазваи Хандақ ва сулҳи Ҳудайбияву фатҳи Макка ба кор бурда шуд; тадбирҳои бузурги бесобиқаи лашкари мусулмонон дар гузаштан аз биёбони Шому Наҷд ҳангоми задухӯрд бо румиён дар ҷанги тақдирсози Ярмук; ташкили девонҳову таъсиси сиёсатҳо ва асос гузоштани қоидаҳову низом ва бунёни масҷидҳо барои саҳмгузорӣ дар тарбияву таълим ва интишори илмҳову донишҳо аз ҷумлаи ташаббусоти он абармардон аст, ки шоҳиде ба бартарии зеҳнии ин уммат ва бузургии абармардони он дар садаи аввал бар ҳама ҷомеаҳои тамаддунии фасодзадаи бӯгирифта ё қабилавии нимваҳшии ибтидоӣ мебошад.

Ҳамин вазъият дар эҳёи муосири Аврупо низ будааст, ба ин гуна ки он ангезаи диди созандаи ақидавиро дар ҳаракати ислоҳ (протестантӣ), ки диди амалии фаъоли масеҳиро дар зиндагӣ ва нақши инсонро дар он ба ҳайси ислоҳи диди динии масеҳии асримиёнагии дар ҳуққабозиву хурофот ғарқаро заминагузорӣ намуд, ҳамзамон барномаҳои андешаронии кӯтаҳбинонаи аврупоии дар мафҳумҳои ҳарфии матнҳои гу-

ногуни афсонаҳои хурофотӣ пойбандшудаест, ки бештари онҳо фарогири китобҳои муқаддаси яҳидиву масеҳӣ мебошад, то ақл ва пажӯҳиши мунтазами илмиро дошта бошад. Аз ин рӯ, ба монанди Ислом ва дигар бунёнгузорони тамаддунҳои қаблӣ дар баробари бартарии фаъоли фикрӣ боз ба дидгоҳи созандаи ақидавӣ таваҷҷуҳ намуд.

Танҳо таваҷҷуҳ ба бахши ақидавӣ, дар ҳоле ки ба равиши иҷроиши он диққате нашавад, ба ҳаракати исломӣ суде надорад. Чунончи даҳриёни ғарбгаро танҳо аз гароишашон ба масъали фикрронӣ ва ё танҳо ба дастовардҳои аср маҳдуд гаштан суде намебаранд, балки ниёз ба ҳам овардани ҳар ду тараф ва як ҷо намудани ду саф доранд, то пояҳои хилофат [1] ва имората тамаддунро амалӣ созанд.

Зам намудани бахши ақида ба фикр ба эҳёи пайванди байни ваҳйу ақл меанҷомад, ба ин маъно, ки ақл барои дарки ваҳй ва масоили марбут ба он истифода шуда, бо ҳадафҳои кулливу бунёдӣ ва арзишҳои ҳаётиву тамаддунии ваҳй ҳидоят меёбад. Фаъолияти ислоҳи зерин, ки ба ҳамроҳнамоии ду бахш сурат мегирад, ҳамон фаъолияти фикрӣ дар барномаву равиши ин буҳрон аст, ки уммат аз даруни худ бар он мувоҷеҳ шудааст.

Албатта, фаро хондан ба равиши дуруст, шарҳ додани паҳлуҳои он, мушаххас намудани бартариҳо ва матраҳ намудани нақшаҳои он бар дӯши андешамандону нависандагон ва пешвоёни сиёсиву иҷтимоии огоҳест, ки бояд барои тавзеҳи ин шакл талош намуда, умматро аз он огоҳ созанд ва қоидаҳоро бунён гузоранд, то дона устувор гаштаву дарахт рушд кунад ва барои бор додан мувофиқ гардад.

Шояд роҳ ноҳамвор намояд, вале ҳар оғозе ин гуна аст. Ҳар оғозе мушкил аст. Вале мардум роҳро на фақат барои осонияш мегузинанд, балки барои он интихоб менамоянд, ки онҳоро ба ҳадафҳояшон расонад.

---

1 Дар китоби мазкур калимаи хилофат бисёр истифода шудааст, вале он на ба маънои сиёсии ин калима, ҳамчун як навъи давлатдорӣ, балки ба маънои ҷойгузиниву созандагии инсон дар замин аст.

## 1.2. РЕШАҲОИ ТАЪРИХИИ ИН УММАТ

### *1.2.1. Дигаргунии қоидаии сиёсӣ: бадавиҳо, фитна ва пош хӯрдани хилофати рошидин*

Чӣ тавре аз таҳлилу баррасии гузашта маълум гашт, ҳалли исломӣ кори ҳатмие барои баровардани ин уммат аз буҳрони заифӣ, парешонӣ, ақибмондагии умронӣ ва аз даст додани тамаддун мебошад. Дар саҳифаҳои гузашта ба таври бисёр мухтасар масири талошҳои умматро барои наҷоту навгароӣ аз замоне пайгирӣ намудем, ки бо тамаддуни муосири ғарбӣ бархӯрд намудаву шикасту нобудӣ ва нестиро аз дасти он чашидааст ва барои бори аввал дар таърихи худ ба навъи харобовари бархӯрд, ки он ҳам бархӯрди тамаддунист, рӯбарӯ шудааст. Инчунин, шоҳид гаштем, ки дар ҳама талошҳои баромадан аз ин уммат ва рӯбарӯ шудан ба бархӯрди тамаддуни ғарбӣ чӣ гуна нокомӣ насибаш гашта буд.

Бо натиҷагирӣ аз баррасии боло ва он чӣ бо чашмони худ аз воқеияти уммати исломӣ мебинем, агар асолати исломиро воқеан роҳи ягона дар наҷот додани ин уммат аз буҳрону шикастани занҷири муҳками нотавониву қафомондагии дар гарданаш печида медонем, пас бояд мо, пеш аз ҳама, моҳияти ин буҳронро дарк намуда, сутуни осиёби онро шиносем, то ба мо чунин имконият фароҳам ояд, ки то ба ҷавҳари буҳроне бирасем, ки байни мо ва пайравӣ аз масирамон парда эҷод намудаву моро аз нардбонҳои болоравӣ дар дарозои таърих канора гузоштааст.

Дар ин маврид, сарфи назар аз навмедкунандаҳо дар усули тарбия ва камбуди ақлоният, инчунин ба майдон омадани ангезаҳои тарсу ваҳм ва порсоиҳои камранги бештар сохта аз таъсири муборизаҳои миллатгароиву гурӯҳӣ ва фикрӣ дар тӯли ҳастӣ ва дарозои таърихи уммат, ки кам андар кам чеҳраи ҳақиқии худро ошкор кардаву дар бештари мавридҳо дар зери пардаҳои тарсу ваҳм ва порсоӣ пинҳон гаштааст, то нафсҳову ақлҳоро аз андешарониву пайгирӣ ва чанг задан ба ресмони ҳаққу ақл ва амал маҳрум созад, ниёз ба ғӯта задан дар жарфои жарфоҳо ва умқи решаҳо дорем ва набояд ба чизҳои рӯякӣ розӣ гардем.

Аз ин рӯ, бояд мо ба ҳастиву таърихи худ ба таври пурра дар тӯли асрҳо то имрӯз бо диди нозукбинонаву ташхискунандае назар намоем, ки дарку шинохти дурусту ростинро эҷод мекунад, на порсоии сохтаву на маломату на шуҳрати фосиду нозоро.

Нахустин падидаи пайдо шудани буҳрон дар ҳастӣ ва таърихи мусулмонон ин барпо шудани фитнаи бузурге буд, ки ҳамроҳ бо он силсилаи ҷангҳои беамони шаҳрвандӣ дар дохили давлат ва ҷомеаи исломӣ аланга гирифта, боиси суқути хилофати рошидин ва ба майдон омадани ҳукмронии золимонаву шоҳигарӣ ва таассуб гардид, ки бо давлатдории Умавиён оғоз меёбад.

Барпо шудани фитна ва сарнагун шудани хилофати роишидин аз рӯйдодҳои муҳимме дар таърихи Ислом ба шумор меравад, ки наметавон бе дарку шинохти сабабҳои пайдокунандаи он, пайгирӣ аз он ва фаҳмидани асарҳои дар он гузоштаву аз он бархост ва таъсироте, ки то ҳанӯз ба тавони мо таъсир мегузорад, ба содагӣ гузашт.

Сабабе, ки ба фитна ва сарнагун шудани хилофати рошидин оварда расонд, ин дигаргуние буд, ки бе илтифоти кофӣ ва ё тавони ҷубронnamоии он ба майдон омад ва он дигаргун шудани пояи сиёсие буд, ки пешвоён ва хилофати рошидини исломӣ ба он такя менамуд. Маҳз саҳобаҳо, лашкар ва кадрҳои саҳобаҳо поядевори давлати Паёмбари Худо (дуруду саломи Худо бар ӯ бод) буданд ва давлатдории хилофати рошидин бар дӯши онҳо бунён ёфта буд бо он кӣ саҳобагон аз сифату таваҷҷуҳ ва омодагиву комилӣ ва тарбия намояндагӣ менамуданду дар бунбасти рӯйдодҳову ангезаҳо қарор мегирифтанд ва давлати исломӣ бо империяҳои бузурги он замон Эрону Рум бархӯрд менамуд. Пас аз ин ҳама бо камранг шудани саҳми саҳобагон бо сабаби пиронсоливу *шаҳодат* ёфтан мебинем, ки роҳ барои пайвастани мардуми қабилаҳои аъробӣ, ки ҳанӯз дар таассубу ҷаҳл ва дар гӯшаҳои гуногуни биёбон қарор доштанд, ба лашкари пирӯзманд васеъ гашт. Ин ҳама дар охир дар дили

аъробиҳое, ки ба лашкар пайваста буданд, дар баробари арзишҳои умумии исломӣ боз мафҳумҳои қабилавиву таасубгароиро ҷо намуд, дар натиҷа онҳо аз он чӣ саҳобагон аз тарбияву андеша дар солҳои даъват ва аз ранҷҳо дар солҳои бунёни давлату ҷомеаи мусулмонӣ зери роҳбарии Паёмбари Худо (дуруду саломи Худо бар ӯ бод) ва халифаҳои аввалини рошидин бархӯрдор гашта буданд, онҳо баҳравар шуда натавонистанд.

Бо ҳоким шудани мардуми қабилаҳо бар лашкари хилофату пирӯзманд, пояи сиёсие, ки хилофат ба он такя менамуд, тағйир ёфт. Дар натиҷа арзишҳову ҳадафҳо ва меъёрҳое, ки ба он лашкари нав такя намудаву пояи нави сиёсӣ ба шумор меравад, дигар он арзишҳову ҳадафҳо ва меъёрҳои холиси исломии набавӣ набуданд.

Аз ин рӯ, аланга гирифтани фитнаву сарнагун шудани хилофат ҳатмӣ буд, то дар ҷойи он ҳукмронии қабилавиву таассубӣ ва зулму истибдод ба майдон ояд. Ин як амри табиӣ буд, ки бо дигаргун шудани пояи сиёсӣ ҳукмронӣ ба Умавиён расад, на ба Усмону Алӣ ва ё Ҳасан (Худованд аз ҳамаашон розӣ бод).

Табиист, ки ин на бештар аз як аср бо гурӯҳи каме, ки аз мардони тақводори исломӣ дар Маккаву Мадина барпо шуда буд, идома ёбад ва сафҳои Ҳусайн ибни Алӣ, Абдуллоҳ ибни Зубайр, Муҳаммад Зу-н-нафс-из-Закия, Зайд ибни Алӣ ва дигарон дар ҷангҳои беамони шаҳрвандӣ шикаст хӯрад. Дар ин ҷангҳо пирӯзӣ насиби пояҳои густардаи қабилавие буд, ки бо гирд омадани мардуми нав ба Ислом воридшуда аз ҳисоби эрониёну румиён бо гузашти замон қавитар мегашт. Дар ҳоле ки мардуми тоза ба Ислом воридшуда фурсати тарбияву омӯзишро надида буданд, то нафсҳои худро дар кӯраи холису аз ҳама гуна нуқсонҳои ҷоҳилияту таассубӣ ва кинаварзӣ поки Ислом гудозанд.

Оғози инҳирофу канора мондан аз ҳадафҳо ва мафҳумҳои холису барномаи дурусти Ислом ҳамон пирӯзии аъробиҳои қабилаҳо буд, ки дар пайи он пояи сиёсӣ тағйир хӯрд ва му-

сулмонон зери ҳукмронӣ ва низоме (режиме) қарор гирифтанд, ки омехта ба Ислому ҷоҳилият буд.

### *1.2.2. Ҷудоӣ байни пешвоёни фикрӣ ва пешвойни сиёсӣ*

Агар чира шудани аъроб ба лашкари пирӯзу сарнагун кардани хилофати рошидин ва барпо кардани шоҳигарии Умавиён дар ҷойи он нахустин сабаби дигаргуниву инҳироф бошад, аз ин дигаргуншавии ошкору эҳсосшаванда дигаргунии маънавие ба майдон омад, ки хатари бештар дошту таъсиргузортар буд; аз ин дигаргунӣ парокандашавӣ дар сафҳои пешвоёни иҷтимоӣ пайдо шуд, ки дар шакли ҷудоии пешвоёни фикрӣ аз пешвоёни сиёсӣ таҷассум мегардид. Ин ҳама пойдевори асосие барои ба майдон омадани омилҳои заъфу қафомондагӣ ва баҳампечиву хомӯшшавии неруи назаррасе гардид, ки Ислом дар нафсҳои мардум ва миллатҳо ангехта буд.

Ба ҳамин тартиб, баъд аз барпо шудани ҳукмронии таассубиву бартаргароиву ситамнамоӣ дар ҷомеаи исломӣ пешвоёни фикрии исломии пойбанд дар сарзамини Ҳиҷозу маркази хилофати рошидин ин дигаргунии нав, андешаи дигаргунии мазкур ва ҳадафҳои онро напазируфтанд ва алайҳи он бар асоси ақидаву андеша муқовимат намуданд, на бар асоси қабилавӣ.

Вақте исёнҳову ҷангҳои беамони шаҳрвандӣ беш аз як аср соҳибфикрону пойбандони исломиро зери шиканҷа қарор доданд, онҳо дар ҷамъ намудани тӯдаҳои миллате, ки бар ақлонияту тарбияашон мафҳумҳои қабилавию мардумгароӣ ва гурӯҳӣ чира гашта буд, ноком шуданд, сафҳои эшон ба қафо баргашта, аз пешвоёни нави сиёсӣ канора гирифтанд, дар ҳоле ки пешвоёни сиёсӣ онҳоро дар муҳосираву тобеъ намудан ба ҳадафҳои худ ва тангтар намудани роҳҳои хафакунанда дар мубориза бар онҳо кӯшиш мекарданд. Ба гунае ки намоёнтарин донишмандон, аз қабили имомони чаҳоргона ба азияту озору шиканҷа гирифтор шуданд ва Имом Абуҳанифа (ваф. 150 ҳ./767 м.) дар зиндон вафот намуд, аммо вазифаи қозигиро барои сарварони сиёсии пойбанднабуда напази-

руфт. Имом Молик (ваф. 179 ҳ./795 м.) тозиёна зада шуд, дар натиҷа як дасташ шал шуд ва ин ба он хотир буд, ки ӯ талоқи маҷбуриро хати бутлон кашида буд, чун фатвои мазкур барои ҳокимони сиёсии давр таъсири манфии сиёсӣ дошт. [1] Имом Аҳмад (ваф. 241 ҳ./855 м.) бинобар эътироз намудан ба нақшаҳои ҳукмронии сиёсӣ ба азобу азияти зиёде дучор гардид. Имом Шофеӣ (ваф. 204 ҳ./820 м.) бошад ба хотири тарси ҳукумат аз фикру фаъолиятҳои ӯ аз Яман ба Бағдод занҷирбаста оварда шуд ва ӯ баъд аз пойтахти ҳокимият Бағдод гурехта ба Миср, ба он кишвари аз маркази ҳокимият дур паноҳ бурд, то наҷот ёбаду саломат монад. Ин пароканадашавӣ ва ҷудоии пешвоёни сиёсии исломӣ аз пешвоёни сиёсии иҷтимоӣ барои қафомондагии неруи мусулмон, парешонии бофти он, ақибмондагии фикру ташкилоти исломӣ ва рукуди ин ду ва барои ба тавре васеъ кушода шудани дари неруҳои қафомондаву фасодзада ва рукудрафта асос гузошт.

Неруи ангезаи Ислом оҳиста-оҳиста ба хомӯш шудану камранг шудан оғоз кард ва барои тамаддуни исломӣ дар асрҳои баъдӣ танҳо боқимондаҳои неруи нишонаҳои исломӣ ва нури ҳидояти он дар нафсҳо ва ақибмондагии миллатҳои атрофу ҳамтои тамаддуние, ки аврати онҳоро ошкору ба асли ҳастиашон таҳдид намояд, боқӣ монду бас. Бо он ки сарзаминашон аз ҳуҷуми барбарҳову муғулҳо ва румиёну салибиҳо ба тороҷу яғмо мерафт.

Ин ҷудоии пешвоёни фикрӣ аз пешвоёни сиёсӣ заминаи асосиеро барои бемории мусулмонони баъдӣ гузошт, ба гунае ки имрӯз мусулмононро дар баробари рӯёрӯӣ бо тамаддуни муосири ғарбӣ, ки аз нигоҳи моддиву маънавӣ ба нобудиву торуморнамоии он таҳдид менамояд, нафасгирифтаву бечора гардонидааст. Ба ҳамин тартиб ин ҷудоии бадбахт нахуст ба канораҷӯии пешвоёни фикрӣ аз масъулияти иҷтимоӣ ва фаъолияти амалӣ оварда расонид ва ин

1 Халифаҳои Аббосӣ ҳангоми савганддиҳӣ ва паймон гирифтан аз дарбориён онҳоро бо талоқи зан қасам медоданд. Аз ин рӯ, фатвои раво будани талоқи иҷборӣ ва таъсири он ба талоқи занон дар навбати худ ба раво будани байъат ва он чӣ фарогири он байъатҳо меобшад, ишора менамояд.

дар навбати худ ангезаи муҳимму асосӣ дар нотавонии ақлонияти мусулмон ва сустии он гардид, ба гунае ки ақли мусулмон дар равоқҳои масҷидҳо дар байни китобҳои назариявию таърихӣ гӯшагир шуд. Он китобҳо дар мутуни худ барои ифодаи матнҳои Қуръону Суннат фарогири услуби васфӣ ва манҳаҷи забонӣ буда, талоше барои эҷод намудани ҷудоӣ (пардае) байни ҳокиму пайравони ӯ ва байни истифодаи ин матнҳо ҳамчун воситаи асос гузоштани инҳирофоташ ба шумор мерафт. Ин задухӯрд оқибат бо бастани дари *иҷтиҳод* ба анҷом расид, дар ҳоле ки воқеан *иҷтиҳод* на даре дошт, ки баста шаваду на хонае дошт, ки хароб гардад. Ин танҳо як таъбире дар мавриди анҷоми он табоҳие буд, ки ба фикри пойбанднабудаи пешвоёни сиёсӣ расида буд ва натиҷаи талошҳои ҳокимони сиёсӣ барои зулму истибдод дар мавриди истифода намудани ҳама чизе, ки дасташон мерасид, ба манфиати ҳокимияту тарафдорон ва пайравони он буд. Дар натиҷа донишмандон бо он чӣ дастрасӣ доштанд дар саҳни масҷидҳо дур аз ҳама гуна рӯйдоди тозаву нав қанотманд менишастанд.

Дувум, ин ҷудоии бадбахт ба ҷаҳли пешвоёни сиёсӣ ва маҳрум мондани онҳо аз пояи фикрие, ки дар дигаргуниҳо ҳамқадами онҳо будаву бо андешаву сиёсатҳову чизҳои дигар кумакашон намояд, оварда расонд. Аз ин рӯ, ҷойи аҷобат нест, ки пешвоёни сиёсӣ ба таври умум дар таърихи давлатҳои исломӣ ба як ҳокимияти истибдодгару ҷафопешае табдил ёфта буд, ки мардумро бо зулму ситам ба даст мегирифт ва шӯрову ҳамкории уммат роҳе ва баҳрае дар гардиш овардани корҳои мусулмонон ва эҷоди қаноатмандиву неруи бахшандаву диҳандаи онҳо надошт. Ҷойи аҷобат нест, ки ин кор барои уммат дар умум ба нестшавӣ, берангшавӣ ва қафомондагии тамаддунӣ дар ҳастии нафсу андеша ва дар конунҳову қонунҳо анҷомид.

Барои хонанда дарки парешоншавию қафомондагии сиёсие, ки ба тану ҷони ин уммат аз замони сарнагун шудани давлатдории хилофат расидааст, он қадар мушкил нест. Вале

муҳим ин аст, ки хонанда фарқ байни неруи ангезаи исломиро, ки бо зуҳури Ислом бархоста буд ва байни фаровонии моддие, ки аз сарватҳову таҷҳизотҳое бархоста буд, ки аз асарҳои ангезаи нахустини исломӣ ба шумор рафтаву нотавониву рукуди миллатҳои атрофро, сарфи назар аз он ки умматиисломиро аз қафомондагӣ дар ҳастиву нотавонии неруи ангеза расида, ошкор карда буд, дарк намояд. Зеро дар ин ҷо ҳолат ҳолати нисбӣ мебошад ва дар он вақт неруи ангезаи исломӣ ҳанӯз нисбияти бузургеро ташкил мекард. Аз ин рӯ, зарур аст, ки барои бинанда он чӣ сарватҳову падидаҳо сарчашмаҳои неруи умматро дар худ доштаанд ва чӣ нобудиву нестшавӣ ба сарчашмаҳои мазкур расид, пинҳон намонад. Зеро мулоҳиза намудани ин майлонҳои умумӣ ба таври ошкор кори осоне нест, магар бо гузашти вақт, ки пайомадҳо ошкор, намоҳо афтода, сарватҳо фарсуда гашта, камбудҳои фикриву иҷтимоӣ ба таври ошкоро намоён шуданд, чунончи онро дар вазъияти кунунии уммат ба таври возеҳ мебинем.

## 1.3. МАЗМУНИ БУҲРОН ВА РОҲҲОИ ДУРУСТ НАМУДАНИ ИН ҶОДА

### *1.3.1. Буҳрони фикр, на буҳрони ақида*

Сарфи назар аз ҳалқаҳои якранги талошҳои ноком дар роҳҳалҳо ва бадалҳои тақлидӣ, хоҳ таърихӣ бошад, хоҳ иқтибосшудаи бегона, дидгоҳи ислом ҳанӯз равшан нест, ба ин маъно, ки ин дидгоҳ байни ақида ва фикр бисёр омехта гаштааст. Гӯё ин ду як чизанд ва як табиату покии абадӣ доранд. Ин бошад, аз он чӣ маншаъ мегирад, ки ҳарифону душманон ва чашми ҳасуддоштагон бо тамоми воситаҳои иттилоотӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ тарвиҷ мекунанд ва онро талошҳои пайдарпай дар марказҳои омӯзишии шарқшиносии истилогар, ки барои омӯзиши умури исломӣ ва ҷаҳони ислом махсус гардонида шудааст, тақвият мебахшад. Инчунин, гирифториҳои нафсонӣ, ки ақли мусулмонро чун ҳайвоноти даранда ба худ моил кардааст, ба тирагии дидгоҳи муосири

исломӣ мусоидат намудааст. Аз ин рӯ, наметавонад ба меросу арзишҳои худ жарфбинона назар намояд ва асосу мағзи онро дарёбад ва байни он чӣ мутлақу асосист ва байни он чӣ маҳдуду замонист, фарқ гузорад, то он чӣ ба ҷавҳар ва он чӣ ба иҷрову услуб бастагӣ дорад дарк созад.

Мафҳумҳои тарсу ваҳм ва нобоварӣ ба худ, ки дар вуҷуди худ эҷод кардаем, тавоноии моро аз пайгирии ҳодисаҳои гузашта ва иштибоҳоту нуқсонҳои он номуваффақ гардонидааст. Аз ин рӯ, ақли мусулмон то имрӯз пойбанди мафҳумҳову роҳалҳои асосиест, ки ӯро пойбанди хатоҳову инҳирофоти гузашта гардонидааст, бе он ки тавоне ба дарку фарқ ва дуруст намудани ҷодаҳо, ғӯта задан дар умқи мушкилиҳое, ки ба он рӯбарӯ мешавад ва фаро гирифтани асоси он дошта бошад, то ба сӯйи оянда бо роҳи росту боэътимод равона гардад, на ин ки нобинову занҷирбаст дар гузаштаи дур нишаста монад.

Агар барномаи андешаронӣ ва ислоҳи роҳҳалҳо тағйир напазирад, пас, ақли мусулмон аз диди ноқидонаву дидгоҳи мӯшикофона нотавон хоҳад буд ва ҳамин гуна бо гузашти асрҳову наслҳо ва давлатҳо дар роҳҳалҳову талошҳои такрории номуваффақ дар як ҷо қадам хоҳад зад, дар ҳоле ки ин талошҳои нодуруст шояд бекувватшавию ақибмондагӣ ва бемадории ин умматро афзояду бас. Чизи дигаре, ки мушкилии ақли мусулмони бечорaро бештар мегардонад, ин аст, ки гурӯҳҳои идоракунандаи фикрӣ ва сиёсии уммат дар умум – дидаву дониста ва ё тасодуфан – пас аз нокомӣ дар пирӯз гаштан дар бархӯрдҳо барои соҳибшавии роҳбаринамоӣ ва равонасозии уммату ақлонияти он дар таслимшавӣ ба тарсонидани раҳгумзадаи моддию ҷонӣ интиқол ёфт, ҳар гурӯҳе нақшу ҷойгоҳе дар роҳбарии умумат ва дар рӯёрӯӣ бо тарафи дигар дорад. Дар натиҷа – бо чашмпӯшӣ аз асли ниятҳову ҳадафҳо – роҳбарияти сиёсӣ воситаҳои таҳдид намудани моддиро ҷудо кардааст, дар ҳоле ки роҳбарияти фикрӣ воситаҳои тарсонидани равониро бартарӣ додааст. Ин ба он хотир аст, то ақли мусулмон ва фарди мусулмон дар зинда-

гиву чорабиниҳои шахсиву ҳамзистӣ, ҳаракати иҷтимоиву корӣ нотавону фармонбар ва асири ҳукмронии ин пешвоиҳо ва ҳадафҳои онҳо бошад, сарфи назар аз асли нияту ҳадаф ва чигунагии дарки ҳар гурӯҳе аз нақш ва роҳкорҳои он. Хандовару гиряовар ин аст, ки ин тарсонидан ба ҳадде расидааст, ки худи пешвоиҳои сиёсиву фикрӣ аз таъсироти харобовари он солим бадар нарафтаанд, чунончи ба нотавонии пояҳои сиёсиву тамаддунии онҳо боз нотавонӣ расид ва истиқлолияти онҳоро аз байн бурд ва онҳо фармонбардори беихтиёри ҳадафҳои неруҳои бегонаи душманону бадхоҳон гаштанд.

Бо чунин тирагиву даступобастагии диди ақли мусулмон чунин мешуморем, ки он ё ҳама таърих ва гузаштаи худро бо тамоми мушкилоту инҳирофот ва асарҳои гузоштааш дар барномаву андеша ва ҷомеаву муассисаҳояш мепазирад ва ё ҳама мероси ниёкону таърих ва тамоми арзишҳои шахсияту ҳастии худро инкор менамояд. Зеро ҳаракати он дар гузашти наслҳову асрҳо халал пазируфтааст; зеро ба нишонаҳои шахсияташ бемориҳову костиҳо ва иллатҳо расидааст. Дар натиҷа ҳосили диди тираву тори ӯ байни фикру ақоид, байни ҳадафҳову воситаҳо, байни дину таърих, байни асосҳову шахсиятҳо, байни арзишҳову рӯйдодҳо, байни мафҳумҳову анъанаҳо омехта гаштааст. Ақли мусулмон байни ду гурӯҳ ҳайратзада гаштааст: гурӯҳе онро барои гирифтан ва ё тарк кардани ин ҳама фаро мехонаду дар ин фарохонии худ байни дину таърих, байни ҳадафу васила фарқ намегузорад; гурӯҳи дигаре фарёд мезананд, ки миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар даромадҳои моддияшон осеб дидаанд, бе шак буҳрони онҳо буҳрони маънавӣ дар асли ақидаву дин, арзишҳову унсурҳои шахсиятҳо ва ангезаҳои ҳаракаташон будааст. Шиорҳо ва фарёдҳое, ки дидгоҳ дар мавриди онҳо омехта гаштаву дид тира шудааст, ба гунае ки уммат ҳоло намедонад, ки ба куҷо мераваду раҳои чӣ гунааст у ҷойи гурез куҷост.

Миллат бояд ҳамаи ин нукотро ба инобат гирад. Зеро ин ҳама ҳастӣ ва унсурҳои шахсияти он аст. Набояд миллат чизеро

аз он во гузорад ва ё аз бахше аз он дӯш холӣ созад. Зеро дину арзишҳои мо асос, таъриху анъанаҳо ва шахсиятҳои мо воқеианд. Ин ҳама воқеият аст, ки роҳе ба инкору вогузорнамоии он нест. Бе ин ва бе эътирофу коргирии дурусту холисона ба он асосҳои шахсият ва пояҳои равонии мо комил намешавад.

Моҳияти воқеии ин масъала дар ин нест, ки чӣ мегирему чиро тарк мекунем? Вале суол ин аст, ки: ҷойгоҳи ҳар як унсуру таърихамон дар равонҳову ақлҳоямон чӣ гуна аст? Воқеан, моро лозим аст, ки ба дину ақида, асосҳову арзишҳо ва мафҳуму равишҳоямон чанг занем ва набояд чизеро аз ин бо он чӣ аз таъриху анъанаҳо, рӯйдодҳову шахсиятҳо, таассубҳову ҷоҳилиятҳо, инҳирофот ва тамоми он чӣ бо монеаҳои замону макон марбут аст, омехта намуд, то барои ин уммат ва ақли мусулмон дидгоҳи боэътибору соф дар мавриди рисолати ҳидояти мардум боқӣ монад. Аммо таърих, анъана, шахсиятҳо, рӯйдодҳо ва замону макон ҳамчун дарсу ибрат ва кумакрасон дар андешаву диди наку боқӣ мемонад. Ба ин тартиб ин ҳама пешоҳангу ангезиши ҳиммат ва диди расвоиву хато ва инҳирофу камбудҳои башар мебошад, ки моро ба сӯйи замин мекашад ва аз гардану бозуҳо ва пойҳоямон бандҳову занҷирҳо ва борҳоро дур месозад.

Воқеан, мо аз имкониятҳои моддӣ чизи бисёре дорем ва аз ҷиҳати захираҳо низ андозаи зиёде аз мост. Ин ҳақиқатест, ки ҳеҷ оқиле инкораш намекунад ва худи сарзамини мусулмонон бо фарохии қитъаҳову баҳрҳо ва уқёнусҳо ба ин гувоҳ аст. Аз ин рӯ, ҳатман буҳрони уммат ва сарчашмаи аҷз дар ҳастии он дар қисмати равониву маънавии он аст. Аммо мушкили дар ин масъала шинохти ин аст, ки кадоме аз бахшҳои қисмати равонию маънавии онро дар назар доранд. Магар ҷоҳилиятҳову таассуботро дар назар доранд? Оё анъанаҳои вайроншударо дар назар доранд? Оё мақсуди онҳо фасодии хурофоту фандҳои мардумист? Оё сафсатаҳову беҳудагиҳои фикрии бегонаро дар назар доранд? Оё ботиниёт (андешаҳои таъвилӣ)-и рӯҳонии ғайриарабии бегонаро дар назар доранд? Бештари онҳое, ки дар ин ҷода мераванд, ё аз ҷиҳати фикри

бегонаву надонистан аст ва ё аз ҷиҳати макру душманӣ, дар ҳоле ки бештарини онҳо танҳо ақидаҳои Ислому дини Исломро дар назар доранду бас.

Барои нафароне, ки бо нияти нек андешаи бегонаву надонистанро ба ақидаҳои уммату мероси он ҳамранг медонанд, мегӯем: байни хурофоту ҳуққабозиҳо ва ҷоҳилият ва байни дини Ислому арзишҳо ва ақидаҳои он фарқи калон аст. Пас ба чӣ душманонамон дар дину ақидаамон таъна мезананд? Оё барои мардуми мусулмон беҳтар аз Ислому ақидаҳои исломӣ ва арзишҳои он чизи дигаре ҳаст? Оё дар равони фарзандони ин уммат беҳтар аз он чӣ дар равонашон аз Ислому ақидаҳо ва арзишҳои исломист, чизи дигаре ҳаст?

Кинатӯзон аз ин ақоид бар Ислом чӣ нуктагирие менамоянд?

Оё бар Ислом барои сарчашмаи яктопарастӣ ва имон доштан ба Худованди ҳаққу одил эрод мегиранд? Оё бар Ислом барои нияти неку мақсади ислоҳ ва адлу имон ва хилофат доштан бар замин эрод мегиранд? Оё бар Ислом барои адл дар подош додан дар охират ба нафаре, ки некӣ мекунад ва нафаре, ки бадӣ мекунад, эрод мегиранд? Оё бар Ислом барои сарчашмаи шӯро, оғозгаҳи бародарӣ, мақсади ҳамдилӣ, арзишҳои каромату покиву ростӣ, талаби ҳидоят ва илму маърифат эрод мегиранд? Оё бар Ислом барои мубориза намудан алайҳи неруҳои бадиву фасод ва саркаш эрод мегиранд? Оё бар Ислом барои ҳатмӣ намудани садақаву амонатдорӣ, адлу итқон, накукориву эҳсон, тараҳҳуму силаи раҳим эрод мегиранд? Ин ҳама хостагоҳ, арзишҳо ва мағзи Ислом аст ва ба ғайри ин ҳама нодонииву барҳамзадагӣ, хурофоту ҳуққабозист, ҳарчанд хоҳишмандон баромадгоҳҳое ҷустуҷӯ намоянд, то суханро печу тоб диҳанд, бадфаҳмиро силоҳ созанду ханҷарҳои ҷузъии барномаву инҳирофоти онро ба даст оранд.

Назари гузарое ба сарчашмаҳои асосӣ, оёту гуфтори фарогири набавӣ арзишҳои Ислому ҳадафҳои онро мушаххас намуда, бо барномаи дуруст роҳҳоро бар ҳама инҳирофу гумроҳӣ дар фаҳму ҳадаф бурида месозад.

**А) Асоситарин арзишҳои исломӣ дар Китоби Худованд:**

***— Дар бораи ягонагии рубубияту илоҳият:***

*«Ҷуз ин нест, ки Аллоҳ худоест якто, пок аст»; Сураи «Нисо», ояти 170.*

*«Пас, бидон ҳеҷ маъбуде ҷуз Аллоҳ нест..»; Сураи «Муҳаммад», ояти 19.*

*«Худо ҳеҷ фарзанде надорад ва ҳеҷ худое бо ӯ нест»; Сураи «Муъминун», ояти 91.*

*«Пас, он Аллоҳ, Парвардигори ҳақиқии шумост»; Сураи «Юнус», ояти 32.*

*«Ҳеҷ чиз монанди ӯ нест ва ӯст, ки шунавову биност!»; Сураи «Шӯро», ояти 11.*

*«Агар ҳақ аз пайи ҳавасҳояшон мерафт, осмонҳову замин ва ҳар кӣ дар онҳост, ҳалок мешуд»; Сураи «Муъминун», ояти 71.*

*«Зеро Худо бар мардум рауфу раҳим аст»; Сураи «Ҳаҷ», ояти 65.*

*«Худои шумо Худоест якто. Худое барҳақ, ҷуз ӯ нест бахшоянда ва меҳрубон»; Сураи «Бақара», ояти 163.*

*«Ин аст Худои барҳақ, Парвардигори шумо, Офаридгори ҳама чиз. Худое барҳақ ҷуз ӯ нест». Сураи «Ғофир», ояти 62.*

***— Дар бораи ваҳдати инсон, ҳадафи ҳастӣ ва масъулияти виҷдонии ӯ:***

*«Эй мардум, битарсед аз Парвардигоратон, он ки шуморо аз як тан биёфарид ва аз он як тан ҳамсари ӯро ва аз он ду мардону занони бисёр падид овард. Ва битарсед аз он Худое, ки бо савганд ба номи Ӯ аз якдигар чизе мехоҳед ва зинҳор аз хешовандон мабуред. Ҳароина Худо назораткунандаи шумост!»; Сураи «Нисо», ояти 1.*

*«Эй мардум, ҳароина, Мо шуморо аз як марду як зан биёфаридем. Ва шуморо ҷамоатҳо ва қабилаҳо кардем, то якдигарро бишиносед. Албатта, гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост»; Сураи «Ҳуҷурот», ояти 13.*

*«Ва чун Парвардигорат ба фариштагон гуфт; «Ман дар замин халифае меофаринам», гуфтанд: «Оё касеро меофаринӣ, ки дар он ҷо фасод кунад ва хунҳо бирезад ва ҳол он ки мо ба ситоиши Ту тасбеҳ мегӯем ва Туро ба покӣ иқрор мекунем?» Гуфт: «Ман он чиро донам, ки шумо намедонед». Ва номҳоро ба тамомӣ ба Одам биёмӯхт»; Сураи «Бақара», оятҳои 30-31.*

*«Ва Парвардигорат ба фариштагон гуфт: «Мехоҳам башаре аз гили хушк, аз лойи сиёҳи мутағайир биёфаринам. Чун офаринишашро ба поён бурдам ва аз рӯҳи Худ дар он дамидам, дар баробари ӯ ба саҷда бияфтед». Фариштагон ҳамагӣ саҷда карданд, магар Иблис, ки саркашӣ кард, ки бо саҷдакунандагон бошад»; Сураи «Ҳиҷр», оятҳои 28-31.*

*«Бигӯ: «Оё онҳое, ки медонанд бо онҳое, ки намедонанд, баробаранд?»; Сураи «Зумар», ояти 9.*

*«Ва мегӯянд: «Агар гӯш меандохтему ақл мекардем, пас, дар байни аҳли дӯзах намебудем»; Сураи «Мулк», ояти 10.*

*«Мо фарзандони Одамро каромат бахшидем ва бар баҳру хушкӣ (бар савориҳои гуногун) савор кардем»; Сураи «Исро», ояти 70.*

*«Ва шуморо сурат бахшид ва суратҳоятонро некӯ сохт. Ва аз чизҳои покизаву хуш рӯзиятон дод»; Сураи «Зумар», ояти 64.*

*«Мо ҳар чӣ дар рӯи замин аст, зинати он қарор додем, то имтиҳонашон кунем, ки кадомашон ба амал беҳтаранд»; Сураи «Каҳф», ояти 7.*

*«Оне, ки марг ва зиндагиро офарид, то шуморо бисанҷад, ки кадоме аз шумо ба амал беҳтар аст»; Сураи «Мулк», ояти 2.*

*«Дар дин ҳеҷ маҷбурие нест. Ҳидоят аз гумроҳӣ мушаххас шудааст»; Сураи «Бақара», ояти 256.*

*«Чаро дар роҳи Худо ва ба хотири мардону занон ва кӯдакони нотавоне, ки мегӯянд: «Эй Парвардигори мо, моро аз ин деҳаи ситамкорон берун биёвар ва аз ҷониби худ ёру мададгоре қарор деҳ», намеҷангед?»; Сураи «Нисо», ояти 75.*

*«Худо шуморо аз некӣ кардан ва адолат варзидан ба онон, ки бо шумо дар дин наҷангидаанд ва аз сарзаминатон берун нарондаанд, боз намедорад. Ҳароина, Худо касонеро, ки ба адолат рафтор мекунанд, дӯст медорад. Фақат Худо аз дӯстӣ варзидан бо касоне, ки бо шумо дар дин ҷангидаанд ва аз сарзаминатон (Макка) берунатон рондаанд ё дар берун ронданатон (аз душманонатон) пуштибонӣ кардаанд, шуморо манъ мекунад. Ва ҳар кӣ бо онҳо дустӣ варзад, аз ситамкорон хоҳад буд». Сураи «Мумтаҳана», оятҳои 8-9.*

***— Дар бораи адлу ислоҳ:***

*«Баҳраи хешро аз дунё фаромӯш макун. Ва ҳамчунон ки Худо ба ту некӣ карда, некӣ кун ва дар замин аз пайи фасод марав»; Сураи «Қасас», ояти 77.*

*«Аз он рӯз, ки сӯи Худо бозмегардед ва ба ҳар кас подоши амалаш ба тамомӣ дода мешавад ва ситаме намебинад, бимнок бошед»; Сураи «Бақара», ояти 281.*

*«Он рӯз ҳар касро монанди аъмолаш ҷазо дода мешавад ва ба касе ситаме намеравад. Ва ҳароина, Худо зуд ба ҳисобҳо мерасад»; Сураи «Ғофир», ояти 17.*

*«Худованд ба мардум ҳеҷ ситам намекунад, вале мардум худ ба нафси худ ситам мекунанд»; Сураи «Юнус», ояти 44.*

*«Худо бар адлу эҳсон ва бахшиш ба хешовандон, фармон медиҳад. Ва аз фаҳшову зишткорӣ ва ситам, наҳй мекунад. Шуморо панд медиҳад, бошад, ки пазирои панд шавед»; Сураи «Наҳл», ояти 90.*

*«Эй касоне, ки имон овардед, барподорандаи адл бошед ва барои Худо шаҳодат диҳед, ҳарчанд ба зиёни худ ё падару модар ё хешовандони шумо, чӣ тавонгар ва чӣ тангдаст, бошанд»; Сураи «Нисо», ояти 135.*

*«Ва чун дар миёни мардум ба доварӣ нишинед, ба адл доварӣ кунед»; Сураи «Нисо», ояти 58.*

*«Ва ба адл гувоҳӣ диҳед. Душманӣ бо гурӯҳи дигар водоратон накунад, ки беадолатӣ кунед. Адолат варзед»; Сураи «Моида», ояти 8.*

*«Бо касоне, ки бо шумо ҷанг мекунанд, дар роҳи Худо биҷангед ва аз ҳад нагузаред. Зеро Худо аз ҳад гузарандагонро дӯст надорад»; Сураи «Бақара», ояти 190.*

*«Бояд, ки аз миёни шумо гурӯҳе бошанд, ки ба хайр даъват кунанд ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунанд. Инҳо растагоронанд»; Сураи «Оли Имрон», ояти 104.*

*«Ва дар некӯкорӣ ва парҳез ҳамкорӣ намоед, на дар гуноҳу таҷовуз. Ва аз Худо битарсед, ки ӯ ба сахтӣ уқубат мекунад»; Сураи «Моида», ояти 2.*

*«Ҷазои ҳар бадӣ бадие аст монанди он. Пас, касе, ки афв кунад ва оштӣ кунад, муздаш бо Худост, албатта, ӯ ситамкоронро дӯст надорад». Сураи «Шӯро», ояти 40.*

***— Дар бораи фасоду зулм ва исроф накардан:***

*«Оё агар ба ҳукумат расидед, мехоҳед дар замин фасод кунед ва пайванди хешовандиятонро бибуред, (мисле, ки пешиниёнатон карданд)?»; Сураи «Муҳаммад», ояти 22.*

*«Ва аз он пас, ки замин ба салоҳ омадааст, дар он фасод макунед, ки агар имон овардаед, ин бароятон беҳтар аст»; Сураи «Аъроф», ояти 85.*

*«Неъматҳои Худоро ёд кунед ва дар замин табаҳкориву фасод макунед»; Сураи «Аъроф», ояти 74.*

*«Мо ин осмону замин ва он чиро, ки миёни онҳост, ба ботил наофаридаем. Ин гумони касонест, ки кофир шуданд. Пас, вой бар кофирон аз (азоби) оташ. Оё касонеро, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, монанди фасодкунандагон дар замин қарор хоҳем дод? Ё парҳезгоронро чун гуноҳкорон?»; Сураи «Сод», оятҳои 27-28.*

*«Гуфт: «Эй қавми ман, Худои якторо бипарастед, шуморо ҳеҷ маъбуди барҳақе ҷуз ӯ нест! Ва дар паймонаву тарозу нуқсон макунед! Инак, шуморо дар неъмат мебинам. Ва аз рӯзе, ки азобаш шуморо фурӯ гирад, бимнокам. Ва эй қавми ман, паймонаву тарозуро аз рӯи адл комил адо кунед ва ба мардум чизҳояшонро кам мадиҳед ва чун табаҳкорон дар замин фасод макунед. Агар имон овардаед, он чӣ Худо боқӣ мегузорад (фоидаҳое, ки ба сабаби вафо карданатон бар паймона ва тарозу мегиред), бароятон беҳтар аст. Ва ман нигаҳбону муроқиби шумо нестам»; Сураи «Ҳуд», оятҳои 84-86.*

*«Ва онон, ки паймони Худоро пас аз устувор карданаш мешикананд ва он чиро, ки Худо ба пайвастани он (силаи раҳм) фармон дода, қатъ мекунанд ва дар замин фасод мекунанд, лаънат (дурӣ аз раҳмати Худо) бар онҳост ва бадиҳои он ҷаҳон (дӯзахи сузон) насибашон»; Сураи «Раъд», ояти 25.*

*«Ҳамроҳ бо онон, ки тавба карданд ва бо ту рӯ ба Худо ов470рданд, ҳамчунон ки амр шудаӣ, собитқадам бош. Ва аз ҳад нагузаред»; Сураи «Ҳуд», ояти 112.*

*«Чунин аст. Ва ҳароина, саркашонро бадтарин бозгаштҳост»; Сураи «Сод», ояти 55.*

*«Ва фармони ин исрофкоронро мапазиред»; Сураи «Шуаро», ояти 151.*

*«Ва ҳамоно Фиръавн дар замин бартарӣ меҷуст ва ӯ аз таҷовузкорон буд»; Сураи «Юнус», ояти 83.*

*«Ва ҳол он ки албатта, бозгашти мо ба сӯи Худои барҳақ аст ва ҳатман, таҷовузкорон дар ҷаҳаннам бошанд»; Сураи «Ғофир», ояти 43.*

*«Оё он азобе, ки ба онҳо ваъда додем, ба ту нишон бидиҳем, ки ҳароина, Мо бар онҳо тавоно ҳастем»; Сураи «Зухруф», ояти 42.*

*«Маломат дархӯри касонест, ки ба мардум ситам мекунанд ва ба ноҳақ дар рӯи замин саркашӣ мекунанд. Барои онҳост азобе дардовар»; Сураи «Шӯро», ояти 42.*

*«Он гоҳ парҳезгоронро наҷот медиҳем ва ситамкоронро ҳамчунон ба зону нишаста дар он ҷо вомегузорем»; Сураи «Марям», ояти 72.*

*«Ба ситамкорон гуфта мешавад: «Ба кайфари (ҷазои) корҳое, ки мекардаед, азобро бичашед» Сураи «Зумар», ояти 24.*

*«Ва чеҳраҳо дар баробари Худои зиндаи поянда мутеъ мешавад ва ҳар кӣ бори куфр бар дӯш мекашад, навмед мегардад». Сураи «То-Ҳо», ояти 111.*

***— Дар бораи ростӣ, амонат ва накукорӣ:***

*«Худо барои мардони мусалмон ва занони мусалмон ва мардони муъмину занони муъмин ва мардони аҳли тоату занони аҳли тоат ва мардони ростгӯву занони ростгӯй ва мардони босабру занони босабр ва мардони худотарсу занони худотарс ва мардони садақадиҳандаву ва занони садақадиҳанда ва мардони рӯзадору занони рӯзадор ва мардоне, ки шармгоҳи худ ҳифз мекунанд ва заноне, ки шармгоҳи худ ҳифз мекунанд ва мардоне, ки Худоро фаровон ёд мекунанд ва заноне, ки Худоро фаровон ёд мекунанд, омурзиш ва музде бузург омода кардааст»; Сураи «Аҳзоб», ояти 35.*

*«Худо гуфт: «Ин рӯзест, ки ростгӯёнро ростии гуфторашон суд диҳад»; Сураи «Моида», ояти 119.*

*«То Худо ростгӯёнро ба сабаби ростии гуфторашон подош диҳад»; Сураи «Аҳзоб», ояти 24.*

*«Он касон, ки дар осоиш ва сахтӣ инфоқ мекунанд ва хашми хеш фурӯ мебаранд ва аз хатои мардум дармегузаранд»; Сураи «Оли Имрон», ояти 134.*

*«Ва аз он мол, ки ба варосат (мерос) ба шумо расондааст, инфоқ (харҷ) кунед»; Сураи «Ҳадид», ояти 7.*

*«Ва касонеро, ки тиллову нуқра захира мекунанд ва дар роҳи Худо харҷаш намекунанд, ба азобе дардовар хабар деҳ»; Сураи «Тавба», ояти 34.*

*«Ва дар амволашон барои пурсандаву маҳрум ҳаққе буд»; Сураи «Зориёт», ояти 19.*

*«Ва онон, ки даъвати Парвардигорашонро посух мегӯянд ва намоз мегузоранд ва корашон бар пояи машварат бо якдигар аст ва аз он чӣ ба онҳо рӯзӣ додаем, сарф мекунанд»; Сураи «Шӯро», ояти 38.*

*«Ҳароина, Худо ба мардони садақадиҳанда ва занони садақадиҳандае, ки ба Худо қарзу-л-ҳасана медиҳанд, дучандон подош медиҳад ва низ онҳоро аҷре некуст»; Сураи «Ҳадид», ояти 18.*

*«Эй касоне, ки имон овардаед, монанди он кас, ки амволи худро аз рӯи риё ва худнамоӣ сарф мекунад ва ба Худову рӯзи қиёмат имон надорад, садақаҳои хешро ба миннат ниҳодан ва озор расонидан ботил макунед»; Сураи «Бақара», ояти 264.*

*«Худоро омоҷи (василаи) савгандҳои хеш қарор мадиҳед, то аз некӯкориву тақво ва ислоҳ дар миёни мардум бозистед, ки Худо шунаво ва доност»; Сураи «Бақара», ояти 224.*

*«Оё онро, ки рӯзи ҷазоро дурӯғ мешумурад, дидӣ? Ӯ ҳамон касест, ки ятимро ба иҳонат (хорӣ) меронад ва мардумро ба таом додан ба бенаво тарғиб намекунад»; Сураи «Моун», оятҳои 1-3.*

*«Худованд риборо ночиз мегардонад ва садақотро афзунӣ медиҳад»; Сураи «Бақара», ояти 276.*

*«Ва якдигарро ба ҳақ супориш карданд ва якдигарро ба сабр супориш карданд»; Сураи «Аср», ояти 3.*

*«Ва якдигарро ба сабр супориш кардаңду ба бахшоиш»; Сураи «Балад», ояти 17.*

*«Худо ба шумо фармон медиҳад, ки амонатҳоро ба соҳибонашон бозгардонед»; Сураи «Нисо», ояти 58.*

*«Ва касоне, ки амонатҳову аҳдҳои худро риоя мекунанд»; Сураи «Мaoриҷ», ояти 32.*

*«Бигӯ: «Гувоҳонатонро, ки гувоҳӣ медиҳанд, ки Худо ин ё онро ҳаром кардааст, биёваред!» Пас агар гувоҳӣ доданд, ту бо онон гувоҳӣ мадеҳ ва аз хостаҳои онон, ки оёти Моро такзиб кардаанд ва ба охират имон надоранд ва касонеро бо Парвардигорашон баробар медоранд, пайравӣ макун! Бигӯ: «Биёед, то он чиро, ки Парвардигоратон бар*

*шумо ҳаром кардааст, бароятон бихонам. Ин, ки ба Худо чизеро ширк маёваред! Ва ба падару модар некӣ кунед! Ва аз бими фақирӣ фарзандони худро макушед! Мо ба шумо ва онҳо рӯзӣ медиҳем. Ва ба корҳои зишт чӣ пинҳону чӣ ошкоро наздик машавед! Ва касеро, ки Худо куштанашро ҳаром кардааст, магар ба ҳақ, макушед! Инҳост, он чӣ Худо шуморо ба он супориш мекунад, бошад, ки ба ақл дарёбед! Ба моли ятим наздик машавед, магар ба некӯтарин ваҷҳе, ки ба салоҳи ӯ бошад, то ба синни балоғат расад. Ва паймонаву вазнро аз рӯи адл тамом кунед! Мо ба касе ҷуз ба андозаи тавонаш таклиф намекунем. Ва ҳар гоҳ сухан гӯед, одилона гӯед, ҳарчанд ба зиёни хешовандон бошад. Ва ба аҳди Худо вафо кунед! Инҳост, он чӣ Худо шуморо ба он супориш мекунад, бошад, ки панд гиред»; Сураи «Анъом», оятҳои 151-152.*

*«Ва агар ду гурӯҳ аз муъминон бо якдигар ба ҷанг бархостанд, миёнашон оштӣ афканед. Ва агар як гурӯҳ бар дигаре даст дарозӣ кард, бо он ки дастдарозӣ кардааст, биҷангед, то ба фармони Худо бозгардад. Пас, агар бозгашт, миёнашон сулҳе одилона барқарор кунед ва адолат варзед, ки ҳароина, Худо одилонро дӯст дорад. Ҳароина, муъминон бародаронанд. Миёни бародаронатон оштӣ бияфканед ва аз Худо битарсед, то ки бар шумо раҳмат орад. Эй касоне, ки имон овардаед, мабод, ки гурӯҳе аз мардон гурӯҳи дигарро масхара кунад, шояд он масхарашудагон беҳтар аз онҳо бошанд. Ва мабод, ки гурӯҳе аз занон гурӯҳи дигарро масхара кунад, шояд он масхарашудагон беҳтар аз онҳо бошанд. Ва аз ҳам айбҷӯӣ макунед ва якдигарро ба лақабҳои зишт махонед. Бад аст унвони фисқ пас аз имон овардан. Ва касоне, ки тавба намекунанд, худ ситамкоронанд. Эй касоне, ки имон овардаед, аз бисёре аз гумонҳо бипарҳезед. Ҳароина, баъзе аз гумонҳо дар ҳадди гуноҳ аст. Ва дар корҳои пинҳонии якдигар ҷосусӣ макунед ва аз якдигар ғайбат макунед. Оё ҳеҷ як аз шумо дӯст дорад, ки гӯшти бародари мурдаи худро бихӯрад? Пас, онро нохуш хоҳед дошт. Ва аз Худо битарсед, ҳароина, Худо тавбапазиру меҳрубон аст»; Сураи «Ҳуҷурот», оятҳои 9-12.*

*«Мардумро бо ҳикмату панди некӯ ба роҳи Парвардигорат бихон ва бо беҳтарин тарз бо онон муҷодала кун». Сураи «Наҳл», ояти 125.*

***— Дар бораи илму маърифат ва созандагӣ:***

*«Бихон ба номи Парвардигорат, ки (ҳамаи ҷаҳонро) биёфарид. Одамиро аз лахтаи хуне биёфарид. Бихон! Ва Парвардигори ту арҷмандтарин аст. Худое, ки ба воситаи қалам омӯзиш дод»; Сураи «Алақ», оятҳои 1-4.*

*«Дар канораҳои он гом бардору аз рӯзии Худованд тановул кун»; Сураи «Мулк», ояти 15.*

*«Ҳароина Худо тавбакунандагонро дӯст дорад»; Сураи «Бақара», ояти 222.*

*«Бигӯ: «Дар замин сайр кунед ва бингаред, ки чӣ гуна Худо мавҷудотро офарида»; Сураи «Анкабут», ояти 20.*

*«Роми шумо сохт он чӣ дар осмонҳост ва он чӣ дар замин аст. Ҳама аз они ӯст»; Сураи «Ҷосия», ояти 13.*

*«Ва аз раҳмати ӯ он ки барои шумо шабу рӯзро падид овард, то дар он (шаб) биёсоед ва дар ин (рӯз) ба талаби рӯзӣ бархезед, бошад, шукр гӯед». Сураи «Қасас», ояти 73.*

***- Дар бораи ният ва қасди кори нек:***

*«Ва дар некукорӣ ва парҳез ҳамкорӣ намоед, на дар гуноҳу таҷовуз..»; Сураи «Моида», ояти 2.*

*«Бигӯ: «Амал кунед, Худову паёмбараш ва муъминон аъмоли шуморо хоҳанд дид»; Сураи «Тавба», ояти 105.*

*«Парвардигорашон дуояшонро иҷобат фармуд, ки ман кори ҳеҷ коргузореро аз шумо, чи зан ва чи мард, ҳама аз якдигаред, ночиз намесозам»; Сураи «Оли Имрон», ояти 195.
«Бидонанд, ки некӯкоронро табоҳ намесозем»; Сураи «Аъроф», ояти 170.*

*«Ва ҳар кӣ коре нописанд кунад ё ба худ ситам раво дорад, он гоҳ аз Худо омурзиш хоҳад, Худоро омурзанда ва меҳрубон хоҳад ёфт»; Сураи «Нисо», ояти 110.*

*«Аз Парвардигоратон омурзиш бихоҳед. Ба даргоҳаш тавба кунед, ки, албатта, Парвардигори ман меҳрубону дӯстдоранда аст (барои тавбакунандагон)». Сураи «Ҳуд», ояти 90.*

**Б) Суннат - татбиқу ёвари Қуръон:**

Он чӣ гузашт, бархе асосҳои маонии Қуръони карим ва ҳадафҳои волову фарогири он буд, ки бозтобу асар ва татбиқоти онро дар суханони Паёмбар (с), амалҳо ва сарварияш бар ҷомеаи садри нахуст дармеёбем. Намунаҳоеро барои ин аз бархе суханони Паёмбар (с) меорем, то хонанда бо ду чашми худ бубинад, ки Ислом чӣ гуна дар Қуръону Суннат ҳама он чиро, ки одамизод иттилоъ дорад, ба сурати фарогиру комилтар аз ақидаву дин ё фалсафае, ки инсон шинохтааст, фаро гирифтааст.

***— Дар бораи нияту виҷдон ва мояи арзишу масъулияти инсонӣ:***

*Паёмбари Худо (с) мефармояд: «Ҳама корҳо (вобаста) ба ният ҳаст ва барои ҳар шахсе ҳамон мерасад, ки ният кардааст».* [1]

*«Худованд ба ҷасадҳо ва чеҳраҳои шумо назар намекунад, балки ба дилҳо ва корҳои шумо назар мекунад».* [2]

*«Араб бар аҷам танҳо бо парҳезгорӣ бартарӣ дорад».* [3]
*«Ҳар киро амалаш монеъ аз вуруди биҳишт гардад, насабаш боиси ворид шудани он нахоҳад гардид».* [4]

---

1 Ривояти Бухорӣ, Муслим ва соҳибони чор «Сунан».
2 Ривояти Муслим, Аҳмад ва Ибни Моҷа.
3 Ривояти Аҳмад.
4 Ривояти Аҳмад ва Ибни Моҷа.

*«Саховатмандии шахс дини ӯ, ҷавонмардияш ақли ӯ ва асилзодагияш хулқи ӯст».* [1]

*«Ҳақиқатро бигӯ, ҳарчанд талх бошад».* [2]

*«Накуӣ некахлохист ва гуноҳ он чизест, ки дар синаи ту танидааст ва дӯст намедорӣ, ки мардум аз он огаҳӣ ёбанд».* [3]

*«Аз дили худ фатво бипурс, ки он бароят фатводиҳандатарини фатводиҳандагон аст».* [4]

*«Сарварӣ амонат аст ва рӯзи қиёмат он хориву пушаймонист, магар ба ҳақ сарварӣ намудаву ва уҳдадории худро дар он ба ҷо оварда бошад».* [5]

*«Ҳар яке аз шумо ба масобаи шӯбон аст ва ҳар яке аз шумо аз раяташ пурсида мешавад».* [6]

*«Беҳтарин ҷиҳод гуфтани сухани ҳақ дар пеши султони золим аст».* [7]

*«Ҳар қавме, ки аҳдшиканӣ намудаанд, куштор байнашон сурат гирифтааст ва ҳар қавме, ки бадкорӣ (фоҳишагарӣ) дар он ошкор шуда бошад, Худованд бар онҳо маргро мусаллат сохтааст».* [8]

*«Уммати ман дар гумроҳи гирдиҳам намеоянд, агар ихтилофе дидед, пас, ба гурӯҳи бузург чанг занед».* [9]

*«Ҳар нафаре аз шумо кори бадеро бинад, пас, онро бо досташ тағйир диҳад, агар (бо даст) натавонад, пас, бо забон (гуфтор)-аш ва агар (бо забонаш) натавонист, пас, бо дил (норозият)-аш тағйир диҳад ва ин (савумӣ) аз заифии имон аст».* [10]

---

1 Ривояти Байҳақӣ ва Ҳоким.
2 Ривояти Байҳақӣ ва Абунаим дар «Ҳиля».
3 Ривояти Бухорӣ дар «ал-Адаб-ул-муфрад» ва Муслиму Тирмизӣ.
4 Ривояти Бухорӣ дар «Таърих» ва ин ҳадис ҳасан аст.
5 Ҳоким инро ривоят кардаву саҳеҳ шуморидааст.
6 Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
7 Инро Аҳмад ва соҳибони чор «Сунан», инчунин, Табаронӣ дар «Кабир» ва Байҳақӣ дар «Шаъб-ул-имон» ривоят намудаанд.
8 Инро Ҳоким ривоят карда, гуфтааст, ки ба шарти Муслим саҳеҳаст.
9 Ибни Моҷа бо ҳамин лафз ва Аҳмаду Ҳоким онро бо лафз ҳои дигар ривоят кардаанд.
10 Ривояти Аҳмад, Муслим ва соҳибони чор «Сунан».

***— Дар бораи шафқату меҳрубонӣ ва ёрирасониву некхулқӣ:***

*«Хато намудани ҳоким дар афв (бахшиш) аз хато намуданаш дар уқубат беҳтар аст».* [1]

*«Ҳама ҷо тақвои Худоро ба ҷо овар ва баъд аз бадие накуӣ намо, ки он бадиро маҳв созад ва бо мардум бо хулқи нек муносибат намо».* [2]

*«Дар ҳар қавме, ки шафқат будааст, ба онҳо суд овардааст ва дар ҳар қавме, ки дуруштӣ будааст, ба онҳо зиён расонидааст».* [3]

*«Худованд дар ҳама кор меҳрубониву шафқатро дӯст медорад».* [4]

*«Ҳар кӣ монеи раҳму шафқат шавад, монеи хайру накуӣ шудааст».* [5]

*«Осон гиред ва сахтгирӣ намоед, мужда диҳед ва мардумро дур (нафраткунанда) насозед».* [6]

*«Ба он ки дар замин аст, раҳм кун, то он ки дар осмон аст, бар ту раҳм кунад».* [7]

*«Дар накуӣ ба ҳар соҳибҷигаре (ҷонваре) подош аст».* [8]

*«Ҳар кӣ раҳм накунад, раҳм карда нашавад».* [9]

*«Халқ хонаводаи Худост, пас, дӯстдоштарини онҳо ба назди Худо судмандтарини онҳо барои хонаводаи ӯст».* [10]

*«Ҳар кӣ бузургони моро эҳтиром ва хурдони моро меҳрубонӣ накунад ва ҳаққи донишманди моро надонад, пас, аз мо нест».* [11]

---

1 Ривояти Ҳоким ва Байҳақӣ.
2 Ривояти Ҳоким, Аҳмад, Байҳақӣ ва Тирмизӣ.
3 Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
4 Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
5 Ривояти Муслим, Ибни Моҷа ва Аҳмад.
6 Бухорӣ ба ин гуна ривоят кардааст.
7 Ривояти Ҳоким ва Табаронӣ дар «Кабир».
8 Ривояти Ибни Моҷа ва Аҳмад.
9 Бухорӣ ба ин гуна ривоят кардааст.
10 Ривояти Абуяъло, Баззор, Табаронӣ дар «Кабир».
11 Аҳмад ва Ҳоким ба лафзи мазкур ривоят намудаанд ва ин ҳадис санад ва лафзҳои дигаре дорад.

*«Барои мардум он чизеро бихоҳ, ки барои худ мехоҳӣ».* [1]

*«Муъминон ба масобаи як шахсанд, вақте сар ва ё чашми ӯ дарде намояд, тамоми пайкари ӯ дард менамояд».* [2]

*«Мусулмон бародари мусулмон аст, ба ӯ ситаме намекунаду ӯро хор намедорад. Ҳар кӣ дар баровардани ниёзи бародараш бошад, Худованд дар баровардани ниёзи ӯст. Ҳар кӣ ғуссаи мусулмонеро дур созад, Худованд ғуссаеро аз ғуссаҳои рӯзи қиёмат аз ӯ дур медорад. Ҳар кӣ айби мусулмонеро пӯшад, Худованд айби ӯро рӯзи қиёмат мепӯшад».* [3]

*«Савганд ба Худо имон надорад... касе, ки ҳамсояаш аз бадиҳои ӯ эмин нест».* [4]

***— Дар бораи адлу доноӣ ва бахшандагиву кори нек:***

*«Барои шахс ҳамин қадар бадӣ басандааст, ки бародари мусулмонашро таҳқир намояд».* [5]
*«Ситам торикиҳое дар рӯзи қиёмат аст».* [6]

*«Кашолдиҳии тавонгар ситам аст».* [7]

*«Хиёнати бузургест, ки бародаратро сухане гӯӣ, ки туро бовар кунад, дар ҳоле ки ту ӯро дурӯғ гуфтаӣ».* [8]

*«Хунҳо ва молҳои шумо ба монанди ҳаромии имрӯз бар шумо ҳаром аст».* [9]

*«Гуноҳи шахс ҳамин бас аст, ки хӯрданиеро зоеъ намояд».* [10]

---

1 Ривояти Бухорӣ дар «Таърих», Табаронӣ дар «Кабир», Абуяъло, Ҳоким ва Байҳақӣ.
2 Ривояти Бухорӣ дар «Таърих», Табаронӣ дар «Кабир», Абуяъло, Ҳоким ва Байҳақӣ.
3 Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
4 Ривояти Бухорӣ.
5 Ривояти Муслим, Абудовуд ва Тирмизӣ.
6 Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
7 Ривояти Бухорӣ, Муслим, соҳибони «Сунан»-и чоргона ва Молику Аҳмад.
8 Ривояти Аҳмад ва Абудовуд.
9 Ривояти Бухорӣ, Муслим, Тирмизӣ, Ибни Моҷа, Аҳмад ва Доримӣ.
10 Ривояти Бухорӣ ва Муслим ба ин гуна ривоят кардааст.

*«Ҳама гуна накӣ садақа аст».* [1]

*«Садақа молро кам намекунад».* [2]

*«Нафаре аз шумо ба саҳро рафта, ҳезум ғундораду омада ҳезумфурӯшӣ намояд, барояш аз талбидани мардум, ки чизе медиҳанд ва ё намедиҳанд, беҳтар аст».* [3]

*«Дасти боло (диҳанда) аз дасти поён (гиранда) беҳтар аст».* [4]

*«Тавонгарӣ бо мол нест, тавонгар тавонгари нафс аст».* [5]

*«Беҳтарин чизе, ки шахс мехӯрад, аз касби дасташ аст».* [6]

*«Ҳар дардеро давоест».* [7]

*«Бемор ба назди сиҳат оварда нашавад».* [8]

*«Фазилати донишманд бар обид ба монанди фазилати Ман бар камтарини шумост».* [9]
*«Муъмин аз як сӯрох ду бор газида намешавад».* [10]

*«Ҳар кӣ сохтакорӣ (ҳуққабозӣ) намояд, аз мо нест».* [11]

*«Бобаракаттарини занҳо ҳамонҳоеанд, ки маҳри арзон (осон) доранд».* [12]

*«Вақте ба хостгорӣ нафаре ояд, ки аз хулқу динаш розӣ ҳастед, пас, ӯро хонадор кунед».* [13]

*«Занон хоҳарон (ҳамшираҳо)-и мардонанд».* [14]

---

1 Ривояти Муслим ва Тирмизӣ низ ба ин маъно ривоят кардааст.
2 Ривояти Аҳмад, Муслим ва Тирмизӣ.
3 Ривояти Бухорӣ, Насоӣ, Ибни Моҷа, Молик ва Аҳмад.
4 Ривояти Бухорӣ, Абудовуд, Тирмизӣ, Насоӣ, Молик ва Аҳмад.
5 Ривояти Бухорӣ, Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Аҳмад.
6 Ривояти Тирмизӣ, Абудовуд, Насоӣ, Аҳмад ва Доримӣ.
7 Ривояти Бухорӣ, Муслим, Абудовуд, Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Аҳмад.
8 Ривояти Ибни Моҷа.
9 Ривояти Тирмизӣ.
10 Ривояти Бухорӣ, Муслим, Абудовуд, Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Аҳмад.
11 Инро Тирмизӣ ривоят кардаву саҳеҳ шумоਰидааст.
12 Ривояти Байҳақӣ ва Ҳоким.
13 Ривояти Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Байҳақӣ.
14 Ривояти Абудовуд, Тирмизӣ, Насоӣ, Аҳмад ва Доримӣ.

*«Беҳтарини шумо беҳтарини шумо нисбат ба хонаводааш мебошад».* [1]

*«Бадтарин ҳалол назди Худованд талоқ аст».* [2]

*«Вақте қиёмат барпо мешаваду дар дасти яке аз шумо навда (ниҳол)-е бошад, онро шинонад».* [3]

### *1.3.2. Фарқ байни масъалаи фикру васоил ва масъалаи арзишҳову ҳадафҳо:*

Аз он чӣ гузашт, бе шак, маълум мешавад, ки касе наметавонад ба ин арзишҳову асосҳо ва хостгоҳҳову ақидаҳо эътироз намояд ва барои эътирозкунандаи ин маонӣ шунавандае нест. Аммо бадхоҳон ин маониро дар назар надоранд ва дар бораи онҳо сухане ҳам намегӯянд. Чунончи маҳз дӯст ба сӯйи бештари ин маонӣ фаро мехонаду душман онҳоро бо парда мепӯшад. Уммат ба хотири надонистани воситаҳои тарбияву ёддиҳии ҷоннок дар роҳи омӯзиш ва таълими бархоста аз маониву амалигардонии онҳо аз ороста шудан бо ин маонӣ маҳрум гаштааст. Ақидаҳои исломӣ назди душманон ва нафароне, ки дар бораи он маълумот надоранд, сухан аз таҷрибаҳои худхоҳиву саркашӣ, ҷиноятҳои бедодии сиёсӣ, расвоиҳои фикриву равонӣ, таҷовузҳои бардафурӯшон ва анъанаҳои хор доштану паст задани занон мебошад. Ақидаҳои исломӣ дар назди инҳо сухан дар бораи раҳгумиҳои мусулмонон, таърихи хатоҳо ва тақсири эшон аст; сухан аз одату тақлидҳо ва осори нодонӣ, ҷоҳилиятиу таассуби онҳост; сухан аз табоҳии фикрӣ ва камбуди барномаашон аст; сухан аз нотавониву тақлид дар омӯзишу ислоҳ ва амалигардониашон аст.

Шояд судманд бошад, ки ин ҷо ишораи гузарое ба халқҳое намоем, ки ба Ислом гаравиданд, дар ҳоле ки ин гароиши онҳо ба замони заволашон рост меомад. Баъдҳо

1 Ривояти Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Табаронӣ дар «Кабир».
2 Ривояти Абудовуд, Ибни Моҷа ва Ҳоким.
3 Ривояти Аҳмад.

ҳар дастоварде, ки ин халқҳо соҳиб шуданд, маҳз аз юмни Ислому асосҳо ва равишҳои он будааст. Аммо дар он чӣ ин халқҳои исломӣ сарфи назар аз арзишҳову асосҳои исломӣ ва неруи дурдорандаи он аз раҳгумиҳову завол афтодаанд, бе шак, баргирифта аз бозмондаҳои гузаштаашон ва ангезаҳои бегонаи воридшудае мебошад, ки Ислом акси ғояву тавҷеҳи онҳо амр мекунад. Агар боқимонда аз маонии ислом дар равони ин мардум намебуд, бе шак, насиби халқҳои мусулмон аз ин ҳам фигортару фасодтар ва ҷоҳилитар мегардид.

Муҳим ин аст, ки ин ҷо дарк созӣ, ки сабабҳои камбудӣ дар зиндагии мусулмонон на ба арзишҳову ҳадафҳо ва ғояҳои исломӣ, балки ба фикру ақли мусулмонон бармегардад. Воқеан, сухан аз камбуду аз ислоҳ ин сухан аз ақлу фикри мусулмон ва аз пастравии ақлу фикри мусулмон дар робита ба асосҳову арзишҳо ва ғояҳо дар ҷомеаву сохторҳо ва воқеаву рӯйдодҳо мебошад. Ин ҷо байни сарчашмаи ҳамдиливу ҳамраъйӣ ва байни иҷроишу тартиботи он ё камбудӣ дар иҷроишу тартиботи он фарқ вуҷуд дорад. Ин ҷо байни ҳадафҳои шариат ва байни сиёсати он, байни асосҳову арзишҳои шариат ва байни иҷроишу тартиботи он фарқ ҳаст. Чунончи арзишҳову асосҳо ва ҳадафҳо аз куллиёти вуҷуд ҳастанд, ки тавассути макону замон дар фитрат баробар густариш меёбанд. Аммо тартиботу иҷроиш ва сиёсатҳову татбиқот аз замону макон ба сӯйи арзишҳову асосҳо ва ҳадафҳои асли фитрат ва куллиёти вуҷуд меравад.

Ин ҳама барои мо равшан месозад, ки маҳз фарқ байни ақида, асосҳову арзишҳо ва байни фикр, фаҳм ва татбиқоту комёб шудан дар он ё камбуду раҳмгузадагиҳои он масъалаи асосиву ҷиддӣ мебошад, ки агар роҳи худро дурусту кори худро ислоҳ намудан ва гом ба сӯйи ҳадаф бардоштану барои мушкилотамон марз гузоштан хоҳем, пас, набояд дар фаҳму биниши он костагӣ намоем. Хулоса, маънои ин ҳама он аст, ки буҳрон маҳз буҳрони фикр аст, на буҳрони ақида; буҳрони барнома аст, на буҳрони маъно; мушкилии васила аст, на мушкилии ҳадаф (ғоят).

Аз ин ҷо мебояд пажӯҳиши дурусту кори ҷиддӣ намуд ва бояд бо ин барои ҳалқаҳои сарбаста аз пайравии ташналабона аз паси даъватҳои муғризона, ғаждобҳои фиребанда ва нӯшиданиҳои тақлиди харобовару нозо марзе гузорем.

### *1.3.3. Гӯшагирии фикрӣ – маншаи шахшудагиву тақлид ва қафомондагӣ*

Бо пешрафти замону рушди наслҳо ва дигаргун шудани бархӯрдҳо бӯҳрони фикру ақл ва барномаи мусулмон чунон боло рафтааст, ки дигар байни шикофи гусехтаву васеи мисолу воқеият фарқ намегузорад. Чунончи ҳадафҳо ба ормонҳо табдил ёфтанду дастовардҳову тавоноиҳо ба чизҳои таърихиву ёддоштӣ. Бо афтодани уммат дар чанги душманон муфлисии ҷомеаву дармондагии пешвоёни сиёсии он ошкор гаштааст. Инчунин, муфлисиву дармондагии роҳбарияти фикронии он низ ошкор гаштааст, ба гунае ки дигар тавони аз сар гирифтани ташаббусу markdown азнавсозии неруи тамаддунии умматро надорад, то дар муқобили ҳуҷуми фарҳангиву тамаддунии вогири бегона истодагарӣ намояд. Шинохти сайри таърихие, ки уммат ва роҳбарияти онро ба ҷойгоҳҳои гуногун интиқол додааст, то дар он ҷо бозистад, зарурӣ гаштааст.

Маълум аст, ки уфуқҳои тамаддуние, ки уммат дирӯз ба он расида буд, танҳо осори такони бузурге буд, ки онро садри аввали Ислом ба вуҷуд оварда буд, дигар аз осору мафҳумҳо ва сиёсатҳову сохторҳои он чизе намондааст. Вақте аҳвол тағйир ёфту ангезаҳои мубориза буруз намуд ва аломатҳову бархӯрдҳо дигаргун шуд, ахгар бояд хомӯш мегашту ҳаракат нобуд мешуд. Дар ин аҳвол далели амал кардан аз байн рафту неруи такондиҳандаву азнавсозӣ нобуд шуд. Ин ҳама дар натиҷаи ҷудоии роҳбарияти сиёсӣ аз роҳбарияти фикрӣ, бархӯрди шоҳон ба донишмандон ва дурии байни онҳо ба миён омад ва ба эътимод ба маънои лафзию тақлид ва пайравӣ ба чизҳои ҷоҳиливу ҳавасҳо оварда расонид. Аз ин ки ҷода дур шаваду рӯёрӯӣ бо монеаҳову бархӯрдҳо мушкил

гардад, ҷойи гурез набуд. Ин ҳама ба он оварда расонид, ки уммат аз идома додан дар эҷоди донишҳо, рушди низомҳо, эҷоди нақшаҳову воситаҳо ва сиёсатҳо ҷиҳати расидан ба уфуқҳои тамаддуни пешрафтаи ҷавобгӯ ба шароиту ниёзҳо ва имкониятҳои рушдкардаи гуногун нотавон мондааст.

Пас аз тафриқаи доираҳои сиёсиву фикрӣ ва гӯшанишин шудани нухбагон фикри уммат, ҳаракати иҷтимоӣ ва тамаддунии он танҳо дар боқимондаҳои бино ва колбуду сиёсатҳои бузурги иҷтимоие, ки садри аввал пайрезӣ намудааст, зиндагӣ менамояд, то бо инҳирофи сиёсию фикрӣ ва тамаддуние, ки дар баробари тағйирёбии аҳволу дигаргуншавии ҷомеаҳову бархӯрдҳо дар ҷасади уммат ва доираҳои сиёсиву иҷтимоӣ ҷорӣ аст, дар ихтилоф бошад. Дар натиҷа аз бинои таърихии Ислом танҳо анъанаву колбудҳо мондаву дар дилҳо аз авотиф нуҳуфтааст.

Роҳбарияти фикрӣ бинобар гӯшагириву маҳдуд шуданаш аз фаъолиятҳои масъулиятноки сиёсиву иҷтимоии уммат дур гашта, рӯ ба матнҳои динӣ овард, онҳоро омӯхта, донишҳо ва донишҳои заруии забони арабиро баро посдориву нигаҳдории он аз гумшавиву ҳар гуна таҷовуз бино гузоштанд. Аз ин рӯ, донишҳои матнҳои Қуръон, донишҳои матнҳои Суннат ва донишҳои матнҳои забонро барпо доштанд. Донишҳои фиқҳӣ бошад, дар фаъолиятҳои фардӣ – дар бобҳои қонунҳои ибодиву муомилотӣ маҳдуд гашт. Донишҳои фиқҳӣ дар ин мавврид ба васфу шарҳҳое наздик буданд, ки тамоми ҳолатҳои дар садри аввал дошта ва фаъолиятҳои худро дар зиндагии рӯзмарра аз даст додааст. Инчунин, илми фиқҳу татбиқоти ҳаётӣ аз илми ақида ва биниши куллии ҳастиву тамаддун ҷудо гашт. Барои ақида ва илми ақида дар роҳнамоии зиндагии иҷтимоӣ, пешниҳоди ҳидояту далел барои ҳаракат ва ташаббусе барои он нақше эътироф намешуд, балки илми ақида дар ҷавҳари худ ба илми муташобиҳоту муаммоҳо ва ҷадал табдил ёфт, ки ақли мусулмонро дар мавҷҳои пурталотуми ғайбиёте, ки на ба ӯ рабте дораду на дар тавони диду идроки ӯст, тела медиҳад ва дар бештари маврид ӯро хаста

намуда, аз ҳадафҳо ва ҷиддияти адои вазифааш аз кору ҷонишинӣ дар зиндагӣ дур месозад.

Ҳатто усули асосии Ислому ақли мусулмон ва пойдевори андешаву ҳаракат ва фаъолияташро, ки дар садри Ислом роҳнамои зиндаву фаъоли ақлу фикри инсон буд, дармеёбем, ки ба ду қисм ҷудо шудааст: қисми аввали он ки ба нигаҳдориву қиёси матнҳо тааллуқ дорад, усули асосӣ унвон шудааст. Аммо қисми дувум, ки ба қоидаҳову равишҳои зарурӣ барои назар кардан ба воқеияти зиндагиву иҷтимоъ ва бархӯрд бо мавҷудоту ҳолатҳо мебошад, ҳамчун усули дувуминдараҷа талаққӣ шудааст.

Ҳамин гуна усул ва равишҳои вижаи матнҳо рушд ёфт, то ҳамчун илм ва донишҳои пурра гардад, аммо усул ва равишҳои вижаи ҳолату воқеа ва мавҷудот канора гузошта шуд ва ҳамроҳи он ҳуқуқи илму маърифати вобаста ба он тарк карда шуд. Аз ин рӯ, донишҳои ҷомеашиносӣ ба маънои дурусти худ ва дар чорчӯби имконияти равишҳои исломӣ рушд накард. Ҳамчунин, илми сиёсатшиносии исломӣ, илми тарбияи исломӣ, илми иқтисоди исломӣ, илми эъломи исломӣ ва илми идоранамоии исломӣ рушд накард. Илмҳои барномавии муназзам аз андешаҳову тааммулоти худангехтаи парешон, ки нақшаеву барномае надоранд, фарқ мекунад.

Омода намудани кадрҳои ҷомеаи исломӣ, бинои тартиб ва гузоштани сиёсати он як кори худсаронаву сарсарӣ шуд, ки бо он масири уммат низ халалдор гашта, муассисаҳо бо он барбод рафтанд ва сифати кадрҳо рӯ ба завол овард.

Фарқ байни андешаҳои гузарои иҷтимоӣ ва омӯзаҳои илмии иҷтимоӣ ин аст, ки омӯзаҳои илмии иҷтимоӣ омӯзаҳои мураттабеанд, ки аз воқеияту табиат ва фитратҳои ҳастӣ ба ҳадафҳову асосҳо ва арзишҳо мегузарад ва бо натиҷаҳои воқеияту амалишавии осори дилхоҳ мураттаб мешавад ва ба мисли он чӣ имрӯз рӯҳ медиҳад, дар пушти суханҳову орзуҳо ва даъватҳову ёдовариҳо махфӣ намегардад.

Воқеан, буҳрони ақли мусулмон ин буҳрони амалисозии ҳадафҳои бузурги исломӣ ва таҷассумнамоии арзишҳову асо-

сҳо мебошад; буҳрони фикрие дар асосу хостагоҳҳояш мебошад; буҳрони равиши илмиест, ки онро дар соҳаи омӯзиши иҷтимоӣ аз даст додааст.

Бе шак, буҳрони фикрии мусулмон, тавре имрӯз аст, ин буҳрони равиши илмии иҷтимоӣ ва бунёни донишҳои иҷтимоест, ки умматро дар баробари шинохти далолатҳои матнҳо боз дар шинохти табиатҳову фитратҳо ва рӯйдодҳову ҳолатҳо дар замону макон мусоидат мекунад, то уммат имконияти бунёни тартиботу конунҳо ва сиёсатҳои худро, ки ҳадафҳову арзишҳо ва асосҳои Исломро амалӣ месозад, пайдо намояд.

Вақте аз донишҳои иҷтимоӣ сухан мегӯем, арсаҳо ва соҳаҳоеро дар назар дорем, ки омӯзиши барномавӣ ба он нигаронида шудааст. Шарт нест, ки шакли ғарбӣ ё шарқӣ дар ин арсаҳову соҳаҳо бошад, зеро ҷойи тардид нест, ки ақли мусулмон бо такя бар сарчашмаҳои маърифатии фарогиру комили худ, ҳангоми гузар аз ин ҷода, ҳатман, шаклеро илова менамояд, ки барояш муносиб аст ва ҳадафҳояшро ба сурати комилтар амалӣ месозад.

Сухан аз шарҳи густардаи масъалаҳои улум ва маорифи иҷтимоии исломӣ ва номгузориҳои он бесобиқаву тоза аст ва рӯзгору талошҳо оҳиста-оҳиста нишонаҳову тафсилоти онро ошкор месозанд. Аз ин рӯ, аз кадом шакле, ки мо оғоз нанамоем, ҳадаф танҳо оғоз намудан аз нуқтаи муайян барои бархӯрдор шудан аз дастовардҳоест, ки одамизод онро амалӣ гардонидааст. Муҳим ин аст, ки нуқтаи гузариш бояд бо асолату рушд ва шукуфоӣ фарқ намояд (бартарӣ дошта бошад), то имконият фароҳам оварад, ки аз тақлиде, ки дар бандаш афтодаему аз домҳояш халосӣ меҷӯем, дуртар бошад.

# ФАСЛИ ДУВУМ

## РАВИШИ АНЪАНАВИИ ФИКРИ ИСЛОМӢ: НАҚД ВА АРЗЁБӢ

Аз он чи гузашт, бароямон маълум гардид, ки чӣ гуна нокомии роҳҳалҳои тақлидӣ, хоҳ таърихӣ бошад, хоҳ бегона дар гузари асрҳо собит шудааст ва чӣ гуна он наметавонад равиши дурусте барои ислоҳ бошад, сарфи назар аз гузашти вақту такрори таҷрибаҳо. Инчунин, барои мо маълум шуд, ки буҳрони ин уммат буҳрони марбут ба имконияту захираҳо нест, балки танҳо буҳронест, ки ба паҳлуҳои маънавии ин уммат бастагӣ дорад.

Ҳамзамон, барои мо маълум гашт, ки буҳрони маънавии уммат ин буҳрони ақидаву арзишҳо ва асосҳо нест, балки танҳо буҳрони фикру равиш (барномарезӣ) аст. Дигар ин ки ин буҳрон ҳанӯз аз замонҳои дур сарчашма мегирад, решаҳои он ба дигаргуншавии пойдевори сиёсӣ ва он чӣ думболагирӣ он аз гӯшанишинии роҳбарияти фикрӣ ва худдории он дар робита ба масъулияти иҷтимоӣ буд, ки боиси исти рушди ҷараёни фикрӣ ва равиши илмии иҷтимоӣ гардид, бармегардад, ки умматро ба нотавонӣ аз ҳамгом шудан бо дигаргуниҳову пешрафтҳо ва бархӯрдҳои нерумандшудаву пайҳамомада оварда расонид.

Аз ин бармеояд, ки ин буҳрон – буҳрони тавони ҳамгомӣ доштан бо дигаргуниҳову бархӯрдҳои тамаддунӣ, танҳо бо ислоҳи ҳаракати ақли мусулмон, ислоҳи равишҳои фикри мусулмон, бунёни барномарезии илмӣ-иҷтимоӣ, ки онро барои додугирифти мураттаб бо ҳаёти иҷтимоӣ ва бо тамоми он чӣ марбут ба моҷароҳову рӯйдодҳо, бархӯрдҳову робитаҳо ва сириштҳост, созгор месозад, ҳалли худро меёбад. Зеро вақ-

те барнома (равиш) дуруст бошад, фикр низ дуруст мешавад ва ба ӯ имконият медиҳад, ки умматро барои фаъолиятҳову ниёзҳояш бо неруи зарурӣ пурра таъмин созад, ба гунае ки аз он дар талошҳои бунёну ислоҳ ва ободкориву рӯёрӯӣ бо муқовиматҳо истифода намояд.

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки рафта, аз наздик ба равиши ақл ва фикри мусулмон назар андозем, то онро хуб дарк созему ба сабабҳои зиёну камбуд дар он ошноӣ пайдо кунем, то нақшаҳои ибтидоиву умумиеро ҷиҳати ислоҳ ва поягузории асосҳои он тарсим карда тавонем.

## 2.1. УСУЛ: ТАЪРИФ ВА ТАВЗЕҲ

Мақсад ин ҷо аз равиши таърихии фикри исломӣ ҳамон чизест, ки бо илми *усули фиқҳ* маъруф аст. Зеро он муҳимтарин бахшеро дар равишсозии асосии ҳалқаи омӯзаҳои исломӣ таҷассум менамояд. Вақте мавқеи пажӯҳандаҳо нисбат ба ин илм ва он чӣ ба он дар давраҳои баъдии асри аввал ва даврони *иҷтиҳод* марбут аст, чун мавқеъгирии онҳо ба мавқеъгирии думболанамоиву тақлид бастагӣ дорад, мавриди мулоҳиза қарор гирад, метавон онро бо равиши тақлидӣ номгузорӣ намуд.

Асосҳо ва қоидаҳои умумии ин равиш дар аслу умумияти худ ҷойгоҳи асилу худбахудии табиати фикри исломӣ ва бастагии онро ба дину рисолат инъикос менамуд ва ин рӯҳия ба беҳтарин сурат дар андешаи даврони хилофати рошидин, посдориву муназзамсозӣ ва иҷтиҳодоти он таҷассум ёфтааст, ки ба ваҳй ҳамчун сарчашмаи ҳидояту раҳнамоӣ ва ба ақлу *иҷтиҳод* ҳамчун абзори дарки ваҳйу хубпазироии он ва барои омӯзиши асосҳову ниҳодҳо ба хотири эҷоди роҳҳалҳову конунҳо ва ҳукмҳову сиёсатҳо эътимод менамуданд.

Дар даврони *иҷтиҳоди* баъдӣ ва замони ҳамзистӣ байни роҳбарияти сиёсӣ ва фикрӣ андешамандони исломӣ ҳанӯз ба аҳди паёмбариву хилофат ва амалнамоӣ наздик буданд,

аз ин рӯ, мебинӣ, ки онҳо бар асоси ин равиш рушд ва таълиф кардаанд. Вале бинобар канораҷӯии сиёсӣ, ки бар ҳалқаҳояшон ҳукмрон шудан гирифт, онҳо оҳиста-оҳиста рӯ ба таълифу пажӯҳиш ва омӯзиш ва усулгузории бахшҳои вижае ба омӯзишҳои матнҳои Қуръони кариму Суннати поки набавӣ ва он чӣ ба фаъолиятҳои ашхос аз ибодатҳоу муомалот бастагӣ дорад, оварданд, бе он ки ба корҳои сиёсиву ҳукмронӣ ва конунҳои ҷомеаву мустақилияти гурӯҳиву умумии он таваҷҷуҳи ҷиддие дошта бошанд. Ба ин гуна он барномасозии усулӣ, чи тавре аз ҷониби донишмандони даврони гузашта ташаккул ёфт, бо шароите, ки дар он пайдо шуда буд, созгор гашт, дар ҳоле ки дар он маврид донишмандон дигар роҳе надоштанд. Аз ин рӯ, куллиёти он ба таври умум барои рушду атои бештар созгор гашт ва ин рушди матлуб масъулияти наслҳои баъдинае буд, ки бояд роҳро бо рӯҳияи асолат думболагирӣ менамуданд, на бо тақлид, то имконияти таомул бо он равишу бархӯрдорӣ аз он ва бунён бар он барои пайгирии он аз шароиту дигаргуниҳо ва имкониятҳову ниёзҳо ва муқовиматҳо пайдо мешуд ва бо он ҷавобгӯ мегардид. Дар натиҷа он равиш рушду инкишоф меёфт, то асару атоаш тибқи ниёзи муосир ба арсаҳои гуногуни зиндагӣ ва маърифат мерасид ва дар бештари мавրид танҳо ба доираи ҳукмҳову бахшҳои қонунӣ дар арсаҳои зиндагии фардӣ маҳдуд намегашт. Ба ин тартиб фикри исломиро бо фарогир будану асолат, *иҷтиҳоду* комилшавии сарчашмаҳоу донишҳояш пос медошт.

Барои арзёбӣ ва накд беҳтар аст бо гузориши гузарое оғоз намуда, тавассути он ба куллиёти равиши тақлидии фикри исломӣ ба гунае ки имрӯз медонем, ошно шавем. Сипас ба муҳимтарин тарзҳои арзёбиву накд барои ин равиш ва масъалаҳои бузурги он дар гузари таърихи уммат нимнигоҳе хоҳем намуд.

Чӣ тавре имрӯз медонем, сарчашмаҳо ва асосҳои умумии равиши фикрии исломӣ дар он чӣ бо илми *усули фиқҳ* маъруф аст, таҷассум ёфтааст. Ин илм ё қоидаҳои умумии он танҳо

бадеҳиёт (аксиома)-и ақли исломӣ ва асосҳову қоидаҳои умумии он ба гунае ки Ислом овардааст, мебошад, ки андешаву амал ва танзими исломӣ дар асри аввали Ислом ба таври худкору фитрӣ ба он амал менамуд. Аммо усул ҳамчун илм маҳз аз ҷониби қишри донишмандони бузурге аз *тобеин* ва табаатобеин, ки баъд аз заволи давлатдории хилофати рошидин ба майдон омада буданд, ташаккул ёфт. Китоби «ар-Рисола»-и Имом Шофеӣ (150-204 ҳ.) нахустин таснифи илмӣ дар арсаи барномарезии фикри исломӣ ва илми усул мебошад.

Сарчашмаҳову воситаҳои асосӣ ва қоидаҳои умумие, ки ин илм ва ин барнома бар он асос ёфтаанд, дар ду гурӯҳ таҷассум меёбанд: гурӯҳи асосӣ ва гурӯҳи фаръӣ. Гурӯҳи асосӣ аслан аз пажӯҳишҳои марбут ба Қуръони кариму суннати набавӣ, иҷмоъ ва қиёс ташкил меёбад, аммо гурӯҳи дувум, ё худ усули дувумдараҷа ё далелҳои ихтилофӣ, аз маҷмӯаи қоидаҳову хостагоҳҳо ва сарчашмаҳое таркиб меёбад, ки ба таври хулоса аз фаъолиятҳои *иҷтиҳоди* исломӣ, дарки воқеияти зиндагии иҷтимоӣ бо назардошти посдорӣ ва иҷроиши ҳаётӣ аз дидгоҳи Ислом асос ёфтааст. Шумора ва аҳамияти ҳар яке аз ин усул аз нигоҳи як мактаб ба мактаби дигар ё аз нигоҳи як мазҳаб ба мазҳаби дигар фарқ менамояд. Муҳимтарин усули фаръӣ иборат аст аз: *истеҳсон*, манфиатҳои мурсала, *истисҳоб*, саддузароеъ, *урфи саҳеҳ*, суханони саҳобагон, амали аҳли Мадина ва ғайра.

**Донишҳои шаръӣ ва ғайришаръӣ**

Дар асоси тақсими мазкури равиши фикри исломӣ ба усули асосӣ, ки ба матнҳои Қуръону Суннат ва масъалаҳои бунёнёфта бар он аз қиёсу иҷмоъ вобаста аст ва ба усули фаръӣ ё дувумдараҷа, ки ба ҳолатҳои *иҷтиҳод* ва нигоҳ кардан ба ҳаёти *иҷтиҳоди* рӯйдодҳои он марбут аст, дармеёбем, ки ҳанӯз аз он замон донишҳо ва маърифати исломӣ ба донишҳои шаръӣ ва донишҳои ғайришаръӣ тақсимбандӣ шудаанд.

Ба ин тартиб аз он замон метавон мулоҳиза намуд, ки сифати фарққунандаи донишҳои шаръӣ истинод (такя)-и онҳо

ба истинботи (хулосагирии) фиқҳӣ аз Қуръону Суннат мебошад. Бар асоси ин мабдаъ як даста илмҳои шаръӣ пайдо гаштанд, ки тақсимоташон чунин аст: донишҳои қуръонӣ ва Суннати набавӣ, донишҳои фиқҳӣ, донишҳои ақидавӣ ва донишҳои забони арабӣ.

Сабаби пайванди донишҳои забони арабӣ ба омӯзаҳову донишҳои шаръӣ ва таваҷҷуҳи донишмандон бар он равшан аст, зеро омӯзиши забони арабӣ унсури асосие дар омӯзиши матнҳои Китобу Суннат ва истинбот аз онҳо ба шумор меравад.

Воқеан, ин тақсим ва ин ҷудоӣ дар сохтори равиши исломии фикр барои мо ниҳодани илми ақида ё илми каломро дар поёни рӯйхати омӯзаҳои шаръӣ равшан мекунад. Ва ин ба он хотир аст, ки илми калом, ҳарчанд мавзӯаш омӯзиши ақидаи исломӣ аст, аммо ворид шудани он ба доираи омӯзаҳои мазҳабу оинҳо; нуфузи мантиқ ва дидгоҳи фалсафаи юнонӣ ба соҳаи он; дур монданаш аз доираи диди истинботӣ дар матнҳо, диде, ки донишмандони динӣ ба он тамаркуз намуда, дар гӯшанишинии илмии худ дур аз фаъолияту масъулияти сиёсӣ-иҷтимоӣ ба он машғул мегаштанд, сабаб гашт, ки ин илмро дар поёни асосҳои донишҳо ва омӯзаҳои шаръӣ қарор дод ва онро мавриди кашмакашу ихтилофи байни сафҳояш гардонид. Ба ин тартиб илми ақида ҳамчун сарчашмаи нотавонӣ ва маншаи беқувватшавии фикри уммат боқӣ монд ва уммат далеле барои ҳаракати конунҳову сохтори иҷтимоиву тамаддунии рушкунандаву дигаргуншаванда ба ҷо нагузошт. Дар натиҷа доираи донишҳои ҷузъии фиқҳии ҳаётӣ аз доираи донишҳои ақидавии куллии раҳнамососзанда ҷудо гаштанд ва дар сохтори дидгоҳи исломӣ ба таври комил фароҳам наомаданд, ки ин ба костагиҳо дар ҳар ду доира: доираи куллии ақидавии раҳнамоикунанда ва доираи татбиқии илмии басомоноваранда ва ба нотавон гаштани ин ду дар муқобиланамоии ангезаҳои дигаркунандаву муқовиматсозанда оварда расонид.

Ҳангоми арзёбӣ ва нақд беҳтар аст, ки ба асосҳои умур ва пояҳои асосӣ дар чорчӯбаи фикри тақлидӣ назар карда ша-

вад, то имконият пайдо намоем, ки костагиҳое дар фикр ва сабабҳои онро дарк созем ва аз ин самт баислоҳи мушкилоти он пардозем.

Нахустин усули асосӣ Қуръони карим ва Суннати набавӣ мебошанд. Муҳимтарин чизе, ки дар мафҳуми ин ду асли асосӣ мулоҳиза мешавад, ин аст, ки аслҳои омӯзиши ин ду дар чорчӯби равиши тақлидӣ буда, ҳамон аслҳои забонии назариявӣ-таърихӣ мебошад. Дар ин маврид омӯзиши илмии Ислом омӯзиши назариявие мегардад. Аммо дарку фаҳми рӯйдод, имкониятҳову ниёзҳо ва бархӯрдҳо масъалаи дувумдараҷа маҳсуб гашта, танҳо ба бархӯрди пажӯҳанда ва фаъолияти ҳаётии ӯ истинод менамуд. Аз ин ҷо сабаби чира гаштани равиш ва фаҳми шахшудаи забониро дар асрҳои баъдӣ бар омӯзаҳои исломӣ ва қатъ шудани иҷтиҳодро пай мебарем. Чунончи шоистагии донишмандони бузургеро дар тӯли таърихи исломӣ дар масъалаи *иҷтиҳод* медонем, ҳарчанд *иҷтиҳод* чандин аср пеш аз онҳо қатъ шудааст. Ин ба он хотир аст, ки равиши омӯзиш ва фаъолияти онҳо дар зиндагии иҷтимоӣ-сиёсӣ онҳоро аз шинохти донишҳои замона ва ошноӣ ба воқеияти зиндагии уммат бархӯрдор сохтааст ва имконият додааст, ки ба диди мавзӯии имкондошта назар намоянд, на диди пурра лафзӣ. Ва ин ба ҳамон суратест, ки зиндагии саҳобагон (р) ва донишмандони бузурги асри аввали *иҷтиҳод* ба он гуна буд.

Дар чорчӯби тақлидии омӯзишҳои Қуръони карим ва Суннати пок омехтагӣ байни ин ду, ҷадал бар ҷойгоҳ ва алоқамандии онҳо ба якдигар печидагӣ ба назар мерасад, ба гунае ки ҳатто дарки мавзӯии возеҳу қатъӣ барои саҳми бартари ҳар яке аз онҳо ва пешниҳоди вижаи он ба назар намерасад. Аз ин рӯ, дар омӯзиши муосири Қуръону Суннат нуқтаи назари тақлидии таърихӣ, андешаи *насх* ҳукмрон гашта, фалсафаи сиёсати шаръӣ, ҳадафҳои шариат, дар ҳаракат будани фиқҳу фикри исломӣ нобуд гашт ва дар бештари андешаҳо фосилаи замониву маконӣ ва ҷойгоҳи матни ҷузъӣ аз асли хулосавии ваҳй ва сиришти инсониву офаринишӣ аз байн рафт. Дар ҳоле

ки ин дар асли равиши Суннати поки набавӣ ва фаъолиятҳои хулафои рошидину саҳобаи киром дида намешавад. Омӯзишҳои Суннати поки набавӣ ба омӯзишҳои печидаи беохире табдил ёфтааст, ки сарфи назар аз гузашти солҳову асрҳо бар он ва тадвини он дар бештари маврид ба расмиёти ривояту санад таваҷҷуҳ карда мешавад. Ба ин тартиб далолату маонӣ, ҳадафҳову ғояҳои Суннати поки набавӣ ба ғайр аз чорчӯби забонӣ дигар аз барномаи муносиби пажӯҳишу ғамхорӣ ва таҳқиқи он бархӯрдор нагаштааст.

Вақте дар далели иҷмоъ мӯшикофона менигарем, дармеёбем, ки мақсад аз иҷмои усулӣ ин ҷо иҷмои ифодакунандаи маънои раъйи бештар ва ё раъйи ҷумҳур нест. Мақсуд аз он иҷмои мутлақ аст, ба гунае ки барои муориза ва ихтилофи аҳаде фурсат намедиҳад. Аз ин рӯ, барои пажӯҳандагон собит гардид, ки ин навъи иҷмоъ, дар кадом қишрҳое набошад, танҳо дар корҳои асосие амалӣ мешавад, ки барои он насҳо ворид шуда бошад. Дар ҳоле ки дар ин маврид, яъне дар баробари далели китоб ба ҳеҷ гуна иҷмоъ ниёзу эътимод нест. Ин иҷмои усулӣ аз нуқтаи назари тақлидӣ танҳо аз ҷониби донишмандони мутахассису варзидаи омӯзаҳои Қуръону Суннат мавриди эътимод қарор гирифтааст ва ин иҷмоъро (агар амалӣ шавад) масъалаи назариявие гардонидааст, ки ба ниёзҳои мардум ҷавобгӯ нест, на ба ақлҳои онҳо паёме мефиристад ва на бо онҳо пеш меравад, на дар иттифоқоти онҳо таҷассум мегардад ва на қаноатмандӣ ва ё мусоидати онҳоро ба даст меоварад, дар ҳоле ки дар баробари бахшҳои назариявию академӣ боз бахшҳои воқеии иҷтимоӣ-сиёсӣ дорад. Ба ин тартиб ба гунаи рӯйдоде мебошад, ки ҷудоии байни роҳбарияти фикрии илмӣ ва байни роҳбарияти сиёсӣ-иҷтимоӣ заминагузорӣ менамояд. Инчунин, дар заминагузории рӯйдоди ҷудоӣ байни роҳбарияти фикрӣ ва роҳбарияти сиёсӣ ва идомабахшии он дар зиндагии уммат мусоидат менамояд. Дар натиҷа ҷомеа ба нестӣ рафта, ба ин гуна мафҳуми уммат ва ҷамоати мусулмон, ки дар ҳамбастагии саҳми ҳар ду гурӯҳ ва шаръияти онҳо бино ёфтааст, ба таври амалӣ аз байн меравад.

Ҳамин гуна иҷмои усулӣ мафҳуми пурра назариявиест, ки дар воқеъ сарчашмаи амалии назаррас ва услуби ҳақиқиеро барои пешниҳоди исломии иҷтимоиву сиёсӣ ва ҳаракаткунандагӣ ташкил намедиҳад ва дар робита ба масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ҳукму қонунбарорӣ дар ҷомеаи муосири исломӣ ба ҳеҷ дарде намехӯрад. Воқеан, иҷмое, ки бояд аз он огоҳӣ ёбем, навъи дигари иҷмоъ аст, иҷмоест, ки бо назардошти *иҷтиҳоду* шӯро сурат мегирад, нуқтаи назари коршиносон ва пешвоёни исломии ҷомеаро сарфи назар аз мавқеъҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва илмӣ ба таври васеъ дар бар мегирад ва раъйи мардум ва ризоияти онҳоро ба инобат мегирад. Ба ин маъно, ки ба раъйи аксарият таваҷҷуҳ намояд. Вақте иттифоқи онҳо атрофи як раъй ё як мафҳум номумкин гашт, пас, аксарияти уммат дар роҳбариятҳои ҳақиқиву масъулиятнок итлоқ мегардад. Ба ин тартиб байни омӯзиши назариявии академӣ ё раъйи хос, ё худ ризоятмандии махсуси шахсӣ, ки марбут ба додугирифтҳову муассисаҳо ва сиёсати умумӣ аст ва байни уҳдадории сиёсӣ ва қонуниву қонунгузорӣ дар зиндагии умум ва он чӣ аз осори илмиву маънавӣ ва ахлохиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҳосил мешавад, фарқ мегузорем.

Қиёс асли чоруми асосӣ мебошад, ки мақсад аз он назар кардан ба рӯйдодҳоест, ки дар мавриди онҳо дар Қуръони кариму Суннати поки набавӣ шарҳе ворид шудааст ва ин ба хотири ҷустани иллати муштараке байни он рӯйдодҳо ва байни ҳамгунҳои он аст, ки дар замони Паёмбар (с) ба вуқӯъ пайвастанд ва дар ҳар ду мавриди нисбат ба онҳо як ҳукм ҷорӣ гашт. Иҷроиши ин усул ба шакли дуруст асосан аз рӯйи пиндори устувории шакли куллии ҷомеа мебошад, ба гунае ки ҳар дигаргуние дигаргунии назарногиру рӯйдоди маҳдуде ба шумор меравад ва барои ёфтани ҳукме барои он ба рӯйдодҳои камаҳамияти гузашта назар ва рӯйдоди ҳамгуне, ки дар иллат ба он муштарак бошад, ёфта мешавад, то барои он ҳам чунон ҳукме карда шавад.

Бо густарда шудани сарзамини исломӣ, сершумор шудани халқиятҳо дар замони халифаи дувум Умар (р), бо гузашти асрҳову рӯзгорҳо ва дигаргуншавии шароиту имконот ва ниёзҳову бархӯрдҳо, пас, дигаргунӣ дар бештари ҳолатҳо дигаргунии ҷузъиву камаҳамият нест, балки ин тағйирпазирӣ аз бархе ҷиҳат густардаву фарогир мебошад.

Муҳим аст, ин нуктаро дарк созем, ки қиёси ҷузъӣ барои омӯзиш ва назар кардан дар бештари рӯйдодҳову дигаргуниҳо муносиб намебошад. Ба ин хотир ҳанӯз аз даврони қадим инкишофи усули тозаеро мебинем, ки ба кор бурда мешавад ва он асли *истеҳсон* (пазируфтан, эътироф кардани чизе, ки мухолифи шариат нест) аст, ки дар сарзамини Ироқ ва сарзаминҳои Форс ба майдон омадаву рушд кард. Дар партави он чӣ дар мавриди қиёс гузашт, метавон сабаби ба майдон омадани онро дар ин сарзаминҳо дарк намуд. Бе шак, ин натиҷаи пешравиҳои тоза дар сохтори ҷомеаи исломӣ дар даврони хилофати рошидин ва кишваркушоиҳои исломӣ ва густардагии он дар сарзаминҳои Ироқу Форс буд, ки дар он тамаддунҳову давлатҳои бешуморе қомат афрохтанд ва баъдтар пойдевори бузургтарин давлати исломӣ, яъне давлати Аббосӣ гардиданд. Ин ҳама ба барпо шудану рушди инкишофи аҳолӣ ва пешравиҳои иҷтимоию сиёсӣ ва тамаддунии бузурге оварда расонид, ки дар аҳди садаи аввал ва давлатдории Ислом дар Нимҷазираи Араб, ки бо вожгун шудани тахти хилофати рошидин дар сарзамини Ҳиҷоз нақши сиёсии худро аз даст дод, маълуму маъруф набуд.

*Истеҳсон* аз усули баъдинаи фиқҳӣ мебошад, ки дар рӯйхати усули фаръӣ рақами аввалро касб кардааст. Ба майдон омадани ин илм худ шарҳ медиҳад, ки фақеҳон аз пешравиҳое, ки аз мушикилоти иҷимоиву қонунгузорӣ, ба вижа дар шаҳрҳои бузург хабар медод, чӣ эҳсосе доштаанд. Бинобар таъсир бар барномарезии фикрӣ, маҳдуд нагаштан ба нуқтаи назари қиёси ҷузъӣ ва услуби он, ки бо қиёс кардани рӯйдод бо рӯйдоде ва воқеа бо воқеае сурат мегирифт ва гоҳе пажӯҳандаро гирифтори иллатҳо намуда,

аз дарки комили бахшҳои масъала дур мекард ва дар охир ба ҳукмҳое доварӣ мекард, ки ҳақиқати комил ва сурати фарогирро таҷассум карда наметавонист, ниёз ба мафҳуми *истеҳсон* ба майдон омад. Ва ин ба хотире, ки вақте фақеҳ аз қиёс чизе наёбад ва дар иллатгузорӣ ба иштибоҳ равад, тавонад, ки аз дидгоҳи ҷузъӣ ба дидгоҳи куллӣ гузарад ва ҳукм дар ин маврид ба он гунае бошад, ки рӯҳи шариату ҳадафҳо ва авлавиятҳои он талаб менамояд, пас, фақеҳ дар мавриди рӯйдод ҳукме намояд, ки мувофиқ ба Ислому рӯҳи он ва ҳадафҳову авлавиятҳои он аст.

Барои он ки масъалаи низоми исломӣ ва дигаргунии иҷтимоӣ ва фарҳангиро дарк созем, фақеҳонеро мебинем, ки ба ҳадди имкон ба нусус пойбанд буда, дар пазироӣ ва чанг задан ба далолатҳои ҳарфии он пофишорӣ намудаанд, вале дар муқобили дигаргуниву рушдёбӣ роҳе ба ҷуз таслим шудан ба таъсири ин дигаргуниҳои кулливу сифатӣ дар ҷомеа ва воситаҳову имконот ва ниёзҳои он надоштаанд. Аз ин рӯ, ночор равишашонро дар пойбандӣ ба маънои лафзии нусус ва дидгоҳи ҷузъӣ ба он сарфи назар карда, рӯ ба рӯҳи шариат, ҳадафҳо, авлавиятҳо ва куллиёти он оварданд. Мисоли ин мавқеи ин фақеҳон дар масъалаи нархгузорӣ ва нусуси он шуда метавонад, чунончи онҳоро мебинем, ки сарфи назар аз ҳадисҳои набавӣ дар ин боб ва сарфи назар аз майл доштан ба пойбандӣ ба маънои лафзии ҳадисҳо ва қиёси ҷузъӣ ба рӯйдодҳои суннат дар мавриди нархгузорӣ фатво медиҳанд. Сабаб дар он давр ин буд, ки агар ба нархгузорӣ фатво намедоданд, мавриди ситам қарор мегирифтанд. Аз ин рӯ, вақте ин масъалароислоҳи куллӣ карда натавонистанд, ба гунае ки бо танзимдорории иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таодули кулливо таъмин сохта, таодули бозорро бе нархгузорӣ ва ё дахолати зимомдорон дар ҳаракати бозор ва нархҳои коло барқарор созад, ба ҷуз фатво додан ба нархгузорӣ дигар чорае наёфтанд. Ба ин гуна ҷомеаро аз воқеъ шудан дар ноадолатии иқтисодӣ ва ғорат шудани ниёзмандон аз ҷониби соҳибкорон (соҳиби молҳо) ҳимоя намуданд.

## 2.2. ЗИНДА БА ГӮР КАРДАНИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ (ҶОМЕАШИНОСӢ)

Мулоҳизаҳои асосӣ дар мавриди хатҳои умумии сохтори барномавӣ ва усули фикри исломӣ, пайдоиш ва рушди пешинаи он бароямон ошкор месозад, ки усули фаръӣ танҳо қоидаҳо, сайри дидгоҳи ақлии исломиро дар зиндагие, ки мавриди роҳнамоӣ ва ҳидояти шариат аст, бо он чӣ дар он аз воқеаву рӯйдодҳо ва низомҳову ҳамбастагиҳост ва он чӣ аз умури сириштиро дар конунҳои равонҳо ва коинот дар бар мегирад, таҷассум менамояд; ва чӣ гуна усуле, ки бахши *иҷтиҳоду* дидгоҳи ақлиро дар зиндагӣ ва вазъият таҷассум менамояд, дар барномасозии фикри исломӣ ва сарчашмаҳои маърифативу раҳнамунсозӣ ва бунёни он дар баробари ваҳй қисмати дувуми асосиро, ки ҳамон сиришт, яъне ақл, хислатҳо ва қонунҳои илоҳӣ дар нафсҳову коинот мебошад, ташкил медиҳад.

Ҳарчанд ин бахши усул пойдевори гузариш, амали *иҷтиҳодиву* татбиқиро ташкил диҳад ҳам, вале таснифи он ҳамчун бахши фаръӣ ва дувумдараҷа ба таври назаррас халалу ҷудоиро дар дастгоҳи маърифату барномаи исломӣ, ақли исломӣ, ки ҳокимияти худро бар фикру зиндагии исломӣ ва фармонпазирии он ташкил кардааст, инчунин, бурриши роҳро дар таърихи исломӣ ба сӯйи халалу ақибмондагии низоми иҷтимоиву фарҳангӣ ва дурӣ аз ҳар гуна сифати раҳнамоии набавию ростӣ ва сатҳи амалкарди онҳо инъикос менамояд.

Натиҷаи ошкор ин аст, ки бинобар гӯшагирии роҳбарияти фикрии исломӣ ва маҳдуд будани таваҷҷуҳу машғулиятҳои иҷтимоӣ-сиёсии он қоидаҳои усули фаръӣ имконият наёфтанд, ки дидгоҳи илмии барномавии мушаххасеро оид ба аҳволи нуфусу коинот ва низомҳои иҷтимоӣ ташкил намоянд. Инчунин, ин омӯзишҳо ба монанди омӯзишҳои нусус рушд наёфтанд, то асоси *иҷтиҳоди* исломӣ бошанд ва бар чунин пойдевори иҷтиҳодӣ илмҳои сиришти инсонӣ-иҷтимоӣ ба монанди илмҳои ҷомеашиносӣ, инсонӣ ва риштаҳои омӯзиши онҳо, ки имрӯз маъруфанд, бунён шавад.

Воқеан, ибтидо аз фитнаи бузургу куштори халифаи рошидин Усмон ибни Аффон (р) ва барпо шудани Давлати Умавӣ, ки бо ҷудоӣ байни роҳбарияти сиёсӣ (роҳбарон) ва роҳбарияти фикрии исломӣ (донишмандон) маъруф аст, рӯйдодҳову кашмакашҳои сиёсӣ дар сарзаминҳои исломӣ боло гирифт. Роҳбарии масъули исломӣ аз ҳукмрониву масъулият канорагирӣ кард, ки ин ба заъфи неруи сиёсӣ ва заъфи таҷрибаи иҷтимоии роҳбарии масъули исломӣ оварда расонид. Дар навбати худ ин нукта фикри усулии исломиро аз рушду инкишоф бахшидани усулу қоидаҳои фаръӣ, тавсеабахшии он ва танзими он дар риштаи илмҳои барномавӣ ба равише, ки дар ҷодаи омӯзиш ва дидгоҳи нусуси исломӣ сурат гирифт ва боиси ба майдон омадани маҷмӯае аз илмҳои шаръӣ бо тамоми он барномаву қоида ва воситаҳои пажӯҳишу дид ва атои мушаххаси илмӣ дар риштаҳои муайяни илмӣ гардид, монеъ шуд.

Дар партави ин шаклдигаркуниҳои равиши фикрии исломӣ ва пайдоиши донишҳои он метавонем сабабҳои пастравии ташаббусоти ақли исломӣ, камрангшавии *иҷтиҳод* ва ибтикору ташаббус, бастани боби *иҷтиҳод* дар марҳилаи нахустини таърихи уммат ва чӣ гуна боқи мондани диди воқеии ақлиро дарк месозем. Яъне, омӯзишҳои конуни илмии ақлӣ ва сарчашмаҳои пешниҳоди онҳо дар фикри исломӣ масъалаи канорагузоштаву сарсарие дар фарҳанги муфаккиру фақеҳи исломӣ ва дар пешниҳодоти он мебошад. Барномаҳои илмии мураттаби он ҳанӯз ҳам ба он гунае ки аз диду таҷриба ва машғулияти шахсии фақеҳ ба даст омадааст, сурат мегирад. Ҷойи тардид нест, ки талошҳои инфиродӣ-шахсии донишмандон ва таҷрибаҳои ҳаётии онҳо дар бойгардонии фикри исломӣ тавассути мунокиша ва диди ақлӣ дар вазъият ва конунҳое, ки донишмандону фақеҳон ба онҳо бархӯрд менамоянд, таъсирашонро гузоштаанд. Вале талошҳои онҳо дар навбати худ нақшаи илмии барномарехташудаи муназзами диду омӯзиш ва пайгирии ақлӣ-илмиро дар мавриди ҳолатҳои сиришт дар партави роҳнамоии нусусу ҳадафҳои исломӣ ба шакл надаровардааст. Аз ин рӯ, фикри исломӣ, ба вижа фиқҳи исломиро мебинем, ки ба он андешаҳои иҷтимоии ис-

ломӣ роҳ ёфтааст, вале чизе пешниҳод нанамудааст, ки ҳамчун донишҳои иҷтимоии исломӣ ба инобат гирифта шавад ва он ҳам ба хотири тангии уфуқ ва ҷудоию гӯшагирӣ аз идома додани пешравӣ ва ба даст нагирифтани зимоми ташаббуси фикриву роҳнамоии масири зиндагии уммату ташкилотҳои иҷтимоии он ва мусоидати накардани он бо роҳҳалҳову ҷойгузинҳои зарурии фарҳангӣ ба хотири ҳамгомӣ бо имконилтҳову ниёзҳо ва муқовиматҳое, ки рӯбарӯ мешавад, будааст. Дар партави шинохтии имрӯзии худ аз шаклгириҳои ҳаракати фикри исломӣ ва барномаи он метавонем дарёбем, ки маҳз сабабҳои набудани омӯзишҳои фикрӣ-фиқҳии исломӣ, ки ба сурати назаррас низоми умум, ташкилотҳои умумӣ ва масъалаҳои хилофату сиёсатро дар китобҳои фиқҳи исломӣ ва донишномаҳои он ҳаллу фасл намояд; нодида гирифтани ин бахши муҳим, ки мафҳум ва гавҳари ҳастии уммат ба он такя мекунад ва вогузор намудани он ба андаке аз китобҳову таълифоти ихтисосие, ки бештари он ҳам тавсифиву сатҳист, онро камрангу беасар гардонидааст.

Ин чорчӯби фикрии аз ҷудоии байни роҳбарияти сиёсӣ ва фикрии исломӣ бархоста худро бар барномаи фикри исломиву таваҷҷуҳоти он ва бар донишҳои исломиву самтгириҳои он инъикос намуд, ки ин ба иғроқу муболиғанамоӣ дар омӯзишҳои тавсифиву нақлӣ, таваҷҷуҳ ба равиши лафзӣ ва ба он чӣ ба донишҳои забону адаб – илмҳое, ки барои эъроби матну истиноду бобгузорӣ ва шарҳи калимоту вожаҳои он заруранд, – бастагӣ дорад, оварда расонид. Ҷудоӣ ва равиши фикрии мазкур ба тақсим намудани ҳаёти иҷтимоии уммат ба ду бахш оварда расонид: яке қисмати шахсӣ ва дигаре қисмати умум. Муфаккирону донишмандони исломӣ дар умум ба қисмати шахсӣ ва масъалаҳои гуногуни он таваҷҷуҳ намуда, китобҳояшон бештар ба корҳои фардӣ ва ибодоту муомилоти он вижа гардонида шуда буданд. Ин қисмат дар шахсияти исломӣ алоқаи махсусе байни донишмандон ва афроди уммат гардид, ба гунае ки афроди уммат ҳаллу фасли корҳои худро ба андешаи донишмандону фатвои фақеҳон мегузоштанд. Аммо қисмати ом, ки ба ҳокимиятҳову ташкилотҳои умумӣ,

корҳои сиёсиву ҳукмронӣ ва нақшу ҷода ва ҳаракату амалкарди он бастагӣ дорад, аз ҷониби ҳокимону ҳукмфармоён фаро гирифта шуд ва кори он ба дасти мақомдорону нерумандон ва таассубгароёну манфиатҷӯён афтода, мавриди канорагирии донишмандону муфаккирони исломӣ аз он ва нодида гирифтани онҳо гардида, дидгоҳи эшон, инчунин, ақлгароӣ ва ҳолати равонии уммат, ба дасти ҳокимону гурӯҳҳои сиёсӣ афтод ва онҳо зимоми онро ба даст гирифта, бар пояи шакку нобоварӣ ва беқонунӣ бино намуданд.

Воқеан, ҳолати фикрии равонӣ – ҳолати гӯшагириву ҷудоӣ буд, ки донишмандон ва пешвоёни фикрии исломӣ дар он гирифтор ва дар дидгоҳи фикрӣ-илмӣ дар ҷодаи сиёсату иҷтимоёти ҳамагонӣ нотавон, дар пастравии конунҳову сиёсатҳои ҷамъиятӣ ва беқудратӣ аз роҳнамоии конунҳо ва нигаҳдориву рушд бахшидани онҳо тавассути посдории ҳадафҳову сатҳи амалкарду пешгирӣ аз ғӯта задан дар фасоду харобиҳову заъфҳо қарор гирифтанд. Аз ин рӯ, дар замири уммат мафҳуми уммату ҷамоат, давлату ҷомеа, ниёз ба чунин ташкилот ва боварӣ ба қонуниятҳои он камранг гашта, дар равони уммат неруҳои пойдорӣ бе инҳирофу пастравӣ шикаст хӯрданд.

Дар натиҷаи чунин ҷудоиву тақсимшавӣ, ноустувории исломии роҳбарияти сиёсӣ, набудани барномаи комили илмии тарбиявӣ-фарҳангӣ ва нотавошавии созмонҳои ҷамъиятию заъф пайдо кардани эҳсоси иҷтимоии ҷамъият ҳастии уммат ва нақши ҳокимияту қонуни ҳамагонӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ заиф гашта, уммат ба гурӯҳҳову қабилаҳо, давлатчаҳову дастаҳо ва шахсҳову мардуми фурӯмоя тақсим гардид. Бархе бар бархе дигар ҷанг мекунанд, дар ҳоле ки на дину на виҷдон ва ё на манфиате монеи онҳо шуда наметавонад; на азме бараяшон раво мегардаду на ба сари ҳарфе меоянд ва на зиёне онҳоро монеа мешавад ва на мусибате бедорашон мекунад. Барои ин уммат дигар эҳсос ва ҳастии ҷамъиятӣ намонда, ки мафҳуми ҷамоату уммат ва нақши онро дар сиришти халқиятҳои мусулмону замир ва амалкардҳои онҳо ташкил намояд. Барои ин уммат, воқеан, ҳамчун уммат ва ниҳоди ташкило-

ту раҳбариятҳо дигар чизе намондааст, ки аз дасташ бигираду ба он эътимод намояд ва аз моликият бархӯрдор созад, сафҳои онро ба низом оварда, ҳаракати иҷтимоиву фарҳангиашро роҳнамоӣ кунад.

Таҳти таъсири ин вазъу бероҳашавӣ дар ҳаракати уммат ва пора-пора шудани сафҳову пастравии конунҳои он гавҳари фикр ва тарбияи исломӣ дар тарбияву эҷоди шахсиятҳои уммату наврасони он ба фикри таҳдиду тарсонидан ва таслимшавӣ табдил ёфт, ба гунае ки ҳама пешвоёни сиёсиву иҷтимоиву фикрӣ, хоставу нохоста, онро мавриди амал қарор дода, ба сӯйи он фаро мехонанд ва дар шаклҳои зиёди гуногун ба он ташвиқ мекунанд.

### Корзори ақлу нақл ва осори манфии он

Муҳимтарин ҷудоиву корзор ва бархӯрд байни роҳбариятҳои сиёсӣ ва фикрӣ, ки мебояд ба он ишора карду онро пайгирӣ намуд, ин корзори даҳшатангези байни ваҳй ва ақл мебошад, ки аз он ҷудоии дигари ҷиддӣ бархост, ки он ҳам ҷудоии роҳи донишҳои шаръӣ (фиқҳӣ) аз роҳи илми калом (илми ақида ва тавҳид) мебошад. Ҷудоии мазкури байни илми ақида ва илми фиқҳ танҳо ҷудоии шакливу тахассусӣ ва академӣ не, балки ҷудоии фикрии ҷиддие буд, ки таъсири худро ба ҳамбастагии байни дину нуқтаи назар ва ҳадафҳои он ва байни зиндагии иҷтимоиву конунҳои он ба ҷо гузошт. Ба ин тартиб, илми ақида (идеология) махсуси масоили фалсафӣ, ақливу ҷадалӣ ва назариявӣ дар мавриди олами *ғайб* гардид, дар ҳоле ки ин на аз табиати ақли исломӣ асту на аз маъалаҳои он. Ин бошад фикри исломиро ба роҳҳои гумроҳкунандаи фикрие бурд, ки ақли мусулмонро вайрон карда, дидгоҳи исломиро таҳриф намуд ва осори манфие дар бофти равони исломӣ гузошт, хусусан, дар мавриди масоиле, ки ба *ғайбу шаҳодат*, ваҳй, ақлу имон, таваккалу сабаб ва ба масъалаҳои қазову қадар ва номҳову сифот бастагӣ дорад, инчунин, рӯйхати тӯлонии бефоидае аз гумонҳову фиребҳо, баррасиҳову сафсатаҳо ба масоили пешӣ замима мегардад, ки дар бештар мавридҳо барои

уммат ва фикру сохтори равонӣ ва бофти ақидавии он хайре надошт. Натиҷа ин шуд, ки фиқҳ ва фикри исломӣ аз сохтори худ ақидаи назариявиеро, ки асосҳои ақидаву ҳадафҳо ва куллиёти онро ташкил медиҳад ва бидуни он ақлу фикри мусулмон ва сохтори иҷтимоии мусулмон наметавонад ҳаракати рушдбахши иҷтиҳодии муназзамсози худро идома диҳад, ҳазф намуд. Ҳамин гуна ақлу фикри мусулмон пойбанди барнома ва илми ҷузъию тавсифие гардид, ки дар бештари мавридҳо аз рушду нумӯ, расидан ба вазъияту дигаргуниҳои равонҳову коинот, муҳитҳои гуногуну вокунишҳо ва ниёзҳову имкониятҳо ва талаботҳои замониву маконии он оҷиз аст.

Аз масъалаҳои манҳаҷии анъанавии фикри исломӣ, ки шароити гузаштаи фикри исломӣ, таъсири ҷудоии андешамандон аз сиёсатмадорон ва гӯшагирӣ аз воқеияти масъулияту мубо特ризаҳо ва дигаргуниҳоро инъикос менамояд ва танҳо бо барномасозие ҳаллу фасл нагашта, то ҳанӯз дидгоҳи бисёриҳоро зери парда қарор додааст, ин масъалаи *насх* (бекоркунӣ, лағвосозӣ)-и матнҳои Қуръони кариму Суннати поки набавӣ мебошад. Чунончи андешаи роиҷу машҳур дар мавриди мафҳуми *насх* дар бештари ҳолатҳо ҳукму роҳнамоиро танҳо барои насси баъдӣ ва бекор кардани мафҳуму ҳукмҳои пешин исбот менамояд. Ин лағвсозӣ ба зарурати ҳолате, ки ҳукм ва ҳикмати қонунгузории ҳукмҳои пешин атрофи он чарх мезанад, инчунин, таваҷҷуҳу таҳлили шоистае ба он амр наменамояд. Ба ин тартиб мафҳуми *насх* дар шариати исломӣ ба мафҳуми насхи ҳукмҳои гузоштashудаи инсонӣ наздикӣ дорад, ба гунае ки ҳукми баъдӣ ҳукми қаблиро, сарфи назар аз мухталиф будани ҳолату гуногун будани вазъият, бекор мекунад.

Ин мафҳум ба шакли умум ҳукмҳои шариат, асосҳои иҷтимоӣ ва фаъолиятҳои ҷамъиятии исломиро ба сурати ҷомеаи Мадинаи мунаввара ва давлатдории он дар марҳилаи охир тасаввур месозад, ки баъд аз фатҳ ба охири зиндагонии Паёмбари Худо (с) рост меояд. Дар ин маврид пояҳои давлату ҷомеа пойдор гашта, конунҳо дар ин давлати неруманд, ки ба ҳама қабилаҳои араб ва Нимҷазираи араб ҳукмронӣ мена-

муд, ба низом даромадаву устувор гардиданд. Ростӣ, ман ба ин давра «Аҳди дувуми маданӣ» ном гузоштам. Фарқи ин аҳд аз «Аҳди аввали маданӣ» ин аст, ки аҳди аввал давраи тарсу нотавонӣ ва назарногирӣ, инчунин, пойдеври сохтани ҷомеаву давлат, мубориза алайҳи душманони сершумору неруманд буд. Ин нукта сабаб гашта, ки муддати аҳди набавӣ ва ҷомеаи замони Паёмбарро ба се қисм ва ё се марҳила тақсим намоям. Марҳилаи аввал «Аҳди маккӣ» ё «Марҳалаи маккӣ» аст, ки марҳилаи пайдоиш ва ташкилшавиро дар бар мегирад. Ва ин бо истифодаи услуби даъвату таблиғ, ташаббусоти фардӣ зимни низоми иҷтимоии вуҷуддошта, ки ислоҳу дигаргунияшро дархост менамуд, тавассути нақду фаҳмондадиҳӣ ва пешниҳоди шаклгириҳои наву асосҳои кулии асливу ивазкунанда алайҳи асосҳову низомҳо ва амалкардҳои ақидавӣ-иҷтимоии роиҷи фосидшуда, ки ба тағйиру барҳам додани он умед мерафт, сурат мегирифт. Воқеан, ин аҳде буд, ки марҳилаи тарҳи асосҳои ақидавӣ, тасаввуроту роҳкорҳои куллие ба сӯи ислоҳу дигаргуниеро таҷассум менамояд, ки бар асоси он чораҳову ҷойгузинҳо сохтаву поягузорӣ мешаванд.

Бо нигоҳи кулли метавон дар ҳаракати Қуръону паёмбарӣ роҳкорҳову сиёсатҳоеро дид, ки бо аҳволу шароити гуногуну мухталиф муомила карда, бо асосҳову арзишҳои аз як сарчашма бархоста пеш рафтааст.

Аз ин рӯ, «Аҳди маккӣ» марҳилаи кору даъват ва ислоҳро бо ҳадафҳову мақсадҳои ақидавиву фарҳангии нав тасвир менамояд. Ин марҳила бо устувориву даъват ба гуфтугӯ ва ба муҳимтару фарогиртару шомилтар тавсиф мешавад. Ва он ҳолати сиёсие вижаи гурӯҳу бознигарии низому роҳнамоии гавҳари он буд, аз ин рӯ, танҳо ба мабдаъ ва масъалаи асосӣ рӯ оварда мешуд ва додугирифт (муомила) бо он танҳо бо услуби сиёсӣ сурат мегирифт. Аз ин рӯ, Паёмбар (с)-ро мебинем, ки бедухӯрагиву дудилагӣ ба истифода нанамудани зӯрӣ ва дар ҷавоби зӯрӣ зӯрӣ нанамудан – ҳарчанд пайравонаш чӣ қадар озору ситаме бинанд ҳам – исрор меварзад, то нигоҳ аз масъалаи асосӣ дур нашавад. Масъалаи мазкур ма-

съалаи дигаргунӣ ва ислоҳ мебошад ва он дар асл масъалаи сиёсии ҷамъиятӣ аст. Зеро сиёсатмадор танҳо бо воситаҳои сиёсӣ, истифода накардани қувваву зӯрӣ, посухи дуруштиро бо дуруштӣ надодан, бо тамаркузу дидгоҳ ва меҳрубонӣ дур аз омилҳои таъсирасону нафратангезиҳо ва печиданамоиҳову ҷузъиётҳо тағйир медиҳад.

Мақсуд аз «Аҳди аввали маданӣ» ба замони пеш аз сулҳи Ҳудайбия аст, ки дар он вақт мусулмонон давлаташонро ташкил намуда, бо ҳама қабилаҳои арабиву яҳудӣ, ҳуҷумҳову аҳдҳо, гурӯҳҳову найрангҳои эшон бархӯрд намуданд. Дар ин маврид сифати асосии ин давраро дар чанг задани ҷамъият ба волотарин шакли пойдориву худфидокунӣ, ба кор гирифтани сахттарин ва ҷиддитарин тасмимот дар бархӯрд ба душману задани сангарҳои он ва бо таҳдиду тарсонидан посух додан ба таҷовузи душману монеъ шудан аз таҷовузаш бар мусулмонон дармеёбем.

Аммо «Аҳди дувуми маданӣ» давраи баъд аз сулҳи Ҳудайбия аст, ки дар он ҷомеаву давлати исломӣ устувор гардида, аз пирӯзиву ғалаба бархӯрдор шудааст ва дар робита ба душманон тарафи неруманд гаштааст. Аз ин рӯ, мо дармеёбем, ки ин давра, аз як тараф, бо комил шудани танзимоту тартиботи иҷтимоӣ, таъкид ба қонунҳои низоми сиришти ҷамъият, ҳимояи ҳувияту ҳастӣ ва бардавомии он фарқ карда, аз тарафи дигар, давлату ҷамъиятро ороста шудан ба хештандориву додугирифти хуб дар робита ба душманону ҳамсояҳо водор менамуд, чун ин дар тавони давлати исломӣ буда, барои моил намудани дилҳо, таъмини устувориву амал ва ҳамкорӣ муассиртар буд.

Боз мебинем, ки услуби илм ва сифати қонунгузорӣ, ҳарчанд дидгоҳу ҳадафҳои дорои як табиатро таҷассум кунад ҳам, ислоҳоту сиёсатҳои вобаста ба вазъияти он давраву шароите, ки ба он бархӯрд менамуд, инъикос мекард, инчунин, таъсиргузорӣ бар шароиту роҳнамоии он ва ба даст овардани самараву натиҷаҳои дилхоҳи илмиро ҳадаф қарор медод.

Ҳар натиҷаи амалу қонунгузорӣ дар ин марҳилаҳои гуногун табиати узвият, гуногуннавъиву сарнавишт ва роҳҳалҳоро фаро намегирифт, аз ин рӯ, он ба фикри уммат ҷиноят карда, ҳаракати онро ба таъхир андохт ва ҳидояти исломиро ба бандҳои таҳтуллафзиву назариявӣ табдил дод, ки вазъияту омилҳои таъсиргузор дар он, сиёсатҳову стратегияҳои ҳаракаткунандаеро, ки барои ҳар марҳилае муносиб аст, дарк наменамуд.

Воқеан, *насх* ба маънои бекорнамоии баъдӣ қаблиро ҳамгуни равиши пурраи қонунӣ-академӣ мебошад, ки дар ин давра танҳо дар мавриди қонунҳои баровардаи парлумонҳову депутатҳо ҷиҳати устувор намудани қарорҳо дар идоранамоии ҷамъиятҳое, ки аз он фармон мебаранд, амалӣ карда мешаванд. Он чӣ баъд содир мешавад, амали он чиро пештар содир шуда буд, бекор менамояд. Дар ҳоле ки ин амр ғайри масъалаи роҳнамоии ваҳйу рисолат ва истинод ба он ҳамчун сарчашмаи ҳидояти масири инсонӣ дар тӯли замину наслҳову замонҳо мебошад.

Насх ба маънои роиҷи анъанавии худ мафҳуми шахшудаеро дар равиши фикри исломӣ инъикос менамояд, ки бе мулоҳиза намудани фарқияти байни табиати ҷамъиятии Қуръони карим ва табиати Суннати поки набавӣ, ки дар умум тарафи тавзеҳу амалисозӣ ва амалкардро таҷассум менамояд, корбурд мешавад. Инчунин, ин маънои *насх* нотавонии дарки ҷойгоҳи замону макон дар амалисозиву амалкарди нусусу алоқаи бархе ба бархе дигар ва ҳамбастагии он ба сиришти равонҳову коинотро инъикос менамояд, ки аслан, аз хуб дарк накардани нусусу ҳақиқати ҳадафу роҳнамоии он маншаъ мегирад. Ин нуктаро маҳдуд будани таваҷҷуҳ ба сабабҳои нузули оёти Қуръони карим ва андак будани таълифоту нусусе, ки шароити нузулу сабабҳои онро фаро гирифта тавонад, таъйид месозад. Аммо илму таваҷҷуҳ ва таълиф дар мавриди он чӣ ба Суннати поки набавӣ, шароите, ки суханону амалҳои Паёмбар (с), сабабҳову тартиби замонии онҳо бастагӣ дорад, ночизтару нодиртар мебошад.

Маънои роиҷи манҳаҷии анъанавии *насх* дар чорчӯбаи омӯзишҳои усулӣ-манҳаҷӣ ба маънои эътироз ва бекорнамоии қонунгузориҳои вазъӣ (инсонӣ) монанди мафҳумест, ки ба эҳсоси пажӯҳандаву муфаккир ва қонунгузору пешво ҳангоми таваҷҷуҳ намудан аз мавқеи замониву маконии худ ба замони Паёмбар (с) ҷиҳати даст ёфтан ба шинохти ҳукмҳову эҷоди сиёсатҳову тасаввурот ва роҳҳалҳо барои шароиту ниёз ва бархӯрдҳое, ки ӯро фаро гирифтаасту дар бештари маврид сохтору тартиб ва авлавиятҳои он аз вазъияти замони Паёмбар (с) тафовут дорад, зарба мезанад. Ҳарчанд ин шароиту ниёзҳо дар бархе ҷиҳат ба замони Паёмбар (с) монанд бошад ҳам, дар бештари ҷиҳатҳо ба як вазъият ё як рӯйдод ё як марҳилаи муайяни замони Паёмбар (с) ва марҳилаҳову шароитҳои он мутобиқат наменамояд.

Пажӯҳандаи мусулмон имрӯз мушоҳида менамояд, ки маънои *насх* ба ҳамон гунаи анъанавӣ чандин пояҳои асосии ваҳйу рисолатро тавассути бекорнамоӣ садди роҳ мешавад ва равишҳои рисолату меъёрҳое, ки дар охир нозил гашт ва он чӣ амалкардҳои Паёмбар (с) ва ниёзи мусулмонон дар «Аҳди дувуми маданӣ» тақозо мекард, маҳдуд мегардад.

Намунае аз таъсири манфии *насх* ба ин маъно масъалаи робитаи байни мусулмонону ғайримусулмонон ва он чӣ дар ин замина аз мафҳумҳои даъвату робитаҳои фарҳангии байналмилалӣ ба майдон меояд, ба шумор меравад. Инчунин, масъалаи алоқаи марҳилаи маданӣ марҳилаи маккӣ, имконияти ба майдон омадани робитаи таносухии байни онҳо ва асари ин ба кори даъвату қонунгузории исломӣ ва стратегияҳои сиёсии исломӣ дар ин замон мебошад.

Дар масъалаи робитаҳои мусулмонон ба ғайримусулмонон ояти шамшер (сайф)-ро, ки Худованд мефармояд:

*«...ҳар ҷо, ки мушриконро ёфтед, бикушед....»*
*Сураи «Тавба», ояти 5.*

Мебинем, ки намунаи ошкореро аз осори манфии роиҷ дар равиши насхи анъанавӣ нишон медиҳад. Чунончи ояти мазкур дар охири «Аҳди дувуми маданӣ», дар замони бархӯрдории мусулмонон аз неруву пирӯзӣ ва дар бархӯрд бо мушрикони араб нозил шудааст, чун онҳо сарфи назар аз гузаштани беш аз бист соли даъвату сулҳхоҳӣ ва накуиву шикебоии мусулмонону давлати исломӣ боз душманӣ бар мусулмонон ва зулму ситам бар онҳо ва аҳдшиканиро ба ифрот расониданд. Дар натиҷа Қуръони карим ба пайкори хунини мушрикони сангдили ваҳшӣ, ки ҳанӯз ҳам дар шакли ибтидоии иҷтимоиву фарҳангӣ ба сар мебурданд ва бо зӯриву дурӯштӣ ва хорӣ гирифтани онҳо дастур дод, то ба Ислом сар фурӯд оваранду дар ҷомеаи фарҳангии муназзам ворид шуда, ҳоли худро ислоҳ намоянд, равонҳои худро муаддаб созанд, аз таҷовузкории худ даст кашида, озору дурӯштӣ ва таҷовузи худро, ки бархоста аз бодиянишинии ниҳоди иҷтимоиашон буд, дар мавриди худ ва дар баробари Исломӯ мусулмонон қатъ намоянд. Дар ин ҷо дармеёбем, ки маънои *насх* дар равиши анъанавӣ баргирифта аз далолати мунозиравие, ки матлуби равиши он аст ва ислоҳу тарбия ва бо зӯрии манъкунанда гирифтани ситамгору таҷовузкор ба он бастагӣ дорад, нест, балки ба ҳама равишҳои даъват ва робитаҳои ҳамкориву гуфтугӯ бо ғайримусулмонон дар ҳама мавридҳо рост меояд; маъноҳои онро дар мавриди рафтори ҳамгуну некурафтории накукориву хайрхоҳияш ва моилсозии қалбаш барҳам мезанад, дар натиҷа бурдборӣ амри махсус мегардад ва маҳдудсозии озодии ақида қоида ва ҳамчун насси сареҳ дастуре дар мавриди ҳар коре мешавад, ба он дар мавриди бурдбории эътиқодӣ чизе ворид нашудааст. Далолати аҳли китобу маҷус ва амалкардҳои Паёмбар (с) ба онҳо на ба маънои фарогиру вобаста ба аҳли адёну ақидаҳои маданӣ-фарҳангии динӣ, балки ба маънои махсусу мунҳасир ба ин се дин (яҳуду насоро ва маҷус) талаққӣ мешавад, на ба гурӯҳҳои башариву диндҳои дигаре дар дарозои замон.

Масъалаи мазкур ва натиҷаҳоеро, ки аз он ба даст омадааст, аз дидгоҳҳои мухталиф дар китобам *«Назарияи Ислом дар мавриди робитаҳои байналмилалӣ: самтгириҳои гуногун*

*дар фикр барномаи исломӣ»*[1] ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор додаам. Ба чунин натиҷа расидаам, ки мухолифати ҳукмҳову матнҳои зоҳирӣ дар бештари маврид насху бекорнамоиро дар назар надорад. Вале зиндагии инсонӣ дар вазъиятҳои мухталифи худ ба дидгоҳҳо ва ҳукмҳои гуногун ниёз дорад. Вақте алоқаҳову шартҳо ва шароити воқеии ҳукм ё худи раҳнамоӣ амалӣ гардад, пас, ҳукму роҳнамоии мушаххас ҳамон ҳукму раҳнамоии ҳатмии мусулмон аст. Бинобар ин, вақте ғайримусулмон бо мусулмонони атрофаш дар сулҳу салоҳ зиставу бо онҳо додугирифти хуб дошта бошад, пас, мебояд бо ӯ ба таври накуву беҳтар муомила намуд. Аммо ғайримусулмоне, ки бар исломӣ ситам кардаву бар мусулмонон зулм менамояд, маҳз худи ҳамон ба танҳоӣ мавриди бархӯрду ҷанг ва хорӣ қарор мегирад. Набояд дар ин ҷо бйни ду ҳолат омехтагӣ сурат гираду маънои *насх* дар ҳар ду мавриди мутафовит талаққӣ шавад. Аз ин рӯ, вақте унсурҳои вазъият амалӣ гардид, бояд бо он мувофиқи раҳнамоии Ислом рафтор намуд ва ҳангоме ки вазъият ба вазъияти дигаре табдил меёбад, дигар ҷойе барои пофишорӣ ба вазъияти қаблӣ боқӣ намемонад ва мебояд ба ҳукму роҳнамоии марбут ба вазъияти нав кор гирифт. Ин нукта норӯшании маънои насхи ояти сайфро бо дигар оятҳое, ки дар мавриди мадорову хайр ва накуӣ намудан дар робитаи байни мусулмонон бо ғайримусулмононе, ки дар сулҳу салоҳ ҳамзистӣ намуда, бар онҳо зулм наменамоянд, равшан месозад.

Ба ин тартиб, насхро ҳамчун охирин коре, ки Паёмбар (с) намудаву охирин чизе, ки аз Қуръон нозил шуда, қонунгузориву оятҳо ва ҳукмҳои қаблиро лағву бекор намудааст, маънидод кардан, воқеан, хати бутлон задан ба охирин паёмбарӣ ва ҷовидонагии самтгириҳои он аст, балки тела додани он ба маҳдудтарину тангтарин роҳ аст.

Вақте Паёмбар (с) ҷаҳонро падруд гуфт, ҷомеааш дар неруву пирӯзмандӣ ва фармонравоӣ дар Нимҷазираи Ара-

---

1 The Islamic Theory of International Relations: New Directions for Islamic Methodology and Thought. Dr. AbuSulayman. International Institute of Islamic Thought, 1987, p.p. 73-74.

бистон қарор дошт. Бештари вазъияти давлати он аср ба вазъияти давлатҳои исломии баъдӣ, аз қабили даврони давлатдории Умавиёну Аббосиён ва оғози давлатдории Усмониён дар мавриди *иҷтиҳоду* ҳукмнамоӣ ва навиштаҳои фиқҳи исломӣ монандӣ дошт. Аммо аҳволи мусулмонон имрӯз ҳолати нотавониест, ки дар бархе маврид ба аҳволи ҷамъияти мусулмонон дар Макка ва ё Ҳабаша ва ё ба аҳволи давлаташон дар «Аҳди аввали маданӣ» – қабл аз сулҳи Ҳудайбия ва фатҳи Макка – монанд мебошад, ки аз ҳар тараф иҳота шудаанду душманон онҳоро муроқибат карда, ба пайкори хунину нестнамоӣ таҳдид менамуданд. Агар ба қонунгузориҳои Ислом, авлавиятҳо ва танзимоти Паёмбар (с), сиёсатҳову стратегияҳои ӯ (с) ва шароити фароҳамшудаи баъди сулҳи Ҳудайбия ва фатҳи Макка мӯшикофона назар намоем, ҳатман, ҳамчун халқиятҳои зулмдидаи камқуввати камсозу барг, бисёр чизҳоро дар мавриди услуби бархӯрд бо муқовиматҳое, ки душманони тавоноамон бар мо ҳатмӣ намудаанд; бархӯрд бо низомҳову тартибот ва сиёсатҳову услубҳое, ки ба он пайравӣ мебояд ва мавқеъгирӣ намудан дар ростои бахшҳои сиёсиву иқтисодӣ ва ҳарбиро ҷиҳати бархӯрд ба шароиту муқовиматҳо, сарфи назар аз камшумориву камсозу баргии умматамон дар муқобили душманони пешрафтаву неруманд меомӯзем.

Намунаи дувуме, ки маънои анъанавии насхро имрӯз равшан менамояд, ин дидгоҳи муосири исломӣ дар мавриди стратегияи даъватнамоӣ ва қонунгузории исломӣ ва ҳамбастагии он ба марҳалаҳои маккӣ ва маданӣ мебошад. Дидгоҳи муосири исломӣ дар мавриди масъалаи марҳилаҳои маккӣ ва маданӣ ба ду бахш ҷудо шудааст. Гурӯҳе марҳилаи маккиро созгор ба асри ҳозир мешуморанд ва иддао менамоянд, ки мусулмонон дар робита ба шариату аҳком дар марҳилаи маккӣ зиндагӣ мекунанд, аз ин рӯ, ба машғул шудан танҳо ба ақида даъват месозанд, на ба ибодоту муомалот ва танзимоте, ки меҳвари амалкарди марҳилаи маданӣ ба шумор мерафт. Гурӯҳи дигар асри кунуниро ба аҳди дувуми маданӣ, ки мусулмонон дар Нимҷазираи Арабистон неруманд-

тарин давлату ҷомеа буданд, муқоиса мекунанд ва фарқиятро байни аҳволу ҷойгоҳи мусулмонон дар он аср ва аҳволу ҷойгоҳи онҳо дар асри кунунӣ рад мекунанд ва инро бо такя бар мафҳуми *насх*, ки бар он чанг заданаанд, менамоянд. Ба ин гуна, қонунгузориҳо ва аҳкоми аҳди маданӣ дар пайравию уҳдадорӣ воҷиб буда, ҳар қонунгузорие, ки дар марҳилаи маккӣ ба он мухолифат менамояд, мансух (лағв) месозад. Аз нигоҳи онҳо пайравию уҳдадорӣ дар ҳама маврид танҳо ба он чӣ Паёмбар (с) дар охир дастур додааст, маҳдуд мегардад ва ин дар умум ба қонунгузориҳо ва вазъияти марҳилаи дувуми маданӣ рост меояд. Ҳамин гуна барои нусуси вижаи марҳилаи маккӣ ё марҳилаи нахуст танҳо аҷри тиловат боқӣ мемонаду халос, чун дарки нодурусти маънои *насх* (ҳукми) онҳоро аз байн бурдааст.

Ҷойи тардид нест, ки нусусе нусуси дигарро мансух намудааст, инчунин, шак надорем, ки дин ва паёмбарӣ чун як пайкари комиле ҳастанд, ки ба мардум расонида шудаву пайравӣ аз он ҳатмӣ мебошад, чун дар ин манфиати дунё ва охирати онҳост. Гузашта аз ин, ҳеҷ гоҳ гуфтан мумкин нест, ки фарде ё гурӯҳе дар марҳилаи маккӣ қарор дораду барои ба ҷо овардани қонунгузориҳое, ки дар марҳилаҳои баъдии маданӣ омадааст, уҳдадорие надорад.

Вале маълум аст, ки пайгирии фурӯдоӣ ва оҳиста-оҳиста комилшавии қонунгузориҳои Ислом ва паёмбарӣ дар дарозои замону макон марҳилаҳои фарққунандаеро тай намудааст. Инчунин, комилшавии тадриҷӣ ва марҳилаҳову фурӯдоии онро наметавон ба таври шахшудае бо замону муҳитҳои гуногуни баъдӣ қиёс намуд; маънои созгори (мутобиқат)-ро наметавон ба зурӣ ба маънои пайравӣ танҳо ба он чӣ дар марҳилае, хоҳ маккӣ бошад, хоҳ маданӣ, қонунӣ шудааст, гузошт. Бе шак аҳволи нафаре, ки дар замони комил шудани рисолат омадааст, ба аҳволи нафаре, ки дар марҳилаҳои фурӯдоии рисолат ва вуқӯи рӯйдодҳо зиндагӣ кардааст ва танҳо уҳдадориҳоро дар ҳудуди он чӣ нозил шудаву қонунгузориҳои анҷомшуда медонад, муқоиса карда намешавад.

Масъалаи ҳақиқӣ дар ин маврид масъалаи ҷузъиву умумӣ, барномарезии фикри исломӣ ва заъфи фарогирии замону макон дар ниҳоди ҷомеаҳо аст, чун алоқаи ваҳй ба ақл ҳамчун сарчашмаи маърифат ва сиришт ҳамчун сарчашмаи дувуми маърифат барои таъмини тавону ҳидояти инсон ба ҳамдигар кумак ва якдигарро комил менамоянд, то инсон нақши хуби ободкории худро дар замин ба анҷом расонад. Ҷойи тардид нест, ки шароиту имконот, ниёзҳову бархӯрдҳое, ки ашхос ва ҷомеаҳо дар замону макон рӯбарӯ мешаванд, гуногун мебошад. Чунончи ниёзҳову имконоти ҷомеаҳои қадим бо ҷомеаҳои муосир созгор нест, инчунин, сиёсату конунҳои он низ пурра мутобиқат карда наметавонад. Балки, чӣ тавре имрӯз дар қитъаҳои панҷгона мушоҳида мекунем, тафовути маконии ҷомеаҳо дар як аср аз тафовути замонӣ кам нест. Аз ин рӯ, тафовути аҳволи ҷомеаҳову сиёсатҳо, вазъияту ҷойгоҳи фард дар ҷомеае дар муқоиса ба ҷомеаи дигар ниёз ба ислоҳи маҳдуду фарқкунанда ва бастагӣ ба воқеияту ҷомеа ва низоме дорад, ки фард ба он тобеъ аст, сарфи назар узви ақаллият ё ағлабият, мусулмон ё ғайримусулмон бошад.

Натиҷаи дидгоҳи куллӣ бошад, пас, ҷойе барои сухан гуфтан аз марҳилаи маккӣ ё маданӣ нест, балки дидгоҳ бояд дар партави равишҳо ва ҳадафҳову куллиёти шариат, роҳнамоии ҷомеаҳову ашхос бо фиқҳи ҳаракатӣ ва фикри ҳаётӣ, ки бе шахшудагиву қиёси сохтаву пуртакаллуф муносиб ба ниёзҳои эшон ва ҳаётиву фарогир бошад. Ба ин тартиб, барои ҳар шахс ва ҳар ҷомеа мувофиқ ба он чӣ бештари соҳибанзарону ҳукмронони пойбанд ба Ислом мегӯянд, дар партави шариату ниҳод ва ҳадафу мақсадҳои он марҳилаи хосе ҳаст. Мусулмонон дар зиндагӣ ба марҳилаҳое ҳидоят ёфтаанд, ки даъвату давлат аз он гузаштааст. Ба ин гуна шахс ва ҷамъият барои амалӣ намудани ҳадафҳои рисолату хилофат ва сохтори ҷомеаи исломӣ ба волотарин неруи исломӣ мерасад.

Аз ҷумлаи масъалаҳои фикрие, ки уммат дар асрҳои ахир бинобар камбуди барномарезии исломӣ дар мавриди маънои анъанавӣ ё равиши истифодаву муносибати фарҳангиёну пажӯҳандагони мусулмон ба он ранҷ мебарад, масъалаи рибо, мафҳум, меъёр, маънои роҳнамоии қуръонӣ дар мавриди он, маънои амалкардҳову тасмимоти суннати набавӣ дар робита ба он мебошад. Агар ба ин масъала назар намоем, мебинем, ки ин нотавониву камбудӣ имрӯз ба ҷузъӣ будани дидгоҳ ва маҳдуд будани донишу таҷрибаи иқтисодӣ-иҷтимоии бештари пешвоёни фикрии исломӣ бармегардад. Маҳз ҳамин дидгоҳи исломиро дар шарҳгӯиҳову сафсатаҳое тела дода, ҳадафҳои шариатро дар ҳаёти иқтисодиву қонунгузории вижаи он зери парда қарор додааст. Дар натиҷа дидгоҳи исломиро ба расмиёти синфҳову номгузориҳо ва чандсамтгириву гуногунназарӣ дар мавриди муфҳуму меъёр ва мақсад аз рибо машғул додааст, ба гунае ки самтгириҳо дар мавриди он беш аз бист мазҳабро ташкил медиҳад. Чӣ тавре дар ин раванд ба назар мерасад, бархе мазҳабҳо ҳадиси саҳеҳи муҳимро нодида мегиранд, дар ҳоле ки агар атрофи он бо диди фарогири иқтисодӣ тааммул намоем, ҳатман, дар фаҳми баъзе сиёсатҳои иқтисодии набавӣ ва марҳилаҳое, ки он сиёсатҳо аз сар гузаронидаанд, моро мусоидат менамояд. Ҳадиси мазкур ҳадиси Усома ибни Зайд дар мавриди маҳдудсозии рибо бар рибои насия (фурӯш ба як вақти муайян, бидуни фоидаи дутарафаи коло ва баҳои он, миёни харидор ва фурӯшанда, агарчи зиёд набошад) мебошад, баъд аз он ки Паёмбари Худо (с) ҳар гуна зиёдаравиро дар додугирифти колои асосии роиҷ, ки бо намудҳои шашгона маъруф аст, манъ намуд. Чунончи Бухорӣ ва Муслим аз Усома ривоят менамоянд, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд:

*«Рибо танҳо дар насия аст».*

Бар ин минвол бинобар дидгоҳи ҷузъии бархе мазҳабҳо барои сафеднамоии нуқтаи назари ҷузъии худ дар мавриди ин матнҳо аз пайи ҳилаву дарбаргирии шаклӣ рафтаанд. Чу-

нончи дар мавриди ҳадиси Рофеъ ибни Худайҷ дар робита ба саҳмкорӣ барои соҳиби замин нисфи самарро раво донистаанд, ба шарте бар он тухмӣ илова намояд.[1] Бархе дигар ба роҳи ҳалли охирон расидаанд, ки он ҳам эълони нотавонӣ ва аз байн бурдани ҳадафҳову ҳикматҳои қонунгузории исломӣ дар иқтисод мебошад, бо пешниҳоди ин гузориш, ки он чӣ дар мавриди рибо ворид шудааст, тавфиқӣ-тааббудӣ буда, ба ҳамон лафзи матн маҳдуд мегардад ва намудҳои шашгонаеро, ки дар ҳадиси рибои зиёдӣ омадааст, таҷовуз намекунад. [2]

Бинобар ин камбуди манҳаҷӣ ва ақибмондагии дидгоҳи исломӣ дар ҷодаи сиёсатҳои иқтисодӣ, роҳҳалҳо ва ҷойгузинҳои дилхоҳ дигаргунии барномавии ҷиддие рух дод, ба ин гуна ки коршиносони иқтисодии диндор мавқеияти худро бо диди фарогири ҳунарӣ дар риштаи омӯзиши иқтисоди исломӣ гирифтаанд, ки ин аз кушоиши барномавии фикрӣ мужда медиҳад ва умед аст, ки баъд аз ин ислоҳи бахшҳои фикр ва барномаи муосири исломӣ дар ин ришта оғози амалӣ меёбад ва, Худо хоҳад, дидгоҳи фарогиру ҳаётии исломиро аз нав эҳё менамояд.

Аз намунаҳои камбуди дигари дастандаркорони ин равиш ин афзудани қаддосият (муқаддасӣ) ба гуфтори гузаштагон (р) аст, яъне, муқаддас шуморидани фаҳму шарҳ ва иҷтиҳо-

---

1 Ҳадиси Рофеъ ибни Худайҷ бо лафзҳои мухталиф ривоят шудааст, ки машҳуртарини он ин гуна аст, ки Паёмбар (с) аз чоряккориву фурӯши меваи норасида манъ намудааст. Дар баъзе санадҳо омадааст, ки Паёмбар (с) фармуданд: «Ҳар касе замин дорад, онро кишт намояд ва ба сеяку чоряк ва таоми мушаххас надиҳад».

2 Дар мавриди шарҳи бештари мафҳуми рибо дар Ислом, фалсафаву ҳадафҳои он ва ҳикмати сиёсатҳои набавӣ дар мавриди он ба муқаддимаи пажӯҳиши муаллиф атрофи назарияҳои исломи ииқтисодӣ ба китобаш «Contemporary Aspects of Economic and Social Thinking in Islam, American Trust Publications. Plainfield, Indiana, 1976» муроҷиат намоед.

Ҳадиси рибои зиёдӣ ҳадиси саҳеҳест, ки Абусаъиди Худрӣ (р) ва Ибода ибни Сомит (р) аз Паёмбар (с) ривоят намудаанд: «Тилло ба тилло, нуқра ба нуқра, гандум ба гандум ва ҷав ба ҷав, хурмо ба хурмо, намак ба намак, ҳамгун ба ҳамгун даст ба даст, ҳар ки афзояду талаби афзоиш намояд, рибо намудааст. Гирифтану додан дар он баробар аст» (Муслим дар «Саҳеҳ» ва Аҳмад дар «Муснад» онро ривоят кардаанд.

доти онҳо ва илова кардани он ба Суннату ваҳй мебошад, ба гунае ки гӯё бахше аз он дуро ташкил медиҳад. Бо он ки камбуди инсониву маҳдудияти замониву макониро медонему дарк месозем ва ба таври назариявӣ таъкид ҳам мекунем, ки муқаддас будан танҳо барои ваҳй аст, вале боз ҳангоми омӯзиши гуфтори гузаштагон онҳоро барои он намеомӯзем, ки бо дидгоҳи аслии решагӣ ба ислоҳи вазъият ва ҷавобгӯсозии он барои ниёзҳоямон пардозем, балки меомӯзем, то онро тақлид намоему пайравӣ ба он созем ва худро барои мувофиқнамоии он дар қиёссозӣ ба аҳволамон ранҷ медиҳем, зеро дар равони мо фаҳми нодурусте дар мавриди бузургдошти он ашхос ва гиромӣ доштани он чӣ амалӣ кардааст, реша намудааст. Ҳатто ин нукта дар равони мо нохудогоҳ ба тозиёнаи тарсу таҳдиде табдил ёфта, нотавониву раҳгумзадагии равиши фикри моро фаро гирифтааст ва ин бузургдошт ба маънои муқаддас будан табдил ёфта, гоҳе байни мо ва байни ислоҳу рушд монеа эҷод мекунад.

Аз ин рӯ, дидгоҳ ё фаҳми фарогири асили муосирро дармеёбем, ки маҳз аз воқеияти имрӯз ба сӯйи ҳадафҳову арзишҳо ва ҳукмҳои исломӣ интиқол меёбад, дар ҳоле ки бештари нафароне, ки дидгоҳи анъанавӣ доранд, онро машкуку радшуда мешуморанд. Зеро ба гуфтори донишмандони гузашта мутобиқат намекунад ва бархоста аз дидгоҳи онҳо нест; зеро ин дидгоҳ ва мафҳуми фикриро барои далолати мероси донишмандони гузашта тавсиф накарда, балки қадосиятро аз он зоил мекунад ва ба равиши дурусти оёту суннат маҳдуд мегардад; барои корбурди фикри ниёгон дар равиши дурусти мусбат, ки бо таҷрибаву дониши густарда ислоҳи масоили давр, бозгардонии исломро ба воқеияти зиндагӣ, амалкардҳои ҷомеаҳо ва масири тамаддунҳо ҳадаф қарор дошта бошад, роҳе нест.

Хулоса, маълум мешавад, ки равиши анъанавии Ислом дар умум барои ниёзҳои замони пайдоиш ва шароити сиёсиву фарҳангии он ҷавобгӯ буд. Вале бештари камбудҳо маҳз аз мубориза натавонистан алайҳи сабабҳои канорагирӣ ва рӯ

овардан ба онҳо бархостааст. Инчунин, камбудӣ аз таваққуф кардан дар ростои пайгирии рушд, ба гунае ки муносиби инкишофи зиндагӣ ва пешравии замон бошад, маншаъ мегирад. Чунончи пажӯҳишҳои усулӣ вақте ба ниёзи ковиш дар нусусу посдории он таваҷҷуҳ намуд, пас, донаҳои зарурии манҳаҷиро дар мавриди диду ковиши навъҳои гуногуни маърифати иҷтимоӣ дар худ дошт, инчунин, асосҳову заминаҳоеро фаро гирифта буд, ки ояндагон мебоист пайравӣ ва бино бар он мекарданду аз он суд мебурданд.

Инчунин, шинохти камбуди равиши анъанавӣ муҳим мебошад, чунончи дар вақти кунунӣ ба он таомул сурат мегирад. Зеро ин камбуд танҳо ба ниҳоди худи он равиш барнамегардад, балки ба сӯйи намудҳои дигари камбудӣ мекашад, ки ба машғулияти амалии доираҳои омӯзишҳои муосири исломӣ бармегардад, ба гунае ки бинобар хуб нафаҳмидани ин равиш ва он маоние, ки фаро гирифтааст ва ба хотири омехтанамоии дарки баъзе унсурҳои барномавӣ, масоилу инкониятҳои рушд ва дар ҳоли ҳозир татбиқи амаливу фарҳангии худ аз ин равиш танҳо қисматҳоеро гирифтаасту бас.

Ин ҷо муҳим аст, ки ба масъалаи барномавие ишора намоем, ки ба матнҳои Суннати поки набавӣ ҳамчун асл ва сарчашмаи дидгоҳи исломӣ ва ба дастовардҳои меросу нашру бобгузории он бастагӣ дорад. Аҷиб аст, ки сарфи назар аз гузаштани асрҳо аз замони нубувват то ҳанӯз матнҳои суннат барои ҳама донишмандону фарҳангиёни мусулмон душвор боқӣ мондааст. То имрӯз дар мавриди он ақидаҳо мухталиф буда, истилоҳот дар афзоиш аст ва матнҳояш дар китобҳову дастхатҳои зиёде то ҳанӯз парешон мебошад. Бинобар парешонӣ ва зиёд будани истилоҳоту хуб арза нашуданаш наметавон онро истифода ва корбурди осону муассир намуд. Ҳатто нафаре вақте аз он танҳо матнеро шоҳид меоварад, дар ҳол доду фарёди зиёде бо истидрокоту эътирозоти гуногун баланд мешавад, ба гунае ки дар зери ин доду фарёд масъалаи мавриди баҳс ноаён гум мешавад ва мунокиша атрофи ривояту истилоҳоти он матн чарх мезанад, на атрофи дало-

лату роҳҳои корбурди он. Аз ин рӯ, вақте метавон ба ислоҳи дидгоҳи манҳаҷии муассир даст ёфт, ки матнҳои Суннати саҳеҳа вазъ шуда, бо равиши осоне гирдоварӣ шавад, ки ҳама донишмандону фарҳангиён ва мутахассисон ба мағзу маънои он даст ёфта, бо осониву боварӣ дар ҳама илмҳо аз он истифода намоянд.

Аз ин рӯ, беҳтар аст матнҳои Суннати поки набавӣ бобгузории осону аз нуқсонҳову хаёлпардозиҳо ва исроилиёт ва аз ҳар он чӣ бо нияти нек ва ё нияти бад ба он ворид карда шудааст, полуда шуда, дар чор бахши муайяну ошкор тақсимбандӣ шаванд:

1. Ҳадисҳое, ки бинобар дурустии санаду маъно мавриди ҳуҷҷат қарор мегиранд (матн);
2. Ҳадисҳое, ки бинобар дурустии маъно (матн) мавриди оромиш қарор гирифта, ба дурустии санад наметавон пофишорӣ кард;
3. Ҳадисҳое, ки мавриди истодагарӣ ва назари мӯшикофона қарор мегиранд, чун зоҳири маъно ба рӯҳи шариату мақсадҳои асосии он созгор нестанд, ҳарчанд дурустии ривояту санад ҳадс зада шавад ҳам;
4. Ҳадисҳое, ки бинобар фасоди маънову санад мавриди инкор қарор мегиранд.

Хатари ин масъалаи манҳаҷӣ дар костасозии Суннати пок маҳдуд нагашта, балки ба ҳолатҳои бисёре дар мавриди таслимшавии ақли мусулмон бар асоси тарсу порсоии дурӯғин дар ростои он чӣ дуруст нест, равона шудааст. Инчунин, хароб кардани роҳҳалҳову равиши он аз диди саҳеҳ ба шумор меравад. Зеро вақте ақл он чизеро, ки дуруст нест, ба масобаи дуруст мепазирад, ҳатман, ба эҳсосу идрок ва диди илмии худ хати бутлон мекашад, то имконият фароҳам ояд, ки чизи ниҳонии хаёлии фасодзоеро, ки на илм онро мепазираду на диди саҳеҳ қабул ва пайравӣ намояд. Баъди он ки ақли мусулмон ба шакли нодуруст ва дар амал кардан ба ғайри ҳидояти арзишҳову фармудаҳои асосии саҳеҳи исломӣ, ки ваҳйи

қуръониву шариати набавӣ барои амалинамоии он омадааст, тарбия ёфт, дигар барои дидгоҳу равиш ва ақли мусулмон тавоноӣ ё арзише боқӣ намемонад.

Аз ин рӯ, ҳушёрӣ дар ҳимояи муқаррароту асосҳои фикр ва ба таври хубу огоҳона дарк намудани куллиёту асосҳо, арзишҳо ва ҳадафҳои шариат меъёр ва қоидаи бунёдие барои ваҳйу паёмбарӣ (рисолат) ва шариат аз ҳар гуна сохтакориву найрангбозӣ ва харобоварӣ мебошад. Инчунин, ба ҳамин андоза аз аҳамият он меъёру қоидае дар ҳимояи ақлу манҳаҷи мусулмон аз нест шудану пора шудан аз ҷиҳати нотавонии илмиву тарси равонӣ мебошад.

Воқеан, ҳимояи ақлу манҳаҷи мусулмон ва ба таври дуруст адо кардани он ҳимояи дину шариат, инсону ақл ва ҷомеаи мусулмон мебошад, ба гунае ки байни ҳеҷ кадоме аз он ҷудоиву бозӣ гузошта намешавад. Зеро паёмбарӣ (рисолат) ғоя (ҳадаф) ва ақлу идрок восита мебошанд. Вақте восита хароб ё фосид шуд, ғоя аз байн мераваду ҳадаф нобуд мегардад.

Он чӣ дар мавриди Суннат амалӣ мешавад, дар мавриди таҷрибаҳои ниёгон низ бояд татбиқ шавад ва он ҳам ба хотири осоннамоӣ, диди мӯшикофона ва пешниҳоди судманду дуруст намудан, дар ҳоле ки дур аз ҳар гуна таъсири хаёлпардозиҳову диди муқаддаснамоӣ бошад. То мероси ниёгон бо диду амалкард ва тааммулоти худ намуна ва кумаке барои фикри зиндаву бунёдии муосири исломӣ бошад, на воситае барои дубора эҷод намудани пайкорҳои таърихӣ ва масъалаҳои софистие, ки неруи моро заиф намуда, моро даргири худамон дур аз ниёзҳову рӯёрӯӣ ба бархӯрдҳо месозад.

Аз масъалаҳои муҳимме, ки мебояд дар ин ҷо ба он ишора намуд, дар ҳоле ки ба таври муфассал баъдтар оварда хоҳад шуд, ин омехтагӣ (аралашӣ) дар мавриди нақши нас (ваҳй) ва ақл дар равиши исломӣ мебошад, ки бинобар тирагии дидгоҳ, камтаҷрибагӣ, бархӯрди рӯйдодҳо ва таъсири ғаразҳои сиёсӣ ба майдон омадааст. Ин вақте сурат гирифт, ки баъди даврони кишваркушоӣ файласуфону парвардагони тамаддунҳову динҳо ва фалсафаҳои бегона бо ақли мусулмон

дар ғайри маслаки он гом бардоштанд ва дар ғайри мавзеаш гузоштанд. Яъне, дар масоили илоҳиёт ғӯтавар гаштанд ва бо ҳамроҳи эшон баъзе пешвоёни фикри исломӣ, аз қабили муътазилиён гирифтори лағжиш гаштанд, ба гунае ки ақли мусулмон ба ҷодаи куллиёти ғайбиёт (чизҳои даркнашавандаи ғайбӣ) суқ дода шуд. Ин бошад, пешвоёни фикри исломиро, ки дар банди ширкнамоӣ қарор доштанд, водор намуд, ки дар мавриди асосҳои ақидаи исломӣ эҳсоси хатар намоянд. Аз ин рӯ, асосан, ба инкори ақлу нақши он ва костанамоии арзиши он пардохта, бо вожгуннамоии нусус тавассути равиши тавсифии ҷузъии забонӣ нотавонии дидгоҳи исломиро асос гузоштанд, ки осори харобовари он бо афзоиши нуқсони дидгоҳи исломӣ дар асрҳои баъдӣ ва таҳким ёфтани душманиву шак дар мавриди алоқаи ақл ба Ислом ошкор гардид.

## 2.3. МЕРОСИ МО: САРВАТИ ДИРӮЗ, ТӮШАИ РОҲ ВА ИБРАТИ ОЯНДА

Дар охири ин таърифи шитобкорона ва баррасикунандаи бархе аз муҳимтарин масъалаҳои равиши анъанавии Ислом ва амалкардҳои дидгоҳи муосири исломӣ ба мо зарур аст, ки исти кӯтоҳе ҷиҳати посух додани баъзе суолҳое намоем, ки аз вазъияти фикрӣ-фарҳангии мусулмонон ва аз зиддияти навбанави афзоянда, ки бинобар заъфи ҷойгоҳи худ дар харитаи ҷаҳони имрӯз ба он ва дигар ситаму хорӣ ва расвоӣ рӯбарӯ мешаванд, дар хотираш эҷод мешавад.

Суоли назаррас ин аст, ки маломатро дар мавриди ҳолати ноумедкунандае, ки имрӯз мо дар он қарор дорем, ба кӣ нигаронем? Посух дар мавриди ин гуна пурсишҳо ин аст, ки, аслан, ҳоло ҷойи ин гуна суол нест. Зеро муҳим он нест, ки мо инсони мушаххас ё асри муайянеро ҷустуҷӯ карда, дар мавриди мушкилӣ ӯро маломат намоем, то боз моро аз дидгоҳи фарогири масири уммат дар тӯли асрҳову наслҳо дур гардонда, аз амалкард рӯйи дигаргун намудани масирамон ба сӯйи ҷодаи дурусте, ки гузаштагон зимни заруроти шароит

ва ҳаҷми муқовиматҳое, ки ба он рӯбарӯ шуданд, вогузоштаанд, монеи мо шавад.

Суоли беҳтар ин аст, ки чи гуна буъдҳои мушкилиамонро дар чорчӯби дурусти ҷомеа дарк созем? Чи гуна хатҳои ҳаракатҳоямонро мушаххас намоем ва самти онро ба сӯйи ҳаракати дуруст бигардонем?

Мақсад:

1. Ин аст, ки гузаштаамонро барои гирифтани панду ибрат огоҳона фаро гирем ва онро сарчашми неруи худ созем, на маншаи нотавонии худ. Ин бошад, ба тамаркуз ва бино намудани бахшҳои мусбат ва тарк намудани қисматҳои манфӣ сурат мегирад. Зеро бо чанг задан ба ин гуна масъалаҳову корзорҳо ва таваҷҷуҳнамоиҳои хаёлӣ асрҳоро аз даст додаем.

2. То ин ки имконияти ба сӯйи пеш ҳаракат кардан пайдо намоем. Зеро муҳим аст дарк созем, ки костагӣ ва хатое, ки дар гузашта рух додааст, бештар ба ангезаҳое бармегардад, ки хайрхоҳии бисёр нисбат ба дастовардҳои вазъияте, ки наслҳои пешини умматро иҳота намуда буд ва некбинӣ нисбат ба омилҳои муҳитие дохил мешавад, ки дарки осори дури он дар зери сояи бархӯрдҳову авлавиятҳои лаҳзавие, ки шароит фароҳам оварда буд, осон набуд. Ин ҳама дар бештари мавриди умматy халқиятҳо ва пешвоёнро ба чорраҳаҳои гуногун тела дода, дар ниҳоди уммат осореро боқӣ гузошт, ки ҳеҷ касе онро намехост. Аз ин рӯ, ҳадафи дуруст аз назар кардан дар таърихи гузаштагон танҳо омӯзишу пажӯҳиш ва назар кардан ба хотири омӯхтану ибратгирист, на барои асрҳое, ки гузаштаву рӯйдодҳое, ки анҷом пазируфта, аз нав чашидани талхиву кинаварзиву душмангароӣ. Бе гумон онҳо қадри тавони худ амал кардаанд ва агар мо ҷойи онҳо мешудем, шояд беҳтар аз онҳо наменамудем. Ба ин хотир, хуб нест, ки аз вазъияту муқовиматҳое, ки рӯбарӯ шудаем, сарфи назар карда, рӯ ба ситезаҷӯӣ дар мавриди хатоҳову лағжишҳояшон оварем. Омӯзиши гузашта бояд ба хотири дарк ва панду ибратгирӣ

бошад. Маҳз ҳамин гуна омӯзиш сарчашмаи неруву бардавомӣ шуда метавонад, на сарчашмаи нотавониву парешониву оштинопазирӣ.

Дарсҳои таърих моро ёдовар мешаванд, ки мардуми миллати мо ва миллатҳои ҷаҳони атрофамон агар ба чизе ноил шудаанд, ҳатман, аз Исломи дидгоҳ ва равиши исломӣ будааст.

Бояд ба ёд оварем, ки дастоварди бузурге, ки фикру равиши исломӣ дар асрҳои нахустин амалӣ намуд, пояҳои тамаддуни гузаштаи исломиро барафрохт ва одамизодро такони фарҳангие дод, ки сарфи назар аз он имкониятҳои моддӣ ва ислоҳоти илмӣ-манҳаҷӣ ва фарҳангие, ки тамаддуни муосири инсонӣ ба даст овардааст ва ислоҳоти динӣ-иҷтимоӣ ва фикрие, ки мардумаш амалӣ сохтааст, наметавон нақшу саҳмашро инкор намуд. Нафаре, ки ин комёбӣ, густардагиву баланмартабагӣ ва аҳамияти онро пайгирӣ намояд, бе шак, моддаи фаровонеро хоҳад ёфт, ки эътиборашро афзун карда, шигифтиашро барангехта ва қадрдониву таваққуи ӯро боло хоҳад бурд. Аммо ҳадаф аз омӯзише, ки ҳоло хонанда дар даст дорад, ин назар кардан бар он чизест, ки барои оянда матлуб аст, то уммати исломӣ рушди худро идома дода, ба имкониятҳову дастовардҳои тозае расад, ки тавассути он ба воқеияти пешрафти муосири фарҳангӣ ҳамгом шавад; бо як такони тоза камбудҳои гузаштагонамонро ислоҳ намуда, табоҳиҳои онро пешгирӣ созад ва хатарҳои раҳгумзадагии онро аз худ ва аз инсоният дур намояд ва бо фазли Яздони пок неруву тавоноӣ ва пешоҳангии басомонорандаи дину умматро баргардонад.

3. Гузашта аз ин, муҳим аст, ки вақте донишмандону равшанфикрони ин уммат ба тақлиди ғарбу пайравии ғарб рӯ овардаанд, ҳамчун вокуниш ба бартарӣ ва ҳуҷуми истеъморгаронаи Ғарб дар бахшҳои гуногуни сиёсиву ҳарбӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ аз марҳилаи сохтакорӣ (обурангдиҳӣ) берун шавем. Ин сохтакорӣ (обурангдиҳӣ) бо корбурди ра-

виши лафзӣ-нақлӣ бо роҳи вожгуннамоии нусусу ҷустани хулосаҳои лафзии он ва пазируфтани ниёз ба пайравиву тақлиди ғарб ҷиҳати осоннамоии воридоти абзору дастовардҳову ташкилотҳои ғарбӣ ва ҳамроҳи он ворид намудани ҳама мафҳумҳову арзишҳо ва амалкардҳои аз ақида, равон, арзиш ва асосҳои ин уммат бегона сурат мегирад.

Аз марҳилаи тақлид на ба асолату азнавсозӣ ва ташаббускорӣ, балки ба сохтакорӣ (обурангдиҳӣ) ҳаракат намудан натиҷаи табиии шахшудагӣ, тақлид ва пастравии равиши фикрии исломӣ мебошад. Ба ин гуна ки он як равиши хушку холии лафзӣ-назариявӣ гашта, танҳо дар доираи диди лафзии нусус дур аз дарку пайгирии илмӣ-барномавии муназзам аз ниҳодҳову рӯйдодҳо ва дигаргуниҳое, ки дар гузашти асрҳои баъдии садаҳои аввали исломӣ дар равонҳову ҷомеаҳои исломӣ-инсонӣ хутур намудааст, чархиш мекунад.

Воқеан, асолати фикрӣ тақлиду пайравӣ ва интихоби равиши осону нозои сохтакориро, ки аз воқеияту амалкардҳои илмӣ канора мегирад, то дар доираи нусус аз диди назариявӣ-лафзӣ маҳдуд гардад, инкор менамояд.

Ин асолат роҳҳали ислоҳӣ-фикриеро талаб менамояд, ки аз сарчашмаҳои манҳаҷӣ бархоста, мафҳуми исломӣ, ҳадафҳо ва арзишҳоро ба таври амалкарди исломӣ дар иҷроиши иҷтимоӣ ва сохтори фарҳангӣ инъикос менамояд ва воқеияту амалро натиҷаи табиии амалкарди исломӣ, манбаи ақидавӣ ва сарчашмаҳои фикрии он мегардонад. Ба ин маъно, ки дар охир диди илмии мустақили исломӣ ба майдон омада, донишҳои иҷтимоии исломӣ онро пойдор мегардонанд, ба ин гуна дорои сарчашмаҳои бартари маърифатӣ, асосҳо, роҳҳалҳо, ҳадафҳо ва чашмандози беҳтар мегардад. Ба ин гуна дар охир дидгоҳи илмӣ-маърифатӣ ва банизомдарории асилу ҷойгузин ба майдон меояд, ки маълумот ва дастовардҳои он воридшаванда дигар ба он зиёне расонида наметавонад. Балки то вақте онҳоро бо меъёрҳо ва чашмандози беҳтар қабул менамояд, ба ҷониби он саъй карда, аз он пазироӣ менамояд.

Ҷойи тардид нест, ки шикасте, ки баъди садаи аввали Ислом ба масири Ислом расидаву ба суқути Хилофати рошидин оварда расонид, на ба фикри исломӣ ва на ба зиёдравиҳои пешвоёни исломӣ бастагӣ надорад, балки дар дараҷаи аввал ба якбора дохил шудани миллатҳову мардумон аз канораҳои замин ба Ислому ҷомеаи исломӣ бо ҳама фарҳангҳову ҷоҳилиятҳои худ, ки ба мизони Ислом баркашида нашуда буданд, бармегардад. Ин анбӯҳшавӣ ба рӯйдодҳову воқеаҳое бурд, ки дигар уммат натавонист, ки гом ба гоми шароит бардошта, воситаҳои зарурии тарбиявиро барои тарбияи он умматҳоу мардумон ва қабилаҳо инкишоф диҳад ва наврасро ба фикри Ислому ҳадафу мақсад ва арзишу меъёрҳои он тарбия намуда, аз банди ҳар гуна ҷоҳилиёт озодаш созад. Якбора гаравидани миллатҳову мардум муҷиби эҷод ва ташаккули қоидаҳои сиёсию ҳарбие гашт, ки дар он сатҳи устувории садаи аввали Ислом ва давлатдории Хилофати рошидин дида намешуд. Костагӣ дар омоданамоӣ ва тарбияи миллатҳову мардумон ва қабилаҳои ба Ислом гаравида дар рӯҳияи арзишҳову ҳадафҳои комили Ислом ба он оварда расонид, ки пешвоёни сиёсии ба дин ноустувор дар ростои сиёсат ва идоранамоии мардум ба қоидаҳои омехта (духӯра) такя намуданд. Ба ин тартиб пойдории қоида заиф гашту фишори пешвоён рӯйи он қарор гирифт ва соҳибназарони исломӣ аз масъулияти идораи аҳволи уммат дур карда шуданд. Аз ин рӯ, ҷойи таааҷҷуб нест, вақте равиши фикри исломӣ ба мисли пештар борвар набудаву таъсири он бар бахшҳои роҳнамоиву басомондарорӣ ва техника бисёр камранг шуда бошад.

Бо ин ҳама он чӣ дар асоси фикру рӯҳ ва равиши эҷодкоронаи Ислом дар асрҳои гузашта амалӣ гаштааст, сарфи назар газандҳои фалсафаҳову ҷоҳилиятҳо зулмати асрҳоро равшан карда, барои ҳидояту маърифат ва илму пешрафти инсоният коххои осмонхарошеро барафрохт, ки бидуни он соҳиб шудани инсон ба дастовардҳо мустаҳил буд. Дар партави шароиту муқовиматҳои даҳшатангезе, ки ходимони садаи аввали Исломро бо имкониятҳояшон фаро гирифта буд, дастовардҳои эшон, воқеан, бузург аст ва оё мо ниёзе ба ин дорем, ки ба

маломат пардозем ва дар мавриди коре, ки имкониятҳояшон даст намедод, газофгӯӣ намоем?! Ҳамзамон, вақте сатҳи амалкарди уммат ва беолоишии дидгоҳи он дар муқобили ҳуҷуми ҷоҳилиятҳову фалсафаҳо ва инҳирофоте, ки дар ниҳодаш мехазид, таназзул намуд; вақте дар партави он шароиту имкониятҳо душвор буд, ки ташкилотҳову неруҳои лозимӣ эҷод шавад, то уммат тавонад, ки он ҳама фавҷҳову мавҷҳои қабилаҳову мардумро дар худ фаро гирифта, онҳоро ба гунаи тарбияву устувории аввалиён тарбия намояд. Оё мо бояд тааҷҷуб намоем ва ё маломат созем? Ҷойи тардид нест, ки ҳеҷ уммате дар он шароит имкон надошт, ки дидгоҳаш тира нагардаду қувваҳои асолату пешрафт дар ниҳодаш оҳиста-оҳиста таназзул ва заиф нашавад, ҳатто орому пажмурда ва нест нагардад; ё фикри уммат дар охир ба шаклҳову қолабҳо ва меросе табдил наёбад, ки наслҳо онро гиромӣ надоштаву орзуи онро нанамуда ва онро муқаддас нашуморида бошанд, бе он ки ба таври воқеӣ мағзи онро пай бурдаву дар зиндагӣ аз неруҳои нуҳуфтаи он истифода карда бошанд.

Мебояд мо ба он чӣ фикри Ислом барои уммату инсоният, сарфи назар аз монеаҳову тафовути ҷодаҳо, амалӣ намудааст, ифтихор кунем. Ҳар чӣ дар таъриху ниҳоди мо амалӣ гаштааст, танҳо дарку тафсираш тавассути атову равиши Ислом дар фикру ободкорӣ ва ислоҳ имконпазир аст. Ҳарчанд атои фикр ва равиши исломӣ комил нагаштаву ба қадри тавон бор наоварда бошад ҳам, воқеан, Ислом бисёр ато кардаву сарфи назар аз ҳама монеаҳо имтидоди атояш фарогиру назаррас аст, ки ин худ далеле бар тавоноиҳову қудрати нуҳуфтаву барқароршавандаи он мебошад. Хусусан, вақте онро хуб дарк месозему ба он ба таври наку додугирифт мекунем ва ҷодаи равонҳову ҷомеаҳоро дар наздаш мегузорем.

Бояд дарк созем, ки он чӣ мо ба он расидаем, маҳз роҳи миллатҳову мардумон ва асрҳову садсолаҳост, ки дастовардҳои бузургеро пешниҳод намудаанд, ки имрӯз асоси ҳама тавоноиву дастовардест, ки тамаддуни инсоният ба он расидааст. Агарчи газандҳову ҷоҳилиятҳои он асрҳову дав-

рҳо барои монеъ шудани ин роҳ ва парда андохтан ба ин ато якҷо шуда бошанд ҳам, пас, талоши матлуб ин расидан ба диди фарогиру беолоишу мушаххасест, ки тавассути он дарсҳову ибратҳоро дарк намоем, то ба фазли Яздони пок нури Ислом баргардаду уммат тандурустӣ ёфта, роҳи худро идома диҳад ва ғунчаҳояш шукуфта шаваду доду накуияш барои инсон дар дини ҳидояткунанда (ростӣ), илми судманд, фарҳанги наку ва сулҳу амният комил гардад.

Ин ҷо метавонем гӯем, ки ҳақиқати суол ҷустани нафаре нест, ки масъулиятро бар ӯ гузорем ё маломатро ба ӯ равона созем. Вале ҳақиқати суол ин ҷустани сабабҳои костагии роҳ ва пастравии атоямон, расидан ба беҳтарин роҳҳо барои баргардонидани дидгоҳу азнавсозии неру ва ба сӯйи ҳадаф равона сохтани масирамон мебошад. Ба ин тартиб, мақсад аз пажӯҳиш ин қадаме ба сӯйи навсозии дидгоҳ,ислоҳи равиш ва рушд бахшидани сарчашмаҳои тавоноиву неру ва кор мебошад. Хулосаи арзёбӣ ин гуна мешавад, ки уммати мо амал кардаву ато намудааст, вале боз аз он бисёр умеду матлуб аст ва кори писандида он аст, ки бо диди ноқидонаи мӯшикофонаи пайгирона оғоз карда шавад, то имкони дарки намудҳои заъфу халалро дар равону фикр ва манҳаҷамон пайдо намуда, ба ислоҳ рӯ оварем ва ба неруҳои ҳадафгириву ато даст ёбем.

Бо ҳамин дар ин нуқта ба мавқеи муносиби пажӯҳиш расидем, то ба масъала ва таърихи фикриву манҳаҷи исломиамон нигоҳи фарогире намоем, ки дар шинохти самтгирӣ ва муқовиматҳои ҳақиқие, ки ба он рӯбарӯ мешавему дар назар дорем, ба мо мусоидат намояд. То ба ин тартиб ба фазли Яздони пок дар амалинамоии асолати исломие, ки ба он ҷиҳати ҷойгузиннамоияш дар ниҳоду фикр ва амалкардҳои иҷтимоиву фарҳангиамон дида медузем, иконият пайдо кунем.

Ислом аз ҷониби Худованди поки баландмартаба барои ҳидояти мардум омадааст, дар ҳоле ки онҳо дар марҳилаи тираи ҷоҳилии таърихи башарӣ қарор доштанд, ба гунае ки уҳдадориҳо (паёмбариҳо) таҳриф хӯрдаву бедодӣ роиҷ гаштаву фасод фарогир шуда буд. Пас, Ислом торикиҳои

рӯҳро барҳам заду барои инсону ақли ӯ ҷодаҳои андешаву маърифат ва бунёдкориро кушод, дар натиҷа инсоният ба роҳи фарҳангии наве оғоз гузошт ва ҳар дастоварде, ки имрӯз ба он ноил шудааст, маҳз аз ҳидояти Ислом будааст.

Муҳимтарин чизе, ки Ислом ба инсони муосир бахшидааст, ин мукаммал шудани маърифаташ бо таҳкими ваҳйу посдории он ва озоднамоии ақлу раҳо кардани завлона (пойбанд)-аш ба шумор меравад, то нақши созандаи худро дар ҷодаи илму ислоҳ ва ободкорӣ ба ҷо орад.

Барномаи ақлонияти мусулмон дар садаи аввали ислом барномаи худангехтаи комилшудае буд, ки ба ҳикмати раҳнамунсози ваҳйу бенуқсии *иҷтиҳоди* ақлу дарку фарогирии беихтиёру ҳушмандонаи аҳволи сиришти ҷонҳову коинот такя менамуд. Аз ин рӯ, асри паёмбариву хилофати рошидин шоҳиду улгуи ҳидоятгару наҷотдиҳандаву дар гӯшаҳои рӯҳи инсону масири наслҳо дурахшанда аст. Ва ҳар накуие, ки имрӯз дар сарзамин ва мардуми мусулмон боқӣ мондааст, ба сабаби ислом ва хулқу ҳадафҳои Ислом аст. Ҳамин гуна Ислом, сарфи назар аз ангезаҳои ақибмондагӣ дар эҳсоси уммат боқӣ монду онро дар гузашти рӯзгору асрҳо аз нестшавию ҳалокат нигоҳ дошт.

# ФАСЛИ САВУМ

## РАВИШИ АНДЕШАРОНИИ ИСЛОМӢ: БУНЁДҲО ВА АСОСҲОИ ОН

Дар он чӣ гузашт нигоҳе ба таъриф ва накди мухтасари манҳаҷи фикри исломӣ дар чорчӯби анъанавӣ андохтем ва атрофи асосҳову қоидаҳои он ба сухан пардохтем. Инчунин, чорчӯберо, ки онро таҷассум менамояд, мушкилотеро, ки аз он ранҷ мекашад ва сабабҳои ба майдон омадани он мушкилтро тавзеҳ намудем. Гузашта аз ин, ба муҳимтарин осори манфии бархоста аз халал дар сохтори ин манҳаҷ ишора кардем.

Дар партави шароити фарҳангии марҳалаи аввали тамаддуни исломӣ неруи ақли мусулмон ва чаҳорчӯби манҳаҷи усулӣ дар хурд намудани костагиҳо дар гузашти замон ва фосилаи шароити замониву маконии вазъияту бархӯрдҳои уммат, амалкардҳои садаи аввал ва амалкардҳои Суннати набавӣ дар замони Паёмбар (с) ва нузули ваҳй накши худро адо намуданд.

Ба ақлу манҳаҷ иконият фароҳам омад, ки сарфи назар аз шароиту монеаҳое, ки Ислому мусулмонон рӯбарӯ шуда буданд, микдори назаррасеро аз тавони исломӣ берун баранд, ки он инсону ақли инсониро дар чорчӯби наве гузошта, дар муқобили ақли инсони мусулмон ҷаҳони васеи кору эҷодро кушояд ва барои инсоният меросу фикри фарҳангии басомоноваранда ва қонуниву илмии бесобиқаеро пешкаш созад, ки зулмати уфуқи инсониро, ки хурофоту гумроҳиҳо ва хаёлпардозиҳову зулму нобудшавӣ ва маҳрумият аз ҳуқуқу озодиҳои ҳамагонии инсонӣ бар он хайма зада буд, равшан намояд.

Бо дур шудани замону дигаргун шудани аҳвол ва калон шудани чоҳи байни ғояи исломӣ ва устувории исломӣ ва байни роҳбариятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва афзудани гӯшагирии фикри исломиву донишмандони мусулмон таъсири Ислом заиф ва пешниҳод (ато)-и Ислом тира (зери парда) шудан гирифт ва ин ба пастравию анҷоми бархӯрди фарҳангии уммату тамаддуни исломӣ имконият фароҳам овард. Вале тамаддуни исломӣ, сарфи назар аз пастравии аҳволаш барои чандин асри дигар бо беҳтарин ҳолу тавонотар аз ғайраш боқӣ монд.

Бо зуҳури муқовимати ғарбӣ-аврупоӣ дар асрҳои ахир уммати исломӣ дар мавриди бознигарии аҳволу санҷидани қоидаву роҳҳалҳо ва барномаҳои фикриву қонунҳои он ночор мондааст.

Бо гузашти вақт дар пешорӯи афзоиши пайравони уммат ва зиёд шудани халқиятҳои он, боло гирифтани муқовиматҳое, ки ба ниҳоду вуҷуд ва сарнавиштҳои он бархӯрд месозад; дар пешорӯи хатарҳои аз бемориҳои фарҳангӣ бархоста, ки ҳоло дар ниҳоди миллатҳои ғарбӣ ва ҷомеаҳои он паҳн гаштааст, ки он на фақат нобудии миллатҳои ғарбиро, балки тамоми инсониятро таҳдид менамояд. Аз ин рӯ, барои уммати исломӣ танҳо ин нукта боқӣ монда, ки ниҳоду фикр ва қоидаву роҳҳалҳои худро бознигарӣ намояд. Хусусан, баъди он ки барои ҳар соҳибақле собит гардид, ки нақшҳои уммат ва муқовиматҳое, ки ба он бархӯрд мекунад, дигар ислоҳи сатҳии фикру танҳо бархӯрди ҳарбиву сиёсӣ ва отифии номуваффақ бо он суде надорад. Ба ин гуна зарурат шуд, ки дар назди ин воқеяти талх ҳама пардаҳои ғайбгӯиҳову манфиатҳои сохта ва мунокишаҳои тақлидии муҳофизакор дарафтад, ба гунае ки дигар барои ин уммат, дар ҳоле ки нотавонию ақибмондагиву ранҷкашӣ бар он парда андохтаст, ба ҷуз дарду ранҷу парешониву нотавонӣ дигар чизе намондааст, ки барои гум шудану аз даст доданаш тарсид.

Масъулияти фарҳангии уммат масъулиятест ҳам дар назди худу ҳам дар назди таърих ва ҳам дар назди масъулиятҳои муқаддаси худ оид ба хилофату ислоҳ, ки аз он роҳҳалҳои

волои исломии созгоршуда (сомонёфта) маншаъ мегирад, то асосҳои тамаддуни муосири инсониро вазъ кунад (асос гузорад).

Воқеан, тамаддуни ғарб бар пояҳои рисолати Ислом ва мероси тамаддуни исломӣ, ки бисёр асолатро тақдим кардаву пеш аз тамаддуни ғарбӣ дар ислоҳи бисёре аз асосҳои тамаддуни инсонӣ саҳмгузор будааст, сохта шудааст. Асари инро ошкоро дар ислоҳи динӣ-ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фикрӣ-илмие мебинем, ки Аврупо онро аз уммату тамаддун ва мероси исломӣ гирифтааст. Чунончи ғарбиён сарзамину андеша ва дастоварди Исломро таҷассус намуда, дар донишгоҳҳову китобхонаҳои исломӣ таълим гирифта, тарҷумаҳои исломиро омӯхтанд. Бар ин нукта андешаи асри Эҳёи Аврупо, меросу ислоҳоти тамаддуни он шоҳид шуда метавонад, балки, ба андешаи мо, бештари ранҷи ғарб ва бемориҳои иҷтимоии он, ба вижа дар муҳити тандурустии равонии фарду оила, ки ғарб имрӯз аз он ранҷ мебарад, ба даст кашидани ғарб аз роҳҳалҳо ва мафҳумҳои ислоҳоти иҷтимоӣ-ахлоқие барегардад, ки аз тамаддуни исломӣ гирифта буд. Ин бошад, баъди он сурат гирифт, ки таассубу ғурури ғарб боло гирифт ва гумон бурд, ки ниёзе ба арзишҳову мафҳумҳо ва анъанаҳои баргирифтааш аз Ислом надорад ва тавоноиву неруи моддиаш аз бузугии худи он сарчашма мегирад ва дастовардҳояш ба мероси бутпарастии юноиву румонӣ, ба мероси хурофотии масеҳияти асримиёнагӣ, новобаста аз тамаддуну арзишҳо ва роҳҳалҳои исломӣ бармегардад, дар ҳоле ки барои ислоҳоти фикрӣ ва илмӣ-иҷтимоияшро аз арзишҳову роҳҳалҳои тамаддуни исломӣ баргирифтаву натиҷагирӣ аз онҳо намудааст. Таъсири ин халои тамаддуни исломиро имрӯз дар муҳити зиндагии иҷтимоӣ-оилавии харобгаштаву баҳамрехта ошкоро мебинем, инчунин, онро дар ноустувории ахлоқӣ дар риштаи илму техника ва сиёсат шоҳид мешавем. Чунончи барои ҳар бинандае ошкор аст, ки ин ҳолат ниҳоди ғарбро аз дохил ва ҳамаи инсониятро аз хориҷ таҳдид мекунад.

Дар вазъияте, ки имрӯз ғарб ва ҷаҳон гирифтори он аст, барои инсон дар ва барои уммати исломӣ чизе ҷуз Ислом ва роҳҳалҳои он боқӣ намондааст, то корвони уммату инсониятро дубора ба роҳи рост баргардонад ва тавозуну саломатро бар пояи равиши ҳаққу адл ва ҳадафи ахлоқии дуруст ба инсонияту тамаддун бозорад, бино кунад, на харобкорӣ, ислоҳ кунад, на фасодкорӣ ва хости Худовандро дар ислоҳу ободкорӣ пиёда созад.

Ҳангоми сухан аз барномагароии исломӣ дар андешаву зиндагӣ бояд нахуст чорчӯби куллии ин барномагароӣ ва шинохту роҳҳалҳои бунёдии он тарсим шавад, то баъди ин барои идомаи амали илмӣ-тамаддунӣ дар соҳаҳои ҳаётӣ-иҷтимоӣ ва тамаддунии гуногун бароямон имконият фароҳам ояд. Ба ин тартиб ақли мусулмонро коромад намоем, то дубора дар эҳёи бинои ниҳоди тамаддуни инсонӣ ва тартиби авлавиятҳову шаклдиҳии алоқаҳояш бо накуиву ислоҳ ва амнияту сулҳ нақши худро гузорад.

Нахуст ба баррасии муҳимтарин масъалаи барномагароии исломӣ мепардозем, ки ҳамон масъалаи чорчӯби куллии барномагароиест, ки андешаи ислом дар он чархиш мекунаду тавассути доираҳои он ҳаракат менамояд.

## 3.1. ЧОРЧӮБИ БАРНОМАИ АНДЕШАИ ИСЛОМӢ ВА МАОРИФИ ОН: КОМИЛ ШУДАНИ *ҒАЙБУ ШАҲОДАТ*

Бисёр муҳим аст, ки чорчӯби исломии дарбаргирандаи зиндагиву ҳастӣ дарк карда шавад, то дарки андешаи исломӣ ва муҳити ҳаракати зиндагиву ҳастӣ имконпазир гардад; то алоқаҳову мафҳумҳо ва роҳҳалҳои асосиеро, ки фикру барнома ва сохтори зиндагии исломиро ба сомон даровардаву бартар мегардонад, дарк намоем.

Вақте табиати андеша ва барномаи исломӣ, маънои зиндаги исломӣ ва ҳастии инсонӣ ва алоқаҳову ҳадафҳои инсониеро, ки Ислом, ҳастӣ ва ислоҳи исломӣ ба татбиқи он талош мекунад, фаҳмидан хоҳем, пас, ошкор намудани мафҳуми

*ғайб* (нопайдоӣ, номаълумӣ) ва *шаҳодат* (ҳузур, маълумӣ) дар Ислом ва буъдҳои он дар ақлу барномаи исломӣ аҳамияти назаррасе дорад.

Мафҳуми *ғайбу шаҳодат* дар Ислом мафҳумест, ки маънои зиндагиву ҳастӣ, ҳадафи зиндагиву ҳастӣ, бастагии он ба моварои зиндагӣ ва ба моварои ҳастиву моварои моддаро мушаххас месозад.

Мафҳуми *ғайбу шаҳодат* дар Ислом чорчӯбаи фарогирест, ки маънои ҳастии инсониву ақли инсонӣ ва нақши ақлро дар зиндагии инсонӣ ва марзҳои ин нақшу пайроҳаҳои онро муқаррар менамояд.

Мафҳуми *ғайб* дар Ислом чорчӯби посухи Исломро ба пурсиши фарогир дар мавриди асли зиндагиву ҳастӣ ва ҳадафи онҳо тасвир намуда, ба ин тартиб маънои алоқамандиҳои бунёдии онро мушаххас месозад.

Олами *ғайб* оламест, ки танҳо махсуси илми Худованд аст, ки барои кадом бандаеаш хоҳад, ваҳй менамояд ва барои ҳидояту бозгӯии маънои ҳастӣ бо рисолатҳо ба сӯйи миллатҳо мефиристад.

Бар асоси назардошти Ислом алоқаи инсон ба олами *ғайб* алоқаи беҳтарину созандаест, ки ҳадафаш барпо намудани ҳақиқату адл дар зиндагии инсонӣ, обод кардани замин ва посдории коиноту замин аз фасод мебошад.

*«(Парвадигоре, ки) маргу зиндагиро офарид, то шуморо мавриди санҷиш қарор диҳад, ки кадоме аз шумор накукортар аст»; Сураи «Мулк», ояти 3.*

*«Худо бар адлу эҳсон ва бахшиш ба хешовандон, фармон медиҳад. Ва аз фаҳшову зиштгорӣ ва ситам наҳй мекунад». Сураи «Наҳл», ояти 91.*

Метавон муҳимтарин унсурҳо ва додаҳои олами ғайбро барои инсон ба таври зер хулоса намуд:

- Ҳастӣ ҳадафи баргузидаи ахлоқӣ дошта, беҳуда офарида нашудааст:

*«Оё пиндоштед, ки шуморо беҳуда офаридаем ва шумо ба назди Мо бозгардонида намешавед?»; Сураи «Муъминун», ояти 115.*

- Алоқаҳои ҳастии куллӣ ва дарки ин алоқаҳо аз неруи ақли инсонӣ ва мантиқу идроки инсонӣ берун аст;
- Беҳтарин додаҳои олами *ғайб* ба он чӣ вижаи инсон аст, ин ҳастии Худованди поку баландмартаба, офаридгори ягонаву яктову бениёз, ҳаќу адл ва аввалу охирест, ки ҳамгуни ӯ чизе нест ва ӯ донандаи ҳама чиз аст;
- Хонаи охират, растахезу барангехтан ҳосили савобу иқобест, ки инсон дар ин дунё ба ҷо овардааст. Агар некӣ кардааст, некӣ ва агар бадӣ кардааст, бадӣ мебинад;
- Дунё ҷойи кору корбарӣ ва ислоҳ аст, ки Худованд ҳама чизро дар коинот фармонбардори инсон гардондааст, то масъулияти ҷойгузиниашро дар замин ба ҷо оварда, ба ободкориву ислоҳи он талош варзад. Фармонбардор кардани коинот ба хости баргузидаи инсон ба хотири баҳраҷӯиву ғамхорӣ, ислоҳнамоиву накукорӣ аст, на барои зиёдаравию саркашӣ ва фасодкорӣ;
- Иродаи инсонӣ аз илму амр, эъҷози офариниш ва қудрати Худованд аст. Худованд онро офарида, ҳамчунон ки ҳама чизро бо хости худ офаридааст. Бо самтгирии озод бартариву шараф дода, озодона тасмимгириро ба ӯ бахшидааст. Метавонад аз рӯйи тақвову покӣ ва ё аз рӯйи табаҳкорӣ зиштӣ тасмими нек, бад, ислоҳнамоӣ, фасодкорӣ, анҷоми хилофату ғамхорӣ, ислоҳнамоиву ободкорӣ ё тасмими баду фасодкорӣ, ифротнамоиву исрофкорӣ, кибрварзию саркаширо баргузинад;
- Ҳидоят ва гумроҳӣ дар зиндагии инсон сарнавишти шахсист, ки дар илми Худованд буда, чи тавре Худованд иродаи озодро, яъне, ду роҳро ба инсон бахшидааст: роҳи

росту ҳақиқат ва ҳидоятро пеш мегирад ва ё роҳи фасоду гумроҳӣ ва саркаширо;

• Худованд инсонро офаридаву ба ӯ ақлу донишро ҳадя кардааст ва бо ҷойгузинӣ дар замин гиромӣ доштаву ҷойгоҳашро бо неруи илму озодии ирода бартар гардонидааст ва ӯро бар ҳама коинот бартару мукаррам сохтааст. Чунончи агар бо иродаи озоди худ ҳидоят ёбад, пас, ӯ комилтарину беҳтарин ва накутарини офаридаҳост, аммо агар гумроҳ шаваду фасод намояд, пас, бо бадкориву гумроҳӣ ва интихобаш дар асфал-ус-софилин (пасттарин табақаи дӯзах) аст;

• Худованд ҳастиву коинот ва зиндагиву ҷондоронро халқ ва бар қоидаву қонунҳо ва сабабҳо офаридааст. Маҳз дар ҷустуҷӯи сабабҳо кору кирдор ба вуҷуд омада, ҳадафҳо амалӣ мегарданд ва иродаи инсонӣ қасду тасмимгирии худро ошкор месозад; бе ҷустуҷӯи феълу талаби сабабҳо на ирода мебошаду на мақсад ва на ҳадафе амалӣ мешаваду на чизе ошкор мегардад;

• Масъулияти инсон дар зиндагиву замин анҷоми масъулияти роҳбариву ободкорӣ, мусаххар намудани коиноту ғамхорӣ ба он аст ва ин тавассути ҷустуҷӯи сабабҳову талош дар роҳи он амалӣ мешавад. Масъулияти инсон ҷустуҷӯ кардани қонунҳову сабабҳо ба хотири адои амонат ва розӣ намудани Худованди поку баландмартаба мебошад. Ризоии Худованд бо имон доштан ба ӯ ва ба ғояе, ки Худованд инсонро барои анҷоми он офаридааст, имону фармонбардорӣ ба он чӣ Худованд фармудаву наҳй кардааст ва боварӣ ба қудрати ӯ ва ба қонунҳову дастурҳо мебошад. Муъмин пас аз адои масъулияташ мувофиқ ба қоидаву қонунҳо дар талаби сабабҳо ва талош бо тамоми ҷиддият дар ин росто воҷибу амонаташро иҷро менамояд. Сипас аз рӯйи имону боварӣ ба ҳикмати Худованд бар Худованди соҳиби амру донандаи *ғайб* ва чархзанандаи ҳастӣ таваккал менамояд. Ҳама тақдири илоҳӣ дар мавриди бандаи муъмин пас аз он ки нақши худро иҷро карда, масъулиятро дар талаби сабабҳо ба дӯш мегирад, дар дунёву охират хайр

аст. Инсон бо дилу ҷонаш (тамоми вуҷудаш) бо боварӣ рӯ ба Худованди соҳиби амр меорад ва бо ин хостгори ризои Худованд мешавад, то амалашро пазиро гардаду ҳадафи баргузидаашро амалӣ созад. Маҳз адли ҳақ субоҳанаҳу ва таоло ва куллиёти парвардигорӣ ва ҳикмати куллии ӯ гарави комёбии кори умумии муъминон ва талоши онҳо дар хилофати замин аст ва гарави подоши бандаи муъмин дар дунё ва охират ба муқтазои ҳикмату адл ва раҳмати ӯст;

- Инсони муъмин мувофиқи фитрату қонунҳои бунёдӣ ба иҷрои хилофат ва талош дар ислоҳсозиву ободкорӣ менамояд ва масъулияти ба дӯш дотаашро дар фаъолияту мубориза ва ҷустуҷӯи сабабҳо аз роҳи имон ба Худованд ва боварӣ доштан ба ҳикмату адл ва раҳмати ӯ иҷро менамояд. Аз ин рӯ, банда умед мебандаду таваккал мекунад ва аз тақдири Худованд ба тақдири Худованд мегурезад, аз худ ва иҷроиши масъулияташ огоҳ аст; имонаш талошу талошаш имон аст. Ба ин хотир, инсон дар талаби ҳақиқату талош намудан ба ислоҳкорӣ, дар анҷоми уҳдадориҳои хилофат ва ислоҳкориву ободнамоӣ сабабҳоро ҷустуҷӯ намуда, ба Худованд эътимод менамояд; аз ғайри Худованд тарсу биме надорад; рӯ ба Худованд меораду бо муътақидӣ ба комёбии муъминон дар дунёву охират бар ӯ таваккал менамояд. Аз ин рӯ, муъмини ҳақиқии аз маънои имонаш ба Худованд ва ҳукму қазову қадари ӯ нисбат ба ҳамаи мардум барои амал намудан ба қонунҳои илоҳӣ дар замин ва хилофати он озмандтар аст. Ва ӯ танҳо бо диди ташхисгару нуктасанҷ ба ҷузъиёти ҳаракати амалкард ва талош таваҷҷуҳ менамояд; на комёбӣ мағрураш мегардонаду на шикасте ноумедаш мекунад. Зеро медонад, ки ин мояи имтиҳону санҷиш аст ва аз ҳикмати расои Худованд ва куллиёти илоҳӣ дар чархиши ҳастиву санҷиши мардум сарчашма мегирад. Ба ин хотир, ҳар чӣ дар ҳаракату талош ба муъмин мерасад, ҳамагӣ барояш дар дунёву охират хайр буда, мояи ҳаракату зиндагӣ, масъулияти амалу ҷиддияти талош ва талаби сабабҳояш боқӣ мемонад. Ҳоли муъминони амалкунандаву адокунандаи

амонатҳову масъулиятҳои худ ҳамеша ба сӯйи накуиву комёбӣ ва тавонмандист. Чунончи ваъдаи Худованд дар мавриди муъминони адокунандаи амонату масъулият, имони комилдошта ба қазову қадар ва ба таври наку талошкунандаву талабкунандаи сабабҳову қонунҳо амалӣ шуданист. Худованд муъминонро ба хотири хушимониву ба таври наку адо намудани масъулиятҳояшон кумак кардаву ба онҳо тавонмандӣ додааст ва онҳоро халифа гардонидааст. Зеро ин аҳду қонуни Худованд ва он имону доноии муъмин аст:

*«Агар Худоро ёрӣ кунед, шуморо ёрӣ хоҳад кард ва пойдорӣ хоҳад бахшид»; Сураи «Муҳаммад», ояти 7.*

• Ақлу идроки инсонӣ барои зиндагӣ дар замин ва иҷро намудани уҳдадориҳои ҷойгузинӣ дар ислоҳнамоиву ободкорӣ омодааст. Ақлу идрок абзори асосӣ ва сифати олии инсон дар арсаи бардошти масъулияти муҳимме, ки дар зиндагӣ бар дӯши ӯ гузошта шудааст ва дар мавриди идораи ҳастиву ободсозиву талош дар ислоҳнамоии он мебошад. «Ва чун Парвардигорат ба фариштагон гуфт:

*«Ман дар замин халифае меофаринам», гуфтанд: «Оё касеро меофаринӣ, ки дар он фасод кунад ва хунҳо бирезад, ҳол он ки мо ба ситоиши Ту тасбеҳ мегӯем ва Туро ба покӣ иқрор мекунем?» Гуфт: «Ман он чиро донам, ки шумо намедонед». Ва номҳоро ба тамомӣ ба Одам биёмӯхт. Сипас онҳоро ба фариштагон арза кард ва гуфт: «Агар рост мегӯед, Маро ба номҳои инҳо хабар диҳед»! Гуфтанд: «Муназзаҳӣ (покӣ) Ту. Моро ҷуз он чӣ Худ ба мо омӯхтаӣ, донише нест. Туӣ донои ҳаким»! Гуфт: «Эй Одам, онҳоро аз номҳояшон огоҳ кун!» Чун аз он номҳо огаҳашон кард, Худо гуфт: «Оё ба шумо нагуфтам, ки Ман ниҳони осмонҳову заминро медонам ва бар он чӣ ошкор мекунед ва пинҳон медоштед, огаҳам». Сураи «Бақара», оятҳои 30-33.*

Дархӯрии инсон барои хилофат маҳз илм буд ва ақл абзору василаи он дар замин аст;

- Ваҳй сарчашмаи илоҳист, ки инсон ва шинохти инсониро дар мавриди ғайбу алоқаҳову ҳадафҳои куллии он ва дар робита ба алоқаи инсон ба ин куллиёту ҳадафҳо мусоидат мекунад. Ақл абзори инсон барои илму маърифат ва амалкард дар замин аст. Инсон донандаи *шаҳодат* аст ва ин ба хотири амалинамоии рисолати хилофату ҳадафҳои он дар барпо намудани ҳамбастагиҳои ҳаққу адл ва эҳсон мебошад;

- Ба ин маъно ваҳйу ақл дар арсаи муайян намудани ҷойгоҳи инсон дар олами *шаҳодат* ва таҳким бахшидани вуҷуду талоши ӯ ба хотири амалӣ намудани ҳадафи ҳар ду (ваҳйу ақл) дар ҷаҳон якдигарро комил менамоянд. Чунончи ваҳй инсонро барои шинохти куллӣ, ҳадафҳову ҳикматҳои илоҳие, ки фаротар аз илму идроки ӯ буда, шинохту даркашонро надорад, мусоидат менамояд, дар натиҷа инсон дидгоҳу шинохти худро комил месозад, то ба сӯйи ҳадафҳову мақсадҳо ҳидоят гашта, яқинро ба даст меорад ва ба ин гуна ангезаҳову тасмимоти ниҳоди худро дар ростои сохтору сиришти худ пазиро мешавад. Ҳамин гуна ваҳйи ростини итминонбахш василаи инсон ба сӯйи ҳадафҳову куллиёт ва ақл василаи ӯ дар шинохти ҷаҳону ҳама он чӣ аз қоидаву конун ва имкониятҳо нуҳуфтааст, ба шумор меравад, то ҳамаро мусаххар созаду бо муқтазои роҳнамоӣ ва ғояи баргузидаи илоҳӣ ба ислоҳнамоиву ободкорӣ пардозад;

- Аз нигоҳи сиришту имон ба ягонагии Худованду ҳидояти ваҳй дар дидгоҳи исломӣ таноқузе байни ваҳйу ақл ва ҳастӣ вуҷуд надорад. Чунончи ваҳй вижаи олами *ғайб* ва куллиёту ҳадаф ва мақсадҳои вуҷуд дар ҳастиву зиндагӣ буда, аз ҷониби Худованд аст ва саъй дар мавриди он ба ғайри он чӣ ваҳй хостааст, гумроҳӣ, гумон ва такаббурист. Маҳз ҷидду ҷаҳд ва фармонбардорӣ ба он чӣ ваҳйи илоҳӣ овардааст, байни илми судманд ва илми

табоҳкунанда фарқ мегузорад. Маҳз ин меъёр байни илму мантиқи ростини фариштаҳо ва байни илму мантиқи фосиди шайтон фарқ гузошт:

*«Гуфтанд: «Муназзаҳӣ (покӣ) Ту. Моро ҷуз он чӣ Худ ба мо омӯхтаӣ, донише нест». Сураи «Бақара», ояти 32.*

Иблис бо донистани бартарияти моддаи офаринишаш такаббур карда, мегӯяд:

*«Гуфт: «Ман аз ӯ беҳтарам, маро аз оташ офаридаӣ ва ӯро аз гил»; Сураи «Аъроф», ояти 12.*

Ва боз гуфта:

*«Оё барои касе, ки аз гил офаридаӣ, саҷда кунам?» ; Сураи «Исроъ», ояти 61.*

Ва Худованд бо илми кулливу қудрати фарогираш мегӯяд:

*«Ман он чиро донам, ки шумо намедонед». Сураи «Бақара», ояти 30.*

Ақлу мантиқ ва идроки инсонӣ ҳамон ақли дурусту ростинест, ки талоши инсонро сӯйи ҷаҳон ва барои иҷрои нақшу ифои масъулият дар хилофати ҷаҳон равона месозад, ба гунае ки Худованд дидгоҳи ӯро аз дониши ҷаҳони *ғайб*, муайян намудани ҳадафҳову меъёрҳо ва анҷому оқибатҳо бархӯрдор сохтааст, то инсон дар замин имконияти анҷоми масъулияти худро дар ростои мусаххарнамоиву ободкорӣ ба шакли наку пайдо намояд. Бо ин чорчӯби комилу комилкунанда байни илми ғайбу илми *шаҳодат* ва байни ваҳйу ақл ва ҳастӣ мусулмонони садаи аввал ба сафсатаҳои ифротӣ дар робита ба масоили *ғайб* рӯ наоварда, ниёзи худро ба таври комил дар мавриди ҳадафҳову муайян намудани меъёрҳо аз ваҳй дарёфтанд, зеро ваҳй инсонро раҳнамоиву ҳидоят наму-

да, ақли ӯро ба сӯйи илму талош, созандагиву тасхирнамоӣ ва ободкорӣ равона сохтааст;

- Ғайбу *шаҳодат*, ваҳйу ақл ва ҳастӣ, имону амал, таваккалу талош, ақидаи қазову қадар ва боварӣ ба куллиёту фармудаҳои илоҳӣ – бо тамоми ҷиддият дар фаҳму шинохти қонунҳову василати иродаташ дар амалисозии ҳадафи ҳастӣ ва имони ростинаш бо хости Худованд – маҳз дар чорчӯби фарогири исломие, ки дар пояи ҳақиқати тавҳиду ягонагӣ бунён шудааст, такомул меёбанд. Аз ин рӯ, Худованд имон, ки сарчашмаи ният аст, дар чандин ҷойи Қуръони карим бо амали солеҳ ҳамроҳ овардааст, аз ҷумла ҷойе, ки мефармояд:

*«Онон, ки имон оварданд ва амал солеҳ анҷом доданд». Сураи «Аср», ояти 3.*

- Чӣ тавре дида мешавад, Худованд амалро дар қонуну қоидаҳо ёдовар шуда, ишора менамояд, ки накуӣ (салоҳ) танҳо ба нияти хубу қасд басандагӣ наменамояд. Чунончи ин маъно дар ояти мазкур дар баробари имону таваҷҷуҳ ба Худованд боз ифодагари талоши воқеӣ дар талаби сабабҳову амалкарди хуб мебошад.

Аз ин ҷо хулоса менамоем, ки ақли мусулмон ба мусаххарнамоии олами шаҳодату зиндагӣ ва коинот рӯ оварда, ба хотири пиёдасозии хилофати бо ваҳйу дастур ва ҳадафҳои шариату ҳукмҳои нозилшуда созгор дар асоси шинохти воқеии аҳволу воқеият, мабноҳо, оинҳову қонунҳо ба басомоновариву темордорӣ ва ислоҳи кори онҳо (олами шаҳодату зиндагӣ ва коинот) гом мебрадорад. Ақли мусулмон дар чизе, ки суд надорад, аз қабили аҳволи олами ғайбу чизҳои вобаста ба Зоти Худованду куллиёти дастураш (ба истисноӣ он чӣ дар мавридаш ваҳй нозил шудаву паёмбарӣ фиристода шудааст) вақту талоши худро зоеъ наменамояд. Ақли мусулмон маҳз вақте заиф гардид, ки дидгоҳаш заифу дар ҳам барҳам гашт

ва аз он чӣ аз олами *шаҳодат* барояш дастрас буд, рӯгардон шуд. Ба ин гуна ки дар он чӣ созгору дархӯраш набуд, аз қабили аҳволи куллиёту илоҳиёт ва олами *ғайб* ғӯтавар гашт (ва бо ин аз рисолаи аслии худ дур гардид).

Барои он ки ақли мусулмон неруи худро баргардонад, бояд дидгоҳи пурраи исломии бар пояи тавҳиду ягонагӣ бунёншударо барқарор созад. Зеро дар он дидгоҳ ҳадафу сабабҷӯӣ зарурӣ гашта, *ғайбу шаҳодат*, ваҳйу сиришт (ақл ва ҳастӣ) муттаҳиду комил мешаванд ва бо ин инсону ақлро роҳнамоӣ мекунад, ба гунае ки талоши инсон ҷиддӣ гашта, ваъдаи Худованд дар мавриди қудрату пирӯзӣ амалӣ мешавад.

Акнун ба масъалаи муҳимми дигаре дар соҳаи масоили барномагароии исломӣ мегузарем, ки он масъалаи сарчашмаҳои ин барномаву фикр ва алоқаи байни онҳо мебошад.

## 3.2. САРЧАШМАҲОИ ФИКР ВА БАРНОМАИ ИСЛОМӢ: ВАҲЙ, АҚЛ ВА ҲАСТӢ

Ваҳй ҳамчун сарчашмаи шинохт ва раҳнамоии зиндагии иснон сухани ҳақ дар назар дошта шудааст, ки Худованд онро ба паёмбарони худ ваҳй кардааст, то фармудаҳояшро ба умматҳо расонанд. Аммо ваҳй ҳамчун сарчашмаи шинохт ва раҳнамоии исломӣ сухан ва дастури Худованд аст, ки ба Паёмбари худ – Муҳаммад (с) ваҳй намудааст, то онро ба ҳамаи мардум (одамизод) бирасонад. Чун ин ваҳй охирин, комилтарин ва фарогиртарин паёмбарӣ буда, ҳидоятгари ҳама мардум, раҳнамунсоз ба маънои ҳастиашон ва ифодагари ҳадафҳову асосҳо ва арзишҳову дастурҳое мебошад, ки бояд ба хотири амалисозии ҳикмати ҳастиву расидан ба ҳадафҳои кориву алоқадоштаи худ ба он чанг зананд. Асоси он чӣ ваҳй ба инсон мерасонад, ин тавзеҳи чигунагии алоқаи инсон ба Худованд, мақсади ҳастии инсон дар кавн, далели ҳаракати инсон дар зиндагӣ ва бозгашти инсон пас аз марг мебошад.

Инсон гиромитарин офаридаи Худост, зеро Худованд ӯро бо иродаву тавоноии тасарруфнамоиву тасхирсозии ҳастиву ҳаёт бархӯрдор сохтааст, инчунин, дар ӯ сиришти идрок, андешарониву чорасозӣ, ба чархиш даровардани зиндагиву тақдиротро мувофиқ ба қонунҳову сабабҳои омӯзондааш, гузоштааст. Аз ин рӯ, агар бо устуворӣ дар ҳақ фармонбародии хуб намояд, дараҷаи баланд меёбад ва агар бо дурӣ аз ҳаққу пайравӣ аз ҳавову ҳавас саркашиву бадкорӣ намояд, ба пастӣ меравад (ҳалок мешавад).

Алоқаи инсони офаридашуда ба Худованди офарандаи соҳибихтиёр дар зиндагӣ ва ҳастӣ алоқаи иродаву идрок ва ихтиёр буд, дар навбати худ ин алоқаи бандагиву зердастӣ ва алоқаи хилофату каромат мебошад. Чунончи рӯ овардани инсон ба Худованд ва пайравӣ аз дастуроту канораҷӯӣ аз наҳйкардаҳояш алоқаи болоравиву каромат ва иззатнамоист. Зеро ин алоқа ба маънои фарогириву расидан ва пиёданамоии ҳақиқату накуӣ, роҳи рост ва ҳадафи бузурге мебошад, ки инсони росткор барои он талош менамояду онро талаб месозад ва маҳз бо ҷустуҷӯву дарёфти он баландмартаба мегардад. Дар андешаи исломӣ ин гуна алоқа ҳаргиз бо хор доштану таҳқир кардан ва истисморнамоӣ маънидод намешавад. Зеро ин гуна алоқа алоқаи муҳаббат, интизорӣ, шавқ, ифтихор, бузургӣ ва неруст ва ҷаҳонбиниҳову меъёрҳо ва арзишҳо дар шахсияти Паёмбари Худо (с) ва саҳобагони гиромиаш пеш аз ҳар каси дигаре аз ояндагон дида мешавад. Чунончи дар ин маврид Паёмбари Худо мегӯяд:

*«Бӯйи даҳони рӯзадор дар назди Худованд аз бӯйи мушк хушбӯтар аст»;*[1]

*«Хушнудии Худованд аз тавбаи бандааш аз хушнудии яке аз шумо, ки дар биёбон савори уштур меравад, ба ногоҳ шутур аз ӯ мегурезад, дар ҳоле ки ҳама хӯрокаву нӯшокааш бар он бор аст ва ӯ ноумед гашта, ба зери дарахте омада, дар сояаш дароз мекашад ва дар ҳамин ҳолати ноумедӣ уштурашро дар назди худ меёбад, бештар аст».*[2]

1 Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
2 Ривояти Муслим.

Худованди поку баланмартаба мегӯяд:

*«Чун Парвардигорат ба фариштагон гуфт: «Ман дар замин халифае меофаринам»»; Сураи «Бақара», ояти 30.*

*ҷойи дигар фармуда: «Мо фарзандони Одамро каромат бахшидем ва бар баҳру хушкӣ (бар савориҳои гуногун) савор кардем». Сураи «Исро», ояти 70.*

Бояд сабаби бузургии инсонро байни махлуқот, ҷойгоҳи ӯро дар офариниш, ҳикмати волои офаринишу дар замин ҷо намудани ӯро, ки ҳамон сифати бартару бузурги фарққунандаи ӯст, фаромӯш нанамоем. Сифати мазкур сифати иродаи озод ва тавоноӣ ба таваҷҷуҳу ҳидоят бо соҳибихтиёрӣ ба шумор меравад, ки маҳз ҳамин онро мавриди қасами Офаридгори бузургу баланмартаба қарор додааст:

*«Ва савганд ба нафсу он ки некуяш биёфарида, сипас бадиҳову парҳезгориҳояшро ба ӯ илҳом карда, ба таҳқиқ, ҳар кӣ дар покии нафс кӯшид, наҷот ёфт ва ба таҳқиқ, ҳар кӣ дар палидиаш фурӯ пӯшид, зиён кард». Сураи «Шамс», оятҳои 7-10.*

Инсон маҳз бо саркашиву бадкорӣ ва гумроҳӣ ба нафси худ ситам карда, дар ботлоқи гуноҳу бадкорӣ ва исён ғарқаш месозад ва онро рӯзи қиёмат ба ҷойгоҳи хориву бадбахтӣ мебарад. Аз ин рӯ, набояд ҷойгоҳи эътибору бузургиеро, ки барои инсони накукор аст:

*«Ба таҳқиқ, Мо одамиро дар некутарин сурате биёфаридем. Он гоҳ ӯро фурӯтар аз ҳамаи фурӯтарон гардонидем, ғайри онон, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, ки подоши бепоён доранд», Сураи «Тин», оятҳои 4-6.*

Бо хитоби илоҳие, ки ба сангдилону мутакаббирон, ситамгарону золимон, аз қабили ситамгорону саркашон ва му-

такаббирони араб чун Абучаҳлу Абулаҳаб муроҷиат шудаву Худованд бо он шикасти густохии мутакаббарон хоставу тарсу инҳироф ва куфру гумроҳии онҳоро ошкор сохтааст, омехта намоем. Ба ин хотир, дуруст нест, ки маонии хитоби бузургдошти инсонро фаромӯш созем ва набояд дар зеҳну фаҳмамон танҳо хитоби накӯҳишу сарзаниш ҷойгизин шаваду онро асли хитоби Худованд ба инсон ва асоси алоқаааш ба зиндагӣ шуморем.

Инчунин, набояд байни эҳсосоти арҷмандиву эътибори муъминон (чун ин ҷойгоҳи арҷмандии ҳақиқату ороста шудан ба он ва фарохонӣ ба сӯйи он аст) ва байни тазарруъ, муҳаббат ва тавбанамоии онҳо дар намоз ба сӯйи Худованди неъматдиҳандаву гиромикунанда ва донову бахшанда омехта нанамоем, зеро ин алоқа алоқаи дӯст доштану иштиёқ ба сӯйи Бахшандаи Меҳрубон мебошад. Ҳар ду маврид ҷойгоҳи арҷмандиву накуӣ ва бузургиест, ки дархӯри алоқаи муъмин бо Худованд мебошад, чун барояш дар замин ҷиҳати адо намудани рисолату амалинамоии ҳадафи офаринишаш имконият додаву халифаи гиромиву накукораш гардонидааст, ки ба Худованд имон доштаву ба ӯ эътимод менамояд ва барои дарёфти ризоияташ талош меварзад.

Ваҳй ба ин маъно сарчашмаи асосии шинохти инсон буда, ӯро ба ҳадафи офаринишу ҷойгоҳаш дар он ва бозгашташ баъд аз ин ҳастӣ ошно месозад:

*«Оне, ки маргу зиндагиро офарид, то шуморо мавриди санҷиш қарор диҳад, ки кадоме аз шумо беҳтар амал менамояд». Сураи «Мулк», ояти 2.*

Инсон танҳо тавассути ваҳй метавонад ба шинохти яқинии худ дар мавриди ҳадафи вуҷуду ҷойгоҳаш дар он ва алоқамандиаш ба моварои вуҷуду моварои ҳаёт даст ёбад, дар ҳоле ки феълу илм ва мантиқи инсон наметавонад ба чунин навъи яқину шинохти куллиёт роҳе дошта бошад.

Бо сиришту ақл ва идроке, ки Худованд бандаро офаридаву ӯро бархӯрдор сохтааст ва бо он чӣ инсон аз офаридаҳову ҳастии фитрату қонунҳо мебинад, барои шинохти куллиёти ин вуҷуд ва ҷойгоҳи худ дар он дигар чорае надорад. Вале ковиши ӯ на далеле шуда метавонаду на ҳадафе, ки барояш талош карда шавад ва на маъное, ки амалӣ шавад, ба гунае ки офариниши ақлу қонунҳои илоҳӣ дар коинот онро инкор мешаванд. Дар натиҷа ин ҳолат нафсро гирифтори ҳаяҷону изтироб намуда, дар вартаи биму ҳайронӣ қарор медиҳад. Маҳз ваҳйи боэътимоду саҳеҳ воситаи ягонае барои ин гуна шинохт ба шумор меравад, ки тавассути он инсон вуҷуду абзори худро дар зиндагӣ комил месозад. Ба ин хотир, ваҳй дар зиндагӣ зарурӣ ва такмилдиҳандаи ақлу идрок ва андешаи инсон буда, инсон аз он бениёз буда наметавонад. Инсон дар зиндагӣ танҳо бо такя ба ваҳйи дуруст метавонад ба марҳилаи яқину боварӣ расад, зеро ваҳй ҳамчун сарчашмаи асосие ба шумор меравад, ки шинохту дониши ақл дар мавриди олами *шаҳодат* маҳз бо он комил мешавад:

> *«Ва аз ҷониби Худо нуре ва китобе сареҳу ошкор бар шумо нозил шудааст, то Худо ба он ҳар касро, ки дар пайи хушнудии ӯст, ба роҳҳои саломат ҳидоят кунад ва бо фармони Худ аз торикӣ ба рӯшноияшон бубарад ва ононро ба роҳи рост ҳидоят кунад». Сураи «Моида», оятҳои 15-16.*

Ақли инсон абзори идроку фаҳм, бинишу пазириш ва фарқгузориву муқоисанамоии инсон буда, тавассути он масъулияти ҳастиву амали худро дар олами шаҳодату зиндагӣ амалӣ месозад. Ақл, дар баробари он ки воситаи асосии идрок ба шумор меравад, боз фарогири бадеҳиёти маонӣ ва ҳамбастагиҳои инсон бо зиндагиву ҳастӣ ва коинот буда, мантиқу мафҳумҳои асосии ин ҳастӣ бар пояи он бунён ёфтаанд. Бидуни ақл на инсон вуҷуд дораду на идроку фаҳму бинише ва на масъулияте.

Ақл раҳнамун, ангезанда ва воситаи инсон барои дарки ҷойгоҳу ҳадафаш дар зиндагӣ мебошад. Инчунин, ақл раҳна-

мун, ангезанда ва воситаи инсон барои ҷустуҷӯи илми ғайбу пазириши он тавассути рисолоти ваҳй мебошад.

Маҳз тавоноии ақл дар мавриди идроку фарқгузорӣ ва ошкорнамоӣ воситаи инсон барои дарки мағзи ваҳй буда, онро ҳамчун роҳнамову иршодкунанда барои фаъолияти инсон, созандагиву танзим ва дастовардҳои зиндагӣ қарор медиҳад ва бо ин ҳадафу мақсад ва роҳнамоиҳову ҳукмҳои ваҳйро пиёда месозад.

Бидуни ақл ва нақшу эҷодкории он дар тавоноиҳову бадеҳиёт ва дарку фаҳму фарқгузорӣ на инсон ҳамчун инсон вуҷуд медошту на ваҳй ҳамчун сарчашмаи шинохту дониш ва раҳнамунӣ пазируфта мегашт.

Ваҳйи умматҳои пешин мавриди таҳрифу дигаргунсозӣ қарор гирифту ҳақиқати худро ҳамчун сарчашмаи яқини шинохт аз даст дод, дар ҳоле ки ақли мусулмон бо рисолати комили ростин бархӯрдор гашта, бо такомули сарчашмаҳои шинохташ дар ду олам: олами ғайбу олами *шаҳодат* бартарӣ пайдо кардааст. Чунончи ваҳй сарчашмаи илми куллиёт ва олами *ғайб* ва ақл бошад, сарчашмаи илми *шаҳодат* ва идоранамоии зиндагӣ ба шумор меравад. Идоранамоии зиндагиро ақл бо такя бар меъёрҳову бадеҳиёт ва мафҳумҳое, ки Худованд бархӯрдораш сохтааст ва бо такя бар он чӣ аз ҳастиву коинот, ниҳодҳову алоқаҳои ҳастӣ аз худ намудааст, эҷод карда, зиндагиро дар пояи онҳо месозад ва нақши хилофатро дар ҳастиву коинот ба иҷро мерасонад. Ҳамин гуна ҳар ду сарчашма: ваҳйу ақл бо ҳастӣ комил гашта, барои инсон имконият фароҳам меоранд, ки ҳадафҳои офариниш ва нақши ҷойгузиниро амалӣ гардонад.

Нақши ақл шинохти *шаҳодат* бо ошкорнамоии сидқи паёмбарону дурустии санади ваҳйи расида ва тасдиқу таҳкими он аст. Нақши ақл илми *шаҳодат* бо дарк намудани мақсадҳои ваҳй аз зиндагиву инсон дар олами *шаҳодат* мебошад. Нақши ақл дар паратави роҳнамоиҳои ваҳй оид ба ҳадафу меъёрҳои ҳаракати зиндагӣ ин ҳама ҷониба дарк кардани олами *шаҳодат* ва конуну алоқа ва имкониятҳои фитра-

ти ҳастиест, ки онро фаро гирифтааст. Нақши ақли мусулмон бунёни олами шаҳодату хилофат дар кавн тибқи конунҳову ҳадафҳои иродаи илоҳӣ буда, бо фитрату қонунҳое, ки Худованд дар равонҳову коинот гузоштааст, такмил ёфта, ба роҳи рост даст меёбад.

Ақли мусулмон тавоноиву тавозун, пойдории гомҳову росткории худро аз илми ваҳй мегирад ва ба таври яқин аз илми *ғайб* ҳамон андозае медонад, ки аз ваҳй гирифтааст. Ақли мазкур ақли муъмину ростин ва босубот аст, на якраву носипосу худписанд; яқинро ба хотири гумону ҳидоятро ба хотири гумроҳӣ раҳо намесозад. Ақли мусулмон ақли имондору тавоно ва эҷодкорест, ки бо донишу нур ва яқин масъулияти хилофати ҳастиву зиндагӣ, ободкориву ислоҳнамоӣ онро фаро гирифтааст ва бидуни донишу дастгир ва чароғи тобоне ба шакку гумон ва *ғайб* машғул намешавад.

Ҳамин гуна нақши ваҳйи илоҳӣ, пеш аз ҳама, баровардани ниёзи ақли мусулмон дар мавриди шинохти олами *ғайб*, тавзеҳи ҳадафи баргузидагии офариниши инсон дар олами *шаҳодат* ва хилофати ӯ дар замин буда, нақши ақли мусулмон бошад, такя бо раҳнамоии ваҳйу паёмбарӣ талош дар олами *шаҳодат* ва барпо кардани хилофат дар замин ба шумор меравад.

Аҳди гузаштагони аввал ҳамин гуна буд ва ақли мусулмон вақте кораш пойдор гашту амалкардаш созгор шуд, бояд бар ҳамин минвол бошад, ба гунае ки на шубҳаву нобиноие, на талоши бемаънову на неруи барҳадаррафта ва на парешониву ташвише на шакку тардиде бар он чира нагардад.

Дар гузори асрҳои баъди садаи аввали исломӣ набудан ва рукуди дидгоҳи равшану қатъии шаффофу дурахшон дар мавриди маънову нақши ваҳйи илоҳӣ дар зиндагиву олами башар, инчунин, набудани дидгоҳи равшану қатъӣ дар мавриди маънову нақши ақли инсонӣ дар робита ба дарки маониву ҳадафҳои ваҳй, меъёрҳои идораи олами *шаҳодат* ва дарки масоилу рӯйдодҳову бархӯрд бо рафти зиндагиву конунҳову коинот муҷиби пайдоиши омезаи хатое дар ан-

дешаи исломӣ байни мафҳумҳои ваҳй ва ақл, ҳамбастагӣ байни онҳову табиати ҳар кадоме аз он, соҳаву ҳадаф ва ҷойгоҳи амалкард дар ростои табиати инсон гардид. Ҳамин гуна боис шуд, ки ақлу андешаи мусулмон ба рукуд рафта, аз ҳадафи худ дур шавад ва дидгоҳи исломиеро, ки бо фарқгузориву мушаххаснамоии ҷойгоҳу нақши ваҳйу ақл ороста буд, аз даст диҳад.

Агар уммат ҳувият ва диҳиши фикру тавоноии худро баргардондан мехоҳад, пас, набояд ақли мусулмону талошҳои аслии онро дар робита ба натиҷагириву истиқро, назар кардану тадқиқ ва таҷрибаву фаҳм, дарки роҳнамоиву манфиати онро барои нафсҳову ҷомеаҳо дар партави роҳнамоиҳои ваҳйу фаҳми шариат ба шакли зиндаву баргузидае, ки хостори амалисозии ҳадафҳои шариат ва барпонамоии ҷомеаи исломӣ аст, тасарруф ва ба таври зӯрӣ ба мерос барад.

Агар дидгоҳу диҳиши фикри худ ва тавонои умматамонро бозгардондан мехоҳем, пас, бояд ақли мусулмонро аз ғарқ шудан дар масоили ғайбие, ки на ваҳй ба он ишора кардаву на паёмбарӣ ба он раҳнамоӣ сохтааст, нигоҳ дорем.

Набояд ваҳй дар дидгоҳи исломӣ муҷиби ақибмондагии ақл ва эҷодгари гунаҳову суратҳои таърихӣ гашта, онро ба сӯйи тозиёнаҳои биму таҳдид ва ба занҷирҳое аз фармудаҳову нофармудаҳое барад, ки ба ҳолу рафти зиндагии мардум ва ба бархӯрдҳову дастовардҳои онҳо робитае надорад.

Агар дидгоҳи худро бозгардондан мехоҳем, пас, набояд масъалаи паёмбарӣ ва ваҳй масъалаи академии печидае гардад, ки ниҳоду арбобе дошта бошад, то тибқи дидгоҳу ҷойгоҳи худ дар зиндагиву ҷомеа онро ба таври дилхоҳи худ истифода карда, барои ҳукмронӣ бар арзишҳои ҳаёту ақлҳо аз номаш сӯистифода кунанд.

Воқеан, мусулмонон ва ақли мусулмон бештари неруи худро дар дарозои таърих вақте аз даст доданд, ки ақл иҷозат ёфт, то дар масъалаҳои ғайбиву илоҳӣ ва сафсатаҳои фалсафие ғарқ шавад, ки марбут ба куллиёти илоҳӣ буда, ба талаботи дидгоҳи исломӣ ва чорчӯби фикриву манҳаҷии он, ки ваҳй

овардаву фитрат онро тасдиқ намуда ва амалкарди масири садаи аввали Ислом далели он мешавад, робитае надорад.

Дидгоҳи ростини исломӣ, ки ваҳйу ақл ва ҳастӣ дар он комил шуда, ақли мусулмон бо роҳнамоии ваҳй рӯ ба чашмандозу чораҷӯӣ ва амал дар олами *шаҳодат* меорад, ҳамон дидгоҳест, ки барои садаи аввал имконияти навпардозӣ дода, дарҳои таҷрибанамоиву чашмандоз ва таҳқиқи қонунҳои зиндагиву коинотро ба рӯйи ақли мусулмон кушод ва барои инсоният дар соҳаи тамаддун имкониятҳои наверо фароҳам овард, ки муҷиби асосии барпо шудани тамаддуни навин, равиши илмӣ-тарҷрибавӣ ва дастовардҳои моддӣ-таҷрибавие гардид, ки инсоният пеш аз ин ҳамгуну назири онро намедонист.

Ҳар қадар ки ақли мусулмон дар гузашти асрҳо ба дидгоҳи холиси исломӣ дастёб гардид, ҳамон қадар имконият ёфт, ки рӯ ба сохтори зиндагӣ, бардошти масъулияти худ дар ҷаҳону ободкории он оварад, ки мероси тамаддунии мусулмонон дар соҳаҳои гуногуни илмӣ, фанҳои табиӣ-техникӣ ва шаръӣ гувоҳи он аст. Ҳар қадар ки ақли мусулмон дар сайри таърихии худ дар масъалаҳои ғайбу илоҳиёт ва ҷаҳони азалии мовароп модда ғӯтавар гашт, дар ҳоле ки он буъди дигаре ба шумор меравад, ки ақли инсон аз дарки он оҷиз аст ва наметавонад онро бо чизе аз ҷаҳони башар ташбеҳ намояд:

*«На касеро зодаву на аз касе зода шудааст»; Сураи «Ихлос», ояти 3.*

*«Монанди ӯ чизе нест» , Сураи «Шӯро», ояти 11.*

Ҳамон қадар неруву тавони худро аз даст додааст, бе он ки мушкилиеро ҳал намояд ва ё монеаеро бартараф созад. Балки то ҳанӯз ҳарзаҳову сафсатаҳо ва масъалаҳое, ки дар он ғарқ гаштааст, вуҷуд дораду то ҳанӯз дар онҳо ғӯта мезанад; то ҳанӯз кӯриву ихтилофу бадбахтӣ дар онҳо афзун мешаваду коста намегардад; то ҳанӯз тафриқаву ҷудоиандозӣ,

ки дар он ҳеҷ манфиату хайре нест, дар ҳоли зиёдшавист; то ҳанӯз корбурди бади ин масъалаҳо бештар мешаваду ба уммат зиёни худро мерасонад ва онро пора сохта, оташи ҷангро дар сафҳои он меафрӯзад ва онро аз рӯёрӯи ба воқеияти рӯйдодҳо дур месозад, ки ин душманонро алайҳи уммат мусоидат намуда, баровардани ғаразҳову ҳадафҳояшонро имконпазир мегардонад.

Воқеан, шариат ва ваҳйи исломӣ тасаввуроти бузург, ҳадафу мақсад, мафҳуму асос ва арзишҳову аҳкоми бунёдии худро дорад, ки бояд дар риштаи ақливу равиши дурусти илмӣ намоён гашта, моддаи тарбиявӣ-илмӣ ва фикрие гардад, ки мувофиқи он фарзандони уммат тарбия ёбанд ва маҳз дар пояи он сириштҳои равонӣ, ғизоҳои фикрӣ ва абзорҳои ақливу илмиашон афрохта гарданд.

Мебояд дар ин аср нусусу калимоти ваҳйу рисолат ақлу барномаи мусулмонро ба сомон орад, ки тавассути он мақсаду ҳадафҳо ошкор, мафҳуму арзишҳо маълум гашта, дар асоси он авлавиёт мураттаб шавад. Ба гунае ки манбаъҳои тиравy ториро аз дидгоҳи ӯ, ки иҷозат дода ва ҳанӯз ҳам иҷозат медиҳад, ки назари кӯтоҳбину андешаи нозои назариявӣ ҳукмрон ва дар фикру фарҳанги уммат ҷойгоҳ дошта бошад, нобуд созад. Воқеан, вузуҳи дидгоҳу аҳдоф ва хуб басомониву арзёбӣ метавонад парешониву тирагиро барҳам занад ва барои диди ҷоҳилона бар нусусу авлавиётҳои он роҳеву ҷойгоҳе боқӣ нагузорад.

Ақлҳои исломиро зарур аст, ки ҳама якҷо (на ба таври алоҳида) рӯ ба ваҳй оранд, аз он таълимоту қонунҳои худро гирифта, дар пояи он барои ниёзҳои худ роҳҳалҳову чорасозиҳо ва қонунгузориҳо эҷод намоянд.

Андешаву ақлҳои исломӣ бояд ба зиндагиву зиндаҳо, қонунҳои фитриву табиатҳо, имконияту ниёзҳо, рӯйдоду муҳитҳо, сохтору шароит ва мавридҳои гуногуни ҳаётӣ рӯ оваранд, онҳоро хуб дарк сохтаву аз онҳо омӯзанд ва барои печидагиҳо роҳҳалҳо ёбанд, барои амалинамоии он чораҳо созанд ва дар партави таълимоту қонунҳо ва аҳкоми ваҳй ба-

рои ҳоҷатҳои он қонунҳову қоидаҳо ва қонунгузориҳо пайрезӣ намоянд.

Ақли мусулмон ҳангоми адои нақши тамаддунии худ бо ваҳйу ҳастӣ, ки ҳамчун сарчашмаҳои шинохти исломӣ ҳастанд, дар соҳаҳои шаръӣ-иҷтимоӣ ва инсонӣ-қонунӣ байни ҷойгоҳи таҷрибаи академии шаръии исломӣ ва байни вазифаи сиёсӣ-қонунгузорӣ фарқ мегузорад. Зеро таҷрибаву омӯзишҳои илмӣ-академӣ дар соҳаҳои гуногун танҳо сарчашмаҳои асосие муаррифӣ мешаванд, ки уммату роҳбарият ва ташкилотҳои онро бо шинохту андеша, таҷрибаву омӯзиш ва пажӯҳишҳо мусоидат менамоянд ва уммат метавонад онро дар идроки зиндагиву равиши он ва дар тарҳрезии нақшаҳову таъмини ниёзҳояш ба кор барад. Вале омӯзишу пажӯҳишҳои академӣ бинобар аҳамиятнокиву ҷойгоҳи асосӣ доштан дар баробари фаҳму ниёзҳо ва таъмини моддаи андешаи мардум агарчи дар таъмини моддаи маъмурияти сиёсӣ-қонунгузорӣ ва тарзи хуби амалкарди он саҳмгузор бошанд ҳам, ҳанӯз ҳам маъмурияти сиёсӣ-қонунгузорӣ маҳсуб намешаванд.

Маъмурияти сиёсӣ-қонунгузорӣ дар ниҳоди уммат бояд хулосаи дидгоҳ, таҷриба ва ризоятмандии умматро дар мавриди идораву иҷроиши корҳо, раҳнамоии неруву истифодаи захираҳо ҷиҳати рӯёрӯӣ бо муқовиматҳову хоҳишҳо ташкил намояд. Аз ин рӯ, маъмурияти сиёсӣ-қонунгузории муваффақ бояд аз маслиҳати ҳама намояндагони қишрҳои гуногуни уммат истифода намояд, то ҳар шахсе барои баёни андешаи худ имконият пайдо намояд ва ҳар соҳибтаҷрибаву ихтисосманд саҳме гузорад. Маҳз ба ин гуна дидгоҳи сиёсӣ ҳамчун дидгоҳи воқеии фарогиру маданӣ ба ниёзу таҷриба ва ризоятмандии уммат такя намуда, на муҷиби мушкилии он, балки дар тақвият ва масъулиятнокии он саҳмгузор мегардад.

Бояд гуфт, ки такяи дидгоҳи исломӣ ба ваҳй ҳамчун сарчашмаи андешаи мусулмону шинохти исломӣ ва масъулиятшиносии ақли мусулмон дар диду додаш дар асоси қонунҳову ҳадафҳои ваҳй ба маънои омехта намудан байни масъалаи илмӣ-пажӯҳишии академӣ ва масъалаи сиёсӣ-қонунгузорӣ

набуда, табдили риштаи сиёсӣ-қонунгузориро ба риштаи пажӯҳиши академӣ-назариявӣ низ дар назар надорад. Балки тавассути саҳми омӯзишҳои илмӣ-тахассусӣ ғанӣ гардонидани қонунгузориву сиёсати исломӣ ҳангоми қабул кардани қарорҳои сиёсӣ-қонунгузорӣ мебошад.

Равиши дастаҷамъӣ ва фарогир будани қарорҳои сиёсӣ вуҷуди ризоиятмандиҳои фардӣ ва бархӯрди онҳоро дар мавриди ин ё он масъала инкор наменамояд. Инчунин, вақте барои уммат ангезаҳои дигаргун намудани раъйу бозгашт аз он пайдо шуда, бо он ҳама имкониятҳои қарорҳои дастаҷамъӣ хатое дар онҳо воқеъ мегардад, пас, равиши дастаҷамъӣ будани қарорҳои сиёсӣ дар мавриди қабули раъйи дигар дар ин ё он масъала монеае эҷод наменамояд. Ҳарчанд маълум аст, ки қарорҳову донишҳои афрод дар алоҳидагӣ бештар ба хато рӯбарӯ мешаванд. Ба ҳар сурат қарорҳои дастаҷамъона эътибору аҳамият ва манфиати фарогиртар дошта, имкониятҳои машварату баррасинамоӣ дар он бештар мебошад. Бе тардид, иштироки ҷомеа дар қабули қарорҳои сиёсӣ-қонунгузорӣ қарорҳоро ба фаҳму қабул ва устувориву иҷронамоӣ наздиктар месозад.

Дидгоҳи исломие, ки ба ваҳйу фитрат, ҳамчун сарчашмаҳои созандаи худ такя мекунад, ин умматро водор менамояд, ки қарорҳои уммату ҷомеа бо машварат қабул гардад. Зеро маҳз машварат ва ризоияти ҷомеа метавонад масъулияти идоранамоии инсониятро амалӣ сохта, ҳадафҳои хилофатро пиёда гардонад ва решаи зулму бедодиро қатъ карда, дӯши мардуму ҷомеаҳоро аз борҳои таҳмилие, ки ба манфиати онҳо ва муносиби ҳоли онҳо нест, холӣ созад.

Бим аз хато доштан ва талош дар дуруст адо намудани қарорҳои уммат, ҳатман, муҷиби нашри илму маърифат дар байни мусулмонон шуда, онҳоро бо панду андарз фаро мегирад ва боиси бунёди мактабҳое мегардад; тарбия, бофарҳангнамоӣ ва тадбирандешии насли наврасро дар зиндагӣ мувофиқ бо ваҳйи саҳеҳу ақли солим таъмин намуда, барои уммат шароит фароҳам меорад, то масъулиятшиносону андешаман-

дон ва таҷрибадоронро рӯйи кор оварад ва қабулнамоии қарорҳои сиёсӣ ва қонунгузории худро, ки ифодагари ниёзи уммат буда, ба дидгоҳи он такя мекунад, ба уҳдаи онҳо гузорад. Дар ғайри ин сурат нуктаи мазкур танҳо муҷиби бим додану бедодӣ ва фурӯпошӣ гашта, ҷаҳлу мафиатҳои фардиро дар либоси ҳаку манфиатгунаҳои ҷомеа пероста месозад.

Ба ин тартиб, ваҳйу рисолате, ки Худованд посдориву нигаҳдории онҳоро ваъда додааст, дар дидгоҳи исломӣ ва андешаронии мусулмон бо пажӯҳиш, фаҳм, чашмандоз ва шарҳу тавзеҳ омехта карда намешавад.

Дар дидгоҳи ростини исломӣ ҷойгоҳу нақши ваҳй ва саҳми фаъолияти илмӣ-академӣ ва нақши андешаҳову иҷтиҳодоти инфиродӣ дар мавриди масъалаҳои илмӣ ба таври ошкор боқӣ мемонад. Чунончи нақши қонунгузории иҷтимоӣ, ки ҳастии худро аз таълимоти ваҳй ва аз дарки ақлонияти умумии уммат, фарқгузориву иҷтиҳодҳо ва ризоятмандиҳои он мегирад, ба таври ошкор боқӣ мемонад, ба гунае ки қонунгузориҳоро бо эҳтиёҷоту донишҳои уммат дар соҳаҳои гуногуни ҳаётӣ аз нигоҳи замониву маконӣ созгор мегардонад.

Аз ин рӯ, бояд ихтилофи сиёсӣ ҳамчун ихтилофи сиёсӣ боқӣ монад ва дар мавриди он гурӯҳҳои гуногуну андешаҳои мухталиф бархӯрд намоянд, то уммат аз иҷтиҳодоту тасаввуроти пешниҳодшуда ҳамонеро интихоб намояд, ки муносиби ҳол бошад ва дар мавриди аз як қарор ба дигаре гузаштан ризоятмандиро дарёбад.

Гузашта аз ин, муҳим аст, ки дар омӯзиши ин барномаи исломӣ байни сарчашмаҳои исломии маърифат – ваҳйу ақл, қонунҳову конунҳои ҳастиву коинот (яъне, фитрат) ва байни воситаҳои пажӯҳиши илмӣ-иҷтимоӣ, инсонӣ ва ғайра омезае эҷод намоем, зеро ҳар соҳаи илмӣ воситаҳои вижаи худро дорад, ки ба табиати он илм созгор ва ҷавобгӯ ба ниёзҳояш мебошад. Вале ҳама соҳаҳои илмии Ислом ба ваҳй ва фитрате, ки ақлу қонунҳои илоҳиро дар офариниш ва конунҳову қонунҳоро ҳамчун сарчашмаи маърифату таълимот фаро мегирад, такя менамоянд ва дар ҳар соҳае воситаҳои дастрасро

истифода карда, бо ин хидмати ваҳӣ ва қонунҳоро пуррас месозад. Воқеан, майдони маърифати исломӣ дар оянда бо фаро гирифтани василаи дуруст ва инкишофёбӣ илму маърифати судмандеро барои башарият тавлид хоҳад кард.

Қафомондагӣ ва мушкилие, ки ба ин уммат расидааст, ақли мусулмонро водор менамояд, то дар эҷоди дидгоҳи тамаддунӣ аз назари Ислом ва бунёни ҷомеаи муосир, ташкилот ва пойдеворҳои уммат, ки эҳтиёҷу орзу ва бархӯрдҳои уммат тақозо менамояд, нақши дурусти худро ҳамчун сарчашмаи андешаи исломӣ дар ҳамкории баробар бо ваҳйу ҳастӣ адо намояд.

Ақли мусулмон дар ин аср ҳанӯз ба шакли муназзам ҳамчун сарчашмаи маърифати исломӣ маҳсуб намеёбад, зеро ин нақш (сарчашма будан) танҳо бо такя бар маърифате, ки неруи худро аз фитрати илоҳии коинот мегирад ва бар асоси сохтори донишҳои иҷтимоии исломие ҳосил мешавад, аз дидгоҳи исломӣ маншаъ гирифта, уммати исломиро бо пажӯҳишҳояш бархӯрдор мегардонад ва бозтавлиди маърифати заруриро таъмин месозад.

Барои он ки ақлу фикри мусулмон донишҳои иҷтимоиро поярезӣ кунанд, бояд асосу роҳҳал ва мафҳуму мабноҳоеро, ки фикри исломӣ ба он такя менамояд, ба таври ошкор донад.

## 3.3. РОҲҲАЛҲОИ БУНЁДӢ БАРОИ БАРНОМА ВА ФИКРИ ИСЛОМӢ

Барнома ва фикри исломӣ дорои роҳҳалҳои бунёдиест, ки бе шинохти онҳо наметавон онҳоро корбурд ва ё кори дурусту созандае анҷом дод. Роҳҳалҳои мазкур пояҳо ва фарзияҳои асосиеро ташкил медиҳад, ки роҳи ҳаракати фикрӣ-эҷодкории ақли мусулмонро ба сӯйи дарки моҳияти зиндагиву зиндаҳо ва коинот равшан месозад.

Роҳҳалҳои бунёдӣ иборатанд аз ваҳдоният, ҷойгузиншавӣ ва масъулиятшиносӣ. Маҳз ҳамин роҳҳалҳои сегона роҳҳои асосии ақли мусулмонро ташкил мекунанд ва ҳар ан-

дешае, ки аз ин роҳҳалҳо гом набардорад, дар замиру иродаи мусулмон на неруе барои ҳаракат ва на ангезае барои амал эҷод наменамояд.

### *3.3.1. Ваҳдоният*

Ваҳдоният (яккахудоӣ) роҳҳали нахустини бунёдии ақли мусулмон ба шумор меравад. Зеро ақли мусулмон танҳо замоне ҳастӣ пайдо мекунад, ки ба ваҳдоният ҳамчун як рукни ҳатмии ақидаи фитрӣ-ақлӣ, ки дар тору пуд, замиру фаҳми ӯву ҳастии атрофаш омехта гаштааст, имон дошта бошад. Бе шак асоси ин ақидаи фитрӣ-ақлӣ ҳамон имони мутлақу идроки ошкори ақли мусулмон дар мавриди Худованди олимартабаву офаридгор, яктову ягона ва беҳамтову бениёз мебошад.

Чӣ тавре истилоҳ ишора менамояду калимаи *шаҳодат* аз он ёд мекунад ва Қуръони кариму Суннати ноби паёмбар ба шарҳи он мепардозад, ин роҳҳал ақлу фикр ва барномаи исломиро бар пояи фарзияи ҳақ ҳамчун асосу меҳвар ва вуҷуду бозгашти ҳама коиноту ҳастӣ ба сӯйи Худованди офаридгори ягонаи беҳамто, инчунин, бар фарзияи ягона будани сарчашма ва ҳақиқате, ки ҳама коиноту ҳастӣ онро ташкил медиҳанд ва ахиран ба фарзияти ваҳдати инсоне, ки Худовандаш офаридаву бо иродаву хилофат ва идораи коинот бо такя бар асосҳои ҳаққу адл ва накуӣ гиромиаш доштааст, қоим месозад.

Ҳамин аст, ки ақли мусулмон дар ҳаракати рӯзмарраи худ сарчашмаи ваҳдониятро дар тасаввуроту ҳама гуна алоқаҳояш ҷӯё мешавад. Дар барномаи ин ақл роҳе ё ҷодае ба шакку гумон ва ҳайрату шубҳанамоӣ дар мавриди табиати вуҷуду ҳадафу бозгашти худ ба назар намерасад. Вақте ақли мусулмон ба ваҳдоният чанг зада, бо ҳидояти он дар ҳар соҳае – иҷтимоӣ, табиӣ ва ё техникӣ – гом бардорад, ҳатман, дар ин ҷода собитқадам буда, на талошашро бекор метавон кард ва на метавон аз масъулияташ дар зиндагиву ҳастӣ дур сохт. Бе тардид, ақли мусулмон ба ҳар дастоварде, ки ноил шудааст, маҳз аз чанг задан ба сарчашмаи асосӣ дар яктопарастӣ будааст ва агар дар талоше роҳ гумм кардааст, маҳз ба хотири

нодида гирифтани сарчашмаи ваҳдоният ва ё ғафлату дур шудан аз фикру пӯёӣ будааст.

Ба ин тартиб, ақл ва барномаи худогоҳи исломӣ бо доштани ростии дақиқбин ва пойдевори устувор дар ҳастиву ҳаёт мавриди таноқуз ва ё бархӯрд, бартаргароиву баландҷӯӣ ва бадкорӣ қарор нагирифтааст. Роҳҳали ақлӣ-барномавии исломӣ барои бемориҳои худхоҳӣ, таассубгарой, худписандӣ ва бадкорӣ даво буда метавонад. Гузашта аз ин, роҳҳали мазкур посухи дурусте дар мавриди он ранҷу душворӣ ва ҳайрониву нокомиест, ки инсон сарфи назар аз дастовардҳои моддияш дар роҳи амалисозии сулҳу осудагӣ, оромиши ҷонҳову ҷомеаҳову миллатҳо ба он рӯбарӯ мешавад.

*«Номи Парвардигори бузурги хешро ба покӣ ёд кун, он ки офарид ва дурустандом кард. Ва он ки андоза муайян кард. Сипас роҳ намуд»; Сураи «Аъло», оятҳои 1-3.*

*«Худо ҳеҷ фарзанде надорад ва ҳеҷ худое бо ӯ нест. Агар чунин мебуд, ҳар Худое бо офаридагони худ ба як сӯ мекашид ва бар якдигар бартарӣ меҷустанд. Худо аз он гуна, ки ӯро васф мекунанд, пок аст»; Сураи «Муъминун», ояти 91.*

*«Оё бе ҳеҷ холиқе падид омаданд ё худ холиқи хешанд?»; Сураи «Тур», ояти 35.*

*«Гуфт: “Парвардигори мо ҳамон касест, ки офариниши (сурату шакли) ҳар чизеро арзонӣ дошта, сипас ҳидояташ кардааст”»; Сураи «То-Ҳо», ояти 50.*

*«Ин офариниши Худост. Пас, ба Ман нишон диҳед онҳо, ки ғайри ӯ ҳастанд, чӣ офаридаанд»; Сураи «Луқмон», ояти 11.*

*«Кори Худованд аст, ки ҳар чизеро ба камол падид овардааст. Албатта, ӯ ба ҳар чӣ мекунед, огоҳ аст»; Сураи «Намл», ояти 88.*

*«Осмонҳову заминро барҳақ биёфарид ва шуморо тасвир кард ва неку тасвир кард. Ва саранҷоми ҳама ба сӯйи ӯст!»; Сураи «Тағобун», ояти 3.*

*«Дар офариниши Худованд ҳеҷ тафовуте намебинӣ, пас, дубора назар намо, оё камбуде мебинӣ»; Сураи «Мулк», ояти 3.*

*«Оё пиндоштед, ки шуморо беҳуда офаридаем ва шумо ба назди Мо бозгардонида намешавед? Пас, бартар аст Худои якто, он фармонравои ростин. Ҳеҷ Худое барҳақ ҷуз ӯ нест! Парвардигори Арши гиромиқадр аст»; Сураи «Муъминун», оятҳои 115-116.*

*«Агар дар замину осмон худоёне ҷуз Аллоҳи барҳақ мебуд, ҳар ду (замину осмон) табоҳ мешуданд. Пас, Аллоҳ – Парвардигори Арш аз ҳар чӣ ба васфаш мегӯянд, пок аст»; Сураи «Анбиё», ояти 22.*

*«Ҳеҷ чиз монанди ӯ нест ва ӯст, ки шунавову биност»; Сураи «Шӯро», ояти 11.*

*«Ва ҳар кӣ ба Худо имон биёварад, Худо қалбашро ҳидоят мекунад. Ва Худо ба ҳар чизе доност»; Сураи «Тағобун», ояти 11.*

*«Ин ба он сабаб аст, ки Худо ҳақ аст ва он чӣ ҷуз ӯ ба худоӣ мехонанд, ботил аст ва ӯ баландмартабаву бузург аст». Сураи «Ҳаҷ», ояти 62.*

### *3.3.2. Хилофат*

Мақсад аз хилофат ҳукмрони (хилофат, ҷойгузинӣ)-и инсон дар замину кавн буда, ба маънои ғамхорӣ, ободкорӣ, идоранамоӣ ва мусаххаргардонӣ мебошад, ба гунае ки ҳама офаридаҳову коинот зери фармони инсон қарор мегирад. Инсон бошад, дар идоранамоии кавну замин ва офаридаҳову коинот

ҳамчун меросбару ҷойнишини Худованд муаррифӣ мешавад. Мусулмон бо фитрату ақида ва андешаронии худ, ки бар асоси ин роҳҳал бунён ёфтааст ва бо иродаву тавоноии илмие, ки Худованд гиромиаш сохтааст, инсонро дар ин дунё танҳо ҳамчун халифаву парастор ва ислоҳнамову ободкор медонаду бас.

Ҳамин гуна хилофат аз манзури ақли мусулмон неъмат ва бузургдоштест, ки инсонро дар тасхири кавн тавонову ҳукмрон мегардонад ва зимоми идоранамоиро ба дасти ӯ вогузор месозад, то дар он ислоҳу ободкориро ҷорӣ созад. Хилофат масъулиятест, ки сарчашмаи бунёдии онро озодии иродаву тасмимгирӣ ва тавоноии дарку неруи илм ташкил медиҳад.

Инсон нақши худро дар зиндагӣ ва ё тасмимеро барои худ танҳо тавассути амалу тасмими пӯё дар идораи кавн ва мусаххарнамоиву парасторӣ ва иҷроиши тақозои вуҷуду хилофат дар замин адо менамояд. Аз ин рӯ, амал, тасмимгирӣ ва илм мақсади инсон аст ва хилофат дар ақли мусулмон ҳадафи ин мавзӯоти фитриро мушаххас ва роҳнамоӣ месозад ва дар натиҷа он мавзӯот мавзӯоти талош барои накуиву парасторӣ ва ободкорӣ мегардад.

*«Оё пиндоштед, ки шуморо беҳуда офаридаем ва шумо ба назди Мо бозгардонида намешавед?»; Сураи «Муъминун», ояти 115.*

*«Оне, ки марг ва зиндагиро офарид, то шуморо биозмояд, ки кадоме аз шумор беҳтар амал менамояд. Ва ӯ тавонову омурзанда аст»; Сураи «Мулк», ояти 2.*

*«Ва чун Парвардигорат ба фариштагон гуфт: "Ман дар замин халифае меофаринам"»; Сураи «Бақара», ояти 30.*

*«Роми шумо сохт он чӣ дар осмонҳост ва он чӣ дар замин аст. Ҳама аз они ӯст. Ҳароина, дар ин барои андешамандон ибратҳоест»; Сураи «Ҷосия», ояти 13.*

*«Ӯст, ки заминро барои шумо фармонбардор сохтааст, то ба канораҳои он раведу аз рӯзии Худованд тановул намоед ва бозгашт ба сӯйи ӯст»; Сураи «Мулк», ояти 15.*

*«Бигӯ: “Дар замин сайр кунед ва бингаред, ки чӣ гуна Худо мавҷудотро офарида”». Сураи «Анкабут», ояти 20.*

Ба ин тартиб, мусулмон маҳз аз роҳҳали хилофат ба тасхири коиноту ҳастӣ фаро хонда шудааст, чун дар ин суд аст: суде барои инсон ва суде барои коиноту ҳастии атрофаш. Инчунин, барои амал ва сайр намудан дар ҳама ҳастӣ ва огоҳӣ ёфтан аз розҳову корбурди он дар кори нек фаро хонда шудааст. Ақли мусулмон аз нигоҳи роҳҳали хилофат соҳиби эътибор ва зимомдори ҳастӣ буда, инсон тавассути талошу эҷодкорӣ, ободнамоӣ ва донишу тасхирсозӣ рисолати худро дар замин адо месозад ва ба ҳадафи худ мерасад. Танҳо оромиро дар равони инсон донишу амал ва талош дар замин меангезад ва дар ақлу замири огоҳи мусулмон ҷойе барои нотавониву нодонӣ ва даст кашидан аз илму амал ва талоши наку нест. Аз ин рӯ, ҳадафи вуҷуду хилофати инсон дар замин ва он подоше, ки пас аз зиндагӣ ба ӯ мерасад, маҳз ҳосили ҳамин илму амал талош аст.

Маҳз хилофат дар ақли исломӣ неруи радаи нахустини абармардони Исломро барои мо баён месозад. Он неруе, ки вижаи Паёмбари Ислом (с) ва саҳобагони ӯ (с) буда, ҳаргиз аз талошу амал, бахшоишу фидокорӣ ва мубориза хаста намешуд. Аз ин рӯ, онҳо дар андак сол бо ҳақиқату ҳидоят ва ислоҳнамоиву ободкорӣ гӯшаву канори заминро равшан сохта, барои инсоният ҳидояти осмонро дубора ҷорӣ карданд, дар натиҷа садои тамаддуну ислоҳнамоӣ баланд гашт ва сартосари заминро аз суду накуии худ баҳравар сохт.

Роҳҳал, маъно ва воҷиботи хилофат дар дидгоҳи садаи аввал сарчашмаи неруву бахшандагӣ, иффат ва ризоиятмандиву фидокории онҳо буд. Ҳар инсоне, ки ҳақиқати

ин роҳҳал – роҳҳали хилофат ва маънои онро дарк созад, ҳаргиз ба нотавониву нодонӣ ва худхоҳиву ақибмондагӣ тан намедиҳад.

### *3.3.3. Масъулияти ахлоқӣ*

Роҳҳали савуме, ки ақлонияту барномаи исломӣ дар пояи он ташкил мешавад, роҳҳали масъулияти ахлоқӣ мебошад. Ба ин хотир, вақте роҳҳали масъулият ва ҷойгоҳи онро дар ин ақл дарк насозем, ҳаргиз инсон ва ақли мусулмонро дарк карда нахоҳем тавонист. Ҳатто дар асрҳои қафомондагӣ ва дар сахттарин лаҳзаҳои нобудшавии инсони мусулмон маҳз ҳамин роҳҳал аз нобудшавӣ дар сафҳаҳои таърих нигоҳаш дошта, замиру эҳсоси ӯро дар мавриди масъулияташ бедор нигаҳ доштааст. Аз ин рӯ, ақли мусулмон ҳанӯз ҳам талош меварзад ва воқеияти шахшудаву беравнақи худро пазируфта наметавонад, зеро эҳсоси масъулияти ахлоқӣ дар ақлу замири мусулмон намегузорад, ки шахси мусулмон дар хобу ғафлати худ боқӣ монад ва таърихи уммати исломӣ мусулмонро дар хобу ғафлаташ намегузорад. Вақте уммати исломӣ дидгоҳу роҳи худро аз даст доду қафомонда гашт, таърихи он таърихи пуризтиробу ҳаяҷон гардид ва барои ин уммат ба ғайри эҳсоси масъулият дар мавриди нақшу тасаввур ва дидгоҳаш дар ростои хилофат дар замин ва тамаддуни ободгару ислоҳнамои инсон чизи дигаре боқӣ намондааст.

Роҳҳали масъулият навъи дигари роҳҳалу маънои хилофатро дар ростои ташкили ақлонияти исломӣ тасивир менамояд. Чунончи ҷойгузинӣ ва ҳадафу қобилиятҳои он, аз қабили озодии иродаву қудрати идрок ва неруи илм боз масъулияти ахлоқии инсон ва тасмимоти ӯро дар ростои тасхири ҳастиву идораи он ба дӯш мегирад.

Роҳҳали ягонагӣ роҳҳали ҷиддии ҳастиву хилофат ва масъулият аст. Аз ин рӯ, зиндагӣ дар дини Ислом ин амалкарду санҷиши иродаву тавоноиҳои инсон дар мавриди ҷойгузинӣ дар кавн аст. Агар нафаре бо он (ирода) дар ислоҳнамоиву ободкорӣ талош варзид, масъулияти худро ба даст гирифта-

ву бозгашти неки худро дар ҷовидонагӣ мушаххас сохтааст. Аммо агар нафаре бо иродаву тавоноиҳояш ба костагиву ситам ва фасод талош варзад, пас, аз масъулияташ даст кашидаву мақсади вуҷудаш аз байн рафтааст ва бозгашти ҷовидонааш ба асфал-ус-софилин мебошад.

Аз дидгоҳи роҳҳали масъулият дар ақлу замири мусулмон талошу тасмим ва илми мусулмон танҳо бо талош ба сӯйи ҳақиқату адолат, хайру бахшоиш ва ислоҳнамоиву ободкорӣ пурра ва пазиро мегардад.

*«Бигӯ: “Ман инсоне ҳастам монанди шумо. Ба ман ваҳй мешавад. Албатта, Худои шумо, худоест якто. Ҳар кас дидори Парвардигори хешро умед мебандад, бояд кирдори шоиста дошта бошад ва дар парастиши Парвардигораш ҳеҷ касро шарик насозад”»; Сураи «Каҳф», ояти 110.*

*«Эй мардум, аз он чизҳои ҳалолу покиза, ки дар замин аст, бихӯред ва пой ба ҷои пойи шайтон магузоред, ки душмани ошкори шумост»; Сураи «Бақара», ояти 168.*

*«Дар он чӣ Худоят арзонӣ дошта, сарои охиратро биҷӯ ва баҳраи хешро аз дунё фаромӯш макун. Ва ҳамчунон ки Худо ба ту некӣ карда, некӣ кун ва дар замин аз пайи фасод марав, ки ҳароина, Худо фасодкунандагонро дӯст намедорад»; Сураи «Қасас», ояти 77.*

*«Аз он рӯз, ки сӯи Худо бозмегардед ва ба ҳар кас подоши амалаш ба тамомӣ дода мешавад ва ситаме намебинад, бимнок бошед»; Сураи «Бақара», ояти 281.*

*«Худо бар адлу эҳсон ва бахшиш ба хешовандон фармон медиҳад. Ва аз фаҳшову зишткорӣ ва ситам наҳй мекунад. Шуморо панд медиҳад, бошад, ки пазирои панд шавед»; Сураи «Наҳл», ояти 90*

*«Ҳар кас кори шоистае кунад, ба суди худи ӯст ва ҳар кас муртакиби кори баде шавад, ба зиёни ӯст. Сипас ҳама ба сӯйи Парвардигоратон бозгардонда мешавед»; Сураи «Ҷосия», ояти 15.*

*«Ҳеҷ кас бори гуноҳи дигареро барнадорад ва барои мардум подоше ҷуз он чӣ худ кардаанд, нест ва ба зудӣ, ки кӯшиши ӯ дар назар ояд. Сипас ба ӯ подоше тамом диҳанд»; Сураи «Наҷм», оятҳои 38-41.*

*«Сипас ба назди Худо мавлои ҳақиқии хеш бозгардонида шаванд. Бидон, ки ҳукм ҳукми ӯст ва ӯ зудрастарини ҳисобгарон аст»; Сураи «Анъом», ояти 62.*

*«Пас, ҳар кас ба вазни заррае некӣ карда бошад, онро мебинад. Ва ҳар кас ба вазни заррае бадӣ карда бошад, онро мебинад». Сураи «Зилзол», ояти 7-8.*

Талоши мусулмон барои хилофату тасхирнамоии кавн ва идоранамоии коиноту махлуқот бар асоси ваҳдоният маҳз амалӣ сохтан ва баландбардории зот, расидан ба ҳақ, ороста шудан бо ҳақиқат мебошад. Ба ин хотир ин талош талош дӯстдоштани ҳаққу эътибор ва эътимод бар ҳақ аст. Масъулияти мусулмон ба ин маъно аслан майлест, ки ба сӯйи ҳақ, чанг задан ба он ва болидан аз он шавқ дорад. Ва мафҳумҳои бимеро, ки ин майли дурусту олӣ фаро мегирад, пеш аз ҳама, бими дӯст доштану шавқ ба накуиву ҳақиқатест, ки фитрату дидгоҳи баргузидаи ошкор дар маънои ҷиддияту ҳадафи вуҷуд онро ҷо менамояд.

Маҳз роҳҳали масъулият ҳамчун роҳҳали комилкунандаи хилофат дар ақлу замири мусулмон неруи дӯст доштану бахшоиш ва неруи замиру ҷиддиятро дар радаи аввали Ислом, ки дар таърихи миллатҳову ҷомеаҳо мавриди масал қарор гирифтаанд, тавзеҳ медиҳад. Инчунин, бузургтарин намунаи абармардони садаи аввали Исломро дар ростои надоштани тамаъу худнамоӣ ва худписандӣ бо худдориашон аз ҷамъу

хазинасозӣ баён менамояд. Сарфи назар аз тавоноияшон дар касбу имконияти ҷамъоварӣ (-и мол) намудану аз хазинасозӣ худдорӣ карданд, онҳо

*«таомеро дар ҳоле худ дӯсташ доранд, ба мискину ятим ва асир мехӯронанд, (Ба забони ҳол мегӯянд) ҷуз ин нест, ки шуморо барои Худо таом медиҳем ва аз шумо на подоше мехоҳем, на сипосе». Сураи «Инсон», оятҳои 8-9.*

Роҳҳали масъулият гарави росткории фикри дурусти исломӣ ва гарави накуӣ дар барномаи ақли исломӣ мебошад. Чунончи барои ақлу барномаи мусулмон аз нигоҳи роҳҳали масъулияти комилу бевоситааш дар назди Худованд дар мавриди хилофату парасторӣ ва ободкории замин танҳо бо амалкарди наку тасмим ва ё амале фароҳам меояд. Нияти хайру ислоҳнамоӣ дар ростои илму амал меъёри нахустин ва олитарини амалкарди мусулмон ба шумор меравад:

*«Корҳо танҳо бо ният мешаванд ва ҳар инсоне ба он чӣ қасд кардааст, мерасад».*

Вақте маонии ин роҳҳалҳои сегона: ваҳдоният, хилофат ва масъулият ва алоқаи байни онҳо дар ташкили ақлонияту замир ва барномаи андешаи мусулмон бароямон маълум гардад, шахси мусулмон ва уммати исломӣ метавонанд роҳи худро равшан намуда, сарчашмаи неруву ҳидояти роҳашонро бозгардонанд ва дар тарбияи фарзандони худ аз рӯйи равиши дурусти исломӣ комёб шаванд. Воқеан, равиши дурусти исломӣ бархӯрдории ақлу фикри мусулмонро аз амалкарди дуруст таъмин намуда, неруи онро барои идомаи роҳи уммат ба нардбонҳои таъриху тамаддун ҳамчун неруи пешрафтаи роҳнамову пешгоми баргузидаву эҷодкор таҷдид менамояд.

Бо дарки ҳақиқати ваҳдоният ақли мусулмон роҳи худро ёфта, комёб мешавад, бо иҷрои хилофат пеш меравад ва бо эҳсоси масъулияти ростин устувору ислоҳкор мегардад.

Маҳз бо ҳамин барномаи комил мусулмон ҷиддиву судовар, росткору ахлоқӣ, ҳамеша пӯёву бахшанда мегардад.

Ин роҳҳалҳо барномаи ҳақест, ки бояд ақли мусулмон онро баргаронида, онро сахт дошта истад ва нагузорад сафсатаҳои фалсафаву фарҳангҳои бегона ва тирагиҳои ҷузъиёти бамеросмонда аз дарки ҳадафу мақсад ва чанг задан ба авлавиёти барномаи мазкур монеъ шаванд.

Бо фарогир будани фаҳми ислому устувории оёту мақсадҳои қуръонӣ ақли мусулмон метавонад қудрати худро эҳё сохта, роҳи худро дуруст гардонад ва барномаи фикри худро ислоҳ созад ва боз ҳидоятгару пешгоми миллатҳову тамаддунҳо гашта, дар тавоноиву бахшиш ва рушд гӯйи сабқат аз ҳамагон барад.

### *3.4. Мафҳумҳои бунёдии барномаи исломӣ*

Барои дарки чигунагии амалкарди ақли мусулмон танҳо дарки чорчӯб ва барномаи ин ақл, ҳатто роҳҳалҳое, ки ба онҳо такя менамояд, басанда нест, балки шинохти мафҳумҳое, ки ин ақлу барнома мувофиқи он амалу ҳаракат ва қисматҳои амалӣ-татбиқии онро ифода мекунад, зарурӣ ба шумор меравад.

Ҷойи таассуф аст, ки дар натиҷаи омехта шудани фикри уммат бо ҷоҳилиятҳои умматҳои дигар, бо фарҳангу фалсафа ва донишу амалкардҳои худ ба ислом гаравиданд, ба мафҳумҳои бунёдии барномаи исломӣ миқдори зиёди камбудҳову тирагӣ ворид гаштааст. Инчунин, масъулиятношиносию фурсатталабӣ ва амалкарди нухбагони сиёсии уммат дар асрҳои баъдӣ раванди осебпазирии фикри исломиро тезонид. Дар натиҷа омехтагиву тирагӣ дар соҳаи барномасозии ақли мусулмон воситаи асосие дар заиф намудани дидгоҳи уммат ва даст ёфтан ба тавоноиҳои он мебошад, то уммат гирифтори амалкардҳои нодурусту таълимоти хатои худ гардад.

Муҳимтарин мафҳумҳои барномавие, ки неруи пӯёиро дар барномаи ақли мусулмон тасвир менамояд, инҳоянд:

а) ҳадафмандии офаринишу вуҷуд;

б) айнгароии ҳақиқат ва нисбатгароии ҷойгоҳи он;

в) озодии тасмиму ирода;

г) таваккал;

ғ) сабабгароӣ дар фаъолияти инсон.

### *3.4.1. Ҳадафмандии офаринишу вуҷуд*

Ақидаи яктопарастиву сарчашмаи ягонагӣ ақида ва сарчашмаи бунёдие ба шумор меравад, ки ақлонияти мусулмон бар он пойдор мебошад. Агар далолатҳо ва бозтобҳои ин ақида дар вуҷуд ва зиндагӣ огоҳона баррасӣ шавад, ваҳдати офаринишу ваҳдати зиндагӣ, ваҳдати инсону ваҳдати ҳақиқатро ба миён меорад, ки дар натиҷа ҳадафи офаринишу вуҷуд (ҳастӣ)-ро ифода месозад:

*«Мо ин осмону замин ва он чиро миёни он ду ҳаст, барои шӯхӣ ва бозӣ наофаридаем. Агар хостори бозича мебудем, Худ онро меофаридем»; Сураи «Анбиё», оятҳои 16-17.*

*«Ҷинну инсро ҷуз барои парастиши Худ наёфаридаам. Аз онҳо ризқе намехоҳам ва намехоҳам, ки маро итъом кунанд (рӯзӣ диҳанд)». Сураи «Зориёт», оятҳои 56-57.*

Чун Худованди поку баландмартаба офаранда аст, пас, офариниши махлуқот ва ҳадаф як мебошад ва барои ақли мусулмон равон нест ва аз он пазируфта намешавад, ки ваҳдати офаринишу ҳадафи он ва конуни такомулу батаназимории онро дарк насозад. Фитрат ва ақидаи яктопарастии ақли мусулмон далели пӯёи ақли мусулмон дар додугирифт бо коиноту рӯйдодҳои ҳастӣ аз дидгоҳи ҳадафу қонунмандӣ аст. Набояд ба ин мафҳум аз нигоҳи ҳамбастагии ақлонияти исломӣ ба коиноту махлуқот ва рӯйдодҳо назари манфӣ намуда, худсаронаву сарсарӣ ба он муносибат намуд. Зеро ақлу вуҷуди мусулмон бо назардошти фитрати инсонӣ ва огоҳиву

дидгоҳи исломӣ халифа, идоракунанда, шоҳид ва меросбари коиноту ҳастӣ буда, ҳар офаридаву ҳар рӯйдоде дар дарки мусулмон маъնову ҳадафи худро дорад, ки набояд онро нодида гирифту аз он ғафлат намуд ва ё онро беарзиш шуморид. Ҳадафмандии офариниш дар робита ба хилофату масъулияти инсон дар идораи кавну ободкориву тасхири он дарки пӯёии ин коинот ва қонунҳои амалкарди онро барои ақли мусулмон зарур мегардонад, то бардошти масъулияти идоранамоиву парасторӣ ва тасхири он бо ҳадафҳои офаринишу талаботи муборизаву хилофат созгор бошад.

Фаҳму дидгоҳи нодуруст нисбат ба маънои ҳадафмандиву сабабгарой ба таҳрифи маънои таваккалу ақидаи қазову қадар бурда, ақли мусулмонро дар ҳайрату ҳарaҷу марaҷ, нотавониву беҳолӣ қарор дода, бо беморӣи худхоҳиву қадаргарой, нотавониву порсоии бегона гирифтор намуд ва неруву тавоной ва нақшҳои ислоҳгариву тамаддунии онро барҳам зад.

Агар маъно ва далолатҳои ҳадафмандӣ ба таври дуруст дарк карда шавад, пас, он асоси мустаҳкаму рахнанопазире маҳсуб мегардад, ки ҳаргиз худхоҳию манфигарой ва ё нотавониву фориғболиро намепазирад ва равону инсони мусулмонро ба сӯйи талошу талаби илм ва ҳамбастагии инсон бо зиндагиву кавн ва рӯйдодҳо тела медиҳад, то мусулмон ба пиёда сохтани ҳадафҳо ба гунае ки низоми офариниш тақозо кардаву тавассути он қонунҳои фитриву пӯёии зиндагӣ устувор мегардад, талоше намуда бошад.

*«Ва ӯро шарике дар фармонравой нест ва ҳар чизро биёфаридааст ва онро ба андоза офаридааст»; Сураи «Фурқон», ояти 2.*

*«Кори Худованд аст, ки ҳар чизеро ба камол падид овардааст. Албатта, ӯ ба ҳар чӣ мекунед, огоҳ аст». Сураи «Намл», ояти 88.*

### *3.4.2. Айнгароии ҳақиқат ва нисбатгароии ҷойгоҳи он*

Айнигароии ҳақиқатро бар ақли мусулмон фитрати худогоҳи он талқин мекунад. Низоми ҳастиву зиндагӣ ҳақиқате ҳастанд, ки инсон онро эҳсос кардаву бо он зиндагӣ мекунад ва дар ҳар лаҳзаи ҳастиву амалкардаш бо он додугирифт месозад. Маҳдудият ва ҷузъӣ будани инсон ӯро барои дарки вуҷуди кавну мафҳуми низоми он водор карда, имконият медиҳад, ки бахшҳое аз табиату ҳақиқатҳои ҳастӣ ва офариниши ин низомро дарк созад, вале бо ин ҳама дарки инсон аз фаро гирифтани пурраи низому ҳадафи ҳастӣ ва мақсадҳои пӯёии он нотавон боқӣ мемонад.

Бо пайванде, ки ақлу дарк ва фитрати мусулмон бо Асли вуҷуду Офаридгор ва Созандаву Пайдокунанда дорад, аз ҳадафҳо рӯгардону дур намешавад, балки онҳоро фаро гирифтаву бо онҳо додугирифт менамояд. Аммо ин вақте сурат мегирад, ки барояш дидгоҳи тасаввури куллие, ки сарчашмааш илму ҳидояти илоҳӣ аст, ба даст омада бошад.

Ба ин тартиб, ақли мусулмон ҳадафу мақсадҳои зиндагӣ ва ҳадафу мақсадҳои ҳастиро дарк месозад.

Ақлу фитрати мусулмон ақлу фитратест, ки бо нури ваҳйу ҳидояти он бино гаштааст. Аз ин рӯ, ҳақиқат дар ақли мусулмон ҳамон ҳақиқати бунёдие мебошад, ки вуҷуду буъдҳои онро дарк намуда, барои бархӯрди дуруст намудан бо қонунҳову суннатҳои он талош меварзад. Ақли мусулмон ба ин гуна пойдору устувор буда, на ҳавову ҳавас онро беҷо менамояду на хоҳишҳо бар он фармонраво мегардад. Бартарӣ таҳрикбахшандаи зиндагиаш буда, талошаш ҷустуҷӯйи ҳаққу ҳақиқат дар ҳаёт мебошад.

Зиндагӣ ва комёбӣ дар ақли мусулмон ба маънои дар ҳараҷу мараҷ ва фасод будан нест, балки устувориву дарки дуруст ва созгорӣ бо ҳаққу ҳақиқат дар низоми зиндагист. Вуҷуди ҳаққу ҳақиқат камоли ҳастиву асоси талош ва ҳадафи хоҳишҳои ӯ мебошад.

Ба ин маънову ин тасаввури комил мусулмон барои худ ҷойгоҳи парасториву масъулиятнокиеро интихоб карда, ба-

рои андарзи атрофиёни худ талош меварзад ва корҳояшро бо машварат анҷом дода, ҳаќу ҳақиқат ва адлро ҷустуҷӯ мекунад. Дар ин росто навъе ҷиддияту ислоҳнамоӣ ва ҳастиву ҳаёт бо ҳама коиноту эҳтиёҷот вуҷуд дорад,

*«чун ҳар яке аз шумо ҳамгуни шӯбон аст ва ҳар яке аз шумо аз раъиятатон пурсида хоҳед шуд»,*[1]
*«муъминон ҳама баробаранд ва даст бар дасти як гузошта, ҳамдигарро кумак менамоянд»,*[2]
*«дин насиҳат аст... барои Худованд, Китобу Паёмбари ӯ ва нухбагону омиёни мусулмон».* [3]

Мусулмононро «ба машварат намудан дар байни худ» дастур додааст, на ба таассубгароиву миллатчигӣ, на ба ҳизбгароиву гурӯҳбозӣ.

Ҳарчанд ҳақиқат дар ақли мусулмон масъалаи бунёдӣ ҳам бошад, вале ин ба маънои маҳдуд будани дидгоҳ нест. Ҳарчанд ҳақиқат гавҳари ягонаву тағйирнопазир ҳам бошад, вале мавқеи инсон аз нигоҳи инфиродӣ ва ё гурӯҳӣ дар баробари он мавқеи ҷузъие мебошад, ки дар замону макон тағйир мепазирад. Ин бошад, ифодагари нисбӣ будани дидгоҳу нисбӣ будани мавқеъ ва нисбӣ будани татбиқ аст. Ақли мусулмон бо ҳақиқат аз мавқеъҳои инфиродиву дастаҷамъии инсон бархӯрд мекунад ва бо назардошти эҳтиёҷоту мавқеъҳо додугирифт ва равишҳои худро мутафовит месозад. Чунончи тифл ҳамгуни болиғ, тавоно ҳамгуни нотавон, донишманд ҳамгуни нодон, ҷойгоҳи тарбия ҳамгуни ҷойгоҳи доварӣ, сулҳ ҳамгуни ҷанг, ҷойгоҳи фаровонӣ ҳамгуни ҷойгоҳи камёфт ва ҷойгоҳи фароҳӣ ҳамгуни ҷойгоҳи тангдастӣ нест. Аз ин рӯ, ақли мусулмон аз ваҳдати куллӣ бархӯрдор бошад ҳам, боз бо назардошти ниёзу мавқеъ дар замону макон аз гуногуниву тафовут бархӯрдор мебошад, бе он ки ягон қоида ё далелеро аз даст дода бошад.

---

1 Ривояти Бухорӣ ва Муслим.
2 Ривояти Абудовуд ва Насоӣ
3 Муслим, Аҳмад, Абу Довуд ва Насоӣ аз суханони Тамим ад Дорӣ

Аз диди иродаи инсонӣ ва нисбӣ будани ҷойгоҳи ҳақиқат ақли мусулмон бо густардагиву тасомуҳе бархӯрдор мегардад, ки озодии эътиқоду андеша, гуногунии дидгоҳҳои андешаву ақида, татбиқгардониву тафовути онҳоро таъмин месозад.

Гуногунӣ, тафовут ва ихтилоф дар ниҳоди ислом на ифодагари хатаресту на асосеро барҳам мезанад, балки баёнгари фазои озоду паҳнои рушду пешрафт аст. Зеро ақлу фикри мусулмон бо дидгоҳи ошкори худ, ки бар ҳидояту арзиш, мафҳуму роҳҳалҳои ваҳй такя менамояд, ҳамеша неруманди ошкор боқӣ монда, уммат дар атрофи конунҳои он ҷамъ оварда, мавридҳои тафовуту таноқузро абзори пӯёиву пешрафт ва ангезаҳое барои бедориву эҷодкорӣ ва азнавсозӣ мегардонад.

Фармонравоиву тасмимот ва ҳадафҳову низоми Ислом хавфе бар озодии фикру эътиқод надорад, балки гараву пуштибони озодии фикру эътиқод аст. Чунончи озодии фикру эътиқод низ хавфе ба дидгоҳи Ислому низоми он надорад, зеро Ислом тавассути нури илми ҳидояти илоҳӣ ва ҷавобгӯ будан ба сиришти инсонӣ ҳақиқати бунёдии зиндагиву вуҷудро тарсим менамояд ва ҳақиқати бунёдӣ бояд мондагору фармонраво буда, ҳама мардум ба сӯйи он бозгарданд ва аз сояи он баҳравару аз чашмаҳои он сероб шаванд.

Фикру озодии он дар ҷомеаи исломӣ ҳамгуни дарёи амиқу пуртуғёнест, ки тавонояш дар умқу ҷоришавии он ба сӯйи ҳадафҳову резишгоҳ буда, саршор шудану густардагӣ танҳо зебоии онро меафзояду бас.

Дидгоҳи исломӣ ҳанӯз дар жарфои худ ба неруву фармонравоии худ эътимод дорад ва ин на ба хотири қуввау ҳукмронии давлат, балки ба хотири ҳақиқатест, ки аз ваҳйи илоҳиву сарчашмаҳои фитрати солим мегирад. Дидгоҳи исломӣ вақте дар равиши дурусту сохтори дастнахӯрдаи худ бошад, аз тафовуту таноқуз биме надорад, зеро қувваи фитрати исломӣ ҳамеша ҳамчун маҷрои амиқу тасмими уммат боқӣ мемонад. Тафовуту дигаргунӣ танҳо ҳаётиву зебоие ҳастанд, ки серҳосиливу сабзнамоӣ ва инкишофи заминро меафзоянду бас.

Ба ин тартиб аз Ислом танҳо дарки хуби Ислому огоҳии наку доштан аз он ва хуб пешниҳоднамоиву ба таври наку гузоштани асосҳои он посдорӣ менамояд. Зулму бедодӣ ва маҷбурсозӣ на аз Ислом ҳимоят мекунаду на дидгоҳи онро ба зеҳнҳо наздик мегардонад, балки таҷовуз бар гавҳари рисолат ва асоси ҳақиқату ҳадафи Ислом талаққӣ мешавад.

*«Дар дин ҳеҷ маҷбурие нест. Ҳидоят аз гумроҳӣ мушаххас шудааст»; Сураи «Бақара», ояти 256.*

*«Ҳар кӣ бихоҳад, имон биёварад ва ҳар кӣ бихоҳад, кофир шавад»; Сураи «Каҳф», ояти 29.*

*«Агар Парвардигори ту хоста буд, ҳамаи мардумро як уммат карда буд»; Сураи «Ҳуд», ояти 118.*

*«Оё ту мардумро маҷбурӣ вомедорӣ, ки имон биёваранд?»; Сураи «Юнус», ояти 99.*

*«Ҳар кас кори шоистае кунад, ба суди худи ӯст ва ҳар кас муртакиби кори баде шавад, ба зиёни ӯст. Сипас ҳама ба сӯйи Парвардигоратон бозгардонда мешавед»; Сураи «Ҷосия», ояти 15.*

*«Сипас бадиҳову парҳезгориҳояшро ба ӯ илҳом карда, ба таҳқиқ, ҳар кӣ дар покии нафс кӯшид, наҷот ёфт ва ба таҳқиқ, ҳар кӣ дар палидиаш фурӯ пӯшид, зиён кард»; Сураи «Шамс», оятҳои 8-10.*

*«Ин Қуръонро ба ҳақ нозил кардаем ва ба ҳақ нозил шудааст ва туро нафиристодем, магар он ки мужда диҳӣ ва бим диҳӣ»; Сураи «Исро», ояти 105.*

*«Барои ҳидояти муъминон ва бахшоиш ба онҳо китобе овардем, ки дар он ҳар чизеро аз рӯйи дониш ба тафсил баён кардаем»; Сураи «Аъроф», ояти 52.*

*«Мо Қуръонро худ нозил кардаем ва худ нигаҳбонаш ҳастем». Сураи «Ҳиҷр», ояти 9.*

### *3.4.3. Озодии тасмиму урода*

Мафҳуми савуми бунёдие, ки пояҳои ақлу барномаи исломӣ бар он такя мекунад, мафҳуми озодии иродаву тасмими инсонӣ ва масъулияти ин озодӣ мебошад. Маҳз бо дарки мафҳуми озодии иродаи инсон ва масъулияти шахсии инсон дар баробари он озодӣ метавон рисолати исломро дар зиндагии инсон ва маънои зиндагӣ, мубориза, ғазваҳои Паёмбар (с) ва пайкори садаи аввалро бо империяҳои Эрону Рум дарк намуд.

Мурод аз ҳаёти дунё дар рисолати Ислом ин санҷиши иродаи инсон дар хилофати замин аст, ҳатто дар фаъолиятҳои ин ирода бар чигунагии он далел карда мешавад. Оё он иродаи хубест, ки талош меварзаду бо итоати ҳаку накуӣ ва адл ороста мешавад, ё иродаи баду мутакаббирест, ки аз ҳаку накуӣ ва адл рӯ гардонида, ба сӯйи ҳавову ҳавас ва фасоду исроф дар замин мешитобад. Зиндагии охират дар рисолати Ислом ҳосили осори ин иродаву чигунагии фаъолиятҳои он дар зиндагии дунё буда, бо ҷовидонагӣ пероста мегардад. Агар наку буд, пас, ба накуӣ ва агар бад буд, пас, ба бадӣ подошт дода мешавад.

Фитрати инсонӣ конуни озодии инсонро дар куллиёти илоҳии офариниш дарк месозад, чунончи рисолати илоҳӣ аз он сухан гуфтаву онро муқаррар намудааст:

*«Ва савганд ба нафсу он ки некуяш биёфарида, сипас бадиҳову парҳезгориҳояшро ба ӯ илҳом карда, ба таҳқиқ, ҳар кӣ дар покии нафс кӯшид, наҷот ёфт ва ба таҳқиқ, ҳар кӣ дар палидиаш фурӯ пӯшид, зиён кард»; Сураи «Шамс», оятҳои 7-10.*

*«Аз они Худост ҳар чӣ дар осмонҳову ҳар чӣ дар замин аст, то бадкоронро дар баробари аъмолашон ҷазо диҳад ва неку-*

*коронро ба кирдори некашон подош диҳад»; Сураи «Наҷм», ояти 31.*

*«Ва Худо осмонҳову заминро барҳақ биёфарид, то ҳар касеро баробари коре, ки кардааст, подош диҳад ва ба онҳо ситам нашавад»; Сураи «Ҷосия», ояти 22.*

*«Ва шуморо дар рӯйи замин халифа гардонад. Он гоҳ бингарад, ки чӣ мекунед»; Сураи «Аъроф», ояти 129.*

*«Бигӯ: "Эй мардум, паёми ростин аз ҷониби Парвардигоратон тавассути паёмбари содиқи охирзамон бароятон омадааст. Пас, ҳар кас, ки ба роҳи рост ҳидоят ёбад, ҳидоят ба суди ӯст. Ва ҳар кӣ гумроҳ гардад, ба зиёни хеш ба гумроҳӣ афтодааст"»; Сураи «Юнус», ояти 108.*

*«Кори Худованд аст, ки ҳар чизеро ба камол падид овардааст» Сураи «Намл», ояти 88.*

*ва «Огоҳ бошед, ки ӯрост офариниш у фармонравоӣ». Сураи «Аъроф», ояти 54.*

Мафҳуми озодии иродаи инсон ва озодии тасмими инсон фарогири чанд қисмату абъодест, ки танҳо пас аз дарки онҳо метавон мафҳуми мазкурро дарк намуд. Бахшҳои мазкур дар се қисмат хулоса мешаванд: озодии ақида, озодии фикр ва озодии амалкарди иҷтимоӣ.

**1. Озодии ақида**

Воқеан, Ислом озодии ақидаро барои инсон ва иродаи инсонӣ ба таври ошкор эълон медорад. Чунончи озодии ақида асоси даъват ва таълимоти исломиро ташкил намуда, ангезандаи мубориза алайҳи неруҳои саркашу исёнкор буд. Аз дидгоҳи мафҳуми озодии ақида дармеёбем, ки Ислом озодии инсонро барои ҳама тазмин менамояд ва аз ин дидгоҳ маонии номаҳои Расулуллоҳ (с)-ро ба подшоҳону амирон дарк месозем. Чу-

нончи онҳоро ба Ислом фаро хонда, талаб менамуд, ки дасти зулму бедодии худро аз сари раиятҳои худ бардоранд, то онҳо озодии ақида дошта бошанд. Аз дидгоҳи ҳуқуқи инсон барои доштани озодии ақида ва масъулияташ дар баробари ин озодӣ лашкари садаи аввалро мебинем, ки бо имону азми қавӣ бо неруҳои бедодгару ситампеша бархӯрд менамоянд ва ба ин тартиб аз ҳуқуқи инсон дар доштани озодии ақида дифоъ намуда, барои иҷро намудани масъулияти инсон шароит фароҳам меоварданд ва ҳама бедодиро нисбат ба озодии ақида ва ихтиёри инсонӣ барҳам мезаданд.

Ислом озодии инсонро дар мавриди баргузидани ақидае, ки ба он имон дораду ба он чанг мезанад, таъмин месозад, сарфи назар аз он ки он ақида исломист ва ё ғайриисломӣ. Танҳо инсон метавонад ин тасмимро гирад ва маҳз ӯ дар ин маврид масъул аст, аммо Ислому давлат ва ҷомеа бояд ин ҳуқукро пуштибонӣ карда, барои он тасмим арҷгузорӣ намоянд ва барои амалисозии он дар сарзамини ислом ва дар саросари дунё замина фароҳам оранд.

Дар дарки озодӣ шинохти шартҳои салоҳияти истифодаи ҳуқуқии он зарурӣ мебошад, зеро озодӣ ҳуқуқу ҷойгоҳ ва масъулият ба шумор рафта, ба мисли дигар ҳуқуқу ҷойгоҳест, ки наметавон фориғболонаву худсарона ва бебокона аз он корбурд намуд. Зеро озодӣ аз ҳар кори дигаре ба тартибу низом созгортар аст, чун дар он хатарноктарин пайомаде ба зиндагии инсону маънои ҳастии ӯ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, бояд шартҳои салоҳияти корбурду амалкарди онро дар ҷомеа дарк созем. Чунончи озодии иродаву тасмимгирӣ ба таври умум ва озодии ақида ба таври махсус ҳақи шахс буда, бо тавоноиҳои идроку балоғати инсонӣ бархӯрдор мегардад, то инсон маънои озодиву пайомадҳои онро дарк карда, масъулияти корбурди онро дар зиндагии худ ва дар зиндагии ҷомеаву атрофаш ба дӯш гирад. Ба ин хотир, озодӣ ҳақи болиғи оқил мебошад. Аммо таҳқири кӯдаку девона ва ба бозӣ гирифтани иродаи онҳо, инчунин, пастзании соҳибону нигаҳдорон ва масъулони тарбияи онҳо ҷоиз намебошад, магар он ки салоҳияти

озодӣ ва тавони корбурду бардошти масъулияти онро пайдо намоянд. Ин салоҳият бо балоғати ақлӣ ва ё барқарорнамоии солимии ақл сурат мегирад. Гузашта аз ин, балоғати тамаддунӣ низ шояд аз шартҳои муҳиме дар шоистагии инсон ба корбурди озодӣ, хусусан, дар робита ба озодии ақида ба шумор равад. Зеро шароити ибтидоии тамаддун ва ақибмондагии тамаддунӣ дар бархе намунаҳои бодиянишиниву барбарӣ инсонро дар ҳолати норасоии тамаддунӣ, иҷтимоӣ ва зеҳнӣ қарор дода, ӯро аз тавони гирифтани тасмими инсонии масъулиятноке маҳрум гардонидааст ва бо ин аз созгорӣ бо озодӣ дураш сохтааст ва пеш аз додани ҳуқуқи корбурд ва бар дӯш гирифтани масъулияти озодӣ парастории ӯро барои расидан ба шоистагии он ҳатмӣ гардонидааст. Маҳз ҳамин равишро Ислом дар даврони пайдоиши худ бо қабилаҳои ибтидоӣ ва бодиянишину бутпарасти араб истифода намуд. Чунончи ҳангоми робитаи давлати нахустин ва ҷомеаи аввалини исломӣ ба ин қабилаҳо тамоми воситаҳоро ба кор бурд, то қабилаҳои мазкурро аз таассубу кирдори бефарҳангӣ, аз камбуду ақибмондагии тамаддунӣ-иҷтимоӣ наҷот диҳад ва аз таҷовузкории онҳо бар мусулмонону қабилаҳои ҳампаймони мусулмонон ҷилавгирӣ созанд. Масъулияти инсонии Ислом буд, ки ин қабилаҳои ваҳшии ҷоҳилиро фармонбардори низоми тамаддунии Ислом гардонида, аз тамоми кирдорҳои ваҳшиёнаи иҷтимоӣ ва хурофотҳои бутпарастӣ наҷот диҳад. Аз ин рӯ, Ислом ошкоро эълон намуд, ки масъалаи ин қабилаҳо масъалаи озодии иродаву ақидаи инсон нест, балки мутеъ намудани онҳо ба низоми Ислом ва наҷот доданашон аз ваҳшонияти иҷтимоиест, ки дар он зиндагӣ мекарданд.

*«Касоне, ки ту аз онон паймон гирифтӣ, сипас паёпай паймони хешро мешикананд ва ҳеҷ парво намекунанд»; Сураи «Анфол», ояти 56.*

*«Аҳду савганд ва хешовандии ҳеҷ муъминеро риоят намекунанд ва мардуме таҷовузкоранд»; Сураи «Тавба», ояти 10.*

*«Эй касоне, ки имон овардаед, мушрикон палиданд ва аз соли баъд аз ин сол набояд ба Масҷид-ул-ҳаром наздик шаванд»; Сураи «Тавба», ояти 28.*

*«Ва ҳамчунон, ки мушрикон ҳамагӣ ба ҷанги шумо бархостанд, ҳамагӣ ба ҷанги онҳо бархезед. Ва бидонед, ки Худо бо парҳезгорон аст»; Сураи «Тавба», ояти 36.*

*«Бо онон набард кунед, то дигар фитнае (ширк) набошад ва дин ҳама дини Худо гардад. Пас, агар бозистоданд (аз ширк), Худо кирдорашонро мебинад»; Сураи «Анфол», ояти 39.*

*«Арабҳои бодиянишин гуфтанд: «Имон овардем!» Бигӯ: «Имон наёвардаед. Бигӯед, ки таслим шудаем ва ҳанӯз имон дар дилҳоятон дохил нашудааст. Ва агар Худову паёмбарашро итоат кунед, аз савоби аъмоли шумо кам карда намешавад, ҳароина, Худо омурзандаву меҳрубон аст». Сураи «Ҳуҷурот», ояти 14.*

Ҳамин гуна муносибати Ислом ба арабҳои бодиянишини бутпарасти ибтидоӣ муносибати парасторӣ ва тарбияи тамаддунӣ-иҷтимоӣ буд, на инкори озодии иродаи шоистаи инсонӣ. Аммо муносибати Ислом бо аҳли китоб дигаргуна буд, яъне, ҳақ ва ақидаи аҳли китобро арҷгузорӣ ва риоя менамуд, ҳарчанд мусулмонон аз фиребу душмании онҳо ранҷи бисёре кашида бошанд ҳам. Инчунин, Ислом ин ҳақро дар оятҳои ошкор барои дигар соҳибтамаддунҳо, мисли форсҳову маҷусиён эълон доштааст, бо он ки онҳо бутпарасту мушрик ва оташпараст буданд. Ба ин тартиб дигар ҷойи тардиде нест, ки озодии ақида мафҳуми бунёдии Ислом дар ташкили ақлу барномаи тамаддуни исломӣ буда, ақлу барномаи мусулмон ва ифодаи озодӣ танҳо замоне сурат мегирад, ки масъалаи мазкур мавриди фаҳми дуруст қарор гирад.

**2. Озодии фикр**

Озодии фикри инсон комилкунандаи озодии ақида ва зодаи он аст. Озодии фикр ба озодии иродаи инсон ва ахлоқӣ будани тасмими ӯ дар партави чорчӯби ақидавии фарогир бастагӣ дорад. Вале пойбанд ба тасаввури умумӣ дар зимни ин чорчӯб ба дидгоҳҳо ва тасмимоте рӯбарӯ мегардад, ки ӯро ба дарки масъалаҳои ин тасаввур ва бозтобҳои он дар зиндагиву алоқаҳои инсонӣ расонида наметавонад. Ислом иродаи инсонро аз бедодиву зулми коҳинӣ озод карда, ба он озодии ризоияту тасмимгирӣ ато кард. Аз ин рӯ, дар ҷомеаи Ислом бо роҳи маҷбурӣ ризоманд сохтани равони инсонӣ раво нест, зеро ин аз сиришти холиси инсонӣ ва аз ҳадафи шаръии инсон набуда, Ислом ин равишро дар зиндагии инсон ва дар ҷомеаи исломиву инсонӣ пазиро намебошад. Ба ин хотир дар барнома ва ақлонияти Ислом нуқтаи ниҳоии тасмим ба инсон ва иродаи озоди ӯ бастагӣ дорад. Танҳо иродаи инсон масъул асту пайомадҳои онро дар дунё ва охират танҳо худи он ноил мешавад. Озодии фикр ифодагари сарсарӣ будани тасмим ва ё кӯр-кӯрона будани он нест, зеро ақлу барномаи мусулмон ақлу барномаи ҷиддиву масъулиятноканд. Ба ҳадафмандиву ҷиддият ва масъул будан танҳо бо комил шудани талоши инсонӣ дар мавриди шартҳои тасмиме, ки аз илму дақиқназарӣ ва тааммул бархӯрдор аст, метавон даст ёфт. Вале дар ҳама сурат тасмими иродаи инсон бе фишору бе ситам ба ризоияти дарунӣ ва ахлоқии инсон бастагӣ дорад: «Аз дили худ фатво бипурс, агарчи мардумон фатвоят диҳанд ҳам». [1]

*«Барои мардум подоше ҷуз он чӣ худ кардаанд, нест»; Сураи «Наҷм», ояти 39.*

*«Ҳар кӣ ҳидоят шавад, ба суди худ ҳидоят шуда ва ҳар кӣ гумроҳ гардад, ба зиёни худ гумроҳ шудааст ва ҳеҷ кас бори дигареро барнадорад». Сураи «Исро», ояти 15.*

---

1 Ривояти Имом Аҳмад дар «Муснад».

Озодии фикр ва ризоияти фикрӣ ҳақ ва мавқеи асосиест, ки амалисозии маънои вуҷуди инсонӣ, бардошти бори масъулияти хилофати инсон дар замин ва талоши пӯёву бардавом пайи ислоҳу ободкорӣ онро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, нест кардани фикр ва ризоияти дарунии инсонӣ ба маънои нест кардани зиндагиву масъулияти он аст, ки равиши исломӣ ҳаргиз инро намепазирад ва ақли мусулмон ҳамеша аз пайи устуворнамоии ҳақи инсон ба озодии ақидаву фикр ва амалӣ намудани он ҳаќу масъулият аст.

Фикри мусулмон дар ҷомеаи исломӣ фикри озоду эҷодкорест, ки пешниҳодоташ гуногун ва такомулёфта мебошад. Вале дар охир масиру равиш ва эҷодаш ба ҳадафи ҳастии инсон дар ислоҳу ободкорӣ ва харобкорӣ нанамудан гиреҳ мехӯрад.

Агар озодии ақидаву дидгоҳи асосии умумӣ қисматҳои мутлақу куллии худро дошта бошад, пас, озодии фикр дар асл бозтобҳое аз дидгоҳи куллии ақида дар мавриди вазъияти зиндагиву масоили он ва мавқеъгириҳо дар баробари масоилу услуби муомила бо он ба шумор меравад. Маҳз бо такя ба озодии ақидаву озодии фикр амалкарду рафтори иҷтимоии инсон ба вуҷуд меояд, ки на тарафи назариявию тасаввурӣ, балки амалу иҷроиш ва фаъолиятро нишон медиҳад. Мулоҳизаҳои амалии вазъият ва имкониятҳо марзҳову чорчӯбаҳои муайянеро баро ин гуна озодӣ мегузоранд.

Шинохти тарафи амалии масъалаҳои озодӣ муҳим мебошад, зеро тарафи назариявӣ ва фалсафӣ ба танҳоӣ воқеияти амалкарди иҷтимоиро пурра ифода карда наметавонад. Воқеан, воқеияти амалкарди иҷимоӣ дар робита ба озодиҳо ва ҳимояи ҳуқуқи инсонҳо на ба асосҳои назариявӣ, балки ба мулоҳизаҳои воқеӣ такя менамояд. Ба ин гуна ҳар қадар роҳҳалҳои назаривӣ-фалсафӣ дастнахӯрда (холис) ва фикри уммат озод шуда бошад, уммат ва ташкилотҳои он барои мадоро ва кушода намудани роҳ ба рӯйи шахсиятҳову гурӯҳҳо барои амалисозии ҳуқуқҳои озодии фикру ақидаи худ қудрати бештаре пайдо мекунад. Аммо ҳар қадар роҳи уммат ва

фикри қонунҳои асосӣ ва амалкарди тамаддуниаш ноҳамвор бошад, ҳамон қадар ба мадорову озод гузоштани фикри зидду дигаргун майли камтаре менамояд. Зеро заъф ба сахтгирӣ ва тавоноӣ (бо доштани заминаи холиси фалсафӣ) ба мадорову гуногунӣ моилтар мебошад. Агар ҳаросҳои ғасби фикрӣ ва чораҳои ҳукмронии истеъмориро илова намоем, пас, имкониятҳои даркнамоӣ заифтар гашта, ниёз ба ҳикмату суботи нафс бештар шудааст.

### 3. Озодии амалкарди иҷтимоӣ

Буъди озодии амалкарди иҷтимоӣ яке аз буъдҳои пӯёии вуҷуди инсон буда, ба қисмати амалии ин вуҷуд пайванд мехӯрад. Ба ин тартиб буъди мазкур ба маҷмӯи корҳову рафторҳо ва табодули манфиату алоқаҳои байни шахс ва ҷомеа пайваст мебошад, ба гунае ки вуҷуди инсонии шахс наметавонад бидуни ҷомеаи инсонӣ, ки шахс бо дигар ашхоси ҷомеа ва ташкилотҳои он табодули манфиату алоқа менамояд, ба зиндагӣ идома диҳад.

Вуҷуди шахс дар ҷомеа, ҳатман, бо назардошти чигунагии сохтори ҷомеа ва гуногунии ниҳодҳои он вобаста ба вазъияту имкониятҳо ва бархӯрдҳое, ки ба он рӯбарӯ мешавад, инчунин, вобаста ба ҷойгоҳи шахс дар ҷомеа ва аъзоёни дигари он барои ҳаракат ва амалкарди инсонии худ қайдҳову шартҳое мегузорад. Қайдҳову шартҳо дар охир ба ҳадафи ободкорие, ки дар баробари вуҷуди инсону зиндагӣ ва ҷомеа фитрат тақозо мекунад, пайванд мехӯранд. Агар озодии ақидаву фикр ба шахс ва ҳувияти он вобаста бошад, пас, фаъолият ва амалкарди инсонӣ ба шахс маҳдуд нагашта, ба ҷомеаву ташкилот, ашхосу захираҳо ва неруҳои он густарда мешавад. Аз ин рӯ, фаъолият ва амалкарди инсон хусусияти ҷамъиятӣ дорад, яъне, бояд мувофиқи тасаввуре иҷро шавад, ки аз нигоҳи чандиву чунӣ ва амалисозии ҳадафҳои ҳаётиву ободкорӣ ва ислоҳнамоӣ бо ҷамъияту сохтор ва тасмимҳои ҷамъиятӣ бархӯрд намудаву комил гардад. Меъёри ҷамъиятӣ барои фаъолияти иҷтимоӣ ба маънои поймол кардани иро-

даи ашхос дар амалкарду фаъолиятҳои иҷтимоияшон набуда, балки танҳо бо қонунмандиҳо ба танзим даровардани рафторҳо ва амалкардҳои ашхос ва комилнамоии онҳо дар назар дошта шудааст, то иродаи ислоҳнамо ва ниёзи фард дар партави инконниятҳои худ ва имкониятҳои ҷомеаву ашхос ва ниёзҳои онҳо амалӣ шавад. Ба ин маъно, ки ин қонунмандиҳо тасмимотест, ки дар партави ҳадафҳои ҳастии ислоҳнамову ободкори инсон ба маҷмӯи ашхоси ҷомеа тааллуқ дорад. Гузашта аз ин, озодиҳои ақидавӣ ва фикрии шахс танҳо дар ҳудуди ҳадафҳои ислоҳнамоӣ дар вуҷуди ҷамъияти инсонӣ ва ҳудуде, ки ҷамъият барои фаъолият ва алоқамандиҳо мушаххас кардааст, метавонад амалӣ шаванд.

Аз ин рӯ, мақсад аз маҷмӯи қонуниятҳову қонунҳо ва қонунгузориҳову ташкилоту низоми ҳамагонии ҷамъият, пеш аз ҳама, амалисозии ҳадафҳои ислоҳнамоиву ободкорӣ, таъмини имконияти бештар барои фаъолияти ашхос дар партави меъёрҳо ва тавассути фаъолияту амалкард ифода намудани иродаву тасмимоти андеша ва ризоиятмандии онҳо мебошад. Қонунмандиҳои ҷомеа ва низоми ҳамагӣ аз диди ҷамъиятии ашхос маншаъ мегиранд. Аз ин рӯ, агар шахс озодии эътиқод ва андешароние дошта бошад, ки ризоиятмандии ботинӣ ва тасаввури зеҳнии ӯро талқин намояд, пас, ӯ ба ғайри талаботи низому қонун ва ҳудуду тасмимоти ҳамагонӣ наметавонад кору рафторе намояд. Зеро рафтори фард аз диди ҳақ доштан ба озодии фикру ризоиятмандӣ ва таваҷҷуҳ нанамудан ба қонунмандиҳои низоми ҷамъиятӣ озодии фикриро абзоре (воситае) барои эҷоди ҳараҷу мараҷ дар ҳаёти иҷтимоӣ мегардонад. Дар ин гуна ҳолат ҳама ҳуқуқу озодиҳо аз байн рафта, маънои ҳастиву ҳаёти инсонӣ нест мегардад.

Озодии ақидаву фикр бо озодии амалкарду фаъолияти инсонӣ дар ҳудуди ҳадафҳои ислоҳнамоиву ободкории ҷомеа бо қонунмандиҳои низоми ҳамагонӣ ба танзим медароянд ва маҳз ҳамин озодии ақидаву фикрро барои таҷдиду ислоҳи бардавом дар зиндагӣ неруи такондиҳандаву пешбаранда

(идомадиҳанда) мегардонад, на неруи харобкунандаву нестсозанда ва бесарусомонӣ дар ниҳоду сайри ҳаракату амалкарди ҷомеа.

Қонунӣ будани фаъолияту амалкард ва рафтори фард ба масъулиятшиносии ӯ дар баробари ҳадафи ислоҳнамоӣ ва қонуни низоми ҳамагоние бастагӣ дорад, ки аз иродаи ҷамъияту тасмими аксарияти ашхоси он бархостааст. Инчунин, тасмими ҷамъият қонунмандии худро дар болотарин сатҳҳо бо назардошти амалисозии ҳадафи ислоҳнамоиву ободкории инсон дар замин мегирад, ки дар Ислом аз он бо амалкарди инсон барои иҷрои масъулиятҳои хилофат дар ободсозиву ислоҳнамоии кавн ёд мешавад. Вақте амали шахс, сарфи назар аз чӣ гуна будан, қонунҳои низоми ҳамагониеро, ки ҷамъият гузоштааст, поймол кунад, қонунӣ будани худро аз даст медиҳад. Инчунин, қонунҳои низоми ҳамагонӣ низ агар ҳуқуқи ашхосро дар мавриди озодии ақидаву фикр ва озодии баён дар чорчӯби муайяне, ки дар он мафҳуми масъулиятшиносӣ аз ободсозиву ислоҳнамоӣ амалӣ мешавад, риоя нанамояд, қонунмандии худро аз даст медиҳад.

Кирдор ва амалкарди шахсии мусулмон ва қонунгузориву низоми ҳамагонии исломӣ дар ҷомеаи исломӣ қонунмандии худро аз масъулиятшиносӣ дар мавриди ҳадафҳову мақсадҳо, асосҳову арзишҳо ва дастуроти Ислом мегиранд. Қонунгузори мусулмон дар ҷомеаи исломӣ набояд ҳангоми гузоштани қонунҳову дастурҳо аз ҳадафу арзишҳои Ислом сарфи назар кунад, зеро ҳадафу мақсади ҳама гуна қонунҳо ин равона кардани неруҳои башар ба бардоштани масъулияти инсон дар мавриди хилофату ободкорӣ ва ислоҳнамоии замин аст. Инчунин, фаъолият ва рафтори мусулмон низ набояд аз пойбандии худ ба Ислом сарфи назар кунад, зеро озодии андешарониву озодии баёне, ки ба асосҳову ҳададфҳои ислоҳнамову ободсоз по банданд, ҳамчун абзори корбурди андешаву дидгоҳ дар ҷамъият боқӣ монда, ҳаётӣ будани дидгоҳу андеша, қонунгузорӣ ва рушди қонунҳову сиёсатҳои ҳамагониро дар ҷомеа амалӣ месозад.

Ҳамин гуна озодии ақидаву фикр бо назардошти асосҳои исломӣ андешаи озодро ҳамчун абзори ҳамешагиву пӯёе дар ростои тааммулу эҷодкорӣ ва рушдёбӣ мегардонад ва чархҳои зиндагиро барои ҳадафҳои баргузида ба пеш тела медиҳад. Ҳамзамон, дар партави маҷмӯи ҳуқуқҳои ашхоси ҷомеа, талаботи озодии ақидаву фикрии онҳо, имкониятҳои ҷомеа ва табиати муқовиматҳое, ки ба он рӯбарӯ мешавад, ҷодаи фаъолияту рафтори инсонро тавсеа мебахшад.

Барои амалисозии ин мафҳумҳо дар ростои озодӣ ва омода намудани ҷодаҳои он мубоҳ будан асли ҷамъиятие дар барномаву низоми исломӣ маҳсуб меёфт, ки танҳо онро нусуси ошкорои ваҳй, ки илми яқинии илоҳӣ ба он иршод месозад, ё талаботи қонунҳои фитрӣ ё заруриятҳои назаррас маҳдуд менамуд.

Воқеан, хуб дарк намудани мафҳуми озодии тасмиму иродаи инсон дар Ислом, дарки маънои узвияти инсон дар ҷомеа, маънои ҳадафҳои ислоҳнамои хилофат дар зиндагӣ ва вуҷуди инсон ва дарки маънои масъулият дар робитаҳои ҷомеаи исломӣ ва амалкарди ашхосу ташкилотҳои он бисёр муҳим ва зарурӣ мебошад. Зеро бе дарк намудани ин нуктаҳо ақли мусулмон наметавонад худро аз тақлиди кӯр-кӯронаву нозоии фикриву тамаддунӣ, ки ҳама равзанаҳоро барои фикри тоза ва барои давои судманд намудани дардҳову камбудҳои эҷодиву тамаддунии уммат бастаанд, наҷот диҳад.

Дар партави ин роҳкорҳо маънои амри маъруфу наҳйи мункарро дар Ислом дарк менамоем. Ба ин гуна ки мафҳуми мазкур аз нигоҳи озодии ақидаву фикр панду андарз ва роҳнамоиву иршод аст ва аз ҷониби амалкарди иҷтимоӣ мубозову фаъолият, фидокориву қудрати ҳимояи ҳуқуқу ниҳоди низоми ҳамагонии ҷомеа ба шумор меравад, то киштии ҷомеа ғарқ нагардаду сохтораш ба ҳам нарезад ва бесарусомониву фасод фарогираш нашаваду дар охир ҳадафи ислоҳнамоиву ободсозии зиндагиву ҷомеа пора-пора нагардад.

### *3.4.4. Таваккал*

Таваккал дар байни мафҳумҳои бунёдии барномаи исломӣ мафҳуми чорум ба шумор меравад.

Таваккал эътимоду боварии дили имондор ба Худованд, пазириши қазову қадари илоҳӣ дар ҳама ҷанбаҳои зиндагӣ мебошад.

Таваккал имон доштани дил ба қудрату ҳикмат ва адолати Худованд ва ба бозгашти ҳама чиз ба сӯйи ӯ мебошад.

Таваккали дили муъмин аз имондорияш ба *ғайб* ва куллиёти олами *ғайб*, ки Парвардигори замину осмон ба танҳоӣ ва бидуни ҳеҷ анбозе онро идора менамояду ҳама амру илми онро иҳота менамояд, сарчашма мигирад.

Таваккали мусулмон фаҳму дарк ва эҳсоси фитрӣ-имонии нозукест, ки яке аз сарчашмаҳои тавоноиву неруи бузурги равонии мусулмонро ташкил медиҳад, ки аз он чашмаҳои шикебоиву тоқат, саъйу талош ва ризоияту хушбахтӣ ҷӯш мезанад.

Таваккали мусулмон ба он хотир сарчашмаи тавоноии ӯ мебошад, ки он аз дидгоҳи боввариву яқин абзори дарку додугирифти мусулмон бо куллиёти илоҳӣ дар ҳастиву зиндагӣ мебошад. Чунончи мусулмон бо имону фитрати худ дармеёбад, ки саъйу талоши ӯ ба иҷрои уҳдадориҳояш дар хилофати олами *шаҳодат* бастагӣ дорад. Ӯ медонад, ки саъйу талошаш барои иҷрои нақш ва бардоштани масъулияташ аз роҳҳалҳои сабабҳову қонунҳоест, ки Худованд дар коинот гузоштааст ва барои ақлу талоши ӯ шинохту тасхир ва додугирифт ба коинотро фароҳам овардааст. Аммо дар робита ба маҷмӯи сабабҳову сайри коинот ва куллиёти бархӯрдҳо медонад, ки мантиқу ақли ӯ ин ҳамаро иҳота карда наметавонад ва танҳо Офаридгори поку баландмартаба онро фаро мегирад, аз ин рӯ, бояд ӯ дар мавриди бозгашти куллиёти коинот ба сӯйи Худованди поку баландмартаба эътироф намояд.

*«Бигӯ: “Ҳамаи корҳо ба дасти Худост”»;* *Сураи «Оли Имрон», ояти 154.*

*«Огоҳ бошед, ки ӯрост офаринишу фармонравоӣ»;* *Сураи «Аъроф», ояти 54*

*«Ва шуморо ҷуз андак донише надодаанд»;* *Сураи «Исро»», ояти 85.*

*«Ва ба илми ӯҷуз он чӣ Худ хоҳад, иҳота натавонанд ёфт»; Сураи «Бақара», ояти 255.*

*«Эй Парвардигори мо, раҳмату илми Ту ҳама чизро фаро гирифтааст».* *Сураи «Ғофир», ояти 7.*

Аз ин рӯ, мусулмон бо куллиёти илоҳӣ дар зиндагӣ ва ҳастӣ аз диди боварӣ ба Худованд ва ризояту пазириши пайомадҳои корҳо ба гунае ки Худованд тақдир кардааст, муносибат мекунад. Хулосаи ақида ва равиши ақлонияти мусулмон дар мавриди куллиёти илоҳӣ дар зиндагиву ҳастӣ ба ин гунааст, ки оқибати ҳамаи он (куллиёти илоҳӣ) наку аст. Чунончи бо шукр оқибати неъмат, бо шикебоӣ оқибати имтиҳону гирифторӣ ва бо аҷру подоши наку дар охират ҳамагӣ наку аст. Ақидаи мусулмон дар мавриди куллиёти илоҳӣ дар зиндагиву ҳастӣ ин бозгашти накуи талоши шахси мусулмон аст, сарфи назар аз он ки насиби талошу амалкарди ӯ аз матои дунёву гирифторияш дар он чӣ гуна буд. Ва ин имон ба пирӯзии ҳаку уммати ҳақ ва муборизаи аҳли ҳаку бозгаштӣ онҳо ва имон ба шикасти ботилу аҳли он дар рӯёрӯии миллатҳо дар саҳнаи таърих ва дар рӯзе мебошад, ки мардум назди Худованд ба по мехезанд.

*«Ва, албатта, шуморо меозмоем, то муҷоҳидон ва собиронатонро маълум дорем ва ҳадисатонро ошкор кунем»;* *Сураи «Муҳаммад», ояти 31.*

*«Ва шуморо ба хайру шар меозмоем. Ва ҳама ба назди Мо бозмегардед»; Сураи «Анбиё», ояти 35.*

*«Касонеро, ки дар роҳи Мо ҷиҳод кунанд, ҳатман, ба роҳҳои хеш ҳидояташон мекунем»; Сураи «Анкабут», ояти 69.*

*«Дар роҳи Худованд, чунонки бояд ҷиҳод кунед»; Сураи «Ҳаҷ», ояти 78.*

*«Эй касоне, ки имон овардаед, агар Худоро ёрӣ кунед, шуморо ёрӣ хоҳад кард ва пойдорӣ хоҳад бахшид»; Сураи «Муҳаммад», ояти 7.*

*«То он ҷо, ки битавонам, қасде ҷуз ба ислоҳ оварданатонро надорам. Тавфиқи ман танҳо бо Худост. Ба ӯ таваккул кардаам ва ба даргоҳи ӯ рӯ меоварам»; Сураи «Ҳуд», ояти 88.*

*«Амалкунандагонро чӣ неку муздест, онҳо, ки сабр варзиданд ва бар Парвардигорашон таваккал мекунанд»; Сураи «Анкабут», оятҳои 58-59.*

*«Ва он чӣ дар назди Худост, барои онҳое, ки имон овардаанд ва ба Парвардигорашон таваккал мекунанд, беҳтару поядатар аст»; Сураи «Шӯро», ояти 36.*

*«Ва ба ӯ бозгардонда мешавад ҳамаи корҳо. Ӯро бипараст ва бар ӯ таваккал кун». Сураи «Ҳуд», ояти 123.*

Таваккал ба маънои тавокул (худхоҳӣ, худписандӣ; бепарвой, фориғболӣ; бетафовутӣ, беэътиноӣ; танбалӣ) нест. Чунончи таваккал ба маънои боварӣ ва пазируфтани куллиёти илоҳӣ мебошад, ки амру ҳикмати онро Худованди поку баландмартаба медонаду зимоми онро танҳо ӯ дорад. Таваккал ба маънои тавоноиву оромиш ва ризоиятест, ки ба зиндагии мусулмон ворид шуда, ӯро дар куллиёти ҳастӣ ба сӯйи комёбиву наҷот ва оқибати наку мебарад.

Аммо тавокул ба маънои нотавониву костагӣ дар корҳоест, ки ба зиндагиву дунё ва талаботи талош бо қонунҳову қоидаҳое бастагӣ дорад, ки Худованд дар зиндагӣ барои инсон мусаххар сохта, масъулияти хилофат дар замин ва амалисозии маънои зиндагиву вуҷудро ба талоши ӯ муртабит сохтааст. Тавокул ба ин маъно кӯтоҳӣ варзидан дар талошу фидокорӣ ва чорасозӣ буда, дар мавриди талош дар дунё барои амалисозии суду салоҳу ободӣ саркашӣ аз дастури илоҳӣ ва мухолифат бо талаботи фитрати инсон ба шумор меравад. Ҳаргиз кӯтоҳӣ варзидан дар талош бо сабабҳову ҷустуҷӯи воситаҳо ва дар пайравӣ аз қонунҳо аз таваккал нест. Чун таваккал асоси масъулияти инсонро дар зиндагӣ ва дар ростои имтиҳони иродаву ҳадафи ҳастии ӯ ташкил медиҳад. Воқеан, тавокул фасоди ақида, гумроҳӣ ва нестшавии талош аст. Ба ин хотир Паёмбар (с) дар посух ба суоли аъробие, ки таваккалро аз тавокул фарқ намекард, гуфт:

*«Шутуратро банд, сипас таваккал кун»*[1]

ва бо ин ӯро ба дидгоҳи равшану ошкоре роҳнамоӣ кард. Бо ҳамин роҳкору дарк ва бо ҳамин равиш халифаи дувуми рошидин Умар ибни Хаттоб (р) ба нафароне, ки худдорӣ намудан аз вуруд ба сарзамини вабодоштаву дурӣ аз чанги он ва наҷот аз бемории вогирро гурез аз тақдири Худованд мешумориданд ва ҷустуҷӯ нанамудани сабабҳову талош накардан ба он чӣ Худованд дар коиноту ҳастӣ гузотшаву барои инсон мусаххар намудааст, аз таваккал мепиндоштанд, посухе равшантар аз рӯз доду гуфт: «Аз тақдири Худованд ба сӯйи тақдири Худованд мегурезам». Оре, қонуни бемории вогир аз тақдири Худо ва қонуни худдорӣ аз гирифтор шудан ба бемории вогир аз тақдири Худост. Пас, ҳама кор бо тақдири Худост ва талош бо сабабҳову қонунҳо аз қазову тоати Худованд аст ва набояд онро куфр варзиду таваккал накард.

1 Тирмизӣ дар «Сунан» ва Ибни Ҳиббон дар «Саҳеҳ» ривоят намудаанд.

Ин фарқ байни маънои таваккал ва тавокул дар робита ба он чӣ фитрати инсонӣ тақозо мекунад ва он чӣ Худованди поку баландмартаба инсонро дар ростои хилофату постдорӣ, идораву тасхири замин уҳдадор кардаву масъулияти талошро барои ислоҳу ободсозӣ ба ӯ гузоштааст, маҳсуб мешавад. Ба ин тартиб тавокул чизест, ки фитрати инсон онро инкор менамояд ва он ба ҳеҷ ваҷҳ аз Ислом набуда, ҳаргиз ба маънои таваккали исломӣ намеояд ва ҳеҷ гоҳ ба ақидаи гузаштагони аввал дар мавриди қазову қадар созгор нест, балки бо намунаҳои зиндагии Паёмбари Худо (с) ва зиндагии саҳобагону мубориза ву талоши онҳо бо қонунҳову сабабҳо ва андешаву чораҷӯии онҳо дар ростои ҳар коре, ки ба он рӯбарӯ мешуданд, зидду нақиз мебошад.

### *3.4.5. Сабабият дар фаъолияти инсон*

Сабабият мафҳуми бунёдие дар зиндагӣ ва эҷоди ақлоният ва бунёни барномаи фикрии мусулмон ба шумор меравад. Чунончи фитрати инсон ва ақидаи мусулмон барои ӯ мушаххас месозад, ки Худованди поку баландмартаба махлуқоту коинотро офарида, барои онҳо қонуниятҳову қоидаҳое гузоштааст ва идораву тасхири онро ба инсон вогузор кардааст, то дар пайи ислоҳу ободсозии он талош варзад. Худованди поку баландмартаба барои инсон имконият додааст, ки масъулиятҳои худро иҷро намуда, аз иродаи худ тавассути амалу асбоб таъбир созад. Аз ин рӯ, сабабият гузошта шуд. Ақли мусулмону фитрати инсон бе корбурди сабабҳову ба таври ҷиддӣ дар ҳама ҷанбаҳои зиндагӣ талош варзидан наметавонад ба абзоре барои иҷрои масъулиятҳои худ дар робита ба хилофату идораи коинот ва тасхири он даст ёбад. Вақте инсон бо асбоб талош варзидаву барои ифодаи иродаву иҷроиши масъулиятҳояш дар хилофати замин аз қонуну қоидаҳо истифода барад, пас, ӯ уҳдадорияшро адо кардаву масъулиятро нисбати зиндагиву ҳастӣ ба дӯш гирифтааст, дигар андозагирӣ ва муайн намудани мавқеи саъйу талошаш дар харитаи куллиёти илоҳӣ

бар уҳдаи ӯ нест, балки на масъулият ва на дар чорчӯби илму идроки ӯст.

Атрофи маонӣ ва мафҳумҳои пешин метавон оятҳои зеринро ёд намуд:

*«Он кас, ки аз они ӯст фармонравоии осмонҳову замин ва фарзанде нагирифтааст ва ӯро шарике дар фармонравоӣ нест ва ҳар чизро биёфаридааст ва онро ба андоза офаридааст»; Сураи «Фурқон», ояти 2.*

*«Номи Парвардигори бузурги хешро ба покӣ ёд кун, он ки офарид ва дурустандом кард. Ва он ки андоза муайян кард. Сипас роҳ намуд»; Сураи «Аъло», оятҳои 1-3.*

*«Кори Худованд аст, ки ҳар чизеро ба камол падид овардааст. Албатта, ӯ ба ҳар чӣ мекунед, огоҳ аст»; Сураи «Намл», ояти 88.*

*«Фитратест, ки Худо ҳамаро ба он фитрат биёфаридааст ва дар офариниши Худо тағйире нест»; Сураи «Рум», ояти 30.*

*«Ва Худо осмонҳову заминро барҳақ биёфарид, то ҳар касеро баробари коре, ки кардааст, подош диҳад ва ба онҳо ситам нашавад»; Сураи «Ҷосия», ояти 22.*

*«Пеш аз шумо воқеаҳое будааст, пас, бар рӯи замин бигардед ва бингаред, ки поёни кори онҳо, ки паёмбаронро ба дурӯғгӯӣ нисбат медоданд, чӣ будааст?»; Сураи «Оли Имрон», ояти 137.*

*«Мо ӯро дар замин қудрат додем ва роҳи расидан ба ҳар чизеро ба ӯ нишон додем»; Сураи «Каҳф», ояти 84.*

*«Ҳеҷ кас бори гуноҳи дигареро барнадорад ва барои мардум подоше ҷуз он чӣ худ кардаанд, нест ва ба зудӣ, ки кӯшиши ӯ дар назарояд. Сипас ба ӯ подоше тамом диҳанд»; Сураи «Наҷм», оятҳои 38-41.*

*«Роми шумо сохт он чӣ дар осмонҳост ва он чӣ дар замин аст. Ҳама аз они ӯст. Ҳароина, дар ин барои андешамандон ибратҳоест»;  Сураи «Ҷосия», ояти 13.*

*«Аз они Худост ҳар чӣ дар осмонҳову ҳар чӣ дар замин аст, то бадкоронро дар баробари аъмолашон ҷазо диҳад ва некуконро ба кирдори некашон подош диҳад»;  Сураи «Наҷм», ояти 31.*

*«Оне, ки марг ва зиндагиро офарид, то шуморо мавриди имтиҳон қарор диҳад, ки кадоме аз шумо амали беҳтар менамояд»;  Сураи «Мулк», ояти 2.*

*«Ва шуморо дар рӯйи замин халифа гардонад. Он гоҳ бингарад, ки чӣ мекунед!»;  Сураи «Аъроф», ояти 129.*

*«Мо ин осмону замин ва он чиро миёни он ду ҳаст, барои шӯхӣ ва бозӣ наофаридаем».  Сураи «Анбиё», ояти 16.*

Дарки мазкури маънои вуҷуди инсон дар зиндагӣ ва он чӣ фитраташ ӯро дар робита ба махлуқоту коинот роҳнамоӣ мекунад, барои инсон ошкор месозад, ки восита ва асоси масъулияташ дар зиндагӣ ба сабабҳову идораи қоидаву қонунҳое вобаста мебошад, ки Худованд дар равонҳову махлуқот ва коинот гузоштааст. Нақши инсон танҳо амал намудан тавассути ин сабабҳову қонунҳо ва талош кардан тибқи тақозои онҳо мебошад. Бар асоси ин ақлу идрок ва мантиқи он дар муносибат ба зиндагиву коинот сохта мешавад, дар ғайри ин сурат масъулияти инсон барҳам хӯрда, амалкардаш қатъ мешавад ва ақлаш нотавону идрокаш нест мегардад. Маҳз ҳамин фаҳму идрок равиши Паёмбари Худо (с) ва садаи аввал, мубориза, *иҷтиҳод*, чораҷӯӣ, тааммул, талоши онҳо ва бо ҷиддияту боварӣ ва ризоятмандиву оромиш чанг задан ба сабабҳову ҷустани қонуну қоидаҳои онҳоро барои мо баён месозад. Сабабият дар амалкарди ақлонияти исломӣ ва бинои барномаи исломӣ мафҳуми асосӣ ба шумор меравад. Кору

амали исломӣ бе дарки ҷойгоҳи сабабият, бе бунёди иродаву амали исломӣ бар асоси мафҳуми сабабияту ба таври ҷиддӣ (аз нигоҳи амалу чашмандоз ва чораҷӯӣ) пойбанд шудан ба он ба даст намеояд.

Боварии таваккал дар имони мусулмон ва ташаббуси ӯ барои рӯёрӯӣ бо монеаҳову мубориза҆о ва бо чанг задан ба сабабҳову тасхири қонунҳо ба таври ҷиддӣ дар кору талош шудан тавоноиву неру ва эҷодкориву атои мусулмон мегардад. Маҳз дар ин сурат мусулмон уҳдадории худро адо мекунад. Ва бо бардоштани масъулияту пайвастани амали солеҳ ба имон шоистаи ваъдаи дастгириву кумаки Худованди поку баландмартаба мегардад.

Он ҷиддияте, ки дар чораҷӯиву андешаронӣ ва чанг задан ба сабабҳо ва он ҷуръату ташаббусеро, ки дар зиндагии Паёмбари Худо (с) мушоҳида менамоем, ҳатман, самараи ин фаҳму ин барнома будааст. Чунончи ҳам тавонои буду ҳам неру ва ҳам пирӯзӣ.

Агар мусулмон имрӯз хоҳад, ки ба он чӣ гузаштагон аз қудрату тавоноӣ даст ёфтанду он пирӯзие, ки Худованд барояшон фароҳам овард, расад, бояд масъулияти худро ба дӯш гирифта, равиши худро таҳти ҷиддияти андешаву тааммул, чашмандозу пажӯҳиш ва талош бо ангезаҳо гузорад ва он чӣ суннати офариниш дар ҷанбаҳои гуногуни зиндагӣ: иҷтимоӣ, табиӣ, татбиқӣ ва техникӣ тақозо мекунад, ба кор барад. Ҳамзамон дар навбати худ бояд масъалаи куллиёти илоҳиро ба Соҳибу Идоракунандаи бузургу баландмартаба гузорад, зеро ин кори Худованд аст, ки бо густардагии илму раҳмати худ чизеро бахшаду аз аҷру имконият ва пирӯзӣ бархӯрдор созад.

Даст кашидани ақлонияту барномаи мусулмон аз нақши худ дар мавриди бардоштани масъулият дар ҷаҳони сабабҳо ва рӯ овардан ба кӯтоҳиву кӯтоҳварзӣ дар мавриди он чӣ талаб карда мешавад ва ба ҷойи ин пардохтан ба гуфтор дар бораи амри Худованд ва куллиёти тақдироти илоҳӣ ин ҳама ба фитрати офаринишу ақидаи Ислом рост намеояд ва натиҷаи

ин ба ҷуз фурӯпошиву ақибмондагӣ ва бадфарҷомӣ чизи дигаре нахоҳад буд.

Агар донишмандонамон дар озмоишгоҳҳои худ, устодонамон дар мактабҳои худ, коргаронамон дар корхонаҳои худ ва аскаронамон дар камингоҳҳои худ ба ин равиш чанг зананд, агар фарзандонамон ба ин равиш тарбияву варзида гарданд, пас, мо нақши худро адо ва масъулияти худро бардоштаем ва бо фазли эзадӣ шоистаи хилофату ҳидоят ва тавонмандӣ гаштаем:

*«Ваъдаи барҳаққи Худованд аст ва чӣ касе аз ӯ ростгӯйтар аст?». Сураи «Нисо», ояти 122.*

Акнун ба масъалаи соҳаи фаъолияти фикри исломӣ мегузарем. Зеро дар зери таъсири қафомондагиву гӯшагир шудани нухбагони фарҳангӣ ва таъсири мафҳуми дин дар таҷрибаи ғарбӣ соҳаи фаъолияти фикру барномаи исломӣ қариб ба масъалаҳои рӯҳиву шахсӣ маҳдуд гаштааст. Дар ҳоле ки амалкарди барномаи фикри исломӣ, чи тавре маълум аст, соҳае ба шумор меравад, ки бо густардагии зиндагиву воситаҳои он густарда мегардад. Маҳз ин нуктаро дар гуфтори баъдӣ арзёбӣ хоҳем кард.

## 3.5. ХУСУСИЯТҲОИ БАРНОМАВИИ ФИКРИ ИСЛОМӢ: УМУМӢ БУДАНИ СОҲА ВА ВОСИТА

Барномавӣ будани фикри исломӣ равиши фарогирест, ки фаъолияти инсони мусулмон ва ақли ӯро дар умум аз нигоҳи чандиву чунӣ баислоҳи зиндагиву банизомдарории амалкарди он ва идоранамовиву рушд бахшидани неруву имкониятҳо, ба гунае ки ҳадафи зиндагиву ҳастии инсон ва коинот тақозо мекунад, равона месозад.

Барномавӣ будани фикри исломӣ бинобар равиши фарогир буданаш боз бо фарогир будани восита низ бартарӣ дорад. Чунончи зиндагӣ бо ҳама ниҳодҳову таркиботаш соҳаи

амалкарди талоши мусулмон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, мусулмон уҳдадор аст, ки бо тамоми воситаи дар имконияташ буда дар пайи илму маърифат оид ба зиндагиву коинот талош варзад. Ҳамзамон уҳдадор аст, ки бо ҳама ҷиддияту навпардозӣ истифода аз тамоми роҳҳо талош варзад, то воситаҳои заруриеро барои мусаххарсозии зиндагиву коинот ва идоранамоиву батанзимдарории умури он даст ёбад.

Ақли исломӣ уҳдадор аст, ки аз тамоми воситаҳое, ки барои пажӯҳиши илмиву талаби маърифат созгор аст, истифода бурда, онҳоро дар тавлиди маърифату тавоноӣ барои амалкард ба кор барад. Дар ин маврид воситаҳои моддиву маънавӣ, миқдориву сифатӣ, истиқроиву (индуксиявӣ) истинботӣ (дедуктдивӣ), илмиву таҷрибавӣ ва назарияививу таҳлилӣ фарқе намекунад. Чӣ гуна будани восита шарт нест, муҳим он аст, ки воситаи дурусту барои ислоҳ ҳадафманд бошад ва инсонро барои иҷрои нақши баргузидааш дар хилофати замин мусоидат намояд. Ҳеҷ илму маърифат ва талоши дурусте (яъне, амру воситае) нест, ки ҳадафҳои дастнахӯрдаи фитрии инсонро дар мавриди ислоҳнамоиву ободсозӣ ва хилофати замин инкор намояд, ё инсонро дар мавриди олами *ғайб* ва он чӣ ақли инсон даркаш карда наметавонаду барои донистану дарки он бештар аз он чӣ дар ваҳй омадааст, масъулияте надорад, ба умқи гумроҳӣ барад.

Бад-ин тартиб, рӯ овардани ақли мусулмон ба корҳои зиндагиву ислоҳу ободсозии он соҳаи фаъолият барои амалкарди ӯст, вале моварои ин аз бутпарастиҳои гумроҳиву сафсатаҳои илоҳиётшиносӣ, ки ба корҳои олами *ғайб* тааллуқ дорад, ақли мусулмонро аз уҳдадориҳояш дур намуда, сарчашмаи тавоноии ӯро барои ободсозии олами *шаҳодат* (дунё) хароб мегардонад. Дар ҳоле ки сабаби асосии комёбиву бартарии инсони мусулмон ва бартарии абармардони исломӣ дар ин буд, ки онҳо ба таври ҷиддӣ ба ислоҳу ободсозии олами *шаҳодат* рӯ оварда буданд. Аммо баъдтар тирагии дидгоҳ гумроҳии ақлу талоши мусулмонро афзуда, неруи пӯёсозу азми ӯро дар баҳри калому гумон ва фирқаҳо камранг намуд,

ки аз он танҳо бо пушти по задани онҳо, пойбанди огоҳона будан ба ақидаву фикри дурусти исломӣ, равонасозии неруи мусулмон барои иҷрои масъулияти ислоҳнамоӣ дар олами шаҳодату хилофати замин ва бо корбурди ҳар воситае барои амалу навпардозии он метавон наҷот ёфт.

Вақте мафҳуми фарогир будани фикру барномаи исломиро дарк менамоем, дармеёбем, ки сохтори илму маърифат ва фикру фарҳанги исломӣ бояд шинохти воқеии рӯзмарраро барои ашхосу ҷомеаҳо, халқҳои мусулмону уммати исломӣ ва барои ҳама инсоният амалӣ созад ва бояд он маърифат шинохти дурусте оид ба ниёзҳову талошҳо, имкониятҳову алоқаҳо ва муборизаҳо бошад. Ҳар сохтори илмӣ-маърифатие, ки ин ҳадафҳоро амалӣ насозад, на сохтор ва на барномаи дурусти исломӣ унвон мешавад ва на дар мизони рисолаи Ислому хилофати инсон ба шумор меравад.

Инчунин, ҳар сохтори илмӣ, маърифатӣ, фикрӣ ва фарҳанге, ки барои ақлонияти исломӣ имкониятҳоеро, ки тавассути он дақиқии фаҳму дурустии дарк ва танзими амалкард бо беҳтари сурат амалӣ мешавад, фароҳам наоварад, пас, он дар маърифату фикр ва ҳаёти исломӣ сохтору равиши исломӣ дониста намешавад.

Бидуни фарогир будани соҳа ва василаи барнома наметавон амонатро адо карду рисолатро расонид ва хилофатро аз нигоҳи чандиву чунӣ ва қуввату қудрат, ҳамон гуна ки оғоз шудаву ҳамон гунае ки Худованд бо роҳнамоии дини ростин хостааст, бино намуд:

*«Шумо беҳтарин уммате ҳастед аз миёни мардум падид омада, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунед ва ба Худо имон доред». Сураи «Оли Имрон», ояти 110.*

Агар дарки хуби хилофати рошидин ва барномаи фарогири он (бо он ки аз нигоҳи замонӣ ба замони паёмбарӣ наздик, гирифтор ба бархӯрдҳои замон ва тӯшаи каме аз бинову тамаддун дошт) барояшон дарҳои иҷтиҳодро дар сиёсату ни-

зом ва сохторҳо кушода бошад, чунончи таърих ба ин гувоҳӣ медиҳаду китобҳо саршор аз баёни онанд, пас, бояд мо барномаи садаи аввал, роҳҳалҳои ақлу шинохти сарчашмаҳои неруи амалкарду навпардозӣ ва *иҷтиҳоди* онҳоро дарк намуда, услубҳои садаи мазкурро дар рушд бахшидани сиёсати ниҳодҳо ва асбоби муваффақияти онро дар амалисозии ҳадафҳову мақсадҳо аз худ намоем.

Наслҳои нахустини *тобеин* ва абармадони баъдии ҷодаи илму даъват ва илм, сарфи назар аз гӯшагир шуданашон, нусуси ваҳйу рисолат (Қуръону Суннат)-ро аз барбодшавию таҳрифхӯрӣ ва гумшавӣ нигаҳ доштанд, ки ин нуктаро омӯзаҳои шаръӣ дар мавриди Қуръони кариму Суннат ба таври пурра таъйид менамояд. Вале баръакси ин донишҳои *иҷтиҳоду* сиёсатҳои шаръӣ дар робита ба сиёсату иқтисод, ҷомеашиносиву тарбия, илмҳову ҳунарҳо ва низомҳову ғайра дар омӯзаҳои баъдии андешаи исломӣ ҷойгоҳе ва баҳрае надоштаанд. Ва он ҳам ба он хотир, ки давлатдории сиёсӣ ва масъулиятшиносии рошидин фурӯ рехта, нухбагони фикр гӯшанишин гаштанд ва озмандиҳои боқимонда аз таассуботу ҷоҳилиҳо ва тамаддунҳову миллатҳои ғайриисломӣ бар ҳукмронӣ даст ёфтанд. Ҳамин буд, ки то имрӯз феҳристи илмҳо ва омӯзаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба маънои илмӣ дар майдони фикрии исломӣ ва аз нигоҳи исломӣ дида намешавад. Инчунин, фикру маърифати исломӣ абзори комили барномавии худро барои амалисозии дарку чашмандози дуруст ба зиндагӣ, ба гунае ки аз рӯйи таҷрибаву ҳақиқат дархӯри ҳадафҳову мақсадҳои исломӣ бошад, рушду инкишоф набахшидааст.

Фикри исломӣ дар майдони барномаи зарурии илмӣ барои ин ҳадафҳо аз қайди асосҳову рукнҳои бузурги барномавие, ки садаи аввал дар назарияву андеша ва иҷтиҳодоту ташкили сиёсатҳову ниҳодҳои худ бар он такя менамуд ва он бо истилоҳи усули дувумдараҷа, монанди *маслиҳати мурсала* (ҳукм дар мавриди чизе, ки дар Китобу Суннат атрофи он сухане нарафта бошад), *дафъи зарар*, *урф*, *истеҳсон* ва *ис-*

*теҳсоб* маъруф аст, дур нарафтааст. Талоши фикри исломӣ аз ҷониби донишмандони пешин бо амалкарду таваҷҷуҳ ва тавсифу поягузории илмҳои зарурӣ барои нас (матн) маҳдуд гашта буд. Чунончи илмҳои Қуръону тафсир, ҳадису ривоят ва фиқҳу аҳком ва забону адабиёт ба ин хотир рушд ёфтанд. Дар арсаи илми фиқҳу аҳком донишмандон бо андешаҳои иҷтиҳодии инфиродии худ, ки бархоста аз муҳити тарбия ва таҷрибаҳои шахсии фақеҳ буд, ширкат менамуданд, бе он ки дар ин арсаҳо аз барномае ёд карда шавад.

Барои амалӣ гардонидани фарогир будани фикру барномаи исломӣ, то барои ҳама арсаҳои зиндагии инсон раҳнамун бошаду бор диҳад, бояд мо барои дарки барнома ва донишҳову воситаҳои он таҷдиди назар намуда, байни сарчашмаҳову воситаҳо ва соҳаҳои назари маърифат тафовут қоил шавем.

Андешамандони мусулмон бояд барои ҳар як соҳаву ҳар илми муҳимми иҷтимоӣ барномаҳои хосе гузоранд, то фикр тавонад нақши худро дар сохтори он илмҳо адо намуда, бо такя ба пояҳои илмии мушаххас ба пажӯҳишу чашмандоз ва тааммул пардохта, дар фаро гирифтани он илмҳо, эҷоди роҳҳалҳову тартибот ва алтернативҳо ва дар азхудкунии натиҷаҳову дастовардҳо имконият пайдо намояд. Муассисаҳои илмии исломӣ ва донишгоҳҳои исломӣ бояд дар донишҳои нусус (матнҳо) маҳдуд нагаштаву аз дигар соҳаҳои илмӣ, аз қабили ҷомеашиносиву технологияи инсонӣ каноргирӣ нанамоянд, зеро ин соҳаҳои мухталиф инъикосгари ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти инсон буда, ҳар яке роҳе барои ҳадафҳову мақсадҳои Ислом мебошад ва Ислом аз онҳо бениёз буда наметавонад.

Роҳҳали бунёдӣ барои барномаи исломӣ оид ба маърифат аз ҷониби донишмандони мусулмони илмҳои инсоние сурат мегирад, ки нисбат ба ваҳйу ҳидояти куллии он ҳамчун сарчашмаи маърифат ва раҳнамуни ҷодаи пажӯҳижашон шинохте доранд. Ҳамзамон, донишмандони омӯзаҳои ваҳйи исломӣ бояд ҷойгоҳи ақлу фитрат ва он қонуну қоидаҳоеро, ки Худованд барои дарки маонии ваҳйу далолатҳо ва корбурди

дурусти он дар ҳаёти инсон дар ақлу фитрат гузоштааст, бидонанд. Гузашта аз ин, донишмандони мазкур бояд аз воситаҳои пажӯҳиши илмӣ-методӣ ва таҳлилӣ-таҷрибавие, ки донишмандони улуми инсониву технологӣ тараққӣ додаанд, истифода намоянд, зеро чунин равиш барои таҳлилу дарк ва воқеъбинона баҳо додани омӯзаҳои ваҳй ва фаҳми ҳадафу маонии он мусоидат менамояд. Ба ин тартиб, сарчашмаҳои маърифати исломӣ дар ваҳйу ақл ва фитрату ҳастӣ комил мегардад. Воқеан, ин равиши илмие дар сохтани барномаи илмии исломӣ ва бар по намудани маърифату илмҳои бартари исломӣ мебошад.

Барои гузоштани муқаддимаҳои асосии Ислом дар соҳаҳои гуногуни омӯзаҳо ва донишҳои инсонӣ-технологӣ, ки ҳадафу мақсад, тасмимот ва арзишҳову аҳкоми исломиро ифода мекунад, бояд муфаккири исломӣ ба таснифи нусус (матнҳо)-и Ислом пардозад ва дар ин росто аз Қуръони кариму Суннати ноби набавӣ оғоз намуда, ҳамчунин армуғонҳои хуби мероси ниёгонро, ки бо дурустии муҳтавову умқи чашмандоз саршоранд, тасниф намояд, ба он шарт, ки ин мерос аз аъмоле, ки бар асоси ғаразҳои сиёсӣ ва ё таъсири хурофоту афсонаҳо ва хаёлҳову исроилиёт бино ёфтаанд, дурру беолоиш бошад, зеро ҳарзаҳову исроилиёт дар бисёре аз корҳои меросии асрҳои ахир зиёд ворид шудааст. Ва бояд ин тасниф дар асоси дидгоҳи муосири Ислом дар мавриди арсаҳои зиндагиву соҳаҳои ҳунарӣ сурат гирад.

Воқеан, анҷоми ин гуна тасниф зарурӣ мебошад, то пажӯҳандагону таҳлилгарон ва ихтисосмандони муфаккиру фарҳангии мусулмон аз нусуси мероси ниёгон огаҳӣ ёфта, тавассути фарогир будани он бо куллиёту ҳадаф, мақсаду арзиш ва асосҳои Ислом ошноӣ пайдо намоянд ва дар партави он дар соҳаҳои гуногун ба фаъолияти созанда пардозанд.

Бе шак, асосҳо ва муқаддимоти исломӣ дар соҳаҳои гуногуни илмӣ-ҳунарӣ дидгоҳ ва қоидаи атову фарқгузории исломиро нишон медиҳад. Аз ин рӯ, бояд андешамандони мусулмон чунин муқаддимоту асосҳоро ба майдон оранд, то

тавассути он бар муқовимате, ки фикри муосири исломӣ бояд бо далерию ҷиддият ба он бархӯрд кунад, рӯбарӯ шаванд.

Фикри мусулмон танҳо ба пойбандӣ ба ҳадафу мақсад ва арзишҳои исломие таваҷҷуҳ менамояд, ки аз сарчашмаи ваҳйу рисолати илоҳӣ бархоста бошанд. Мусулмон арзиши дидгоҳу мафҳум ва ҳадафу арзишҳои исломиро эҳсос намудаву бо онҳо ифтихор менамояд.

Вале воқеияти ҷаҳони ислом ва таърихи ахири он мусулмонро дар ранҷу ҳолати ногуворе қарор медиҳад, зеро дар фикри исломӣ ва дар омӯзаҳову донишҳои исломӣ чизи корояме барои ниёзу бархӯрдҳои худ намеёбад. Шояд дар шароити маҳдуду таназзулкардаи фикри исломӣ сарчашмае ёбад, ки ҳайрату нигаронӣ ва ташвиши ӯро меафзояд. Ба ин тартиб, байни дидгоҳи ҳамагонии тирагаштае, ки ба он имон дорад ва алтернативе барои он намеёбад ва байни моддаву андешаи омехтаи баҳамрехтаву шахшудаи нотавон роҳи ягона барояш тақлиду пайравии кӯр-кӯрона ва сарбории (дарди сару бори дӯши) фикру дастовардҳои дигарон шудан пеш меояд.

Донишмандону андешамандони мусулмонро мебояд, ки нусус (матнҳо)-и исломӣ, хусусан, нусус (матнҳо)-и Суннати ноби набавиро бознигарӣ намуда, саҳеҳи онро бо таснифу аломатгузорӣ бо назардошти шаклу мавзӯъ пешниҳод намоянд, то пажӯҳанда арзиш ва садоқати он чиро мехонад, донад. Бояд ин тасниф аз исроилиёту ривоятҳои бофта ва аз ҳар чизи заифе, ки мувофиқ ба равиши Қуръону рӯҳи Ислом ва амалкарди Паёмбар (с) нест, орӣ бошад. Инчунин, таснифи мазкур бояд аз ҳар гуна муаммоҳову ҳалқаҳои сарбастаи омӯзаҳои академие, ки нусус (матнҳо)-ро барои пажӯҳандагон (-е, ки дар ин ришта мутахассис нестанд), ба монанди маводи симобӣ мегардонад, орӣ бошад, зеро дар ғайри ин сурат аз даст ба монанди резиши об аз тур мерезад ва аз паси худ ба ҷуз эҳсоси нокомиву нотавонӣ ва камзодӣ чизи дигаре боқӣ намегузорад.

Дар баробари фарогир намудани арзёбии нусус, таснифу аломатгузорӣ ва поксозиву гузиниши онҳо бар асоси равише,

ки ривояту шакл ва мавзӯи онҳо ошкор бошад, боз мебояд арзёбии ин нусус бо омӯзишҳои таърихӣ-мавзӯӣ аз замони рисолат, шароити воқеӣ ва аҳволи иҷтимоӣ-тамаддуние, ки рисолат дар он нозил шудааст ва амалкардҳои нахустине, ки барои он ҷавобгӯ буданд ва натиҷаҳое, ки талошҳои садаи аввал амалӣ сохтанд, осон гардонида шавад.

Тавзеҳу фарогирӣ ва дарки пешинаи таърихие, ки вижаи нусуси исломӣ, хусусан, нусуси Суннат ва сирати садаи аввали Ислом мебошад, ҳамагӣ барои фаҳми нусус ва дарки ҳадафу дастовардҳои он ва аз байн бурдани хатоҳои фаҳми ҷузъӣ ва ситезаҳои ҷаҳли илмӣ зарурӣ ба шумор мераванд.

Ин таснифу осоннамоӣ барои расидан ба дарки асосҳо, бунёни муқаддамоти исломии ҳар ҷода, дар партави мавқеъу имконияҳо ва бархӯрдҳои худ рӯ овардани ақлонияти исломӣ ба амалкарду навпардозӣ ва созандагии баргузидаи тамаддунии Ислом, ки ҳадафҳои рисолати Исломро амалӣ месозад, гомҳои муҳимме ба шумор меравад.

Имрӯз мо дар шароите, ки маърифату фикри муосири исломӣ қарор дорад, наметавонем муроқибонеро, ки таҷрибаи Ислом бинобар ҷаҳлу тирагӣ барояшон омехта ба назар мерасад, дар натиҷа онро бо таҷрибаҳои динии Ғарб, ки саршор аз хурофоту ҳарзаҳову беҳудагиҳост ва аз онҳо коҳиниҳову бадбахтиҳое сар задаву соҳибназарону ҳуқуқдононро барҳам задааст, баробар мешуморанд ва бо ин фаҳмро нодурусту асбобро хато гардонида, роҳро барои натиҷаҳо аз даст медиҳанд.

Равшанфикрони мусулмон ва дигарон – ғайр аз мутахассисони нусус, – шояд аз муҳтавои китобҳои роиҷу дасти ба дастанд чизи матлубу раҳнамоии дилписанде наёбанд.

Аз ин рӯ, ҷойи аҷобат нест, ки тӯдаи серғайрати равшанфикрони мусулмон аз атои илмиву фикри ҷиддиву созанда оҷиз монда, аз пешниҳоди андешаҳо ва алтернативҳои бунёдии иловагии зарурӣ, ки уммат аз он дар адо намудани нақши тамаддунии худ истифода кунад, нотавон гаштаанд.

Агар мехоҳем, ки фарогир будани Исломро амалӣ созем, пас, донишмандону муфаккирон ва равшанфикрони мусул-

монро мебояд, ки барои гузоштани муқаддимоти илмӣ-барномавии Ислом дар мавриди ҳар илму ҷодае бо омодагии хуб шурӯъ намоянд. Ва пеш аз он ки аз талошҳои худ камолу бартарӣ ва атои бунёдиву пешгомро чашмдор бошем, бояд ба илмҳову маърифатҳои доштаи худ мӯшикофона назар намуда, аз он дурусту сара ва он чиро, ки барои инсон беҳтар аст, ихтиёр кунем.

Доираи илмии муосири Ғарб ва пайравонашон аз шумори даҳриёни мусулмон Ислом ва динҳои дигарро дар як тарозу ва дар як категория мегузоранд. Ба ин гуна ки ҳама динҳо, аз ҷумла Ислом бояд бо қонунҳои зиндагиву ҷомеа ва сиёсатҳои идоракунандаи он алоқа надошта бошад, зеро динҳо танҳо андешаи таърихӣ ва категорияҳои устуравие мебошанд, ки ба зиндагии давр марбутанд ва бояд динҳо ба ҷойгоҳи обиду эҳсосоти шахсӣ ва оинҳои коҳинона маҳдуд гарданд.

Ин гуфтор шояд ба динҳои дигар рост ояд, чун дар маводу китобҳои муқаддас ва эътиқодоти онҳо устураву хурофот ва сафсатаву таҳриф роҳ ёфтаву садоқат (ростӣ)-и сарчашмаҳои мунаққидони даҳриро инъикос менамояд, вале ин сухан ҳаргиз ба дини Ислом рост намеояд.

Ишора ба ин нукта муҳим аст, ки равишеро, ки исломиён дар масъалаи худ пешниҳод менамоянд, барои нишон додани дидгоҳи ҳақиқии Ислом ба доираи муосири илмӣ ва баёни мавридҳои хилофу бартарии он бар динҳои дигар басанда нест. Чунончи танҳо таъкид ба имон доштан ба рисолати Ислом ва бартариву бузургии он барои тавзеҳи дидгоҳу баёни ризоятмандӣ аз атои Ислом кофӣ нест.

Ин ҳадафи бузургро танҳо бо талоши илмӣ-методӣ дар бинои маърифати исломӣ ва поксозии китобҳои нусусу бознигарии маводи он бо фарогир будану тавзеҳот ва забти он аз дидгоҳи таърихиву забонӣ ва осоннамоии фаҳми далолати онҳо метавон амалӣ намуд, ба гунае ки пажӯҳанда аз муқаддимоти ақидавӣ-фикрӣ дар соҳаҳои гуногуни илму маърифат ва зиндагӣ хулосагирӣ карда тавонад.

Гузашта аз ин, пажӯҳанда бо мавриди ташхису санҷиш ва муқоиса қарор додани нусусу муқаддимот имконият фароҳам меоварад, ки фикр ба воқеияти илмӣ-ҳаётӣ ва рӯзмарраву фаъол табдил ёбад ва вуҷуд ва эҳтироми худро бар ақлҳову тартиботи иҷтимоӣ-тамаддунӣ ҳатмӣ созад, ки дар натиҷа амалкарди созандаи Ислом, танҳо ҷӯшу хурӯши эҳсосӣ не, балки сухани қатъиву далели ошкоро мегардад.

*«Эй касоне, ки имон овардаед, чун Худову паёмбараш шуморо ба чизе фаро хонанд, ки зиндагиятон мебахшад, даъваташонро иҷобат кунед»; Сураи «Анфол», ояти 24.*

*«Ва мо Қуръонро, ки баёнкунандаи ҳар чизест ва ҳидояту раҳмат ва хушхабар барои мусулмонон аст, бар ту нозил кардаем»; Сураи «Наҳл», ояти 89.*

*«Оё он кас, ки нагунсор ба рӯй афтода роҳ меравад, ҳидоятёфтатар аст, ё он ки бар по истода ва бар роҳи рост меравад?»; Сураи «Мулк», ояти 22.*

*«Ӯст он Худое ки паёмбари Худро ҳамроҳ бо ҳидоят ва дини ростин бифиристод, то ӯро бар ҳамаи динҳо пирӯз гардонад»; Сураи «Саф», ояти 9.*

*«Чӣ касеро сухан некутар аз сухани он, ки ба сӯйи Худо даъват мекунад ва корҳои шоиста мекунад ва мегӯяд, албатта, ки ман аз мусулмононам?» Сураи «Фуссилат», ояти 33.*

# ФАСЛИ ЧОРУМ

## БАРНОМАИ ИСЛОМӢ ВА ТАЛАБОТИ БУНЁД НИҲОДАНИ ДОНИШҲОИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМӢ

Дар ин фасл барои таъмини талаботи асосии бунёд ниҳодани илмҳои тамаддуну фарҳанги исломӣ ва марҳилаҳову икдомоте, ки бояд мавриди назар қарор гиранд, самтҳои муҳимму заруриеро арзёбӣ менамоем.

Мақсуд аз донишҳо дар ин ҷо ҳама гуна донишҳову маърифат дар назар дошта шудааст. Чунончи он илмҳои гуногуни ба ҷомеаи инсонӣ вобастаро, ки имрӯз бо номи илмҳои иҷтимоӣ-инсонӣ маъруфанд, дар бар мегирад. Ҳамзамон, дар ин ҷо ҳама илмҳои техникӣ дар назар дошта шудааст, чун донишҳои мазкур ба воситаҳои зиндагӣ ва тамаддуни инсонӣ ҳамбастагӣ дошта, ҳама илмҳои табиӣ-татбиқӣ ва техникиро дар бар мегиранд.

Чӣ тавре пештар ишора намудем, равиши бунёдии Ислом дар робита ба ҷанбаҳои гуногуни зиндагӣ асосҳои назариявиеро дар бар гирифта, дар зимни омӯзишҳои ҳаётӣ заминаҳову пояҳои сохтори илмӣ-методиро шомил буд. Вале ҷойи таассуф аст, ки ин қоидаҳои умумӣ дар равиши усулии Ислом вобаста ба масъалаи *иҷтиҳоду* раъй ва роҳҳалҳои диди ақлӣ дар масъала ва аҳволи инсон дар партави шаръ ба ҳамон шакли содаву қонуну қоидаи умумӣ боқӣ монда, ташаккул наёфтанд, то донишҳои мушаххас гарданд. Воқеан, он заминаҳову пояҳо ва асосҳои умумӣ дар зимни нақшаҳои методӣ ва услубу қоида ва воситаҳои мушаххаси илмӣ тавсеа ва устувор нагаштанд, то дар мавриди арсаҳои зиндагӣ, хусусан, соҳаҳои иҷтимоӣ-инсонӣ, бо ҳама он гароишу

фитрат ва ниҳодҳои равонҳо, ки алоқаҳову низомҳои ҷамъиятӣ ва роҳҳалҳову алтернатив ва тасмимот дар пояи онҳо ба майдон меоянд, назар (чашмандоз)-и илмие дошта бошанд ва илму маърифатро ба гунае ки нақши хилофати исломӣ аз таҷрибаву фаҳмиш тақозо мекунад, ба танзим даранд. Маълум аст, ки ба маҷмӯе аз асосҳои умумӣ ва аҳкоми фиқҳӣ-қонунӣ, ки барои бунёд ниҳодани пояҳову роҳҳалҳо ва алетрнативу сиёсатҳо сарвати фикрии амалӣ ва ё моводи заруриро таъмин карда натавониста, барои ақли мусулмон имконияти бознигариву созандагӣ, муқоисаи илмиву мушаххас намудани воситаву имконот ва масъулиятҳои барои арсаҳои зиндагӣ муносибро фароҳам оварда наметавонад, қаноат намудан муносиби ҳол нест.

Ин сухан таъкид бар он нуктаест, ки пештар дар мавриди ҳатмӣ будани поягузории омӯзишҳову донишҳои иҷтимоӣ-инсонӣ ва поягузории равиши исломӣ дар соҳаи илмҳои табиӣ-техникӣ ишора шуда буд, ба гунае ки бо донишҳои нақлӣ комил гашта, инсони мусулмонро аз як тараф бо маърифати бархоста аз ваҳй ва аз тарафи дигар ороста бо қудрати атои назару ақл ва қонунҳои фитрат таъмин созад.

Дар ин пажӯҳиш кӯшиш менамоем, чанд қадаме дар масъалаи поягузории донишҳои ҳаётӣ дар фикри исломӣ гузошта, қадами нахустину заруриро барои исломӣ намудани илмҳову талаботи он ҷуста бошем.

## 4.1. ТАСНИФИ НУСУСИ ИСЛОМӢ

Исломӣ будани маърифат ва донишҳои иҷтимоӣ танҳо дар сурате амалӣ мешавад, ки нусуси исломӣ ба таври хубу сода вуҷуд дошта бошанд, ба гунае ки пажӯҳандагони мусулмон онро дарк сохтаву бо он муомилаи хуби илмӣ карда тавонанд.

Чӣ тавре пештар ба масъалаи таснифи нусуси исломӣ ишора карда будем, таснифи мазкур фақат бознигарии бобгузории мавод набуда, балки поксозии онро аз камбудҳое тақо-

зо менамояд, ки бинобар фиребу ғараз ва нуқсонҳои иснон ба он ворид шудааст.

Таснифи нусус, хусусан, нусуси Суннати поки набавӣ бознигарии пешниҳоди равишу услубҳои онро ба шакле тақозо мекунад, ки ҳама донишмандону равшанфикрон ба осонӣ аз он истифода кунанд. Аз ин рӯ, бояд нусуси мазкур аз ҳама гуна рамзҳову ишораҳои академие, ки барои дастандаркорони ин ришта хос аст, орӣ бошад, то ҳамаи пажӯҳандагону равшанфикрон имконияти дарку манфиат бурдан корбуд намудани онро пайдо намоянд.

Инчунин, фаҳм ва корбурди дурусти нусуси исломӣ мавҷудияти омӯзишҳо ва шарҳҳои таърихӣ-забониеро тақозо менамояд, ки матнро дар шакли дуруст ва пешинаи таърихии он пешниҳод созад, ба гунае ки барои пажӯҳанда имконияти шинохти мақсаду ҳадафҳои нусус, дарки асосу мафҳум ва арзишҳоеро, ки дар зимн ба ҷомеаи инсонӣ ҳамбастагӣ дошта, барои бархӯрд ба шаклҳои тамаддунии гуногун аз нигоҳи замониву маконӣ роҳкорҳо пешниҳод намудааст, фароҳам орад. Бо ин гуна омодасозии илмии нусуси исломӣ нусус дигар ҳамчун пешниҳодҳои парешони таърихӣ, ки наметавонад ба фаҳму дарк ба андозаи кофӣ кумак намояд, боқӣ намонда, балки ба шакли зинда бо маънову далолат ва асари ошкор табдил ёбад. Инчунин, бояд омӯзишҳо ба шакли илмӣ-методии муътамад сурат гиранд, то шарҳҳо бо нусус омехта нашаванд ва набояд ба коре ҷазм кард, ки дар он имкониятҳои илмӣ ё таърихӣ ё забонӣ ба шакли муътамад мавҷуд нест. Бо ин услуби илмӣ пешинаи нусус ва далолати онҳо ошкор мешавад. Бахше, ки имконияти тавзеҳи пурраи он вуҷуд надошта бошад, ба ҳамон фаҳми умумӣ аз шакли комили сирати набавию таърихи садаи аввал ва хулосаи ҳадафу мақсадҳои рисолати исломӣ гузошта мешавад.

Бояд таснифу тавсиқи нусус аз ҷониби ниҳодҳои ҷиддиву тавоноӣ илмӣ, аз ҷумла, аз ҷониби донишмадони тавоное, ки масъулияти бадӯшдоштаашонро адо карда метавонанд, сурат гирад, то нусус ба сурати дилхоҳи илмӣ эътимодбахш бошанд.

Донишмандону пажӯҳандагон ва омӯзандагон бояд дар ростои чунин омӯзишҳое мавқеи мусбат дошта бошанд, ки дар пажӯҳишу нақд ва идома додану комилнамоиион мусоидат намояд, то барои уммат дар робита ба нусуси исломӣ сарчашмаҳои осони асосӣ ба майдон ояд.

Гузашта аз ин, бояд доираҳои илмии исломӣ барои амалишавии ин масъала ва мусоидати он ба фикри исломӣ авлавияти зарурӣ диҳанд. Инчунин, барои истифодаи технологияи замонавӣ ва рушди воситаҳои он ҷиҳати омору таснифи нусуси исломӣ бояд шитоб намуда, илова бар ин, ба хотири истифода аз андешаҳову таҷрибаҳои гузаштагон ва тавассути ин амиқ омӯхтани решаҳои фикру ҳувияти миллат бояд феҳристи нави ҳама китобҳои мероси ниёгон тартиб дода шавад (бознигарӣ шавад).

Пажӯҳишгоҳи ҷаҳонии андешаи исломӣ ҳоло масъалаи мазкур аз муҳимтарин масоил шуморида, барои саҳмгузорӣ дар амалишавии он талош менамояд ва дар ин ҷода ба мусоидати ҳама мусулмонон, шахсҳои алоҳидаву ниҳодҳо ва ихтисосмандону соҳибназарон умед дорад.

## 4.2. ФАРОГИР БУДАНИ ДИДГОҲИ ТАМАДДУНӢ

Вақте мусулмонон дар доираи маърифати иҷтимоӣ ва саҳмгузории фарҳангӣ дар ин аср нақши худро мегузоранд, онҳо аз як ҷойи холӣ гом намебардоранд, зеро дар мавриди саҳмгузории тамаддунӣ таърихи бузурге доранд. Ҷойи тардид нест, ки миллатҳои дигар дар ин ҷода аз мусулмонон чандин масофа пештар рафтаанд, мусулмонон бошанд, ин мусобиқаи тамаддуниро дар асри ҳозир хатаре бар ҳастии Ислом мешуморанд.

Мусулмонон аз вақте ин хатарро эҳсос намудаанд, ба ошноӣ ёфтан ба талошҳои тамаддунии дигар миллатҳо оғоз карда, робитаҳое низ ба хотири дарки он чӣ аз даст додаанд, ташкил намудаанд. Вале ҷойи таассуф аст, ки бештари он чизеро, ки умедвор буданд, амалӣ карда натавонистанд ва

сарфи назар аз талошҳои зиёду харҷҳои ҳангуфте, ки дар мусобиқаи пештозии тамаддун ва қудрат ёфтан дар ин аср намудан, шикофии тамаддунӣ байни онҳо ва байни миллатҳои дигар зиёдтару васеътар гашта истодааст.

Маълум аст, ки зиёд намудани тарҷумаи илмӣ-адабии корҳои тамаддунҳои дигар ё афзоиш додани фиристодагону пажӯҳишгоҳу донишгоҳҳо ҳолати таассуфангезеро, ки мусулмонон дар ин аср аз сар мегузаронанд, ба таври назаррас тағйир намедиҳад. Иллати ин боз ба ҳамон ақлонияту равиши исломӣ бармегардад, ки гирифтори тақлиду ҷузъгароӣ, заъфи ташаббускориву тирагии ҷидду ҷаҳди равонӣ-ақидавӣ гаштааст.

Илова бар он пешниҳоде, ки дар мавриди ислоҳнамоии равиши ақлонияти ислом гузашт, боз дар ҳамбастагии фикри исломӣ ба фикри ғарбӣ зарур аст, ки барои ақли пажӯҳандаи исломӣ омӯзишҳои фарогире дар мавриди андешаву тамаддуни муосир ва таърихи он, мухтасари арзишҳову ҳадафҳои он ва алоқаи такомуливу узвӣ байни ин таърих ва он арзишҳову ҳадафҳо ва он дастоварди тамаддунӣ вуҷуд дошта бошад. Ба ин тартиб равшанфикрони мо метавонанд худро аз ғарқшавию обшавӣ дар гирдоби андешаи ғарбӣ наҷот дода, бо фикри мазкур ва дарки вижагиҳои он мустақилона кор баранд. Маҳз ҳамин равиш метавонад андешаи исломиро аз истифоданамоии таҷрибаҳои миллатҳои дигар бархӯрдор созад, бе он ки бунёдҳову маълумоти бартаре, ки андешаи исломӣ бар онҳо пойдор асту аз онҳо қудрату тавоноӣ мегирад, поймол карда шавад.

Муҳим аст, ки ин ҷо байни шефтагии тамаддуниву фикрӣ бо вижагиҳои беэътиноиву заифӣ ва тақлиди кӯр-кӯронае, ки дорад ва байни интихобу иқтибоси огоҳонаву судманди тамаддун фарқ гузорем. Дар ҳолати интихоби огоҳона масъалаи ақидаву ҳувият, роҳҳалҳову ҳадафҳо ва куллиёт мавриди гуфтугӯ, нодидагирӣ ва таҷовуз қарор намегиранд, чун дар ин ҷо масъала танҳо интихобу ихтиёр аз таркиботу воситаҳои тамаддунӣ ва вуҷуддоштаи илмӣ мебошад, ки дар

сурати ҷойи дуруст ва мувофиқи ниёзҳои тамаддунии уммат гузошта шавад, воқеан, судманд аст. Чунин интихобнамоӣ ифодагари инкишофи маълуму устувор мебошад ва бе шак, ин ҳоли ҳар бархӯрду пайванди муваффақи тамаддунӣ байни миллатҳо дар тӯли таърих будааст. Ин равишро дар услуби Паёмбар (с) дар роҳнамоии саҳобагони худ ҳангоми бархӯрди фикрӣ-тамаддуни намудан бо аҳли китоб дида метавонем. Ҳама миллатҳои пешрафта, аз ҷумла, миллатҳои Ғарб бо алоқа ба уммати исломиву тамаддуни гузаштаи он ин равишро истифода намудаанд. Аз ин рӯ, миллатҳои Ғарб ҳуviяту ақида ва тасмимоти асосии худро тағйир надоданд, балки ба ҳама гуна таъсири ақидавии Ислом бо тамоми роҳҳои ташвиқотиву монеагузорӣ ва назоратнамоӣ мубориза бурда, ҳатто (хусусан, ниҳодҳои калисо) аз нисбат додани дурӯғҳо бар Исломи Паёмбар (с) ва абармардони исломӣ худдорӣ намекарданд. Ин равишро дар бархӯрди тамаддунӣ ва робитаи миллатҳову ҷомеаҳои пешрафтаи муосир, аз қабили Японияву Чин ва Россия мушоҳида менамоем. Ҳатто миллатҳои Ғарб бо он ки ба таври назаррас ба интихоби имкониятҳои миллатҳои бегона ва дастовардҳои тамаддунии онҳо рӯ меоранд, боз дар муқобили он чӣ ба ниёзу аҳволи миллатҳо ва ниҳодҳову низомҳои онҳо созгор нест, бевосита ва ё бавосита нақшаву сиёсатҳо, садҳову монеаҳо эҷод мекунанд, то андешаву ақида ва фикри миллатҳои худро ҳифз карда, бо ҳамон беолоишӣ нигоҳ доранд.

Аз ин рӯ, фаҳми дурусту фарогири тамаддуни муосир ва озодии мураттаб дар муқобили он барои додугирифти дурусти тамаддунӣ зарур мебошад. Зеро маҳз ҳамин фаҳм имконияти интихобу истифодаи дурусти илмӣ-ҳунариро фароҳам меорад, бе он ки бо арзишҳову ақидаҳо ва асосҳову ҳувият робитае дошта бошад. Балки фаҳми мазкур умматро бо воситаҳои дуруст мусоидат менамояд, то ҳадафу мақсадҳои худро амалӣ гардонад.

Аз ин рӯ, бояд аз фаҳми инкишофу иқтибоси тамаддунӣ ба маънои фарохонӣ ба озодиву беэътиноии мутлақ, ё омех-

ташавию пайравии беҳадду марз ва таъсир надоштани он ба ниҳоди умммату пояҳои вуҷуди он худдорӣ намуд, зеро ин на дар таҷрибаи таърих будаву дар воқеияти алоқаҳои миллатҳо.

Мақсад аз бархӯрди дурусти тамаддунӣ ва истифодаи ростини он интихобу амали огоҳонаву коршиносонаи мустақиле мебошад, ки ифодагари амали пешгомону сарварон бошад, на амали пайравону ниёзмандони камбуддошта.

Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ ба ин кор, аллакай, оғоз кардааст, вале на ба афзоиш додани тарҷумаи корҳои тамаддуни бегона, балки бо кӯшиши таҷҳизонидани ақлонияти исломӣ бо омӯзишҳои умумии илмҳои иҷтимоӣ ва тамаддуни ғарбиву решаҳо он, то барои мусулмон имконияти дарки ин тамаддун ва амали огоҳонву мустақилона намудан бо он фароҳамояд. Умед дорам, ки ин омӯзишҳо дар китоби фарогире дар бораи тамаддуни ғарбӣ, усулу ҳадафҳо, масиру хусусиятҳо, дастовардҳо ва самтҳои қуввату камбуди он ба чоп мерасад. Ба ин тартиб Муассиса яке аз дарҳои норасоии андешаи муосири исломиро баста, заъфи барномавии ин андешаро, Худо хоҳад, ҷуброн менамояд.

Инчунин, Пажӯҳишгоҳ умед дорад, ки андешамандони исломӣ барои анҷом додани ин лоиҳаи муҳим, таъмини неруву имкониятҳои зарурӣ барои анҷому ба нашр расонидани он кумаки худро мерасонанд.

## 4.3. МУҚАДДИМОТИ ДОНИШҲОИ ИҶТИМОӢ

Вақте манзур аз илмҳои иҷтимоӣ-инсонӣ ин чашмандози барномавӣ ба табиату алоқаи равонҳову коинот ҷиҳати шинохти воқеияту имконот ва хатарҳое, ки уммат рӯбарӯ мешавад ва ҷиҳати расонидани иҷтиҳодоти фикрие, ки низомҳову тасавурот, тасмимоту сиёсатҳо ва алтернативҳои зарурии исломиро хулоса мекунад, ба зиндагии уммат бошад, пас, – ҷиҳати тадқиқу истиқро, шинохти *фитрату* ҳақиқат, воқеият ва *мумкину марғуб* дар партави ваҳйу ҳадафу аҳкоми он – чӣ

гуна пайванде метавонад байни рисолату ваҳй ва ҳадафҳову мақсадҳои фарогирифтаи он ва байни соҳаҳои иҷтимоӣ, донишҳо ва равишҳо он бошад?

Услуби рабт аз назари ом бояд нахуст аз таснифи муқаддимот ва асосҳои исломӣ дар ин соҳаҳо оғоз шавад, то чорчӯбаи он мушаххас ва ҳадафу мақсадҳои он маълум гардад. Вагарна дар ғайри ин сурат ин омӯзишҳову донишҳо танҳо рақаму ҷадвал ва тааммулу таҳлилҳое мебошанд, ки ҳадафмандиву самтгарии худро аз ғайри исломӯ аз ғайри уммат ва аз ғайри ризоязмандиҳои бунёдии он мегирад.

Муқаддимоти исломие, ки барои донишҳо талаб карда мешавад, ба ду навъ аст. Якум навъи муқаддимот ҳамон муқаддасоти умумиест, ки ба асосҳои умумии Ислом ва ҳадафҳои бунёдии он дар зиндагӣ ва дар қонунҳои инсонӣ таллуқ дорад, инчунин, ба чорчӯби фикри исломӣ-барномавӣ, алоқаҳои асосиву сарчашмаҳо ва воситаҳои он фикр, табиати он сарчашмаҳову воситаҳо ва алоқаҳои такомуливу таовунӣ байни онҳо ҷиҳати амалӣ гардонидани ҳадафҳову мақсадҳо бастагӣ дорад. Ин навъи муқаддимот арзишҳои бунёдӣ, авлавиятҳо ва атои исломиро мушаххас намуда, инчунин, асосҳову роҳҳалҳо ва воситаҳои асосии барномавиеро муайян мекунад, ки бояд аз онҳо огоҳӣ дошту онҳоро дар роҳнамоии талоши илмии исломӣ ва пайгириву андозагирии осори он ба инобат гирифт.

Навъи дувуми муқаддимоти исломӣ дар соҳаи фаъолияти илмӣ-ҳаётӣ мебошад, ки чунин бахшҳоро дар бар мегирад:

1) муқаддимоту асосҳои ҳама соҳаҳои маърифатӣ ва ҳама илмҳои иҷтимоӣ ва ғайри иҷтимоӣ;

2) аҳволи фитрату воқеият ва имконоту алоқаҳое, ки махсуси ҳар соҳа аст;

3) ҳадафу мақсад, арзишҳо, тасмимот ва асосҳои барномавӣ-исломие, ки хосаи ин ё он соҳа аст;

4) баррасии соҳаи муайяни илмӣ дар партави ин асосу ҳадаф, арзишҳо, пояҳо ва қонунҳову воситаҳои барномавии Ислом;

5) вижагиҳои илм ва масъалаҳои бунёдии он, ки бо қиёснамоӣ бо андешаву ҳадаф ва пешниҳодҳои ғайисломӣ ва осори иҷтимоӣ-инсонӣ дидгоҳи исломиро дар соҳаи худ тавзеҳ медиҳад.

Ҳарчанд ин муқаддимоту асосҳо дар решаву роҳҳалҳои худ ба нусуси рисолат, таърихи исломӣ, дидгоҳу ҳадаф ва мақсадҳои умумии Ислом такя намояд ҳам, вале ба ҳар сурат дидгоҳҳо ва иҷтиҳодоте ба шумор меравад, ки диди ақл ва аксуламали исломиро дар рӯёрӯии бархӯрди тамаддун ва шароитҳои замониву маконӣ нишон медиҳад. Аз ин рӯ, дар қисмати бештари он фикри пӯёи намоёни исломӣ вуҷуд дорад, ки дар партави назари дубора намудан ба ваҳйу далолатҳои он, ба вазъияту тағйироти он ва ба фитрату асрору тавонҳои зарурии он ҷиҳати рӯёрӯӣ бо муқовиматҳо ва амалисозии имконоту ҷавобгӯ будан ба ниёзҳо метавонад мавриди баррасиву накд, афзоишу костагӣ ва тасҳеҳ қарор гирад.

Бо гузашти замону устувор шудани диди исломӣ ва зиёд шудани маълумот ин муқаддимот ба камол хоҳанд расид ва пӯди он бо ниҳоди донишҳову маърифатҳо омехта хоҳад гашт ва дар ҳама ҷанбаҳои улуму маориф ва дар ҳама авлавиятҳои онҳо аз нигоҳи шакливу мавзӯӣ ва чандиву чунӣ асари худро хоҳад гузошт. Ҳамчунин, самараи илмҳои иҷтимоиву ғайриичтимоӣ аз диди исломӣ ба майдон хоҳад омад ва ҳакории исломӣ осори тамаддунӣ ва фарҳангии баргузидаи худро бар сайри тамаддуни инсонӣ, бо фазли эздӣ, ба таври ошкор хоҳад гузошт.

Бояд мусулмонон дар андешаи исломӣ дигаргунии барномавии тамаддуниеро эҷод намоянд ва онро аз бахшгароиву тавсифӣ, аз осори кашмакашҳои қадимаи сиёсие, ки чорчӯбаи онро тираву дидгоҳи онро хира ва роҳҳалҳои онро беҳосил намуду тавонҳои онро ноком кард, берун созанд ва ба рабт додани воқеияти зиндагӣ ва неруҳои фитриву имкониятҳо ва бархӯрдҳое, ки дар он мавҷуд аст, ба арзишҳову ҳадафҳои исломӣ қиём карда, ба пӯё намудани Ислому арзишҳои исломӣ

дар воқеияти зиндагӣ ҳиммат гуморанд ва бо ин ҷудоии андешаву сиёсатро дар ниҳоди уммат барҳам зананд, то эҳсоси тамаддуниву буъди ҷамъиятӣ дар тору пуди шахсияти исломӣ ва дар ниҳоди уммат ҷо гирад. Бояд мусулмонон тавонанд, ки фикри исломиро ба сӯйи роҳҳалҳои дурусту комил, дидгоҳи ақидавии авлавиятдошта ва кушодани дари *иҷтиҳоди* ҳаётиву илмӣ ва иҷтимоӣ дар муқобили биму тарс, нотавониву ноқисӣ ва набудани эҳсоси ташаббускорӣ дар зеҳни фарзандони уммат ва ба сӯйи услуби тарбияи фарзандону ба бунёд ниҳодани ташкилоту низомҳои худ равона созанд. Агар мусулмонон ин корро анҷом дода натавонанд, пас, ҳоли уммат ҳамин гуна ба пастӣ рафтан мегирад ва ранҷи мусулмонону халқиятҳои эшон бештару бузургтар шудан хоҳад гирифт ва нокомиву нобарории талошҳову ҷунбишҳои исломӣ аз нокомиву нобарории талошҳову ҷунбишҳои исломие, ки дар таърихи на чандон дури исломӣ сипарӣ гаштанд, камтар нахоҳад буд.

Омӯзиши мо дар мавриди бархе ҷунбишҳои ахири исломӣ, ки дар биёбонҳои ҷаҳони Ислом буруз кардаанд, нишон медиҳад, ки сабаби пайдоиш ва комёбии ибтидоии онҳо дар он биёбонҳо, сарфи назар аз нотавонии фикриашон дар эҷоди гузариш ба марҳилаи зарурии тамаддунӣ, ба хотири монандиашон ба муҳитест, ки Ислом дар он зуҳур намуда буд. Ба ин тартиб ҷунбишҳои исломии пойбанд ба тақлиду равиши ҷузъӣ ва бо фаҳми тавсифӣ-таърихии Ислому ниҳодҳо ва роҳҳалҳои тамаддунии он мебоист дар биёбонҳои ҷаҳони Ислом зуҳур кунанд ва ҳатто пас аз комёб шудану ҳукмрон гардидан дар муҳитҳои содаи биёбонии худ вақте шерозаи фикру ҳукмрониашон ба шаҳрҳои ҷаҳони Ислом ва алоқаҳои дигаргунаи тамаддунӣ расид, ба бархӯрд намудан водор шуданд ва корашон ба шикасту нокомӣ анҷом пазируфт. Зеро бо муқовиматҳои замона рӯбарӯ гаштанд, дар ҳоле ки аз рӯйи барнома ба ин рӯёрӯӣ омода (шоиста) набуданд, дар натиҷа пеш аз он ки мавҷудияти сиёсиву ҳарбиашон аз байн равад, аз нигоҳи фикриву тамаддунӣ шикаст хӯрда буданд. Ба ҳамин тартиб ҷунбишҳо ва давлатҳои исломӣ аз байн рафтанд,

чун аз нигоҳи барномаву тамаддун барои дигаргун намудани самти ҷаҳони Ислом ва эҳёи тавоноиҳои он созгор набуданд, ҳамзамон барои наҷоти уммат ва эҷоди гузариши муносиб барои вуҷуди исломӣ дар ҷаҳони имрӯз иқдомоте надоштанд. Шояд омӯзиши таҷрибаи ҷунбишҳои шахсоне аз қабили Санусӣ дар Либия, Маҳдӣ дар Судон, Шоҳ Валиюллоҳ дар Ҳиндустон ва дигаонр дар партави ин таҳлил судманд бошад.

Барои он ки ҷунбишҳои муосири исломӣ ба муваффақият дар шаҳрҳои исломӣ даст ёбанд, бояд ба таҷдиди решагии барномаи андешаи исломӣ ва дидгоҳи тамаддунии он пардозанд, то ин ки талошҳову муборизаҳои уммат танҳо талошҳои сирф ақидавӣ-отифие нагарданд, ки аз эҷоди барномаи фикрӣ ва тағйирнамоии тамаддунӣ оҷиз бошанд.

Бе тағйир ворид кардан ба барнома ҳамаи талошҳо талошҳои эҳсосотии назарногир боқӣ мемонанд, на манфиат меоранду на самар медиҳанд, балки бемадоршавии бардавоми неруҳо ва беэътиноии пайвастаро ба захираҳову тавонҳо нишон медиҳанд. То уммат ба асбоби дуруст ҷиҳати амалу адо ва рӯёрӯйиву бархӯрд чанг назанад, шикофии мавҷудаи тамадддунӣ байни он ва байни дигар умматҳо васеъ шудан мегирад ва зиёни уммат порча ба порча, маҳалла ба маҳалла, халқ ба халқ ва фоҷеа аз паси фоҷеа идома ёфтан мегирад.

Шояд баъди ин ҳама шарҳ аҳамияти масъалаи барномавуислоҳи андеша ва эҷоди гузариши матлуби тамадддуниро дар андешаву ақлонияти мусулмонон дарк хоҳем кард.

Муҳим аст бо боварӣ ва огоҳона дарк созем, ки мушкилӣ зиёд шудан мегирад ва то вақте дар ин вазъияти бади фикриву равонӣ ва тамаддунии каҷу ноқис қарор дорем, сарфи назар аз бойгарии дину таърихи сарзаминҳоямон, муъмин аз он (мушкилӣ) канор омада наметавонад.

Воқеан, амонат дар нақди худу рӯёрӯӣ ба камбудҳои ниҳодӣ ва амалкарди он кори осоне нест, балки кори дардовару талх аст, вале ба ғайр аз ин мо дигар чорае надорем. Бояд худро он қадар насиҳат намоем, ки тавони шинохти ҳақиқату чира шудан бар ҳаяҷонҳои отифӣ, хаёлҳову иддаоҳои тавон-

мандиву дастовардҳо, такаббури равонҳо ва барангезандаҳои аҷзи худро пайдо намоем ва аз меросу дарсҳои гузаштаи худ барои ояндаи беҳтару хилофатрониву ислоҳнамоӣ дар замин, ба гунае ки Худованди бузургу тавоно дар офариниши инсону замин хостааст, истифода карда тавонем.

Бо андеша дар ҳалли мушкилоти барномавии Ислом ва муқаддимоту асосҳои умумие, ки ба илмҳои гуногун тааллуқ дорад, аз нигоҳи исломӣ, муносиб аст, ки дар ин пажӯҳиш ба баррасии бархе асосҳои муқаддимоте пардозем, ки дидгоҳи Ислом тавассути онҳо бар дигар дидгоҳҳои тамаддунҳои муосир бартарӣ ёфтаву ташаббусҳоеро роҳандозӣ менамояд, ки барои уммати Ислом атои бунёдиву бартарро заминагузорӣ месозад, то камбуди вуҷуддоштаро ислоҳ кунад, масири раҳгумзадаро ба сӯйи ростӣ ҳидоят намояд, хатарҳои хатарнокеро, ки инсону ҳастии инсонро дар ҷаҳон ба нестӣ бурда истодааст, дафъ созад ва аз бадиҳои ногузиру кашмакашҳои харобоваре, ки инсон барои рӯёрӯӣ ва гирифтани зимоми таркишҳои он дигар қудрате надорад, наҷот диҳад.

Мафҳуми исломӣ табиат ва фитрати башариро бо тамоми ҷанбаҳои гуногуни он дар бар мегирад. Ҳамин аст, ки дидгоҳи исломӣ дидгоҳи хоси комилу илмӣ буда, қоидаи дастнохӯрдаи бунёдиеро барои чашмандозу омӯзиш ва таҳлили илмҳои ҳаётиву иҷтимоӣ заминагузорӣ намуда, муҷиби умед намудан нисбат ба хидмати асили созанда мегардад.

Гуфтори мо дар ин муқаддимот ба баррасии муқаддимаи муҳимми барномавии ислом нигаронида хоҳад шуд, ки атрофи масъалаҳои зерин давр мезанад:

а) Буъдҳои вуҷуди инсонӣ-исломӣ: ваҳдати куллӣ ва тааддуди комил;

б) Ҳадаф ва мақсад дар низоми ҳастиву зиндагӣ;

в) Бунёдӣ будани ҳаққу ҳақиқат дар ниҳодҳои нафсҳо ва дар алоқаҳои иҷтимоии инсон.

### *4.3.1. Буъдҳои вуҷуди инсонӣ-исломӣ: ваҳдати куллӣ ва тааддуди комил*

Вуҷуди инсон аз диди исломӣ бо гуногунии комил дар ваҳдату ниҳоди ягонаи инсонӣ фарқ менамояд. Ин категория ва ин роҳҳал фарзияи муҳимми барномавиеро нишон медиҳад, ки дар омӯзишҳои рафторӣ ва фаҳми инсон ва ба таври умум дар фаҳми инсони мусулмон, ҳолати равонӣ, равиши амалкарди ӯ ба таври хос таъсири назаррасе дорад.

Чунончи динҳо (идеялогияҳо) танҳо ба як қисмат маҳдуд мешаванд ё ба як бахше аз вуҷуди инсон тамаркуз намуда, дигар бахшҳоро дар масофаҳои дур вомегузоранд. Сарфи назар аз комёбиҳое, ки ин динҳову идеялогияҳо ба даст овардаанд, инсон ҳанӯз ҳам ҳаяҷонзадаву буҳронӣ боқӣ монда, дар арсаҳои кашмакаши даруниву берунӣ, инфиродиву ҷамъиятӣ зиндагӣ мекунад ва ин идеялогияҳо роҳе барои ҳалли ин наёфтаанд.

Масалан, моддигароии фардии Ғарб ба ҳавосу лаззатҳо ва хоҳишҳо такя намуда, ҳавову ҳавас ва шаҳватҳоро мақоми худоӣ додааст. Вале сарфи назар аз он дастовардҳову комёбиҳо ва фаровонии лаззатҳои моддие, ки тамаддуни ғарб ба даст овардааст, инсон дар партави он ҳанӯз худро дар ранҷу кашмакашҳои равониву иҷтимоӣ ва холигии рӯҳӣ мебинад, ба гунае ки шикваҳояш боло гирифтааст ва омӯзишҳову дармонгоҳҳо аз бархӯрд ба он оҷиз мондаанд.

Ҳамчунин, модигароии ҷамъиятии худкомаи марксистӣ ба ниёзҳои моддӣ ва иқтисодӣ такя намуда, ҳадафу зиндагии инсонро равонаи таъмину бениёз сохтан аз инҳо месозад, вале бо ин ҳама ҳоли инсон дар партави ин идеологияҳо аз нигоҳи ҳаяҷониву буҳронӣ аз ҳоли ҳамтои ғарбияш камтар камтар нест. Аз ин рӯ, марксизм низ ба монанди идеологияи ғарбӣ дар амалисозии саломати равониву иҷтимоии ашхосу ҷомеаҳое, ки зимомашонро ба даст доранду ба сарнавишташон ҳукмронӣ мекунанд, ноком гашт.

Аммо динҳои Шарқи дур, ки аз масеҳияти таҳрифхӯрда дида зиндагиву ниҳоди инсонро бо ҳама эҳсосу хоҳишҳо

ва ниёзҳояш таҳқир карда, беэътиноӣ кардан бар ҷасаду талаботи моддии онро тақозо мекунад ва равиши мазкурро роҳе барои наҷоти рӯҳӣ ва дастёбӣ ба хоҳишҳои маънавӣ мепиндорад, муҷиби қафомондагиву бадбахтии равониву ҷамъиятии пайравонашон гардиданд ва ҳамин боис шуд, ки бархе халқҳояшон, аз қабили Чин барои раҳоӣ аз мушкилоту ранҷҳое, ки ба сар мебурданд, идеологияҳои моддигаро ва режимҳои худкомаро асос гузоранд. Воқеан, ин нуктаҳо барои инсони андешманду нуктасанҷ камбудҳои ин динҳоро ошкор намуда, сабаби рӯ гардонидани мардумро аз онҳову аз ин гуна зиндагии бадбахтонаву зишт нишон медиҳад.

Аммо Ислом, чи тавре нусуси ваҳй муқаррар намудааст, ба он бартарӣ дорад, ки бо фитрату ниҳод ва ниёзҳои инсон ба гунае муносибат мекунад, ки Худованд хостааст. Чунончи Ислом эҳсосу хоҳиш ва лаззатҳои инсонро эътироф менамояд, зеро ин ҳама неъматҳое ҳастанд, ки Худованд инсонро аз он бархӯрдор сохтааст. Воқеан, эҳсосу хоҳиш ва лаззатҳои инсонӣ ҳадафҳои созандае доранд, ба шарте инсон онҳоро ба таври наку истифода бараду барои иҷрои масъулиятҳои худ равона созад.

Ислом ниёзҳои моддиву иқтисодии инсонро эътироф намуда, онҳоро воситае барои мавҷудиту амалкард, созандагӣ ва барпо намудани ҳаққу адл ва накуӣ дар зиндагиву ҷомеаҳо мешуморад.

Ислом инсонро на ба қаъри моддигароӣ суқ медиҳад ва на хоҳишҳову талошҳои маънавии ӯро таҳқиру нобуд мекунад. Чунончи инсон, чӣ тавре Ислом муқаррар менамояду фитрати солим ҳидоят мекунад, аз модда ва рӯҳ иборат аст, яъне, мавҷуди хокӣ бо ҳадафи олӣ. Инсон ниҳоди моддиест, ки ҳадафи илоҳӣ ва буъди ҷовидонагӣ дорад. Аз ин рӯ, аз диди Ислом ҳама гуна амалу ҳадафи амалкарду иҷроиши моддӣ дар зиндагии инсон шакл ва ифодагари моддие барои амалисозии ҳадафҳои маънавии олие мебошад, ки тавассути он маънои вуҷуди худро амалӣ карда, аз имтиҳони иродаи худ дар зиндагӣ мегузарад.

Инсон аз диди Ислом ниҳоду вуҷуд ва моддаест, ки хоҳишу рағбат дорад; ниҳоду вуҷудест, ки ниёзманд асту саъй мекунад ва зиндагиву бақоро меҷӯяд ва боз ӯ рӯҳу ҳадаф ва иродаест, ки ба сӯйи бартарии маънавӣ ва накуивуислоҳнамоӣ талош меварзад.

Ба ин гуна, ҳатто зикру маносики диние, ки дар Ислом бо истилоҳи ибодатҳо маъруф аст, бисёр содаву осонанд ва дар баробари фоидаҳои маънавӣ фоидаҳои моддие дар зиндагӣ ва низоми инсон доранд, аз қабили покӣ дар вузу, тартиб дар намоз, сабру тоқат дар рӯзадорӣ, бахшоиш дар закот, баробарӣ дар ҳаҷ. Ҳадаф аз ин ҳама омода намудани нафс барои кори хайр, адои амонат, иҷрои талаботи хилофат ва талош дар замин ҷиҳати ислоҳнамоиву ободсозӣ мебошад.

*«Худо бар адлу эҳсон ва бахшиш ба хешовандон фармон медиҳад. Ва аз фаҳшову зишткорӣ ва ситам, наҳй мекунад. Шуморо панд медиҳад, бошад, ки пазирои панд шавед»; Сураи «Наҳл», ояти 90.*

*«Оё онро, ки рӯзи ҷазоро дурӯғ мешумурад, дидӣ? ӯ ҳамон касест, ки ятимро ба иҳонат меронад ва мардумро ба таом додан ба бенаво тарғиб намекунад»; Сураи «Моун», оятҳои 1-3.*

*«Ҳар кас кори шоистае кунад, ба суди худи ӯст ва ҳар кас муртакиби кори баде шавад, ба зиёни ӯст. Сипас ҳама ба сӯйи Парвардигоратон бозгардонда мешавед»; Сураи «Ҷосия», ояти 15.*

*«Оне, ки маргу зиндагиро офарид, то шуморо бисанҷад, ки кадоме аз шумо амали беҳтар менамояд»; Сураи «Мулк», ояти 2.*

*«Пас, ҳар кас ба вазни заррае некӣ карда бошад, онро мебинад. Ва ҳар кас ба вазни заррае бадӣ карда бошад, онро мебинад». Сураи «Зилзила», оятҳои 7-8.*

*«Сухани хуб садақа аст»;*[1]

*«Дар ҷуфтшавии яке аз шумо садақа аст»;* [2]

*«Зане ба хотири аз хӯру об манъ кардани гурбае дохили дузах шуд»;* [3]

*«Марде бо об додани саге, ки бисёр ташна буд, мавриди омурзиши Худованд қарор гирифт»;* [4]

*«Дар ҳар накуӣ ба ҷондоре аҷр аст».* [5]

Ба ин тартиб, дар тасаввури исломӣ аз як тараф вуҷуду ниёз ва шахсияти инсон гуногунпаҳлу буда, аз тарафи дигар, ҳамчун ниҳоди ягонаи комиле мебошад, ки абъоди моддиву маънавии худро дорад, ба гунае ки онҳоро аз ҳамдигар ҷудо ва дар муқобили ҳамдигар гузошта намешавад. Вақте яке аз ин паҳлуҳо нодида гирифта шавад ва ё нодуруст истифода гардад, дигар барои амали намудани хушбахтиву таодули инсон дар дунё роҳе боқӣ намемонад.

Бо ин тасаввур зиндагии дунявии маҳдуду муваққатии инсон буъди густардаи ҷовидонагӣ дорад. Чунончи зиндагӣ боз моварои худро дорад. Марг анҷоми ҳастӣ нест ва зиндагии инсон дар ин дунё барои ҳадафу мақсаде ба вуҷуд омадааст. Иродаи инсон дар ин дунё мавриди санҷишу имтиҳон қарор мегирад ва моварои марг ҳосили чигунагии зиндагии ин дунёст. Ҷойгоҳи инсонро дар ҷовидонагиву зиндагии ухравӣ маҳз чигунагии зиндагӣ, ҳадаф, асоси иродаи зиндагии ин дунёии ӯ муайян мекунад. Маҳз ҳамин тасаввури зиндагӣ барои ҳаёти инсон муносиб буда, ҳақиқати ниҳоду масир ва сарнавишти зиндагии ӯро инъикос месозад. Агар барои инсон танҳо озмандиҳову хоҳишҳои дунявӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд, пас, ҳеҷ гуна таодулу оромиш ва солимии равонӣ нахоҳад буд, балки инсон, ҳатман, ба ҳайвони дайдуе табдил хоҳад ёфт, ки барои нигаҳдории зиндагие ранҷ мебарад, ки поянда нест; намедонад зиндагӣ чӣ гуна ва барои чист; намедонад зиндагӣ ба куҷо анҷом меёбаду поёни

1 Табаронӣ ҳамин гуна ривоят кардааст.
2 Ривояти Бухорӣ.
3 Ривояти Муслим ва Аҳмад.
4 Ривояти Бухорӣ.
5 Ривояти Бухорӣ.

он чист? Ҳарчанд медонад, ки зиндагӣ оғозу анҷом дорад, аммо ақли маҳдуду гумроҳгаштааш ба таври яқин наметавонад ҳадафу мақсади зиндагӣ дар заминро дарк созад.

Агар баъд аз зиндагии дунё подошу ҷазо набошад, пас, зиндагии дунявии шахс бо ҳама он ҳодисаву офат, ноустувориву имтиҳон бо некиву бадӣ ва осониву мушкилӣ наметавонад ризоятманду қонеъ ва дар оромиш бошад. Агар зиндагӣ мовaро надошта бошад, пас, он чӣ гуна зиндагии инсонияст? Бе шак, аз чунин зиндагие зиндагии ҳайвонӣ беҳтару хушбахтар хоҳад буд, зеро ҳайвон на идрок дораду на виҷдон, то тавассути онҳо маонии адлу инсофро дар ин дунё ҷустуҷӯ намояд.

Воқеан, тасаввури исломӣ дар мавриди буъди ухравии зиндагии инсон дар таодулсозии зиндагӣ, заминагузории пояҳои хайру ҳақ ва хушбахтии маънавӣ, инчунин, дар бархӯрд ба зулму бедодӣ ва фасод тасаввури муҳимме ба шумор меравад.

Зиндагии дурусти мусулмонӣ ба хотири ваҳдату такомул ва буъди ухравии худ саропо ризомандиву хушӣ ва оромиш аст. Зиндагии дунявии инсон бо ҳама паҳлуҳояш ҳадафи баргузида дорад ва ранҷҳои инсон бо назардошти нияту тасмим подоши наку доранд. Талоши инсон ҳаргиз зоеъ намешавад. Сабру шукри ӯ барояш аҷру савоб дар охират аст. Эътимод ба Худованд ва ба адлу ҳикмати ӯ тӯшаи воқеии мусулмон дар масири зиндагӣ, рӯёрӯӣ бо мушкилоту имтиҳонот мебошад. Инсон дар ҳама нафси ризоманду сипосгузор ва қаноатманду амалкунанда аст. Зеро зиндагии дунявӣ паҳлуҳои комилу ҳадафи баргузида дорад ва боз барои ин зиндагӣ буъди ҷовидонагиву ухравӣ вуҷуд дорад.

Агар андешаву сулук ва ниҳоди мусулмон он чиро, ки дар тасаввураш дар мавриди ин буъди маънавии ухравӣ ва алоқаву бозгашташ ба он таъсиргузор аст, дарёбад, дигар барояш фаҳмидани халалпазириву мушкилӣ ва қафомондагиву ранҷе, ки ба шахсияту сулук, сиҳати равонӣ ва иҷтимоии фарду ҷомеаи исломӣ мерасад, мушкил нахоҳад буд.

Буъди ухравӣ масъалаи дувумдараҷа нест, балки он жарфо буда, таъсири маънавиву моддии фарҳангӣ бар шахсу ҷомеаи исломӣ дорад.

Ислом дар маънои ваҳдати сиришити инсон таноқузе байни буъди фардӣ дар зиндагӣ ва буъди ҷамъиятӣ намебинад. Чун ин ду ҳақиқате дар ниҳоду ниёзи инсонанд ва ҳар яке нақшу буъд ва осори худро дорад. Ваҳдат дар зиндагии инсон ҳақиқати моддӣ ва маънавӣ аст. Чунончи ҷамъияти инсонӣ маъно ва моддае мебошад, ки бе инсонҳо вуҷуд дошта наметавонад, дар ҳоле ки шахс низ танҳо бо ҷамъияти инсонӣ вуҷуду бақо дорад. Вуҷуди инсонӣ моддиву маънавӣ ва натиҷаи ин ду буъд мебошад. Инсон маҳз бо ҳамин хусусиятҳо бартарӣ дорад ва ин хусусиятҳо натиҷаи фитрату ақл, идроку виҷдон ва иродаест, ки Худованд дар ниҳоди ӯ гузоштааст. Бо пуштибонӣ шудани ниёзҳои моддиву маънавии инсон дар ҷамъият ва ироа шудани таълимоту таҷриба ва парасторӣ аз ҷониби он шахс рушд намуда, ба ҳоҷату асосҳои ҳастӣ ва бақои худ даст меёбад ва самараи талошашро мечинад. Вале баъди ин ҳама боз бо ҳамон иродаву виҷдон ва масъулияти худ танҳо боқӣ монда, иродаву виҷдонаш масъулияти ҳастиву чигунагии он ва таъсири онро дар зиндагиву ҷомеа ба дӯш мегиранд. Аз ин рӯ, Ислом ба маънои ситеза не, балки ба маънои фитратест, ки сиришту асос, ниёзу тартибот ва аҳкоми худро дорад, то тавассути онҳо зиндагӣ дар накуиву ислоҳнамоӣ ва алайҳи гумроҳиву фасод пойдор бошад ва вақте гумроҳиву фасод ба яке аз бахшҳои зиндагии инсонӣ ворид шавад, мубориза ву ҷилавгирӣ аз он ва нобуд намудани онро ҳатмӣ мегардонад.

Ислом зулму бедодӣ ва фасодро дар низоми зиндагии иҷтимоӣ хоҳон набуда, бунёд ниҳодани зиндагиро барои асоси хилофату накуӣ ва адл тақозо мекунад, инчунин, дар зарурат ҷилавгирӣ аз фасоду мубориза бар гумроҳӣ ва бархӯрд ба онҳоро воҷиб ва ҳатмӣ мегардонад.

Нуктае, ки дар мавриди умури ислоҳсозӣ ва мубориза бар фасод бояд ба инобат гирифта шавад, ин фарқгузорӣ бай-

ни дастури куллии ошкору пояндаи илоҳӣ ва байни андешаву тафсир ва *иҷтиҳод* аст. Қарор қабул кардан ва асосҳои низоми ҷамъиятӣ дар мавриди тафсиру андеша ва *иҷтиҳод* ба афроди уммат, соҳибони қарору таҳлилгарон марбут мегардад, то мувофиқи талаботи режими сиёсӣ ва қонунгузории уммат ва ҳадафҳои шариат тасмим гиранд. Ин тасмимгирӣ мисли дигар тасмимоти сиёсӣ, танзими ҳамагонӣ ва фаъолиятҳои ҷамъиятии уммат мебошад, ба ин маъно, ки тасмими ниҳоӣ танҳо мувофиқи тасмимоти шӯрои уммат пазируфта мешавад. Чунончи ба воситаву икдомоти муносиби сиёсие, ки паҳлуҳои масоили мавриди назар ва пайомадҳои онро дар бар гирад, масъаларо пайгирӣ карда, ба таври фарогиру ҳакимона дидгоҳ ва машварату маслиҳати якҷояро, ки аз ризоияти уммату мавриди пазириши он дарак медиҳад, ошкоро созад (маҳз пас аз тай намудани ин марҳилаҳо тасмими ниҳоӣ гирифта мешавад).

### *4.3.2. Ҳадафу мақсад аз низоми ҳастиву зиндагӣ*

Пештар дар мавриди роҳҳалҳои барномавии Ислом дар робита ба ҳадафмандии вуҷуд ҳамчун яке аз роҳҳалҳои он барнома ишора намуда будем. Ҳадафмандии вуҷуд пажӯҳиши илмии исломиро дар мавриди вуҷуди ҳама илму маърифат роҳнамоӣ карда, яке аз фарзияҳои бунёдие дар барнома ва асосҳои ақлонияти исломӣ мебошад. Чунончи чашмандози илмии Исломро аз фиреби назар, костагии маълумот ва роҳгумзадагии тасмим ҳимоя мекунад. Ба ин тартиб чашмандози илмии Ислом ҳамеша дидавар буда, ба сӯйи ҳадафи зиндагӣ, бунёд ниҳодани хайру ислоҳ ва ободсозӣ дар низоми ҷаҳон роҳ пеш мегирад, ба гунае ки дар он дигар ҷойе барои фасоду раҳгумзадагӣ, ғалатҳо ва хурофоту куфр ва илҳоду гумроҳӣ нест.

> *«Эй Парвардигори мо, ин ҷаҳонро ба беҳуда наёфаридаӣ, Ту покӣ». Сураи «Оли Имрон», ояти 190.*

### *4.3.3. Бунёдӣ будани ҳаққу ҳақиқат дар ниҳодҳои нафсҳо ва дар алоқаҳои иҷтимоии инсон*

Андешаи исломӣ бо ҳама роҳкорҳову маъноҳои барномавии худ дар мавриди тавҳиду имон ба Худованд ва ҳадафмандии баргузидаи вуҷуд аз нигоҳи илмӣ муқаддимаи асосии ҳама соҳаҳои маърифату илмро ташкил медиҳад. Ин муқаддимаи бунёдиву ҳамагонӣ яқин доштан ба ҳаққу ҳақиқат, савобу хато ва некиву бадӣ мебошад. Бояд шинохту дарки ҳақиқатҳои бунёдӣ дар партави табиату қонун ва фитратҳое сурат гирад, ки Худованд дар махлуқоту коинот гузоштааст. Инчунин, шинохту дарки онҳо бояд мувофиқ ба ҳадафҳову меъёрҳое бошад, ки Худованд ба инсон ваҳй кардаву дар робита ба он паёмбариҳову паёмбаронро фиристодааст.

Аз ин нигоҳ ақлонияти исломӣ ақлонияти илмие мебошад, ки барои шинохт тибқи шартҳо ва бо назардошти маълумотҳои бунёдии он (шинохт) саъй мекунад, на дар асоси ҳавову ҳарзаҳо ва гумроҳиҳо. Дар натиҷа талоши ақлонияти исломӣ на зоеъ мешаваду на гумроҳ мегардад.

*«Агар ҳақ аз пайи ҳавасҳояшон мерафт, осмонҳову замин ва ҳар кӣ дар онҳост, ҳалок мешуд»; Сураи «Муъминун», ояти 71.*

*«Ва кист гумроҳтар аз он кас, ки бе он, ки раҳнамоӣ аз Худо хоҳад, аз пайи ҳавои нафси худ равад?»; Сураи «Қасас», ояти 50.*

*«Оё он касро, ки ҳавасашро чун худои худ гирифт ва Худо бо вуҷуди огоҳии он кас (аз ҳаққу ботил) гумроҳаш кард,... дидаӣ?». Сураи «Ҷосия», ояти 23.*

Ҳарчанд ҷузъиёти пажӯҳиш дар илмҳои табиӣ-техникӣ ақлонияти моддигарои муосирро ба риояи бархе ҷанбаҳои илмӣ-бунёдии илмҳои мазкур водор намояд ҳам, ин ақлоният дар арсаи илмҳои инсонӣ-иҷтимоӣ раҳгум мезанад ва дар бештари маврид чун шайтони саркаш мегардад, на аз ҳақ

суроғе мекунаду на ҳақиқатро ҷустуҷӯ месозад, балки бо ҳавову ҳавас, бе донистани мақсаду ҳадаф роҳ пеш мегирад, то назар кардаву интихобе кунад ва ҳақ барораду гумроҳ созад ва бо унвони илму пажӯҳиши илмӣ гумроҳиҳоро ҳақ мебарорад. Ҳамин аст, ки ҳама рӯза шоҳид мешавем, ки мактабҳое таъсис шудаву макабҳое фурӯ мепошанд; назарияҳое эълон мегарданду назарияҳое ноком мешаванд; ҷомеа бошад, дар ҳайрониву саргардонӣ ва ташвишу ҳаяҷон қарор дорад, барои зиёнҳои зиндагиву гум кардани сарриштааш ва интишору ҷинояту фаҳшу офатҳои атрофаш роҳе намеёбад ва на посухи шаффофу қонеъкунанда мегирад.

Пажӯҳиши илмӣ-иҷтимоии моддигарое, ки аз ҳидояти илоҳӣ баҳрае надорад, ба ҷойи он ки ба муҳимтарин абзори нотавониву норасоии худ: набудани далели амали дурусти фарогир ва самти дуруст ва ин ки бо заъфи мантиқу дарки хуб накарданаш аз ҳавову ҳавасҳо ва хоҳишҳои кӯр-кӯрона роҳ пеш гирифтааст, эътироф намояд, аз душвории омӯзиши иҷтимоӣ ва печидагии соҳаҳову гуногунии омилҳо ҳамчун сафедкунии ягонаи худ истифода менамояд ва тавассути он омехтагии пажӯҳиш, залолати талош, номуваффақии барномаи омӯзиш ва аз байн рафтани сарриштаи ҷомеаҳояшро сафед менамояд. Агар пажӯҳиши иҷтимоӣ роҳи худро гум кардаву дар ҳадафаш хато намояд ва асосҳои ҳаракату масири худро аз даст диҳад, ҳатман, душвории он буҳронитар мешаваду талошҳояш маҳдуд ва натиҷаҳояш бекор мегардад. Дар натиҷа, дар ҷомеаҳои онҳо моддигароӣ интишор меёбаду миллатҳои худро ба миллатҳои гузаштае мепайвандад, ки гумроҳ шудаву дунболаи ҳавову ҳавас рафтанд ва дар онҳо фасоду гумроҳӣ густарда гашт.

Илми иҷтимоие, ки танҳо ба илми инсонӣ ҳамчун сарчашмаи маърифат ва раҳнамунсози пажӯҳиш такя мекунад, ҳатман, гумроҳ мешаваду ба инҳироф меравад. Зеро илми инсонӣ ба танҳоӣ барои дарки ҳақиқати комили бунёдӣ ва ҳадафи асосии дар нафсҳову табиатҳои инсонӣ буда ҷавобгӯ шуда наметавонад. Дар ин маврид барои комил шавии ақлу

мантиқи маҳдуд ва идроки ҷузъии инсон ҳидояти фитрати солим ва роҳнамоии ваҳйу дастурҳои илоҳӣ зарурӣ мебошад, то абзори инсон комил шаваду ҳалолро ҳаром ва ҳаромро ҳалол нагардонаду барои бадиву фасод талош наварзад.

Пешинаи маърифати Ғарб такяе ба илми илоҳӣ наменамояд, зеро дар натиҷаи ба таҳриф дучор шудани динҳову паёмбариҳои ғарбӣ эътимодро ба он (дин) аз даст додааст, аз як тараф мавриди костагиву залолати илмии соҳаҳои омӯзишҳои иҷтимоиро ва аз тарафи дигар фурӯпошии заминаҳои фитрати дастнахӯрдаеро, ки дар Ғарб дар асри Эҳё бо номи мактаби қонуни табиат маъруф буд, барои мо равшан мекунад. Мактаби мазкур аз маонии фитрат дар бунёдӣ будани ҳақиқату ҳадаф ва мақсад дар зиндагиву ҷомеа илҳом мегирифтанд, вале ба зудӣ аз рушд монд, зеро барои рушди худ аз сарчашмаи куллии илм, ки ҳамон паёмбариҳои ростину боэътимоди илоҳӣ аст, такягоҳи зарурие наёфт. Ва ин ҳам ба он хотир, ки паёмбариҳои илоҳие, ки ҷомеаи ғарбӣ ба он такя менамуд, таҳриф гаштаву аз покиву ростиаш чизе боқӣ намондааст ва дар бештари маврид ба ҷойи сарчашмаи ҳидояту раҳнамоӣ будан ба монеаву сарчашмаи хурофоту гумроҳӣ табдил ёфтааст. Гузашта аз ин, бо такя бар маорифу барномаҳо ва асосҳои ахлоқии оилавие, ки ғарбу тамаддуни муосир аз сарчашмаҳои тамаддуни исломӣ гирифта буданд, ба дастовардҳое ноил гаштанд, вале аз ин дастовардҳо мағрур гашта, аз он сарчашмаҳои тамаддуни исломӣ дур шудан гирифтанд.

Воқеан, пажӯҳиши илмӣ-иҷтимоии исломӣ ба зиндагиву махлуқот, коиноту фитрату табиатҳо бо як боварӣ назар намуда, аз ҳақиқати бунёдӣ ҷустуҷӯ мекунад, ҳамзамон, ин ҳамаро бо роҳнамоии ваҳйу ҳадафу мақсад ва арзишҳову куллиёти он дунболагир мешавад. Дар натиҷа талоши инсон раҳгумзадаву самташ ба инҳироф намеравад ва дар ҳавову ҳавасҳо ва гумроҳиҳое зери унвони пешбариву худозодкунӣ, пешравӣ ва дигар суханони пучу назарфиребе, ки мардум аз онҳо ба ғайр аз дурӯғу фиреб ва гумроҳӣ дигар чизе намегиранд, намелағжад.

Бо такя бар он чӣ гузашт, аҷиб нест, вақте тамаддуни моддигарои муосир дар соҳаҳои инсонӣ-иҷтимоӣ ба он чӣ дар соҳаҳои техникӣ ба даст овардааст, ба даст наорад. Ҷойи аҷобат нест, ки пешравию дастоварди техникии тамаддуни моддигарои муосир дар бунёд ниҳодани зиндагиву алоқаҳои иҷтимоӣ ва оилавӣ-инсонӣ ба нокомиву нотавонӣ рӯбарӯ шавад. Аҷиб нест, ки ҷомеаҳои ин гуна тамаддун дар гирдоби тарсу изтироб ва ситезаву ошуфтагие ғарқа шаванд, ба ҳастиашон таҳдид мекунад. Ва ин ҳама ба он хотир аст, ки улуму фалсафаҳои ғарбӣ аз рафтан ба сӯйи мақсад ва ҳақиқати бунёдии куллие оҷиз мондаанд, ки дар ниҳоди башару табиати нафсҳо нуҳуфтаасту онро Худованд омили ҳидояту ислоҳнамоӣ ва роҳнамоӣ гардонидааст, на омили кибру фасод ва гумроҳӣ.

Бе шак, бунёдӣ будани ҳаққу ҳақиқат мафҳуми пӯёву зиндаест, ки фитрату қонун, табиату арзишҳоро зимомдори унсурҳову алоқаҳо гардонида, байни савобу ҳақ ва байни фасоду шарру касод фарқ мегузорад, бе он ки ба сафсатаҳои бепояву гумроҳкунандаи бархе ақлҳои бемор таваҷҷуҳе намояд; ақлҳои беморе, ки интихобу бархӯрд ва назару дидгоҳ ва тахаюлашонро атрофи намунаҳои ақибмондаву бемори башарӣ ҳамчун илму пажӯҳиши илмӣ унвон мекунанд ва онро барои паст задани меъёрҳои асосии зиндагиву ҷомеаҳо ва тамаддунҳо ва аз байн бурдани он меъёрҳову арзишҳову асосҳо ҳамчун даста истифода менамоянд. Дар ин росто аз ҳар гуна иддаоҳои бофтаву амалкардҳои нодир ва намунаҳои инҳирофшуда истифода мекунанд, ҳатто он амалкардҳои як гурӯҳи кучаки дар зулумоти ҷангалҳо, ё қуллаҳои кӯҳҳо ва ё дар даруни ботлоқҳо гӯшанишиншуда ҳам бошад. Ба ақидаи онҳо башарият бояд он чизҳои нодири кучакро дар дарку сулук ва таъбир аз фитрати инсониву дидгоҳи фарҳангӣ ҳамчун меъёр қарор диҳад. Бе шак, чунин андешаву барномаи ноқису кӯр-кӯронаи раҳгумзада танҳо ошуфтагиву гумроҳӣ ва фасоду ҷиноят ва залолатро афзоиш медиҳаду бас. Ҷомеаҳои ғарбӣ дар мурдоби он чӣ ба он рӯ овардаанд, ғарқа мегарданду бо ин пояҳои равобити иҷтимоиву оилавӣ аз байн мера-

вад. Ва арзишҳои ахлоқиву тамаддуние, ки бунёд ниҳодани ин ҷомеаҳо ба он нигаронида шудаву мабониашро аз осори фитрату паёмбариҳои осмонӣ ва тамаддунии Ислом гирифтаанд, ба охир мерасад.

Муҳимтарин нуктае, ки пажӯҳиши илмӣ-иҷтимоии Исломро аз пажӯҳишҳои ғайри исломӣ бартарӣ медиҳад, ин доштани самту ҳадаф ва мақсади ростин аст, ки на гумроҳ мешаваду на ошуфта мегардад ва на ҷузъиёту ҳавову ҳавас онро аз роҳи росту савоб дур менамоянд. Чунончи дар ҳама сурат ба ҳадафҳои неку судманд рӯ оварда, ҳамбастагиву комилшавӣ ва созандагиро амалӣ месозад ва дар замири худ асосҳои ҳаракату қоидаҳои огоҳкунандаро нуҳуфтааст. Ба ин гуна роҳашро, бидуни иштибоҳоти бузургу талошҳои ноҷо ва сафсатаҳои беморе бо номи илму озодӣ ва таҷриба, бо бовариву ҳидоят медиҳад. Ҳамин гуна дар ченаки арзишҳову конунҳо фасоду таҷовуз, зулму исрофкорӣ, саркашиву такаббур дар ҳама сурат ҳамчун фасоду таҷовуз, зулму исрофкорӣ, саркашиву такаббур боқӣ мемонанд, ҳарчанд ба он лақабҳои илмро гузоранду бо найрангоҳи ҷадал рангинаш созанд.

# ФАСЛИ ПАНҶУМ

## ДАР БАЁНИ МУҚАДДИМОТИ ДОНИШҲОИ ИҶТИМОӢ

Агар барномарезӣ ва заминаҳои умумӣ барои дидгоҳи исломӣ дар арсаҳои маърифату умумии он, хоҳ иҷтимоӣ, хоҳ фановарӣ вуҷуд дошта бошад, пас, дар ҳар арсае заминаҳову умумиятҳо ва масъалаҳои барномарезии вижае вуҷуд дорад, ки махсуси он аст. Пажӯҳандаи мусулмонро дар ҳар арсае мебояд, ки ин вижагиҳоро мушаххас намояд ва онҳоро зери муроқибат қарор диҳад, то байни он арса ва дигар арсаҳои маърифатӣ фарқ гузорад ва мувофиқи ниёзи худ баровардa тавонад. То масъалаҳои бар ӯ печида нагардаду нақшаҳо бар ҳам дар ҳам нахӯранд ва талошҳо аз байн наравад.

Дар оғоз мебинем, ки омӯзаҳои илмии исломӣ бо ин фарқгузорӣ чӣ гуна оғоз ёфтааст; ангезаҳои ин фарқгузорӣ чист ва то чӣ андоза дидгоҳи исломиро таҷассум мекунад; чӣ ниёзҳову зарауратҳо дорад ва чӣ судҳову самараҳое заминагузорӣ онанд. Ҷойи тардид нест, ки ин фарқгузориву тақсимбандӣ бо рушд ёфтани омӯзишу пажӯҳиш ва бо инкишофи ҷомеаҳову ниёзҳо, имкониятҳову муқовиматҳо рушд хоҳанд кард.

Чанде аз соҳаҳое ҳастанд, ки дар оғоз дар партави равиши умумии маърифат ва дидгоҳи исломӣ ба табиати онҳо ва табиати барномаҳову воситаҳои зарурии онҳо ишора бояд кард. Ин соҳаҳо ҳамон соҳаҳои нусуси Қуръону Суннат, посдории онҳо, соҳаҳои ҳадафу ғоя ва хубпазироии ваҳйу рисолат; соҳаҳои дарки табиату сириштҳои инсониву иҷтимоӣ, додугирифти хуб бо он ва ба ҳадафҳои нек равона кардани онҳо; соҳаҳои тартиботу сиёсатҳои иҷтимоӣ ва зарурати бу-

нёну рушдбахшӣ ва амалисозии идеяҳову мақсадҳои исломӣ дар он ва ҷодаҳои одатҳову қонунҳои табиии ҳастиҳову захоир ва ба таври наку корбурду суд бурдан аз он мебошад.

Ҳар як аз ин ҷода бо табиати ҳоли худ дар арсаҳову илмҳои гуногун тақсим мешавад ва дар охир ба шакли комилшуда медароянд, то такя ба он донишҳои Қуръону ҳадис, улуми мақсадҳову ғояҳо, улуми омӯзишии ниҳоди иҷтимоӣ, улуми сиришти моддиву фановарӣ, улуми танзимнамоии иҷтимоӣ, улуми санъатҳои маънавӣ ва моддиву адабӣ ва зебоишиносӣ ба майдон ояд.

Дар оғози роҳи шинохти исломӣ ва талошҳоямон барои бунёд ниҳодани донишу огоҳии фарогир муҳим аст, ки бартарӣ ва аҳамияти соҳае мушаххас карда шавад, ки дар шинохти муосири ғарбӣ бо номи донишҳои сулукӣ унвон мешавад ва мурод аз он равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва инсоншиносӣ мебошад. Дар ин ҷо муҳим аст, ки аз исломӣ будани ин соҳа ва заминагузории масъалаҳои асосии он аз диди Ислом оғоз шавад. Зеро донишҳои мазкур имрӯз дар барномаи фарҳангиёну пажӯҳишгарони майдони омӯзишҳои қонуниятҳо ва сириштҳои инсониву иҷтимоӣ, мафҳуми инсонӣ ва пиндоштҳои асосиро дар робита ба табиату аносир ва самтгириҳову эҳтиёҷоташ таҷассум менамояд, дар ҳоле ки ин соҳаҳои илмӣ-иҷтимоӣ ва инсонӣ-фалсафӣ таъсирпазир аз ин пиндорҳову самтгириҳоянд.

Исломӣ будани илмҳои иҷтимоӣ ва инсонӣ, аз қабили тарбияву сиёсат, иқтисод, илми идоранамоӣ (менеҷмент) ва эълом, фалсафаи ин донишҳо маҳз арсаҳоеанд, ки асосан бар пешфарзҳои улуми сулукӣ, натиҷаҳои пажӯҳишҳову мафҳумҳои вижа ба табиати инсону маънои вуҷуд, ниёзҳо, равишҳои сулуку рафторҳои ӯ бино меёбад. Агар дар ин равандҳо нахуст мафҳумҳову пиндоштҳои исломӣ ва асосҳои дидгоҳи исломӣ муқаррар нагарданд, пас, барои пурраву дуруст ва бевосита исломӣ будани яке аз ин илмҳо роҳе нест. Дар ин маврид пажӯҳанда аз рӯёрӯӣ ба ихтилофот, лағшижҳои фаҳму дидгоҳ ва ҷуҷтуҷӯи машварату роҳҳал ногузир аст.

Талошҳо барои исломӣ будани илмҳои гуногуни иҷтимоӣ бастагӣ ба фаҳми дурусти пажӯҳандагон аз ниҳоду табиати инсон ва дар ҳаракат будани робитаҳои инсонӣ мебошад ва коркард танҳо дар ҷодаи илмҳои сулукӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, исломӣ будани он қадами нахустин ва асосӣ барои исломӣ будани илмҳои дигари иҷтимоӣ, аз қабили тарбияву сиёсат ва иқтисод мебошад. Агар талош дар исломӣ намудани равандҳои тарбияву ба низомоварии сиёсату иқтисод аз авлавиятҳои кори уммат бошад, пас, исломӣ будани илмҳои сулукӣ қадаме ба муваффақ шудани ин талошҳо буда, авлавияти он танҳо аз авлавиятҳову аҳамиятҳо зикршуда маншаъ мегирад.

Барои расидан ба исломинамоии ин равандҳову донишҳо ташкили барномаҳову марказҳо ва бахшҳо барои омӯзишу пажӯҳиши ин равандҳо зарурӣ мебошад, то донишмандону андешамандони мусулмон дидгоҳи исломиро дар онҳо устувор намоянд.

## 5.1. ИСЛОМ ВА ИЛМИ ТАРБИЯ

Вақте роҳи бурунрафт барои мусулмонон намонд ва ҳалли мушкилоти нотавониву ақибмондагиашон бӯҳронитар шуд, баъди он ки аз талаби донишҳои физикӣ, ҳарбӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсатшиносӣ ноумед шуданд, рӯ ба донишҳои тарбия, идоранамоӣ ва иқтисод оварданд. Сипас охирин илме, ки ба он рӯ оварданд, донишҳои эълом (иттилоотӣ) мебошад.

Баъд аз идроки шикасти шармовар дар натиҷаи талошҳои ғарбгароиву замонасозӣ аз диди ғайриисломӣ ва он чӣ аз ради феъли исломӣ дар ҳастии уммат пайдо шуд, нигоҳи мусулмонон ба мафҳуми асолат ва амалисозии Ислом дар зиндагии уммат, низоми иҷтимоии он ба хотири наҷот ва даст ёфтан ба неруву тавон нигаронида шуд. Аз муҳимтарин падидаи ин таваҷҷуҳ дастандаркор шудан ба исломӣ намудани бархе донишҳои муҳимми амалии иҷтимоӣ, аз қабили иқтисод, эълом ва бунёни бахшҳову марказҳои илмӣ барои хидмати ин мақсад ба шумор меравад.

Бе шак, ҳадафи ин талошҳо ҳадафи солиму дуруст аст, вале муҳим он аст, ки ин ду раванд аз арсаҳои воситаҳо маҳсуб мегарданд. Ҳарчанд ислоҳ намудани онҳо зарур аст, аммо зиндагии исломӣ бе бунёни сохтори он аз дидгоҳи исломӣ имконият надорад ва ҳатто ҳар талоше, ки дар арсаи онҳо сарф шавад ҳам, бе дуруст намудани тарбияи шахси мусулмон ва дуруст намудани рушду ташаккули нафсии он ва дуруст намудани танзими ҷомеаи исломӣ ва ислоҳи дастгоҳҳои сиёсӣ, то имкониятҳоро барои амалисозӣ дар хидмати ҳадафҳову самтгириҳои он қарор диҳад, ҷомеаи исломӣ наметавонад аз бори он бархӯрдор гардад.

Аз ин рӯ, дар баробари донишҳои сулукӣ бояд арсаи тарбияву омӯзаҳои тарбиявӣ ва арсаи танзими сиёсату омӯзаҳои сиёсӣ мавриди таваҷҷуҳи дастанкорони мусулмон бошанд. Ин таваҷҷуҳ метавонад бо ташкил намудани ҳамоишҳо, форумҳои илмӣ, барномаҳо, марказҳои пажӯҳишӣ ва шуъбаҳои илмӣ барои пажӯҳишу омӯзиши ҳирфавӣ сурат гирад.

Шояд судманд бошад, чун ба ин марҳила расидем, ба муҳимтарин нишонаҳои асосии шахсияти исломӣ дар давраҳои баъд, ба дигаргунӣ ва таноқуз байни он чӣ кадрҳои ин уммату дастанкорони он иддао мекунанд ва байни он чӣ аз сулуку неру ва имконияти он амалӣ мешавад, назар андозем.

Сарфи назар аз он ки мусулмонон аз баландмоягии Ислом пурра қаноатманданд; сарфи назар аз он ки уммати исломӣ расонандаи рисолати Ислом ба мардум аст; сарфи назар аз он ки арзишҳо ва тасаввуроти куллии дигар наметавонад бо асосҳову арзишҳо ва тасаввуроти куллии исломӣ баробар шавад, бо ин ҳама уммати исломӣ Исломро дар зиндагӣ, қонунҳо ва фаъолияти худ ба шакли накуву дилхоҳ таҷассум ё инъикос намекунад. Балки Ислом барои ин уммат қариб чизеро ташкил намедиҳад, Ислом дар зиндагии пайравонаш қариб ҳамчун устураи намунавӣ гаштааст: онро месароянд ва дар орзуи рӯзе мебошанд, ки бар онҳо ва бар инсоният офтоби гарму дурахшону пурнури Ислом тулӯъ намояд.

Ҳатто дар фаъолиятҳои шахсӣ таҷассуми маҳдуди арзишҳову ҳадафҳо ва сифоту сулуки дурусти исломӣ ба назар расад ҳам, дар бештари маврид он ҳам ба сурати нокомилу нодурустанд. Дар натиҷа ин ба халалёбии ҳадафу равиши корбурд оварда мерасонад, ба гунае ки намунаҳое, ки аз Ислом вуҷуд дорад, тавоноии худро дар самти таъсирнамоӣ ва хидмат аз даст медиҳад ва дар бештари маврид аз он хулосаҳои нодурусте бароварда мешавад, ки боиси қафомондагиву пӯёии мусулмонон мегардад.

Шояд дар ин ҷо сухан дар бораи равиш ва меъёрҳое, ки ба бархе қисмҳои асосие, ки дар падидаи буҳрони исломӣ, дигаргуниҳои маъдан ва иддаоҳову воқеиятҳои он саҳм мегузорад, судманд бошад.

Ҳар ки вазъият ва сатҳи будани фикри тарбиявии исломиро дар асрҳои баъдӣ дарк созад, дармеёбад, ки ҳал кардани мушкилоти печдарпечи тарбиявии ҷомеаи исломӣ ва мӯшикофонаву мардонавор рӯёрӯӣ ба масъалаҳои он танҳо бо эҷоди илми барномавӣ ва омӯзиши мунтазаму бардавоми илмӣ имкон дорад, на ба тааммулоти фикрии маҳдуду бепоя.

Сарфи назар аз он ки тааммулоти фикри исломӣ дар масъалаҳои тарбияи исломӣ ҳадафҳои баргузидаеро барои мо тасвир месозад, ки Ислом ба сӯйи он талош дораду бояд дар нафс ҷо карда шавад, набудани омӯзиши барномаи илмиро дар арсаи донишҳои сулукӣ, инчунин, дар донишҳои инсонӣ, конунҳо ва чигунагии офаринишу рушди он ва марҳилаҳои инкишофи онро мулоҳиза менамоем, ки аз марҳилаҳои рушду инкишофи ҷасад – ҳарчанд дақиқтару печидатар ва ниёзмандтар ба омӯзишу фаҳм ва ғамхориву сохтори арзёбӣ набошад ҳам – камтар нест.

Костагиву камбудӣ дар ислоҳи илмиву сомонсозии арсаи тарбияи исломиро барои он мулоҳиза менамоем, ки арзишҳову асосҳо ва тасаввуроти асосии исломӣ дар нафсҳои ба тозагӣ бедоршуда бо услубе, ки ниёзи офариниши нафсҳо ва созгори даврони онҳо нест, балки бо як тариқа сурат мегирад. Ин тариқа, агар дар бахше аз он мувофиқ ояд, ҳат-

ман, барои пештозони ба ҳадди ашхосе аз қабилаҳои араб, ки сохтори нафсиашон комил гашта буд, мувофиқ меоянд. Чунончи Паёмбари Худо (с) барои онҳо хитобе менамуд, равонҳояшонро пухта созад ва дар хитоби худ ба онҳо пайомадҳои рӯгардониву такаббурнамоӣ ва аз ҳақ дур рафтанҳояшонро ҳушдор медод. Дар ҳоле ки пешвоёни Қурайш сахтиву куфри гусехтагиро бар сари ӯ мебориданд. Дар он аср ниҳоди бодиягӣ бо тамоми хушкиву сахтии шакли зиндагӣ ва хатарҳои зиндагӣ дар гӯшаҳои он дар фарзандони саҳро таҷассум ёфта буд. Аз ин рӯ, овози ваҳй ва овози Паёмбар (с) дар муқобили онҳо боло шуд, онҳоро накӯҳишу ниҳеб, таҳдид, ваъдаву ваид аз пайомадҳои кибру бадкорӣ ва саркашиву фасод намуд. Неруи ин сухан нафсҳои қавиву волои онҳоро пухта намудаву ҳидоят кард, дар натиҷа аз қабилаҳои ибтидоии ваҳшии вайронгар, ки мисли даррандаҳо бо зӯриву зиракӣ дар шиддату сахтӣ баҳрабардорӣ менамуданд, ба қабилаҳову лашкарҳо ва ҷомеаҳои неруманду муназзами соҳибрисола ва мадлулҳои тамаддуни волои ҳастӣ табдил гардиданд, ки ин аз дигар қабилаҳои истилогару мавҷҳои фатҳкунандаи бадавию барбарӣ дар гузари таърих, аз қабили мавҷҳои қабилаҳои муғулу олмон ва дигар қабилаҳои бадавии кишваркушо онро бартарӣ медод. Ба ин тартиб қабилаҳои араби садаи аввал бо ин бартарӣ ёфтанд, ки Ислом шахсиятҳоро ҳамчун неруи озодкунандаву оварандаи рисолати илоҳӣ ва тамаддуне, ки бо адлу ислоҳ ва ободкорӣ асос ёфтааст, тарбия намуд.

Мулоҳиза намудани ин нукта ин ҷо муҳим аст, ки услуби хитобе, ки Қуръони карим тавассути Паёмбар (с) ба қабилаҳову шахсиятҳои Қурайш, аз қабили Абулаҳабу Абуҷаҳл намудааст, бар услуби хитобе, ки то ҳол аз ҷониби тарбияткунандагони мусулмон ба хотири панду тарбия ба ҳамаи мардум равона мешавад, ғолиб омадааст. Ба гунае ки дар ин хитоб ҳолатҳои мухотабҳо ба инобат гирифта намешавад, дар ҳоле ки ҳатто хитоби кӯдакон аз хитоби мардону занон фарқ мекунад.

Паёме, ки ба инсонҳои калонсол дар мавриди ақидаву роҳнамоӣ ва тарбия мешавад, пеш аз ҳама, паёми ақлӣ мебошад, ки ҳадафҳову мақсадҳоро пухта ва ба тартиб медорад, истеъдодҳо ва имкониятҳои ақливу зеҳниро барои иҷрои вазифаҳои ҳаётиаш ба сӯйи ҳадафи дуруст созгор месозад. Аммо паёми хурдсол дар ин маврид, пеш аз ҳама, аз эҷоду рушд бахшидани хислатҳо ва неруҳои равоние иборат мебошад, ки дар оянда шахс бо он ороста мегардад. Аз ин рӯ, Паёмбари Худо (с) мефармоянд:

*«Беҳтарини шумо дар ҷоҳилият беҳтарини шумо дар Ислом аст, ба шарте дарк созанд».*[1]

Ба ин хотир, вақте дар рӯҳияи эҷодкории дурусти амалкунанда тарбия ёфт, дар оянда дар ҳама сурат бо он хоҳад буд ва фаҳму балоғат он неруву тавоноии нафсиро ба сӯйи ҳадафҳои наку ва ислоҳ равона месозад.

Паёми тарбиявие, ки ба хурдсол равона шудааст, пеш аз ҳама, фароянди бофту сохтори асосии равонӣ мебошад, дар ҳоле ки паём ба бузургсол фароянди паёми ақливу равонасозии зеҳнӣ ба шумор меравад. Чунончи сухани Паёмбар (с) аст, ки:

*«Худоё, Исломро бо яке аз ду мард, ки ба назди Ту дӯстоштатар аст: Умар ибни Хаттоб ё Абуҷаҳл ибни Ҳишом гиромӣ гардон».*[2]

Зеро дар ин ду мард сифатҳои тавоноиву шуҷоат ва шаҳоматро медид. Воқеан, бофту тарбияи равонӣ ва асосу гавҳари неруманди хуби равонӣ ҳолатест, ки аз матлабҳову ҳадафҳо фарқ мекунад. Чунончи шуҷоату ташаббус ҳадафе нест, ки шахс ба хотири он шуоҷату ташаббусро равона мекунад. Инчунин, ихлос, ростӣ, сабр ва дигар сифатҳову конунҳои равонӣ ғайри ғояҳову ҳадафҳоеанд, ки ашхос он сифатҳову конунҳо барои амалигардонии онҳо мегуморанд. Аз ин рӯ,

1 Ривояти Бухорӣ.
2 Ривояти Аҳмад.

ашхоси соҳибгавҳару бофти равонии неруманду наку ҳамон ашхосу гавҳарҳоянд, чӣ дар ҷоҳилият бошанд, чӣ дар Ислом. Зеро бофти равонии неруманду наку танҳо дар мақсаду ҳадаф фарқ мекунад. Чунончи мақсадҳои хайру ислоҳии онҳо дар Ислом ғайри мақсадҳои эшон дар таҷовузкории бодиянишиниву ҷоҳилият ва маҳдуднамоии уфуқҳои инсониву тамаддунӣ мебошад. Ҷавҳар ва неруи қавиву фавқулода ҳамонест, ки Паёмбар (с) ба он таваҷҷуҳ намудааст, чунончи гиромӣ гаштани Исломро тавассути яке аз Умарҳо талаб мекунад. Ҳамин гуна ҳам буд, зеро ин ду Умар қаҳрамонони Ислому ҷоҳилият буданд. Қаҳрамони Ислом Форуқ Умар ибни Хаттоб ва қаҳрамони ҷоҳилият Абуҷаҳл Амр ибни Ҳишом буд. Воқеан, шахси дифоъкунандаву ҷангӣ (дар ҳолати зарурӣ) аз ҷинояткору таҷовузкор аз нигоҳи меъёрҳои иҷроишу тавоноӣ фарқе надорад, вале аз нигоҳи ҳадафу мақсад, ҳатман, фарқ вуҷуд дорад. Сарчашмаи ин неруи равонӣ ва сифатҳои шахсие, ки бо қуввату ихлос ва кӯшоӣ таҷассум мегарданд, пеш аз ҳама, ба талошҳои тарбиявие бармегарданд, ки барои тарбияи хурдсолони фарзандони миллатҳо сарф мегардад.

Услуби хитоб ва таъсири он дар сохтори равонӣ дар марҳилаҳои кӯдакӣ, марҳила ба марҳила, сол ба сол, дафъа ба дафъа – чӣ тавре рушди ҷасад ва инкишофи онро мебинем – аз муҳимтарин чораҳои тарбиявие мебошад, ки бояд табиати он ва фосилаи таъсири онро дар бофти равонии кӯдак дарк намоем ва ба шинохти сифатҳои ин хитоб ва ҷиҳатҳои фарққунандаи он аз услуби хитоби калонсолону ваъзу роҳнамоӣ ва омӯзиш додани онҳо таваҷҷуҳ дошта бошем.

Кӯдаки наврас, бе шак, аз ҷониби мо ба паёме ниёз дорад, ки сифатҳо ва неруҳои мусбати маънавие, ки ӯро ба сӯйи боварӣ ва рағбат ба иҷрои вазифа дар зиндагӣ, эътимод ба худ ва шавқ ба комёбӣ дар анҷоми уҳдадориҳояш суқ медиҳад, дар равони ӯ ҷо шавад.

Муҳим аст, ки кӯдакро дар марҳилаҳои бозсозии равониаш аз паёмҳои даҳшатафканиву тарсзои харобовари неруҳои равонӣ, ки барои сифатҳои шуҷоату боварӣ, эътимоду таша-

ббускорӣ заруранд, дур дорем ва дар тарбия ва посухи пурсишҳои ӯ дар робита ба он чӣ ба дарку дидгоҳ ва алоқааш бо Худованди поку баландмартабаву ҳаққу одилу дӯстор ва меҳрубону бахшанда тааллуқ дорад, равиши дӯстдорӣ ва ҳавасмандиро ба кор барем. Ба гунае ки кӯдак бо хубиву сабр ва шақмандиву дӯстдорӣ ба Худованди поку баландмартаба, ба зиндагиву нақши худ дар он, ба рӯзи қиёмату мулоқоти Худованд бо тавоноию сабр ва шақмандиву дӯстдорӣ рӯ орад. Яъне, ба хурдсол талқин кардани асосҳову арзишҳо ва ҳадафҳову ақидаҳои дин дар марҳилаҳои шаклгирии нахустин бояд мусбат бошад, то эҳсосоти дӯстдориву шавқ, чашмандозиву амалисозиро инкишоф диҳад. Зеро ҳар ки дӯст дораду мутолиа созад ва эътмиод намояд, ҳатман, пеш мераваду анҷом медиҳад ва кӯшиш менамояду қурбонӣ мекунад ва сабр месозад. Аммо нафаре, ки метарсад ва даҳшат мекашад, ҳатман, метарсонаду мутанаффир мегардонад ва фақат дар пасттарин ҳад зери чолишҳову фишорҳои пайвастаи равонӣ фаъолият мекунад ва дар тӯли зиндагӣ эҳсосоти тарсандагӣ аз як тараф аз пешравӣ монеаш мешаваду аз тарафи дигар ӯро ба шикастагиву фармонбарӣ во медорад, пас, дар танбаливу бенизомӣ, костагиву тафовут ва таноқузу иҷроиши нокомили дур аз ҷиддияту устуворкорӣ қарор мегирад. Маҳз ҳаминро дар хислатҳои бештари мусулмонони асрҳои ахир мушоҳида менамоем.

Вақте дар бораи дини яктопарастии худ андеша менамоем, ҷойгоҳи вижаи мусулмонро дар назди Парвардигори оламиён дармеёбем. Чунончи бозгашти ӯ дар ҳама сурат ба биҳишт аст: «Ҳар ки “ло илоҳа иллаллоҳ” гӯяд, ба биҳишт медароянд, агарчи зино карда бошад ва ё duзд ӣ». Кӯдаки мусулмон танҳо вақте масъулиятнок ва бозпурсӣ мешавад, ки ба синни балоғат расад. Аз ин рӯ, набояд рушди кӯдакро тезонем ва бори масъулиятро пеш аз он ки барои он омода ва мувазааф гардад, бар ӯ таҳмил намоем. Ба ин хотир, паёми ӯ бояд паёми дӯстдориву муждадиҳӣ бошад, то сифатҳои нерумандиву боварӣ, эътимоду ташаббускориро дар ӯ рушд бахшад. Дар ин маврид бояд ба он чӣ дар рӯзгори Паёмбар (с)

дар ғамхорӣ ба кӯдакон, дӯсторӣ, муқаррабсозӣ ва дур кардани ангезаҳои тарс аз вуҷуди онҳо сурат мегирифт, рӯ оварда шавад. Аз ҷумла, хитоб намудани Паёмбар (с) ба Ибни Аббос; бардошта бурдани писари духтараш ба минбар, дар ҳоле ки хутба мехонд; шикебоӣ дар баробари писари духтараш, ки болояш мебаромад, дар ҳоле ки Паёмбар (с) дар саҷда буду дар масҷид имоматӣ мекард; рафтораш бо Анас ибни Молик ва хитобаш ба аъробӣ дар робита ба дағалрафтории ӯ бо кӯдакони хурдсолаш аз намунаҳои ғамхории Паёмбар (с) ба кӯдакон мебошад.

Воқеан, паёми масъулиятнокиву ухдадорнамоӣ ба хурдсолони мусулмон марҳилаи муносиби худро дорад, ки дар он маврид ин гуна паём таъсири мусбати худро дар пухташавӣ ва раҳнамоӣ хоҳад расонид. Чунончи таъсири ин гуна паём ба саҳобагони Паёмбари Худо (с) мушоҳида мегардад. Онҳо ба Ислом гаравиданд, дар ҳоле ки дар ҷоҳилият ба камол расида буданд, аз қабили Абубакр, Умар, Холид ибни Валид, Саъд ибни Абу Ваққос, Абу Убайда Омир ибни Ҷарроҳ ва бисёре аз саҳобагони дигар.

Ба ин тартиб, тарбияи исломӣ бар асоси барномаи илмӣ ва шартҳои он бояд барои дарки равон ва хислатҳо, омӯзишу муроқибати онҳо ва омӯзишу муроқибати марҳилаҳои рушде, ки нафсҳо аз сар мегузаронанд ва ба он чӣ аз асарпазириҳову алоқаҳо рӯбарӯ мешаванд, истифода шавад. Корбурди услуби илмии муназзам дар арсаи барномаи тарбияи исломӣ ва услубу воситаҳои дурусти он аҳволи ноҷури ин тарбияро тағйир дода, воқеан, ба мактаби илмие табдил медиҳад, ки дорои ғояҳову ҳадафҳо ва мақсадҳои ошкору баргузидаи исломӣ ва соҳиби воситаҳову барномаҳои таъсиргузору ҷонноки худ бошад, ки дар зиндагии воқеии иҷтимоӣ ҳадафҳову намунаҳо ва наслҳоеро, ки барои эҷоду омоданамоии онҳо барои зиндагӣ ва идораи ҳастиву ғамхорӣ ва ва ободкории он талош меварзад, амалӣ гардонад.

Вуруди дуруст ба тарбияи исломӣ бо услуби тарсониданy даҳшатафканӣ ва фарогирӣ бо тарс нест, балки бо услуби

дӯсториву хоҳишмандӣ мебошад. Ин услуб бо муҳаббати Худованди офарандаи ҳаққи меҳрубон ва рағбат доштан ба он аз накуиву ҳақ ва адл дӯст медорад; бо муҳаббати зиндагӣ ва масъулияти мусулмон дар он, ба гунае ки Худованд онро ҳамчун хилофати неку ҳақ, адлу ислоҳ ва рағбат ба коре хостааст, ки масъулиятро адо мекунад; муҳаббат ба муборизаи холисона барои иҷроиши рисолат ва эътимод ба он; бо муҳаббати лиқои Худованди ҳаққу дӯстдоштанӣ ва дидори муборaки ӯ дар хонаи охират, ки хонаи пурфайзу манзили муъминони амалкунанда аст, оғоз мешавад.

Вақте хурдсол ба синни рушду булуғ ва ҷавонӣ ва уҳдадориву масъулият расад, мураббӣ ӯро насиҳат намуда, ӯро бо пайомадҳову масъулиятҳо ва самараи корҳо ошно созад, то ҳисси масъулияту рафтори наку, устуворнафсӣ, хубадоӣ, эҳтироми ҳуқуқҳо, бузургдошти арзишҳо ва талош дар замин бо адлу ислоҳнамоӣ дар сиришти ӯ ҷо гирад. Ба ин тартиб, дар сохтори сиришти мусулмон маонии муждадиҳиву барҳазарсозӣ рушд ёфта, неруи баргузида ва фаъолу мураттаб эҷод шавад ва дар якҷоягӣ инкишоф ёбад.

Дар риштаи тарбия аҳамияти такомули ғояҳои исломӣ ва самтгириҳои ваҳйу ҳадафҳои онро бо аҳамияти талошҳои назари илмӣ ва пайгирии ақлӣ дар майдони омӯзишҳои иҷтимоӣ ва саъй дар ин ҷода барои дарки сириштҳо ва хислатҳое, ки Худованд дар нафсҳо гузоштааст, баробар мешуморем. Зеро омӯзиши илмии сиришту хислат ва ҳамбастагиҳои инсонӣ воситаи муассире дар амалисозии ҳадафҳо ва ғояҳои Ислом мебошад.

Таҷрибаи андешаи исломӣ дар асрҳои ахир дар робита ба ҳақиқати тарбияи исломӣ моро ба он далолат мекунад, ки танҳо мақсад гузоштани накуӣ басанда нест, балки шинохтани роҳҳое, ки тавассути он ба сӯйи амалисозии он накуӣ меравем, бароямон ҳатмӣ мебошад.

Шояд ёд намудани ин нукта муҳим бошад, ки ҳатто пас аз гузаштани даврони хилофати рошидин, кӯдакони Қурайшро мебинем, ки ба бодия фиристода мешуданд, то дар он ҷо бо

сифатҳои бодиягии он давраинаи араб ороста шаванд. Таъсири тарбияи бодиягиву бодиянишинӣ ва тарбияи хурдсолон дар бодия танҳо ба бадан вобаста набуд, балки ба осори равонӣ низ бастагӣ дошт. Дар натиҷа хурдсол озоду неруманд ва ба гунае ки дар он марҳилаи ибтидоии сохту бофти равонӣ ҳеҷ банду занҷире ва тарсу фишоре рушди неруву тавоноӣ ва шуҷоатмандиашро монеъ шавад, бузург мегашт. Ҳамин гуна равони ӯ неруманду шуҷоъ ва нотарс ба воя мерасид. Ҳамаи подшоҳону амирон дар асрҳои сохтори давлат ва тамаддуни исломӣ барои омода намудани фарзандонашон ва созгор намуданашон барои ҳукмронӣ тамоми ниёзҳои неруву ташаббускорӣ ва шуҷоатро ба кор мебурданд, вақте асоси сохтори равонии фарзандонашон комил шуда, бо сифатҳои волову дилхоҳ ороста мешуданд, онҳоро ба шаҳрҳо ва мактабҳо меоварданд ва назди муаллимону мураббиён ва муаддибон мегузоштанд, то аз навъҳои гуногуни маърифат бархӯрдор шаванд ва омӯзаҳои насиҳату роҳнамоӣ ва адабдиҳиву расидагиро аз худ намоянд. Ба ин гуна тарбияашон комил шуда, дар дараҷаи олӣ бо тавоноиву шаҳомат ва иззатмандиву дониш ороста гарданд.

Муҳим аст, ки дар оғози илми тарбияи исломӣ пажӯҳандагон равиши Паёмбар (с)-ро омӯзанд, вале на ба таври умум дар суханону роҳнамоиҳояш барои уммат, балки аз ҳар сухани ӯ (с) фаҳми дуруст намуда, далолати дурусти он суханро донанд ва суханро рӯякиву дур аз маънову далолати дурусташ нагиранд. Пажӯҳандагонро мебояд, ки равиши илмии ӯ (с)-ро, ки дар рафторҳояш бо хурдсолони фарзандонаш ва фарзандони мусулмонон анҷом медод ва он чӣ аз Паёмбар (с) дар мавриди корбарии муҳаббату меҳрубонӣ ва сабру хештандорӣ дар тарбияву рафтор бо хурдсолон ривоят шудааст, мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Аз Паёмбар (с) ҳаргиз ривоят нашудааст, ки дар тамоми умр хурдсолеро зада бошад, балки ӯ (с) дар ҳама сурат аз задан ба рӯ манъ менамуд, чунки дар он таъсире бар сохтор ва неруи равонӣ вуҷуд дорад.

Воқеан, бо аз нав гирифтани гузоришҳои услуби барномаи тарбиявӣ ва пойдорӣ дар он тавассути ҷустуҷӯ ва пажӯҳишу фаҳми илмӣ бояд он (услуб)-ро дар ҳама арсаҳои тарбияививу таълимӣ ба инобат гирем, чунки бо ин метавон мувофиқ ба тавоноии ҳар кӯдаку дар кадом марҳила қарор доштани ӯ хонишу мутолиаро интихоб кард ва барои ӯ аз оёти қуръониву суннати ноби набавӣ чизе пешниҳод намуд. Бояд мо таъсири равонии хонишҳову мутолиаҳо ва раҳнамоиҳоро ба инобат гирем ва танҳо ба арзиши забониву адабӣ ё маонии волое, ки дар бар дорад, таваҷҷуҳ нанамоем. Зеро асоси тарбия дар ин марҳила таъсири равоние мебошад, ки аз услуби паём: ташвиқ ё тарсовар, давобахш ё ситеза будани он ҳосил мешавад. Ҳатто метавон ҳадафи тарбия ва роҳнамоиро дар сатҳи равониву зеҳнӣ ва ақлӣ бо назардошти марҳилаҳои рушди хурдсол амалӣ гардонем.

Байни мафҳуми мусбат, муҳаббату қаноат дар сохтори ҳастии равонии хурдсол ва мафҳуми тартибдароии сулук ва сохтори равонӣ таноқузе вуҷуд надорад. Зеро тартибдарорӣ ва низом услуб ва рафторест, ки хурдсол бо омӯзишу одатнамоӣ ва мисолу тавоноӣ аз худ месозад ва ин (услуб) ангезаҳои сиришти мусбатро дар талаби кору комёбӣ ва рағбат ба ризоияти нафареро ёфтан, ки дӯст медораду эҳтиром менамояд, мусоидат мекунад. Ин ҳама мафҳумҳо ва воситаҳое мебошанд, ки бо мафҳуми муҳаббату ҳавасмандсозӣ ва ташвиқ, ҳамчун асоси тарбияи кӯдак ва эҷоди мавқеъу дидгоҳи ӯ ба зиндагиву ҳастӣ ҳеҷ гуна таноқузе надоранд.

Набояд муҳаббатро ҳамчун талаф кардану нозпарварӣ ва таҳдиду тарсониданро барои тартибу низом кумакрасон шуморид. Зеро чунин фаҳме хато ва услуби нотавон аст. Он чӣ мо ба он таваҷҷуҳ менамоем, ин муҳаббату низом дар якҷоягӣ ва бо услуби дурусту саҳеҳ мебошад. Ин услуб рағбату тавоноӣ ва басандагӣ дар якҷоягӣ мебошад. То мо имконият ёбем, ки фарзандони умматро аз рӯҳияи амалкарди гурӯҳи муваффақ ва он чӣ аз эҳтирому қадрдонӣ ва неруву басанда-

гӣ, ҳамбастагиву кӯшоӣ ва низому ҳамкорӣ ва озодиву озодагӣ дар он таҷаллӣ мекунад, бархӯрдор гардонем.

Муҳим аст, ки имрӯз пешвоёну донишмандон, мураббиёну ғамхорони ин уммат дарк созанд, ки вазифаиислоҳӣ ва тарбиявие, ки ба он бархӯрд менамоянд, дар баъзе мавридҳо аз вазифаиислоҳӣ-тарбиявие, ки Паёмбар (с) дар давраи зуҳури Ислом ба кор бурда буд, фарқ дорад. Ба ин маъно, ки Паёмбар (с) ба қавме хитоб намуд, ки бисёр бахшандаву неруманд буданд, аммо иллаташон дар сахтдилӣ, дуруштӣ, таассубгароӣ ва ҷаҳлгароӣ буд. Аммо уммати имрӯз уммати ба бемориҳои нотавонӣ гирифторшуда, ҳолати пасти равонӣ дошта, интишори сифатҳои хориву ситам, нобоварӣ, надоштани рӯҳияи ташаббускорӣ ва дилсардӣ аз зиндагиву хилофат мебошад, ба гунаи Бани Исроил, ки аз бардагӣ ва зулми дасти фиръавнҳо дар мусибат буданд, то он ки рисолати Мӯсо ба ислоҳу озоднамоии равонҳои онҳо бо эҷоди насли озоде дар биёбони Сино пардохт, ки бо шуҷоату тавоноӣ ороста гарданд ва ба Сарзамини муқаддас омада, ҷомаеро дар Ислому тавҳид ва рисолат бар по доранд.

Инчунин, ба инобат гирифтани ин нукта муҳим аст, ки уммат бинобар заиф шудани фикру нотавон гаштанаш аз пайгирии рӯйдоду дарку фарогирии муқовиматҳои он ва тақдими ҷойгузинҳо барои таомули дуруст бо он ба бемории расмиятгароӣ ва дарк накардани гавҳару зоҳирпарастӣ гирифтор гаштааст. Чунончи Бани Исроил ва пешвоёни мазҳабиашон ба чунин бемориҳое гирифтор шуда буданд. Масалан, агар нодоре дуздӣ мекард, бар ӯ ҳукм (ҳад)-ро ҷорӣ мекарданд, аммо агар дорое медуздид, ба ӯ коре надоштанд. Аз ин рӯ, Исо ба сӯйи Бани Исроил фиристода шуд, то онҳоро боз ба тарафи гавҳар ва фазои мусбати муҳаббату таваҷҷуҳ ва ғамхории холисона дар бинои равонҳо барад, то инсон аз рӯйи ҳақиқат дар хилофату таваҷҷуҳ ба коинот ва ободии замин саҳми худро гузорад.

Вазифаи ислоҳӣ-тарбиявии имрӯз ин тарбияи мардуми тавоно ва ба камол расонии онҳо нест, балки ислоҳи умма-

ти бемору нотавонест, ки сифатҳои тавоноиву ташаббускорӣ, эҷоду пешравӣ, бахшишу ато ва муҳаббату ғамхориро аз даст додааст ва сифатҳои тарсу нотавонӣ, эҳсоси бардагиву зоҳирпарастӣ ва расмияти бо гузашти асрҳои ҷудоиву бедодӣ ва заъфи фикриву ақибмондагӣ бамайдономада дар он рушд кардааст.

Донишмандони мусулмони тарбия бояд вазифаи худро хуб дарк намоянд ва барои сохтани назарияи илмии тарбияи исломӣ, ки нишонаҳову ҳадафҳо ва услубҳояш ошкор бошад, даст ба кор шаванд. Хусусан, онҳо дар он чӣ ба хурдсол пешкаш менамоянд, бояд фарқияти хусусиятҳои ақлиро аз хусусиятҳои равонӣ дарк созанд; хусусиятҳои равонии уммат ва чӣ гуна ислоҳнамоии онро тавассути маъмурияти барномавӣ ва тарбиявӣ дарк намоянд, бо доштани ин яқин, ки ҳар чизе барои наврасону ҷавонон мувофиқи синни рушдашон пешкаш шуда, самараи хубе медиҳад. Ин нукта на фақат дар арсаи идроки ақлӣ, балки пеш аз он дар арсаи таъсиргузории равонӣ ба ҳар чизе, ки ба онҳо пешниҳод мегардад, аз қабили дарсҳои ақидаву адабу таълим ва омӯзиш ба кор бурда мешавад.

Зарур аст, ки дар партави он чи ваҳй аз хусусиятҳои рӯҳиву маънавӣ ва модии инсон кашф мекунад, равоншиносон ва ҷомеашиносони мусулмон талошҳои худро дар ҷодаи исломинамоии равоншиносӣ ва ҷомеашиносии исломӣ вусъат дода, харитаи умумиеро аз тасаввури исломии равони инсонӣ ва ҷомеаи инсонӣ тарсим намоянд ва мураббии мусулмонро барои истифодаи ин талошҳо водор созанд, то кӯшишҳои ӯ мувофиқ ба дарки комили хислати сиришти равони инсонӣ, марҳилаҳои рушди он ва чигунагии тарбияву кор намудан бо он бошад.

## 5.2. ИСЛОМ ВА ИЛМҲОИ СИЁСАТШИНОСӢ

Сиёсатшиносӣ дар мавриди омӯзиши падидаи сиёсӣ, авлавиятҳои уммат, куллиёту дастгоҳҳои умумӣ ва услубҳое, ки тавассути он интихоби роҳбариятҳои сиёсӣ, амалӣ кардани барномаҳо ва хоҳишҳои умумии фарогири сиёсӣ барои умма-

ат, таъсиси низомҳову қонунҳо ва қонунгузориҳои уммат ва идоранамоии абзорҳо, равонасозии неруҳо ва имконияҳои он баҳс менамояд.

Интихоби роҳбариятҳо, амалӣ кардани авлавият, ризоият ва қонунгузориҳо, раҳнамунии неруҳо ва азнавсозии сохтори ташкилотҳои умумӣ ва мушаххас намудани вазифаҳои онҳо масъалаи ҳаётии уммат ба шумор меравад, ки аз як тараф ба арзишҳову асосҳо ва ризоиятмандиҳову раҳнамоиҳои асосии уммат такя мекунад, ки ба он метавон ҳамчун ҷониби идеологӣ ва қонунӣ ишора намуд, аз тарафи дигар ба имкониятҳои уммат ва неруҳои моддиву маънавӣ ва тамаддунии он, захираҳо ва шароити тарбияи фарзандони халқ, инчунин, ба бархӯрдҳо ва шароити хориҷие, ки онро иҳота кардааст ва неруҳои миллатҳо ва халқиятҳое, ки бо онҳо бархӯрд менамояд, бастагӣ дорад.

Омӯзиш ва фаъолияти сиёсат атрофи дарки унсурҳову робитаҳо, пай бурдани осору пешниҳоди роҳҳалҳову тасаввуроти муносиб оид ба фаҳми он ва ҳамгом будан ба дигаргуниҳову рӯйдодҳои навпайдое чарх мезанад, ки барои уммат иттиҳоду рушд ва қудрати истиқрор таъмин менамоянд.

Ба ин тартиб, низомҳо, конунҳо, тасмимоту қонунгузориҳои вижа ба ҳаёти сиёсӣ ва ҳаёти муваффақи умумӣ аз конунҳои пешрафтае намояндагӣ мекунанд, ки барои рушди уммат, кори муштараки самаранок барои ҳама афроди он, ширкат дар таъйини масири созандаву ободкории он (дар ҳудуди имкониятҳо) имконият фароҳам оварад, ҳамзамон, бо созгорӣ бо ормонҳову улгуҳои он дӯш ба дӯши талошҳо барои пазироии ниёзҳо, пешгирии рахнаҳо, дифоъ аз арзишҳо ва ба пеш тела додани чархаи ислоҳу эҷоду ободкорӣ амал кунад.

Намунаҳои таърихи Ислом ҳарчанд ба худии худ ғояе маҳсуб нашавад ҳам, вале маҷмӯаи муҳимми дарсҳоеро фаро мегирад, ки омӯзишҳои сиёсии исломӣ ба он таваҷҷуҳ менамояд. Ин намунаву конун ва низомҳо дорои ҷойгоҳ, сифати таърихӣ, шароити хос ва дастовардҳои тамаддунӣ мебошанд. Ба мисли ин чорчӯб метавон барои омӯзиши сиёсати исломӣ

аз ибратҳои баргирифта аз дарсҳои таърихӣ истифода намуда, ба рушду инкишоф ва амалигардонии мақсадҳову ормонҳо ва ҳадафҳоро беҳтар аз он чӣ дар вазъияти дохилӣ ва шароити хориҷӣ имкони шудан дорад, идома дод.

Инчунин, муҳим аст, ки дар омӯзиши илмии сиёсати исломӣ оид ба низомҳои таърихии исломӣ нақши ташкилотҳои расмию ғайрирасмӣ ва он чӣ ҳар яке аз онҳо дар амалисозии осори таърихии намунаҳо анҷом додаанд, ба инобат гирифта шавад, то донистани сабабҳое, ки ба сарнавишти он низомҳо оварда расонидааст ва хулосагирӣ аз дарсҳову ибратҳои мусбату манфӣ дар ҳама сурат имконпазир гардад; то имкони мушаххас намудани роҳи уммат ва бозпасгардонии он ба эҳсоси дастаҷамъиву тавоноии афроду мардумон дар кори муштарак пайдо шавад; то сохтору бофти азнавсозии дастгоҳҳову конунҳо ва сиёсатҳои умумие, ки барои уммат ҳамкориву ҳамдилӣ ва амалро таъмин месозанд, имконпазир гардад.

Аммалисозии маънои уммат ва бунёни ҳастии он танҳо вақте сурат мегирад, ки уммат дар ростои бунёд ниҳодани ташкилотҳои сиёсие, ки бо вазъияту арзишҳои он созгор аст, имконият дошта бошад ва фарзандони онро имконият диҳад, ки дар бунёну амалисозии ҳадафҳои он саҳмгузор бошанд.

Муҳим аст, дар сохтори андешаи сиёсии худ дарёбем, ки нухбагони уммат ва чигунагии ташкилотҳое, ки ба амалисозии онҳо қиём мекунанд ва чигунагии иҷроише, ки аз онҳо бармеояд, пеш аз ҳама, ҳақиқати андешаи уммат ва асоси равонии онро инъикос менамояд. Ҳеҷ идораву ташкилотҳои сиёсии умумӣ наметавонад барпо шаваду боқӣ монаду идома диҳад, магар ин ки ба чигунагии асосу андешаи уммат, ки сохтори воқеии равониву фикрӣ онро ташкил медиҳад, созгор бошад. Аз ин рӯ, вақте роҳи сиёсӣ, чигунагии идораву ташкилотҳо ва услуби амалкарди умматро ислоҳ кардан хоҳем, (бояд донем, ки ин), дар чигунагии андешаву тарбияи равонӣ, кайфияти ақидавиву иҷтимоӣ ва сиёсие нуҳуфтааст, ки барои фарзандонамон талқин месозему онҳоро ба он гуна омӯзиш медиҳем. Воқеан, режиму ва роҳбариятҳо танҳо воқеияти

андеша ва ҳолати равонии умматро инъикос мекунанд. Режимҳо наметавонанд сифат ва амалкарди худро дигаргун созанд, модоме асосҳо, фикр, ҳолати равонӣ ва арзишҳое, ки уммат тасаввур кардааст, дар асоси он низому ташкилоти он ба майдон меоянд ва онро дар сиёсатҳову фаъолиятҳо инъикос месозад, тағйир напазиранд. Аз ин рӯ, ҷойи гурезе аз ин нест, ки агар ислоҳи режимҳову ташкилот ва амалкарди нухбагону ҳукуматҳоро мехоҳем, пас, бояд пояҳоеро, ки ин низомҳо дар зеҳну фикр ва ҳолати равонии уммат бар онҳо истодааст, тағйир диҳем.

Ташкилотҳо ва роҳбариятҳои сиёсии мусбати тавонои раҳнамуни пойдор ҳамонҳое ба шумор мераванд, ки уммат дар мавриди онҳо тасаввури мусбат, ҳадафҳову мақсадҳои бузурги ягона ва навъе аз бинои равоние дошта бошад, ки барои маонии мусбат ва эҷодкории тамаддунии пешоҳанг имконият медиҳад ва зиндагии умумиро барои узвияти иҷтимоии ҳар яке аз фарзандони уммат дар чорчӯби ҳудудҳои пешниҳодшудаи мусбати озодиҳову ҳуқуқҳои инсон бар по созад.

Воқеан, зиндагии сиёсии исломӣ бояд ба уммате такя намояд, ки дар маҷмӯъ фикри салим, ҳолати равонии тавонову устувор, дидгоҳи дурусти тамаддунӣ дошта бошад ва саранҷом роҳбарияту ташкилотҳои сиёсӣ бо фаҳми дурусти аҳволи уммат ва машварати пухта оид ба сиёсати он ба боварии уммат ва ҳамкории афроди он дар идораи корҳо эътимод намояд.

Бояд масъалаи фикри сиёсии исломӣ ва тарбияву бофарҳангнамоии равону андешаву сиёсати фарзандони уммат ва ҷавонони онро бознигарӣ намуд, ба гунае ки ин фикру тарбия дидгоҳи ақидавиву равонӣ ва равиши дуруст, дарки табиати ҳаёти сиёсӣ ва ҳадафҳои асосие, ки бар он муроқибат мекунад, фаҳми мавзӯии ташкилотҳои сиёсии таърихӣ, ҳадафҳои пешгирифта, комёбиҳо ва сабабҳои костагиву нокомии ба он расидаро инъикос намояд.

Бояд омӯзиши илмии сиёсат дар бозгардонидани офияти уммат, эҳсоси дастаҷамъӣ, тавоноии кор ва амалкарду равонасозии дастаҷамъӣ ба мо мусоидат намояд. Инчунин, дар бо-

згардонии ҳаётӣ будани ташкилотҳои сиёсӣ ва самтгириҳои исломии онҳо ва мавқеъгирии роҳбариятҳои сиёсиву пойдории исломии онҳо кумак намояд ва ин роҳбариятҳо мавриди боварии уммат, дастгирии он ва баёнгари иродати он гардад. Ин омӯзишҳо ба фарзандони уммат дар дидани роҳашон барои иҷрои нақшҳо, амалисозии маънои вуҷуд ва дар расидан ба ниёзҳои сиёсиву иҷтимоияшон бояд мусоидат намояд.

Воқеан, дарки маънои ҳаёти сиёсиву равишҳои дурусти он ва дарки маънои тарбияи равониву фикрию ақидавӣ ва равишҳои дурусти он ҳамчун ду калиди асосие барои бозгардондани беҳбудии уммат, бозгардонии ҳувият, тавоноӣ ва поягузории тамаддуни созандаи он ба шумор меравад.

Барои фикри сиёсии исломии муосир муҳим аст, ки, пеш аз ҳама, ба дарки падидаи сиёсӣ, бофарҳангсозӣ, рушд, чира шудан ба равиши расмии қонуние, ки бар он пирӯз шудааст, роҳ ёфтан дар пасманзари расмиёти қонунӣ ба гавҳари эҷоди рушду тобеият ва фармонбардории фарзандони уммат, ниҳодани марз барои заъфи эҳсоси дастаҷамъӣ ва заъфи тобеияту фармонбардории сиёсӣ дар сафҳояшон таваҷҷуҳ намояд.

Бояд амалкарду сохтори дурусти фикри сиёсӣ ва ташкилотҳои сиёсии исломӣ фарзандону мардумони ин умматро аз он нотавониву забуние, ки дар он дарафтодаанд ва равони онҳоро ҳамгуни равони бардае гардонда, ки иродаи озод ва кори мустақилонаи худро аз додааст, наҷот диҳад. Бояд пешвоёну тарбиятгарон ва падарону донишмандон барои фарҳанги тарсонидани равонӣ-фикрӣ марзе гузоранд. Зеро фарҳанги тарсонидани равонӣ-фикрӣ мафҳумҳои бандагии Худо, фармонбар сохтани равонҳои исломиро дар баробари ҳақиқати ниҳодашудаи маонии накуиву адл, бузургии пайравии дурусту амалисозии шахсияти волоро ба мафҳумҳои худбузургбине табдил дода, ки дар бардагӣ, хориву забунӣ, ҳақирӣ, беиродатию нобоварӣ, тақлиди заъфу оҷизӣ ва хорӣ таҷассум мегардад. Дар натиҷа, маонии бузургии имон ба ҳақ ба тарси таҳқиромез, нотавонии нанговар ва хавфу ситами забуновар табдил гашт.

Бояд яқин дошта бошем, ки фикри дурусти исломие, ки Паёмбари Худо (с) ва саҳобагон корбурд менамуданд, фикри бузургию виқоре буд, ки сифатҳои ҳаққу хайр, гиромӣ доштану фидокорӣ ва маонии хилофату ислоҳро таҷассум менамояд. Аммо забуниву хорӣ танҳо сифату уқубат ва подоше дар мавриди куфру такаббур, саркашию носипосӣ ва талош ба сӯйи фасоду худхоҳӣ ва гумроҳӣ буд.

Пастравии амалкарду қафомонии сафҳо, хориву забунӣ дар муқобили душманону бим доштан аз онҳо, гирифторӣ ба тамаъу фиреби онҳоро хӯрдан, шиканҷаи бархе бо дасти бархе дигар ҳолатест, ки уммат ба он расидааст ва ин танҳо эҳсоси тарсу бим ва бардагиву хории равониро инъикос менамояд. Инчунин, фикри бемору сохтори ноустувори равонӣ, ки аз ҳолати равонии бемор бархостааст, ба он илова мегардад, ҳамон фикри ишколтароше, ки дар зери маонии забуниву хорӣ, дар равони бандагону дар хислатҳои бардагӣ нуҳуфтааст.

Дар ростои омӯзишҳои илмӣ-сиёсии Ислом бояд байни дастури ваҳй ва байни иҷтиҳодоти омӯзишҳои академӣ ва байни қарорҳои қонунгузории пуёи иҷтимоӣ-сиёсӣ фарқ гузошта шавад.

Зеро ваҳй ҳамонест, ки Худованд нозил кардаву Паёмбари гиромиаш (с) он дастуру роҳнамоиро бе каму кост расонидааст. Аммо қонунгузории пуёи сиёсӣ-иҷтимоӣ ин нигоҳ ба дин аз ҷониби пешвоёни уммат, мавқеи он дар мавриди масъулияти амалу идомадиҳӣ ва чанг задан ба нақшае мебошад, ки ба устуворӣ дар дин ва ҳадафҳову ғояҳои дин такя менамояд ва ин ҳама бо як диди амалӣ ва фикри илмӣ ба воқеияту тавоноӣ ва ризояти он татбиқ мешавад. Вале қонунгузориҳои пуё қонунест баргирифта аз ашхоси уммат дар амалкарду рафторҳои умумӣ ва фаъолияти рӯзмарраи ҷамъиятиашон. Ва ин вуҷуди ризоятҳои инфиродиеро, ки дар ин ё он бахш бо ризоияту дидгоҳи сиёсӣ ва ҳамагонию пешравандаи уммат мувофиқ нест, монеъ намешад, аммо уҳдадории ҳатмиро дар робитаи конунҳову қонунҳои ҳамагонӣ ва корбурди талаботи

он дар додугирифтҳову рафторҳои ҷамъиятӣ тағйир намедиҳад, магар ин ки худи ҳамон ризоиятҳову қонунҳо тағйир пазирад.

Аммо омӯзишҳои академии андешамандону донишмандон ва пажӯҳишгарон ҳарчанд дастури ваҳй ё қонунҳои сиёсиву фаъоли уммат набошад ҳам, сарчашмаи сарвати фикри уммат, бузургдошти дидгоҳу тавсеабахшии онро ҳангоми нигоҳу санҷиш ва омӯзиши риштаҳои гуногуне, ки дар он қонунгузориҳои пуёи сиёсии қонунӣ аст, ташкил мекунад.

Ихтилофи дидгоҳҳои пажӯҳишгарону донишмандон дар мавриди раъйу арзёбии қонунгузориҳои ҳамагонии сиёсӣ-иҷтимоӣ ва пуё аз қадри андешаи ҳеҷ кадоме аз ин масъалаҳо чизеро коста намесозад, ба шарте ба он нигоҳи дурусте андохта шавад. Набояд ҳеҷ раъйу дидгоҳе бештар аз далолаташ гирифтаву ҳамчун дидгоҳ ва фикре, ки умматро барои дарку покнамоӣ мусоидат карда, ба нигоҳи ҳаётӣ ва инкишофи бардавоми қарорҳои қонуниву сиёсиаш кумак менамояд, интихоб гардад. Муносибат ба фикри донишмандону андешамандон дар фаҳму покнамоӣ ба ҳамон андозае мешавад, ки уммат ба ҳамон андоза дар гирифтани қарорҳои қонунгузориву сиёсии худ ба гунаи тасмимгирии расидаи мувофиқ ба ризоиятҳои воқеӣ ва дидгоҳи фарогири он имконият додошта бошад. То қарори қонунгузории иҷтимоӣ-сиёсӣ ва пуё баёнгари ризояти ҳамагониву салоҳи волои исломии уммат бошад, ҳарчанд ҳамвора ба ниёзе, ки як нафар ё гурӯҳе дар назар дорад, мувофиқат накунад, сарфи назар аз он ки онҳо дар назди уммат ҷӣ ҷойгоҳи мухтараму ҷӣ қадр доранд.

Ба ин тартиб омӯзишҳои академӣ сарчашмаи андешаву манбаи ҳикматро ташкил медиҳад. Аммо қонунгузориҳои сиёсӣ-иҷтимоии пуё дар бархӯрд бо ниёзҳои воқеӣ ва дигаргуниҳои муҳитиву мулоҳизаҳои илмие, ки уммату пешвоёни онро иҳота кардаву маҳз дар ростои он қарорҳову тасмимоти зарурӣ гирифта шавад, ҳамчун далели фаъолияту пешравандагӣ ва ризояти уммат боқӣ мемонад. Ба ин гуна дарк карда метавонем, ки расидагиҳои қаророти сиёсӣ-қонунгузорӣ аз

расидагиҳои омӯзишҳои холиси академӣ фарқ дорад ва таъсироте, ки пешвоёни сиёсӣ мавриди фишори он қарор мегиранд, аз шароити амали фикрӣ-академӣ тафовут мекунад. Ҳар соҳае аз соҳаҳои ин ду расидагиҳои худро доранд, ки бе бими бархӯрду таоруз ё тамоюлҳои фурсатталабиву гуногуннавъӣ бо вуҷуди якдигарӣ комил мешаванд.

Хулоса, дар партави сурати бузурги масири уммат бояд дарк намоем, ки ҳама унсурҳои таҷассумёфта дар фармудаи ваҳй, натиҷаҳои омӯзишҳои илмӣ-академӣ ва қарорҳои қонунгузориҳои сиёсӣ-иҷтмиоии пуё дар таъсири ҳамдигариву комилнамоии якдигарӣ қарор доранд, то ақлу замир ва масири таърихии умматро ба сӯйи ҳадафу рисолати Ислом равона созад. Ҳама гуна таҳрик барои бархӯрди ин унсурҳои ташкилкунандаи андешаи уммат аз бардошти нодуруст дар мавриди конуни ҳар яке аз он ва нақши он дар эҷоди воқеияту масири уммат дар гузари ҳаёту таъри сарчашма мегирад. Дар ҳоле ки чунин илтибосу бардошти нодуруст андешаи умматро заиф, бунёди онро баҳамрехта ва тавоноиву фаъолияташро нобуд месозад.

Воқеан, муҳимтарин вазифаҳои донишмандони омӯзишҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва исломӣ ин аст, ки пояҳои ниҳоду фикри уммат, услуби таомул ба он дар соҳаи сохтори қонунгузорӣ-танзимӣ, бархӯрд бо муқовиматҳову дигаргуниҳоро ба гунае мушаххас намояд, ки сохтори идоравиву қонунии уммат осеб напазирад, балки истеъдоди сиёсию қонунгузорӣ ва танзимӣ ба сурати илмии фаъол ба амал бароварда шавад.

Маълум аст, ки созмонҳову ташкилотҳои ғарбиву шарқӣ барои ибрози сулҳомези ниёзҳои сиёсии уммати исломӣ дархӯр нестанд. Зеро уммати исломӣ баръакси ин умматҳо ҳаққу адлро воҷиби муқаддас мешуморад ва ҳаққу ҳақиқатеро, ки дар ваҳйу сиришт ва ақл эҳсос менамоянд, воқеияти беназир дониста, барои расидан ва ороста шудан ба он талош меварзад; машваратро барномаи бунёдие дар расидан ба он ҳаққу ҳақиқат талаққӣ мекунад ва дар воҷиб намудани ҳаққу ороста шудан ба он роҳи дурустеро барои амалисозии манфи-

ати ҳамагонӣ, ба вижа ба маънои исломии он мебинад. Ба ин гуна бархӯрду қолабгароии ҳизбии ғарбӣ мафҳуми ҳақиқати бунёдӣ ва динамикии шӯрои исломиро таҷассум карда наметавонад. Чунончи ҳукмрониву зимомдорӣ ва худкомагӣ ба шакли режимҳои марксистии шарқӣ, ки на ба гунаи шӯрои уммати исломӣ, балки аз ҷониби нухбагон пеш меравад, аз дини Ислому низоми он ба куллӣ дур мебошад.

Вазифаи андешамандон ва пажӯҳишгарони сиёсӣ-иҷтимоии мусулмон аст, ки пажӯҳиши худро дар мавриди решаҳову роҳҳалҳо ва асосҳое, ки тамаддунҳову умматҳо бар пояи онҳо қарор гирифтаанд, амиқтар намоянд, то фарқиятҳову бозтобҳои онҳоро бар режимҳову амалкардҳо ва дастовардҳо дарк карда шавад.

Зеро умматҳову тамаддуни ғарбӣ дар воқеияти кунунӣ, аслан, бар пояи ақлгароии моддӣ қомат афрохтаанд. Аммо ҷониби арзиши маънавӣ-динӣ ҳамон боқимондаҳои меросу анъанаҳоест, ки ба сабаби дар асрҳои миёна дар баробари тамаддуни исломӣ неруи нисбӣ будан ва ба хотири пайванд хӯрданаш ба ниҳоди ин умматҳо, ки бинобар ворид намудани ислоҳот ба дину калисо, камранг гардида буд, аз ин ақлгароиҳо раҳоӣ ёфта натавонист.

Дар партави ин моддигароии ақлӣ режим (низом)-ҳои фардгарои демократие ба майдон омадаанд, ки идеяи бештари парлумонро ҳамчун беҳтарин шакли амалисозии андешаву мақсад ва хоҳиши ҳампаймонони худ мешуморанд. Ба ин тартиб, қарори демократӣ қарори аксарият барои манфиати ҳампаймонони худ буда, намегузорад, ки ҳокимият бар ақаллият то марзи бесуботиву инқилоб ва норозигӣ бурда расонад.

Марксизм ҳамчун ҳаракати ислоҳотхоҳи ғарбӣ ба майдон омад ва вақте ақли инсониро ҳамчун худо шуморида, динро инкор ва бехудоиро ба таври аланӣ ошкор намуд, инсонро ба моддигароӣ ва талабу талоши ҷиддӣ намудан дар ин росто во дошта, иқтисоду ниёзҳои моддии инсонро мақсуду масири зиндагиву таърихи инсон қарор дод ва роҳҳалҳои тамаддуни

ғарбиро ба болотарин ҳадаш расонид. Ба ин васила таърихи инсону ниҳоди он гирифтори ҷабр гашта, дар ӯ маънои иродаи инсонӣ аз байн рафт ва ин муҷиби қиём намудани режимҳои худкома ва идораи ҷамъияти инсонӣ ҳамчун галаву рама гардид. Ишора намудан ба ин нукта шояд муфид бошад, ки сабаби ҳақиқии буҳрони иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва иқтисодии Ғарб, пеш аз ҳама, ба маҳрум будани Ғарб аз ҳидояту меъёрҳои рӯҳиву ахлоқии ваҳй ва афтодан дар моддигароиву костагии ақл бармегардад.

Ин ҷо ба инобат гирифтани ин нукта зарур аст, ки Ислом дар мабодӣ ва роҳҳалҳои худ аз андешаи ғарбӣ тафовут дорад, чунончи барои инсон абъоди гуногуни ниҳодашро эътироф намуда, ғояи ҳастии ӯро дар зиндагӣ амалкарди озодиаш дар мавриди ихтиёр байни ҳаққу ботил, савобу хато ва некиву бадӣ қарор додааст. Ин сароғоз ва фалсафаест, ки ҳадаф ва ҳақро хориҷ аз ниҳоди инсону иродати ӯ ҳақиқати раднашаванда гардонидааст ва инсонро мебояд онро ҷустуҷӯ ва ба сӯи он шитоб намояд. Аз ин рӯ, мафҳуми ҳукм дар Ислом ҳамгуни ҳукми аксарият (яъне, демократӣ), балки ба маънои шӯрост. Шӯро, яъне машваратнамоӣ ва зеру рӯ намудани дидгоҳ ба хотири шинохт ва расидан ба ҳақиқату савоб ва накуӣ буда, барои инсон такя ба дастурҳои ваҳйу суннатҳои фитрат ва тақозову ниёзҳои ҷомеа пешниҳодҳо менамояд ва аз ҳавову рағбатҳои инфиродӣ, ки ҳақиқату хайрро ифода наменамояд, сарфи назар карда мешавад.

Ҳамин гуна бо мафҳуми шӯро мақсаду роҳҳале дар назар дошта шудааст, ки аз роҳҳалу мақсади демократӣ тафовут дорад, ҳарчанд дар бархе мавридҳо ҳамгуни он ба назар мерасад. Масалан, вақте ҳақиқат зери парда монда, ба қарори иҷмоъ пайдо ниёз мешавад, дар Ислом низ монанди демократия ба идеяи аксарият такя карда мешавад. Зеро аксарият, гумон меравад, ки бар савобанд ва қарори онҳо асоси камтарини сиёсиеро ташкил медиҳад, ки барои иҷрои ҳар қарори ҷамъиятӣ зарур аст. Ташкилот ва низомҳои шӯро бояд инъикосгари табиати шӯро дар мавриди ҳақталабиву хайрхоҳӣ

зимни категорияи ваҳй ва талаботи фитрату суннатҳо бошад ва аз режиму ташкилот ва тасмимоти демократӣ, ки ба худтасмимгирии бархоста аз хоҳишу андешаҳои аъзоёни эътилофи ҳукмрон ва манфиатҷӯии онҳо талош меварзад.

Шояд судманд бошад, бидонем, ки вақте дар яке аз бахшҳои системаи иҷтимоии ғарбӣ, масалан, системаи додгустарӣ ва ҳатто агар системаи судӣ бошад, дониши қаблӣ бо қоидаҳову асосҳои муайян ҳатмӣ мегардад, интихоби ҳукм аз ҷониби онҳо ба таври ҷудогона сурат мегирад. Чунончи тасмимот, абзору тартиботи ин системаро мебинем, ки табиат ва табиати ниёзи худро ба илми қаблӣ бозтоб менамояд. Аз ин рӯ, дар баробари ҳукмронони савгандхӯрда боз зарурати таъйини додгустарони арзанда пеш меояд, то онҳоро раҳнамоӣ карда, паҳлуҳои дастури ба онҳо пешниҳодшударо тавзеҳ медиҳанд, то онро ҳангоми тасмимгирӣ риоя намоянд.

Вақте режими сиёсии Ислом дар сароғозу маншааш аз режими сиёсӣ, демократӣ ва ҳамагонии Ғарб тафовут дорад, пас, ташкилоту тасмимоти режими исломӣ ин табиатро инъикос намояд.

Бояд режими сиёсии исломӣ озодии ирода, озодии ақида, озодии андеша, озодии фаъолияти созмонёфтаи ҷамъиятиро инъикос намуда, ҳамзамон, бояд ризоиятҳои уммат ва уҳдадории идеологии барои ҳамагон хайрхоҳро, ки дар зимни асосҳову арзишҳои ваҳй ва қонунҳои фитрату уҳдадориҳои он омадааст, тавасссути шӯрои дархӯр бозтоб намояд. Вале ин нукта танҳо тавассути пешвоёне амалӣ мешавад, ки аз ҷомеа намояндагӣ менамоядну худ ба таври интихобӣ ба майдон омадаанд. бозтобӣ намояд. Ҳамзамон, бояд роҳбариятҳо огоҳи уҳдадорие дошта бошанд, ки бо истифодаи имкониятҳову ташкилотҳо фаъолияту илм ва самтгирии роҳбариро дар заминаи қонунгузориву ҳукм ва берун аз чорчӯби ҳукму қонунгузорӣ ҳаммонанди судҳову салоҳияти конститутсионӣ роҳнамоӣ созад.

Шояд ин муқаддима аҳамияти дидгоҳи фарогирро дар фаҳми режимҳо ва муқоисаи онҳо ошкор карда, дар тарсими

нишонаҳои бунёдӣ ба мо мусоидат намояд. Масалан, барои андешаронӣ кардан дар мавриди режими бунёдии исломӣ аз таҷрибаҳои дигарон истифода бурда мешавад, аммо на ба таври тақлиди кӯр-кӯрони масири эшон, ки на аз сароғози мо қадам мебардоранду на ба сӯйи ҳадафҳои мо роҳ меҷӯянд.

Пас, режиме, ки дар арсаи фаъолияти сиёсӣ баёнгари рӯҳи исломӣ бошад, кадом аст ва чӣ гуна метавон онро пиёда намуд?

Ҷойи тардид аст, ки режими исломӣ бо шартҳову салоҳиятҳои идеологӣ-қонунии вижаи худ фарқ менамояд, ки таъминоту таҷрибаи амалкардҳояш бо роҳи тарбияву бофарҳангсозӣ ва огоҳии сиёсӣ тавассути фаъолияти режими сиёсии исломӣ ва ташкилотҳои сиёсӣ-қонунгузорӣ тавсеа бахшида шавад. Гузашта аз ин, ташкилоти сиёсии гурӯҳҳои сиёсӣ бояд кофию инъитофпазир бошанд, ба гунае ки машварату таҷрибаи заруриро барои тарсими дидгоҳи исломӣ ва вафодорӣ ба шартҳои иҷроиши он таъмин намояд. Бо назардошти ниёзи амалӣ дар соҳаҳои бунёдии зиндагӣ, бахшҳо ва уҳдадориҳои муҳимми иҷтимоӣ масъулияти зимомдорону шӯроҳо ва қарор афзоиш меёбад.

Дар навбати худ воситаҳои таъбир ва ташкилоти сиёсӣ бояд инъитофпазир (нарм) бошанд, то барои намояндагону роҳбарони сиёсии уммат бо такя бар ризоиятҳои навбанав дар ҳама масъалаҳои муҳим сиёсати созандаро фароҳам оварад. Чунончи ҳизбҳои сиёсӣ дар режими сиёсии исломӣ ба анҷуманҳои парлумоние монанд аст, ки пойбанди шартҳову мавқеъҳои қаблии ҳизбӣ нагашта, амалкарду фаъолияташ ҳамроҳ бо рӯйдодҳо ва бо такя бар ризоиятҳои бунёдӣ ва ҳикмату фаҳм ва равише, ки шӯро вобаста ба шароит ва қарор қабулнамоӣ таъмин менамояд, ба майдон меояд.

Шояд аз муҳимтарин иқдомоте, ки ҳизбҳои ҳоким дар бархе давлатҳои исломӣ анҷом додаанд ва мо умеди рушду комёбӣ ва интишори онро менамоем, ин дар баробари иҷозати ташкили ҳизбҳои сиёсиро намудан бо иқдом ба ҷалби пешвоёни фаъолу неруманди исломӣ ба сафҳояш намуд. Дар

воқеъ, ҳизбҳо аз як тараф бо устувории содиқона дар ислом ва додаҳои вазъияти сиёсӣ ва имкониятҳои он боз аз эҳтимоми мардуму боварии онҳо бархӯрдор мегардад. Ба ин гуна ин ҳизбҳо гурӯҳҳои нухбагони тавонову таъсиргузорро ба сафи худ ҷалб кардаанд, ки дар натиҷаи чунин тасмим қарори сиёсӣ дар баробари ҳама роҳҳалҳову ҷойгузинҳои имкондошта интиъитофпазир ва вокунишпазир гаштааст.

Аз пешравиҳои ҳаёти муосири сиёсие, ки бо кишварҳои пешрафта маъруф гаштаанд, дармеёбем, ки чӣ гуна метавон саҳми умматро дар низомории ҳаёти сиёсӣ ва ҳимояи он аз фасод, сохтани минбарҳои сиёсӣ ва рушди амалкарди сиёсӣ боло намуд, дар ҳоле ки ин истиқлолияти доираҳои сиёсӣ ва бунёдӣ будани қарорҳои онҳоро таъмин намуда, ҳамчун намояндагони мардум ва манфиатҳои ҷамъиятӣ муаррифӣ менамояд. Бояд ин ҳама андешаманд ва қонунгузори мусулмонро барои дар назар гирифтани имкониятҳои бештар дар мавриди системаҳои алтернативие, ки муносиби ниёзи уммати исломӣ, табиати сохтории ақидавии равонӣ бошад, водор намояд, то дигар ҳоҷат ба тақлиду сохтакорӣ боқӣ намояд.

Агар ба афзудани ҳаҷми уммати исломӣ, рушду нумӯ ва интишори онҳо назар намоем, ки чӣ гуна ҷомеаҳои дорои муҳитҳои табииву таърихӣ ва тамаддунии гуногунро дар бар гирифтааст, дармеёбем, ки тақсими масъулиятҳои ҳукмронӣ бо тариқи ҳамбастагии инъитофпазир дар кишварҳои исломӣ бо назардошти қишрҳои гуногуни шаҳру русто ва устону вилоят ба аҳволи имрӯзаи кишварҳои исломӣ созгор буда, раванди сиёсиро аз ҷониби нухбагон осон менамояд ва ширкати ашхоси уммату гурӯҳҳои онро дар бардошти масъулиятҳову пешниҳоди авлавиятҳои муносиб барои раванди сиёсиву иҷтимоӣ чорчӯби беҳтареро таъмин созанд.

Муқаддимоти исломии сиёсатшиносӣ ва раванди сиёсии Ислом бояд дарки хилофатро аз маънои режими таърихие, ки анъанаву қолабҳо ва шаклҳои таърихии онро ба гунае ки дар гузашта уммат анҷом медод, бояд тақлид намуд, ба дарки режими пӯёе, ки амалинамоии ғояҳову мақсадҳоро ҳадаф қарор

додаву бо назардошти манофеи динӣ ва дунявии уммат барои поягузории арзишҳову пояҳои ҳаёти инсонӣ иқдом менамояд, таъмин созад. Бо такя бар ин ҳеҷ монеае вуҷуд надорад, ки режиму тасмимот ва ташкилотҳо бознигарии исломӣ шаванд, то ин дар таъсиси дубораи онҳо барои манфиати миллат мусоидат намояд.

Бештари пажӯҳишгарон ҳадс мезананд, ки хилофат режими сиёсии шахшуда буда, ба марказгардонии ҳокимияту зимомдорӣ такя мекунад, дар ҳоле ки ин фаҳми сатҳие мебошад, ки бояд муқаддасшумориро аз он дур кард. Аз ин рӯ, кадом режиму низоми сиёсие, ки аз ҷониби уммат барпо шудаву барои амалинамоии ҳадафу мақсадҳои исломии динӣ-дунявӣ мавриди ризоияти он қарор гирад, пас, ҳамин фаҳм асоси хилофат мебошад, ки уммат бояд барои амалисозӣ ва сохтани пояҳои он талош варзанд. Пажӯҳишгарон набояд пойбанди шаклҳои таърихӣ бошанд, зеро пойбандӣ ба он аз гавҳару асос дур буда, аз бетаҷрибагиву бефаъолиятӣ сарчашма мегирад ва мафҳумҳоро ба ҳам омехта сохта, дидгоҳро тақаллубӣ мегардонад ва андешаро ба арсаҳои отифаву фантазия суқ медиҳад.

Аз муқаддимаҳои исломии илмҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама, шинохти саҳми ҳадафҳову мақсадҳо ва самтгириҳои исломӣ дар зиндагиву низоми уммат ва дар воқеияти имконияту гуногунии мавқеъҳову манфиатҳо ва нуктаи назарҳо ба шумор меравад. Мафҳуми реализм ва фантазия дар мавриди ин масъала чорчӯби андешаи сиёсии Ғарб мебошад. Мавқеи ин фикр нотавон кардани ахлоқу меъёрҳост, ба ин гуна ки онҳоро зидди воқеияту талабот мешуморад.

Инсони ғарбӣ бинобар офатпазирии ваҳй дар фарҳанги ғарбӣ аз нигоҳи таҳрифе, ки ҳаққу ботилро омехта намудаву эътимод ба далелро аз даст додааст ва дар мизони таомул бо сиришти инсонӣ халал ворид кардааст, дар надоштани абзори ҷаҳонбинии куллӣ маъзур бошад. Вале дар Ислом ҷо барои фантазия нест. Ҳадафу мақсад ва роҳнамоии Ислом бархоста аз иштибоҳоту орзуҳои башар набуда, балки аз хулқу

сиришт ва ҳаққест, ки осмонҳову замин бар пояи он афрохта шудаанд.

Дар ислом муқобилагузорӣ ба гунаи дигар аст: муқобилагузории ҳаққу ботил, хайру шар, ҳидояту гумроҳӣ ва росткориву каҷроҳӣ. Ҳамин гуна дар ҷомеаи исломӣ фантазияву реализм нест, вале ҳаққу ҳидоят ва росткорӣ дар муқобили фасоду каҷроҳиву гумроҳӣ аст. Аҳволу амалҳо бо назардошти насиби нафсҳову ҷомеаҳо аз эҳсоси масъулияту ҷиддияти талош ва амалкарди наку байни ин ду сурат мегирад.

Бе ҳидояту эҳсоси сарнавишт дар анҷоми ҳаққу адл ва хайр барои инсон ба ғайри ангезаҳои шарру гуноҳ ва ситеза чизе боқӣ намемонад. Ростркорӣ дар ҷомеа бе таъсири ҳақ, ахлоқӣ будани ҳадафу хайр ба андозаи бархӯрдории ахлоқи ростиву росткории ашхосу ҷомеаҳо сурат намегирад. Ашхосу ҷомеаҳо барои барпо доштани воқеият, ислоҳи кор ва кам кардани ангезаҳои фасоду каҷроҳӣ ва гумроҳӣ аз ҳаққу хулқ бениёз буда наметавонанд.

Инчунин, фикри муосири исломӣ аз хилофоту шароити замониву маконие, ки нусусу иттифоқотро аз ҷодаи ҳақиқии худ берун намуда, шароити замониву макониро ба хотири майл ва ё ҳадафи зимомдориву сиёсат нодида мегирифт, бояд поккорӣ шавад. Маҳз аз ҳамин ихтилофоту инҳирофот мубориза байни таассуби форсӣ ва қабилагароии арабӣ ва ангезаҳои пирӯзӣ ба оила, насаб, решаи меросбарон оғоз гашта, баҳонае барои кашмакаши зимомдорони араб шуд ва аз як тараф, даъвати Умавиён ва пас аз онҳо қабилаҳои ҷанубро, ки дар сарзаминҳои Шом сукунат намудаву ба он такя менамуданд, қабул намуда, аз тарафи дигар ба кумаки шикастхӯрдаҳои боғазаб аз фарзандони империя ва тамаддуни маъзулшуда аз Форсу фарзандони қабилаҳои шимол, ки дар сарзаминҳои Ироқ сукунат менамуданд, бармехостанд. Инчунин, вақте қабилаҳои араб дар Мадина алайҳи давлатдории садри аввал баромаданд, ҳикмати сиёсӣ барои ба Қурайш хос намудани хилофат ангезаҳои насабу баргузидагӣ ва нусус ба хотири зимомдорону нухбагони сиёсӣ аз шароиту ҳадафҳо-

яш тағйир хӯрданд. Ҳамчунин, нидоҳои хаворичу ҳангоматалабон алайҳи ҳақдорону ҷойгоҳдоштагон ва обрӯмандону қадрдонон ба хотири баробарӣ баланд шуд, ин даъвоҳояшон танҳо алайҳи ҷамоат баромадану парешон кардани ҷамъашон ва дурустхонии ҳараҷу мараҷ ва хилофи соҳибамрону доираҳои маркази сиёсӣ буду бас.

Ба ин тартиб уммати исломӣ ва андешамандони он аз гавҳари тавҳид дар ҳукмронӣ ва маънои шӯро дар бино ва осоннамоии аҳволи уммат дур гашта, ба ихтилофи баъзе нусус ба якдигар ва ба иддаоҳои мутаноқиз ва ба тағйири нусусу ҳодисаҳое, ки дар корвони он иддаоҳо ё дигар ҳамгом буданд, рӯ оварданд. Дар натиҷа уммати исломӣ аз бардошти рисолати ислом ва бинои низому ҷомеаи он нотавон гаштанд.

Исломӣ будани зиндагии сиёсӣ ба маънои исломӣ будани тасаввур, тарбия ва исломӣ будани қоидаву роҳбарӣ ва басомондиҳиву тасмимҳо мебошад. Исломӣ будан ба маънои пойбандӣ ба арзишҳои бунёдию ҳадафҳои исломӣ, барномаи шӯрои дурусти амалӣ-воқеӣ ва тарбияи фарзандону бунёнгузории пойдеври уммат мувофиқи ин пойбандиву ин равиши осоншуда мебошад.

Аммо исломӣ будани омӯзишҳои сиёсӣ ба маънои пойбандӣ ба ҳадафҳои исломӣ ва сарчашмаҳои андешаи исломӣ, пойдорӣ дар барномаи исломӣ, омӯзиши воқеият, низомҳо ва робитаҳо бо равишҳои илмии дурусту муносиб дар партави ин пойбандӣ ва тавассути ин барнома мебошад ва ҳадаф аз ин тавзеҳи дидгоҳ, осоннамоии фаҳму идроки сиёсӣ ва пешниҳоди роҳҳалҳову алтернативҳои сиёсии исломӣ маҳсуб меёбад.

Барои дарки мавзӯи андешаи исломии сиёсӣ-иҷтимоии салим муҳим аст, ки дар охир дарсе аз идроки фикрии иҷтимоӣ, ки чигунагии қарори сиёсӣ-иҷтимоиро дар ҷомеаи мусулмон инъикос менамояд, бигирем. Зеро қарори мазкур натиҷаи ҳамкории нас (ваҳй) ва ҳадафи исломӣ бо фитрату вазъият тавассути идроки роҳбарият ва қарорҳову фаъолиятҳои онҳо мебошад. Аз ин рӯ, Қуръони карим ҳамбастагӣ ва

пайванди қисматҳои онро ба якдигар бе ҷудоинамоӣ тавзеҳ додааст. Чунончи дар ояти қуръонист:

*«Худованд, Паёмбар ва соҳибони амри худро фармонбардорӣ намоед». Сураи «Нисо», ояти 59.*

Исломӣ будани фармонбардорӣ, пайравӣ ва фаъолият на тавассути чашмандози пажӯҳишии абстракт ба нусуси ваҳй, балки тавассути ҳамкории илмӣ байни нас ва байни вазъият, ки дар роҳбарияти исломии уммат зоҳир шудаву воқеиятро инъикос аз ниёзҳову бархӯрдҳое, ки рӯбарӯ мешавад, ба сӯи ҳикмати нассу ҳадафҳои он меравад, сурат мегардад. Дар ғайри ин сурат насси ваҳй (Китоб ва Суннат) мисли дигар матнҳои навишта сухани шахшуда ва воситае барои дарҳамбарҳамӣ ва абзоре барои парешониву роҳе барои бадандешиву сафсатаҳои фикр мегардад.

Уммат набояд аз тасмими роҳбариятҳои исломии масъулиятшинос рӯ гардонад. Шарти роҳбарият пайравӣ ба уммат ва роҳе барои ифодаи ваҳйу роҳкорҳои он буда, ҳаргиз байни ин ду фарқ намегузорад. Аз ин рӯ, агар равишҳои андешаамонро ислоҳ намоем, бе шак метавонем ба мафҳумҳову воситаҳое даст ёбем, ки пойдевори иҷтимоии исломии густарда ба он бунён ёфта, роҳбарияти исломии тавонову масъулиятшинос аз он бармехезад.

Андешаи исломӣ, ки заминаҳои худро дар абармардоне чун Имом Мовардӣ, файласуфу муфаккир Форобӣ ва сиёсатшиносу файласуф Ибни Халдун ба намоиш гузоштааст, бояд бахшҳои илмӣ ва омӯзишҳои барномавии он рушд ёбаду комил шавад, то воситаҳое, ки умматро барои адои нақши ростини тамаддуниаш кумак менамояд, таъмин созад.

## 5.3. ИСЛОМӢ БУДАН ВА ДОНИШҲОИ ТЕХНИКӢ

Дар марҳилаҳои аввали зиндагии уммат ва дар зери фишори тамаддунӣ-илмие, ки аз ҷониби Ғарб вазида ва аз сабаби ти-

рашавии дидгоҳу нотавонии андеша равшанфикрони мусулмон ду мавзӯъро ба ҳам омехта намудаанд: а) бунёдӣ будани ҳақиқату қонунҳо ва табиатҳо; б) худихтиёрии корбурди инсонӣ-иҷтимоӣ аз ҳақиқатҳову қонунҳо ва табиатҳову коинот. Чунончи равшанфикрони мусулмон ба тамаддуни ғарбӣ ва донишҳои гуногуни он рӯ оварда, онҳоро пазируфтанд ва ба он пурра тақлид намуданд, чун онро тамаддуну маърифати бунёдӣ бо фарогирии бахшҳову донишҳои қонунҳову табиатҳо ва корбурди онҳо дар хидмати инсону тамаддуни ғарбӣ мешумориданд. Ба ин тартиб сифати бунёдӣ ва бетарафиро ба ҳама гунаҳои тамаддуну шинохтҳои ғарбӣ нисбат доданд ва андешаву татбиқ ва корбурди фикри ғарбиро ҳамчун андешаи бунёдиву бетарафона ва мавриди корбурду татбиқи ҷаҳон унвон карданд.

Бо пешрафти огоҳии инсон ва пайванди миллатҳову тамаддунҳои гуногун донишмандону муфаккирон вижагии бештари қисматҳои фикри инсон ва хусусити шумораи зиёди мафҳумҳову ҳадафҳо ва тамаддунҳои исониву татбиқоти онҳоро барои воқеиятҳову қоидаву қонунҳо ва мафҳумҳову арзишҳо бо корбурди онҳо дар моддаҳову коинот баён намудаанд.

Аз ин рӯ, тамаддуни инсони ғарбӣ мисли дигар тамаддунҳои башарӣ тамаддуни бархоста аз ақидаву ҳолати равонӣ ва тасмимоту таърихи он мебошад, ки ифодагару амалисози он мебошад. Бинобар ба таҳрифу дигаргунӣ дучор шудани тамаддуни мазкур сарчашмаҳои шинохти куллии илоҳӣ ва бархӯрдорӣ аз роҳнамоии илоҳиро аз даст дода, мисли як тамаддуни ҷузъӣ (нопуррае) гардид, ки дар бештари маврид танҳо ба ҳавову ҳавас, хоҳишу ниёзҳои моддии инсонӣ такя менамояду бас. Ҳамин гуна тамаддуни ғарбӣ тамаддуни моддие гашта, ки шаҳвату хоҳишҳои шахсро ба ҳайси худо гардонидааст ва ҳама гуна робитаву пайванди ӯро бо ҷониби рӯҳӣ ва ҳадафи зиндагияш кандааст. Аз ин рӯ, тамаддуни мазкур ба моддиёти фаровоне даст ёфтааст, дар ҳоле ки мардумаш ва башар аз паси он дар ҳаяҷону варшикастагии равонӣ, ҷудо-

иандозиву бархӯрди иҷтимоӣ қарор дошта, ҷангу харобкорӣ ба он таҳдид менамояд ва тундбоди тарсҳову буҳронҳо туфон мекунад.

Бояд дарк намоем, ки на ҳама дониши ғарбӣ бунёдӣ мебошад. Масалан, хулосаи мавзӯоти илмҳои иҷтимоӣ ва соҳаҳои омӯзиши онҳо имрӯз бинобар осонӣ фаҳму дарк шаванд, пас, илмҳои техникӣ низ аз он фарқи куллӣ надорад. Зеро ин донишҳо дар мавриди баёни хусусиятҳои моддаҳову коинот танҳо омӯзишҳои абстракту сарсарӣ нестанд, балки омӯзишҳое ҳастанд, ки аз ҳадафҳову тасаввуроти худбахудии инсон бархостаанд ва барои амалисозии он тасаввуроту ҳадафҳо талош менамояд. Ба ин тартиб донишҳои инсонӣ дар ростои ҳақиқатҳои бунёдии қонунҳову табиатҳо, ҳамчун воситаҳои ҳадафҳову тасаввуроти инсонӣ дорои ҷанбаҳои худ мебошад, зеро воситаҳое барои ҳадафҳо ва тасаввуроти инсонӣ маҳсуб мегарданд. Бояд маорифу донишҳои тамаддунҳои бегона бо ҳама ҳадафҳову мақсадҳо, арзишҳову тасмимот, фарзияҳо, авлавияту андешаашон, ки баёнгари онанд, дар чорчӯбаи дурусте ниҳода шаванд. Зеро муносибати кӯр-кӯронаву тақлидӣ, ҳатман, ақидаву андеша ва тасаввуроти умматро дар ҳолати омехтагиву дарҳам барҳамӣ қарор дода, ҳама тавоноиҳои рушди озод ва ҳама қудратро бар асолату ташаббускорӣ аз байн мебарад.

Воқеан, сухан дар бораи бунёдӣ ва воқеӣ будани донишҳову илмҳои ғарбӣ бепоя аст, зеро онҳо ояту далел ва ҳидоятро аз даст додаанд ва ба ҷуз бархе ишораҳои боқимонда аз мероси паёмбариҳо ва эҳсосоти фитрати солим чизи дигаре надоранд. Дар ҳоле ки ин камбуди хатарнокро тамоми сармояи тамаддуни Ғарб, ки бахше аз кашфиётҳои илмӣ дар мавриди ҷанбаҳое аз қонуну қоидаҳои моддӣ ва фитрии коиноту моддаҳо ба шумор мераванд, ҷуброн карда наметавонад.

Дастоварди Ғарб дар майдонҳои шарқиву ғарбӣ ва дар ҳама соҳаҳои илмӣ-иҷтимоӣ ва техникӣ, аслан, марбут ба ҷузъиёти вуҷуд ва зоҳири сифатҳои моддии он мебошад, аммо аз назари куллӣ тамаддуни мазкур ҳамчун тамадду-

ни гумроҳкунандае боқӣ мемонад, ки инсонро ба бадтарин навъҳои ҳайрату шак, изтиробу тарс, парешониву ситеза ва харобкорӣ бурда истодааст. Ақлонияти исломиро мебояд, ки ҷиҳати баён намудани камбудҳову халал ва фасоди тасмиму татбиқи ин тамаддун ба таҳлилу ташхис ва поксозӣ падозад. Бе шак, уммати исломӣ, равшанфикрону донишмандон ва нухбагони он дар мавриди табиату хусусият, реша ва ҷанбаҳои мусбату манфии тамаддуни ғарбӣ дар ҳама соҳаҳои иҷтимоӣ-техникӣ огоҳии комил доранд. Барои он ки ин ҳадаф анҷом ёбад, бояд мусулмонон равишу услуб ва меъёрҳои дастнахӯрдаи исломиеро субот бахшанд, ки тавассути онҳо таҳлилуислоҳсозӣ ва истифода аз дастовардҳову ҷанбаҳои мусбати он сурат гирифат, ҷанбаҳои норасоиву манфӣ дошта ҷуброн карда шаванд.

Сухани ростин гуфтан аз бунёдӣ будани илмҳо, хусусан, илмҳои табииву техникӣ танҳо аз мантиқи исломӣ метавонад сурат гирад. Зеро андешаи исломӣ дар пажӯҳиши ҷузъии худ дар мавриди фитрату қонунҳои моддаҳову коинот на тавассути норасоии дидгоҳи ақливу ҷузъияти маҳдуд, балки бо камоли илми илоҳиву фарогирии он роҳ пеш мегирад. Дар натиҷа маърифату илмҳо бо ҳадафу мақсади дастнахӯрдае рӯйи кор омада, ниёзҳои моддиву маънавии инсонро бароварда месозанд ва барояш нозу неъмати моддӣ ва оромиши равониро муҳайё менамояд ва муъминони ростинро ба сулҳу амни фарогир мерасонад.

Комилшавии якҷояи ваҳйи куллӣ ва ақли ҷузъӣ дар бунёд ниҳодани маърифати инсонӣ ва шинохти қонунҳову фитрат ва табиати коиноту ҳастӣ бузургтарин хидмати Ислом барои тамаддуни инсонӣ роҳнамоии он дар ҷаҳони имрӯз ба шумор меравад. Роҳнамоии дурусти пажӯҳиши илмӣ ва татбиқоту истифодаи маърифат ва фалсафаи тамаддуние, ки зимоми он ҳамаро дар даст дорад, аз кашфиётҳои илм дар мавриди олами моддаву қонунҳои офаринишу коинот камаҳамияттар набуда, балки дархӯр будани маърифат ва гунаҳои хайру салоҳро дар он маҳз ҳамин куллиёти маърифат муқаррар менамояд.

Исломӣ будан дар ҳама илмҳо, хусусан, дар илмҳои табиӣ-техникӣ ба маънои муҳтавои ҷузъии моддӣ ва фанние нест, ки аз он чӣ ақлу тафаккури инсонӣ дар робита ба табиати фитратҳову қонунҳои офариниш ва ҳаракати он расидааст, фарқ дошта бошад, балки ба ин маъност, ки маърифати исломӣ барои талошу идроки ақл дар мавриди табиатҳову қонунҳо гароишу марҷаи беҳтареро роҳандозӣ намояд. Ва ин ҳама дар дурустии фарзияҳову гароишҳои кулллли маърифати исломӣ ва комил будани сарчашмаҳои он инъикос меёбад. Ба ин гуна ки маърифати исломӣ инсонро ба кори беҳтаре роҳнамоӣ месозад, ки ақли маҳдуд ба танҳоӣ аз он ғофил мондааст ва ӯро ба чизе комёб мегардонад, ки ақл аз он ғафлат кардааст ва дар коре ӯро ба ҷустуҷӯ вомедорад, ки ақл ҳанӯз мавҷудияти онро дарк накардааст.

Ба ин тартиб, исломӣ будан, аслан, ба маънои солим (дастнахӯрда, дуруст) будани гароишу ҳадаф ва фалсафае мебошад, ки пажӯҳишҳову алоқамандиҳо ва татбиқоту навпардозиҳои улум дунболагири онанд. Дар натиҷаи ин илми исломӣ илми ислоҳнамои созандаи яктопарасти ахлоқимеҳвар ва раҳнамо мегардад.

Агар ба гузори тамаддуну илм дар таърихи инсоният назар намоем, ба хубӣ дармеёбем, ки маҳз пояҳои илми муосир, барномаву ташкилот ва хадамоти иҷтимоиву тандурустӣ ва саноатии он дар партави тамаддуни исломӣ рушд намудааст. Таърихи исломӣ аз дастовардҳои тамаддуни исломӣ дар робита ба созандагиву ислоҳнамоӣ саршор аст. Ҳамзамон, ин нуктаро низ мулоҳиза менамоем, ки дастовардҳои тамаддуни исломӣ барои фурӯшу харобкорӣ ва абзори ҳалокат набуд. Аммо тамаддуни ғарбӣ омада, ҷаҳонро бо силоҳу моддаҳои тарканда ва воситаҳои нобукунандау харобиовар пур намуд. Тамаддуни Ғарб аз вақте тавоно ва соҳиби флотҳову лашкарҳо гаштааст, пайи истисмори халқиятҳову поймол намудани муқаддасот гом мебардорад ва маҳз харобкориву зулму бедодӣ, фасодкориву таҷовуз, зимомдориву истилогарӣ армуғони ин тамаддун ба мардуми замин аст. Дар партави

тамаддуни ғарбӣ аҳволи ҷаҳон ба ҷойе расид, ки сарфи назар аз дастовардҳои ҳангуфти илмӣ-маърифатӣ ва техникӣ миллатҳову халқиятҳои ғайриаврупоӣ гуруснагӣ мекашанду дар ҷаҳлу нодонӣ гирифторанд ва ҳуҷайраҳои мардумонашон туъмаи бемориҳо гаштааст, то дар баробари абзори куштору хунрезӣ, харобовариву вайроннамоӣ боз барои хариди даво, саноат ва ҷамъоварии он мусобиқа намоянд. Ҷойи тардид нест, ки бештари натиҷаҳои илм дар ҷаҳони имрӯз дар пояи пажӯҳишҳо ва молҳое ба миён омадааст, ки барои соҳиб шудан ба абзори харобовару рушд бахшидани воситаҳои ҷангу корзо харҷ мегарданд.

Донишҳои исломӣ бояд барои инсоният дидгоҳу талошҳо ва муқовиматҳои наверо пешкаш намуда, илму маърифатро дар хидмати инсону рисолати ӯ ва амалисозии ҳадафи ислоҳу созандагӣ ва темордории коиноту ҳастӣ гузорад.

Исломинамоии илмҳои физикӣ-техникӣ масъалаи фалсафа ва алоқаи илм ба зиндагиву ҷомеа, инчунин, рӯ овардани инсон ба ислоҳи ҳаёту ҳастӣ аз диди имониву яктопарастӣ ва фарогир ба шумор рафта, фосидкардаҳои кӯрии маънавӣ, шефтагии моддӣ ва камбудии барномае, ки тамаддунҳои гуногуни моддигаро дар Шарқу Ғарб аз он ранҷ мебаранд, ислоҳ намояд.

Бисёр аҷиб аст, ки башарият дар партави тамаддуни муосири Ғарб ба ғайр аз пештозӣ дар мусаллаҳшавию мусобиқа дар истеҳсоли силоҳҳои маргбору харобкор дар дигар умур нотавон гардаду дар ғайри таодули биму тарс эҳсоси амнро аз даст диҳад. Аҷиб аст, вақте танҳо ҳамон нухбагону шумораи каме аз миллатҳо ҳуқуқи боигариву нозу неъматро доранд, соҳиби силоҳу неру ҳастанд.

Фитрати солими инсонӣ вазъияте, ки инсоният дар он қарор дораду хатарҳои бузурге, ки ӯро иҳота намудааст, қабул надорад. Ақлу виҷдони аз эҳсосоти фитрати солим таъкид менамояд, ки бояд дар ин дунё барои инсон ва вуҷуду ҳадафи зиндагии ӯ дидгоҳи беҳтару хубтаре бошад.

Инсоният, тамаддун, хавфу хатар ва кашмакашҳои ӯ ба ҳадде расидааст, ки ба ҳидояти куллиёти илоҳӣ ниёз дошта, дидгоҳи бунёдиву фарогири исломиро тақозо мекунад, ҳамзамон, барпо намудани тамаддуни наҷоту ислоҳнамоӣ ва созандагиро ҳатмӣ гардонидааст. Вале бе мисоли дидашаванда ва намунаи зинда барои инсоният осон нест, ки дидгоҳи исломиро тасаввур намояду роҳҳали исломиро дарк созад. Маҳз худро наҷот додани мусулмонон ва ҳидоят ёфтанашон дар зиндагӣ барои дарк намудани дидгоҳи бунёдии исломӣ ва пазируфта шудану мавриди истифода қарор гирифтани он аз ҷониби мардуми дунё мусоидат менамояд.

Исломинамоии илмҳо боз ба маънои бархӯрд ба буҳрони фикриву тарбиявӣ дар ниҳоди исломӣ ва дар муассисаҳои илмиву таълимии он мебошад. Буҳрони мазкур аз камбуди амалкарди исломӣ дар ин соҳаҳо ба майдон омада, боиси тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ намудани сарчашмаҳои маърифатии Ғарб гаштааст. Ҳанӯз ҳам бештари мактабҳои ҷаҳони Ислом, хусусан, мактабҳои олии он илмҳои мазкурро дар чорчӯби фикрие меомӯзонанд, ки маҳз аз дидгоҳи моддигарову ҷузъӣ ва ноқиси ин миллатҳову тамаддунҳо сарчашма мегирад. Ба ин тартиб, масъалаи исломинамоии илмҳои техникӣ ба маънои ислоҳнамоии чорчӯби фикрӣ-ақидавие мебошад, ки моддаи мазкури илмиро заминагузорӣ менамояд. Исломинамоии илмҳои техникӣ ба маънои дар доираи чорчӯби исломӣ, дар роҳҳалҳову куллиёт ва арзишҳову ҳадафҳои он гузоштани улуми мазкур мебошад, то неруи инсони мусулмонро ба таври мусбат таҳрик бахшаду ӯро барои иҷрои масъулиятҳояш: кашфу тасхир, бунёд ниҳодану созандагӣ ва ғайра водор созад.

Маъмурияти бузурги тарбия бояд дар сарзаминҳои исломӣ мавриди таваҷҷуҳи пешгомони ин ҷода (тарбия) қарор гирад. Маъмурияти мазкур бисёрҷониба буда, пеш аз ҳама, омода намудани барномаву китобҳои омӯзиши илмҳоро дар сатҳҳои гуногун, аз поёнтарин сатҳ шурӯъ намуда, тақозо мекунад, то ин ҳама дидгоҳ, мафҳум ва ҳадафҳои исломиро

инъикос карда тавонад. Зеро маъмурияте, ки бо марҳилаи кӯдакӣ оғоз шудаву оҳиста-оҳиста бо бузург шудани кӯдак дар марҳилаҳои баъдии тарбияву таълим боло рафтан мегирад, бояд мавриди таваҷҷуҳи ҷиддии нухбагону тарбиятдиҳандагон бошад, ба гунае ки дар ин раванд ба камтарин беэътиноиву саҳлангорӣ роҳ надиҳанд. То наслҳои ҷавон аз камбудҳое, ки насли падаронашон ранҷ мекашиданд, ранҷ накашанд.

# ФАСЛИ ШАШУМ

## ИСЛОМ ВА ОЯНДА

Дар фарҷоми ин пажӯҳиш таъкид намудан ба маврид аст, ки ислоҳи исломӣ хидмате барои уммату инсоният аст. Аз ин рӯ, талошҳои дастандаркорону нухбагони исломӣ бояд ба се нуктаи асосӣ равона карда шавад:

а) Фаъолият бароиояндаи уммат, яъне, кор дар сафҳои насли ҷавони ин уммат;

б) Нақши муассисаи илмӣ дар мавриди исломӣ намудан ва бунёд ниҳодани дидгоҳи исломӣ дар арсаи илму амалакарди ҷонноки тамаддунӣ ва тарбия кардани наслҳое, ки барои бардоштани ин масъулият омодаанд;

в) Фаъолият бароиояндаи вуҷуди инсон ва сохтори тамаддун. Маҳз вазифаи уммат ва фикрии ростини исломии он аст, ки масири тамаддуни инсониро дуруст намуда, андешаи муосири инсониро роҳнамоӣ кунад.

### 6.1. ОЯНДАГАРОИИ СОХТОРИ УММАТ

Маълум аст, ки андешаи уммат ба ислоҳ ниёз дорад. Бинои нафсии уммат бошад, бинои халалпазир аст. Агар ашхос ва наслҳо маълумоту андешаи тозаеро, ки барояшон пешниҳод мешавад, дарк намоянд, пас, ин даркнамоӣ як раванди зеҳнии ақлӣ мебошад, ки дар асл аз раванди сохтори сурати нафсие, ки хусусияту вижагиҳои асосии худро дар марҳилаҳои кӯдакиву наврасӣ мегирад, фарқ дорад. Аммо он чӣ баъд аз ин дар сохтори нафсии инсон барои болиғон рух медиҳад

ва он чӣ барояшон пешниҳод мешавад, танҳо азнавсозӣ ва ислоҳи тасмимоту ҳадафҳоест, ки онро инсон ҳанӯз дар замони кӯдакӣ касб кардааст: «Беҳтарини шумо дар ҷоҳилият беҳтарини шумо дар Ислом аст, агар дарк намоянд».[1] Ҳамин буд, ки бодиянишинони неруманду озоду далери араб вақте ҳадафҳо ва низоми онро пазируфтанд, тавонистанд, ки дар муддати кӯтоҳе аз нигоҳи миқдору сифат (чандиву чунӣ) ба дастовардҳои бузурге ноил шаванд.

Аз ин рӯ, аз ҷумлаи вазифаи асосии насли кунунии мусулмонон дарки хусусияти соҳа, мавқеъҳои корӣ ва имконоту пешниҳоди фикри хуб, инчунин, бунёд кардани кӯдакистонҳову таъмин сохтани онҳо бо воситаҳои хуб ба шумор меравад, то дар онҳо сифатҳои накуву боварии комил доштан ба ҳадафҳову мақсадҳо ва қонунгузориҳои исломӣ тарбия карда шавад.

Воқеан, имконияти дигаргун кардани ниҳоди маҳз дар амали ояндадор, бо мабодии салим тарбияи равониву фикрӣ кардани наврасон ва омода намудани онҳо барои адо намудани масъулияти тамаддунии худ дар бузургсолӣ нуҳуфтааст. Агар насли имрӯз вазифаи худро дар омоданамоии насли фардо ба ҷо оварда тавонад, пас, воқеан, дар иҷрои уҳдадории худ муваффақ гаштааст. Аммо агар насли имрӯз гумон барад, ки тавоноии ба ҷо овардани вазифаҳои худро ба таври дуруст дорад, пас, бо чунин гумоне ҳадафро аз даст медиҳаду неруи андакеро, ки дар ниҳоди ин уммат мондааст, боз заифтар мекунад. Ба назар мерасад, ки дар ин марҳила тағйири аҳволи уммат имкон надорад, агар амалӣ шавад ҳам, дар ҳудуди муайяну кучаке мешавад, ки тавони берун баровардани умматро аз ин буҳрон надорад.

Аҳамияти вазифаи ин насл, пеш аз ҳама, дар амалу омоданамоии ояндасоз ва таҳияи роҳҳалҳои дурусту воситаҳои муносиб барои омодасозии наслҳои оянда мебошад. Агар ин дарси асосиро дарк намуда бошем, пас, зарур аст, ки талошҳо барои амалӣ намудани се чиз мутамарказ гардонида шаванд:

1 Ривояти Бухорӣ.

1) Таъмини тавоноӣ барои созандагӣ ва нигаҳдории он аз заъфпазирӣ;

2) Эҷоди андешаву мафҳумҳо ва дидгоҳҳои дурусти исломӣ;

3) Равона сохтани тавоноӣ барои корбурди фикру мафоҳими исломӣ дар тарбияи насли наврас дар рӯҳияи созандагиву нерумандӣ ва таъсиргузорӣ.

Ба ин маъно, ки андешамандону нухбагони исломӣ ва ҳамаи мусулмонон бояд дарк созанд, ки азнавсозии неруву тавон ва нақши пешоҳангии уммат дар масири инсонӣ тавассути рӯҳияи заифу андешаи пасти тамаддунӣ амалӣ шуда наметавонад ва насли ақибмондаву қафомонда ғайри ин дигар дороие надорад. Аз ин рӯ, вазифаи уммат ва нухбагони он дар ин марҳила, пеш аз ҳама, бояд машғул шудан ба азнавсозии андешаву дидгоҳи солими исломӣ бошад ва ҳар бархӯрду корзореро, ки дар амалисозии ин ҳадафҳо саҳме намегузорад, бояд бархӯрдҳову ҷангҳои заифсоз унвон кунад, чун дар ин марҳила фоидае аз онҳо нест. Дар ин маврид бояд ба қадри ниёзи уммат ва пешгирӣ аз ташаббускориҳои душманон талошу неру харҷ намояду бас ва набояд ин бархӯрдҳоро аз байнбарандаи талошу кӯшишҳо барои дастёбӣ ба ҳадафҳои асосӣ гардонад.

Корҳоиояндасоз дар ин марҳила, асосан, ба арсаи фикриву тарбиявӣ алоқаманд аст. Зеро арсаҳои зикршуда соҳаҳои бунёдие дар эҷоди неруи зарурӣ ва ҳал кардани корзорҳои уммату рӯёрӯӣ бо хатарҳост. Уммат дар корзорҳои сиёсӣ ва ҳарбии таҳмилии кунунӣ бояд ҳамон қадар саъйу талошашро харҷ намояд, ки дар ҳимоя намудани талоши созандагиву ислоҳ басанда бошад.

Андешамандону нухбагони уммат бояд барои мардум ва барои мураббиён маънои сохтмони равонӣ, аҳамият ва вазифаи он дар ниҳоди уммат ва унсурҳои зарурӣ барои эҷоди онро фаҳмонанд, то наслҳои оянда аз наслҳои кунунии гузаштаи ақибмондаву заиф фарқ намоянд ва фарзанд, талаба,

ҷавон аз нигоҳӣ равониву тамаддунӣ ба гунае рушд кунанд, ки аз рушди насли падарону мураббиён фарқ дошта бошад. Дар ин мавврид вазифаи падарону мураббиён танҳо далелу роҳнамоӣ ба сӯйи ҳадаф ва абзори он мебошад, на вазифаи пешгом шудану намунаи дилхоҳ гардидан. Достони падарону мураббиён бештар ба достони табибе монанд аст, ки беморонро барои ҷуброн намудани доруҳои зиёнбору одатҳои бад роҳнамоӣ ва маслиҳат медиҳад, дар ҳоле ки шояд худи ҳамон табиб бинобар кӯтоҳандешӣ мӯҷиби истифодаи он доруҳову он одатҳо шуда бошад. Шояд мураббие, ки наметавонад ба таври комил таъсиргузор бошад, бо эътирофи камбудҳои худ омӯзандагонро ба дарки камбуду ангезаҳои он мусоидат менамояд. Дар ин мавврид достони ӯ ба достони устоди бузургсоли варзиш монанд аст, ки маърифату таҷриба медиҳад, аммо наметавонад онҳоро батаври пурра ба иҷро расонад.

Ояндаи уммат дар гарави дигаргуниву рушди наслҳои пешин ва сохтмони равониву фикрии онҳо мебошад ва ин арсаи кушоде барои уммат ва ин насл мебошад. Ҳар қадар дар нафсҳои наврасон тавассути дидгоҳу талоши дуруст тавоноиву неру ҷо карда шавад, ҳамон қадар самар медиҳаду пояаш мустаҳкам мешавад.

Андешамандону донишмандон ва рафшанфикрони ин уммат бояд бо такя бар пояҳои дуруст талоши зеҳнии худро дар ислоҳи андешаи исломӣ ва бунёд ниҳодани дидгоҳи исломӣ ба кор баранд ва натиҷаи бадастомадаро ба абармардону ниҳодҳои уммат пешкаш намоянд, то уммат онро ҳамчун асоси андешаву роҳнамои амалкард ва ояндасозиаш истифода намояд.

Дар роҳи амалишавии ин мақсад бояд андешамандону донишмандон ва равшанфикрони ин уммат ба омӯзиши раванди таърихӣ, шинохти асаре, ки ин раванд дар андешаи уммат гузоштаву ба чӣ инҳирофоте дучор гаштааст, ҳиммат гуморанд, то ба ин тартиб масири наверо барои уммат пайрезӣ намоянд, ки барои кори ояндадори созандаву навпардоз андешаву дидгоҳи солимеро эҷод намояд.

Андешамандону донишмандон ва равшанфикрони ин умматро мебояд, ки бар асосу мафҳуми фикри исломӣ ва унсурҳои он, барномаи исломиву унсурҳои он, алоқамандии ин унсурҳо ва вазифаи онҳо дар эҷоди андешаи исломӣ ва дидгоҳу шинохти исломӣ дар ҳама ҷанбаҳои ҳаёту ҷомеа назаре намоянд.

Андешамандону донишмандон ва равшанфикрони ин умматро мебояд, ба андешаву дидгоҳи исломӣ ҳамон асолату фарогирӣ, фитрӣ будану воқеӣ буданро баргардонанд ва шароиту таҷрибаҳо ва лағжишҳои таърихиеро хати бутлон зананд, ки ба гумроҳшавии андешаву дидгоҳи исломӣ, дур кардани муҳтавову табдил додани онҳо ба маросиму анъана ва шиорҳои хушку холие, ки дар гузашти солҳову асрҳо умматро ба ҷойе нарасонидааст, сабаб гаштаанд.

Андешамандону донишмандон ва равшанфикрони ин умматро мебояд, ки ба усули андешаву барномаи исломӣ ва ошкор намудани мушкилоти он аҳамият диҳанд, то дидгоҳу андеша ва илмҳои исломиро нафақат дар хидмати соҳаҳои ваҳйу нусус ва забон, балки дар арсаҳои дигари ҳаётиву ҷамъиятии инсон низ ба хидмат гузоранд. Чунончи барномавӣ будани андешаи исломӣ шинохту дидгоҳ ва хидмати пӯё ва мураттабу комил ва самарабахшеро пешкаш менамояд, ки тамоми арсаҳои зиндагиву нафс ва ҷомеа ва масоили тарбиявию сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва идоранамоиву матбуотӣ, фалсафаи фанҳову созандагӣ, илмҳои табиӣ ва дигар илмҳо ва соҳаҳоеро дар бар мегирад, ки ақли инсон аз он равнақ меёбаду ниёзҳои тағйирёбандаи рӯзмарра онро тақозо мекунад.

Бояд андешамандону донишмандон ва равшанфикрони ин уммат донанд, ки вазифаи дар ҷодаи тавоноиву пешравӣ ҳидоят намудани уммат, пеш аз ҳама, бар дӯши онҳо аст. Зеро дигарон дар ин масъала пайрави дидгоҳу маслиҳати онҳоянд. Онҳо ҳар қадар дар пешниҳоду поягузории илмии қонеъкунандаи дидгоҳу маслиҳати дуруст матину шикебо ва муваффақ бошанд, ҳамон қадар дар таҳрики уммат барои адо

намудани уҳдадориву бунёд ниҳодани зиндагиаш комёб мешаванд. Ҳар қадар уммат ба сӯйи қудрати созандаи исломӣ ҷиҳати созандагии зиндагӣ ҳаракат намояд, ин меъёри муваффақияти андешамандону донишмандон ва равшанфикрони исломӣ дар иҷрои вазифаву адо намудани уҳдадорияшон мебошад. Ҳар қадар мушкиливу ошуфтагӣ ва бадбахтии уммат бештар шавад, ин ишора ба костагиву норасоии онҳо дар иҷрои масъулиятҳояшон менамояд.

Масъулияти пешниҳод намудани дидгоҳи муосири тамаддунӣ, ислоҳ кардани барномаи андешаи исломӣ ва амалӣ сохтани асолати фарогири илмӣ дар ин андеша, инчунин, дар соҳаи танзиму тарбияи иҷтимоӣ пешниҳод намудани тасаввурот ва алтернативҳои исломӣ маҳз бар дӯши андешамандони исломӣ мебошад, то бо такя бар ин ҳама уммат ба роҳнамое дар кору созандагии худ даст ёбад.

Бояд онҳо дар ин марҳилаи таърихии уммат барои нухбагон ва ҳама мусулмонон огоҳии исломиро пояҳезӣ намоянд. Онҳо бояд равиши фарогири андешаронии исломиро бунёд ниҳода, барномаҳо ва услубҳои бинои нафси ростинро дар марҳилаҳои нахустини таълим дастрас намоянд ва дар ин росто бояд аз тарбияи хона, кӯдакистонҳо оғоз намуда, сипас дар марҳилаҳои таълими ҳамагонӣ онро пайгирӣ созанд. Зеро фардо ҳамин наврасон ва неру ҳамин ҷавононанд. Ва бояд уммат барои омода намудани абармардони фардо даст ба кор шавад.

Муҳим аст, ки андешамандону мураббиёни вазифаи падариву падаронро дар омодасозии насли фардо дарк созанд. Зеро даст ёфтан ба ризоияти падарону модарон дар мавриди равиш ва услуби тарбияи фарзандон аз бузургтарин иқдомоти тарбиявӣ мебошад. Зеро сохтмони нафсиву арзишмандӣ бештар ба муносибатҳои падарону писарон такя менамояд. Ҳеҷ талош дар мактаб ё ҷомеа наметавонад ба ризоияти падарону модарон баробар шавад.

Аз ин рӯ, муваффақияти андешамандону мураббиён дар тағйир додан, пеш аз ҳама, ба даст ёфтан ба ризоияти падарон

ва ба таври наку интиқоли масъалаи тарбия ба онҳо мебошад, то хона ва падар масъулияти худро дар амалисозии ҳадафҳо ва комёб намудани талошҳои дилхоҳ иҷро намоянд. Зеро неруи падаронро дар мавриди фидо шудан барои фарзандон ва амалисозии комёбиву пуштибонӣ аз манфиатҳои онҳоро ҳамтову алтернативе нест. Аз ин рӯ, муроҷиат ба падарон ва ба таври наку анҷом додани ин муроҷиат ва тавзеҳу соданамоӣ, инчунин, шарҳи абзори амалишавии он кори асосӣ ба шумор рафта, андешамандону мураббиён ва ислоҳгарон набояд дар ин марҳила аз он ғафлат варзанд. Маҳз ҳамин роҳи асосие барои пирӯз шудан бар ҳама гуна монеаҳое мебошад, ки режимҳову ташкилотҳо дар роҳи ислоҳу рушд мегузоранд.

## 6.2. ИСЛОМИНАМОИИ ДОНИШ ВА МУАССИСАҲОИ ИЛМӢ

Сухан дар мавриди оянда пеш аз баррасӣ кашидани нақши муассисаи илмии исломӣ дар амалисозии исломинамоӣ ва бунёд ниҳодани дидгоҳи исломӣ ба анҷом намерасад. Маълум аст, ки бухрони умммати исломӣ, пеш аз ҳама, дар чигунагии устувор шудани арзишҳову тасаввуроти асосии он дар вазъияти тавонову побарҷои иҷтимоӣ-тамаддунӣ аст. Маълум аст, ки талошҳо ва қурбониҳои сиёсиву низомии уммат онро аз ҷойгоҳи қафомондаи кунуниаш ба ҷойе намебарад, балки даҳшати мусибат рӯз аз рӯз бештар гашта, шикофӣ байни ҷойгоҳи уммати исломиву халқҳои он ва байни ҷойгоҳи умматҳои пешрафтаву халқиятҳои онҳо васеътар мегардад ва ин шикофии тамаддунӣ ба маънои таадди ву таҷовуз бар уммати исломӣ ва поймол намудани ҳуқуқу рехтани хуни халқҳо ва ба тороҷ бурдани боигариҳои он аст.

Намунаи исломиро ба сатҳи воқеияти зиндагӣ фаровардан, то ҳадафҳову мақсадҳои бузурги тамаддун, нақшаи фаъолу боровари амал ва низомҳои пешрафтаву устувори иҷтимоиро амалӣ созад, танҳо бо мусоидат ва саҳмгузории сарчашмаҳои маърифату илм ва равиши андешаронии илмии

дастнахӯрдае, ки дар зеҳну замир ва унсурҳои тарбияи уммат устувор гаштааст, метавонад амалӣ шавад.

Муассисаҳои илмӣ-таълимӣ дар сарзаминҳои исломӣ якҷоя ва даст ба даст бо оила майдони бузург ва сангари нахустине ба шумор меравад, дар он неруву тавонҳо ва роҳҳалҳо рушд мекунад. Гуфтан ба маврид аст, ки омода намудани майдон ва тарбияи фарзандони умммату омоданамоии кадрҳову тавонҳо маҳз ба ҳамин муассисаҳо вогузор карда шудааст.

Агар мехоҳем, ки муассисаҳои илмӣ-таълимӣ дар адои масъулияти худ муваффақ шаванд, пас, набояд онҳо мисли колбулдҳову вайронаҳое ба кори худ идома диҳанд, ки бо танбаливу нотавонии ақлӣ саршору дар тақлиду пайравии кӯр-кӯронаи андешаи бегона ғарқа гаштаанд.

Муассисаҳои илмӣ-таълимӣ дар сартосари уммати исломӣ набояд беҳосилу нотавон боқӣ мондаву пайваста ва насл ба насл барои фиристодани ақлҳои исломӣ ба хориҷ ҷиҳати таҳсилу тақлид ниёз дошта бошад, дар ҳоле ки дар сарзамини худ неруву тавони илмӣ-фарҳангиро барои тарбияи гурӯҳ-гурӯҳ донишмандону пажӯҳишгарони огоҳу навпардозе омода намесозад, то барои уммат абзору кадрҳои хуби илмӣ пешниҳод созанд ва ба резахӯрии хони бегонагон ниёзе надошта бошанд.

Муассисаҳои илмиро дар ҷаҳони Ислом мебояд, ки аҳамияти ҷойгоҳу дигаргуннамоии ақлонияти худ ва эътимод намудан ба талошу неру, дину имон ва роҳҳалҳову ҳадафҳои андешаи уммат ва муносибати худ ба дарсҳои масиру ибратҳои таърихии умматро мушаххас созад, то бо такя бар ин ҳама барои уммат равишу услуби илмии фарогиреро пешкаш созад, ки тавонҳову имкониятҳоро ба таври фаъолу муназзам ба кор дарорад, то барои бархӯрд ба хатарҳои воқеие, ки рӯбарӯ мешавем, инчунин, барои таъмини ниёзҳои бунёдиамон имконият фароҳам ояд.

Барои уммат мумкин нест, ки муассисаҳои илмиаш ба ғайр аз тарҷумаҳои таҳтуллафзии илму маориф ва барномаҳои Ғарбу Шарқ дигар чизе пешкаш нанамоянд ва боло-

тарин саҳми илмии равшанфикрони мусулмон ин бошад, ки самараҳои ақлҳо ва натиҷаи андешаи дигаронро бо матнҳо ё номҳо ё рақамҳову оморҳои маҳаллӣ «зарандуд» созанд ва аз ҳақиқати тақлиду аҷзу набуди асолат чизеро тағйир надиҳанд.

Муассисаҳои илмӣ-таълимӣ дар ҷаҳони Ислом бояд аз куллиёту ризомандиҳо ва ҳадафҳое, ки дар замири ин уммат нуҳуфтааст, роҳҳал биҷӯянд ва муассисаҳову марказҳо ва иттиҳодияҳову ҷамъиятҳои илмие таъсис диҳанд, ки барои бунёд ниҳодани барномаҳои илмии исломӣ ва рушд бахшидани онҳо дар ҳар соҳаи маърифат фаъолият намоянд. Бояд муассисаҳои мазкур бо гузоштани барномаи зарурии исломӣ дар соҳаҳои гуногуни илму маърифат ва вазъи муқаддимаҳову мадхалҳои ҳамагониву бунёдӣ дар исломӣ намудани маърифат даст ба кор шаванд, то барномаҳову асосҳо ва муқаддимаҳо роҳҳал ва чорчӯбе барои омӯзишу *иҷтиҳоди* илмӣ-тамаддунии ислом гашта, барои талошҳову алоқамандиҳои наврасон роҳнамое бошад.

Барои муваффақ шудан дар ростои «исломинамоӣ»-и арсаҳои илму маърифат бояд тавоноиҳои пажӯҳишгарон, аз қабили донишмандону устодон ва донишҷӯён ба фаъолият дар чорчӯби нави илмӣ-исломӣ ва ҳадафҳои тамаддунӣ равона карда шуда, ин ақлоният ташаккул дода шавад ва дар партави роҳкорҳои он захираҳои илмиро, ки аз мероси мо ва мероси миллатҳои дигар мавҷуданд, раддабандӣ ва тасниф намоем. Маҳз ҳамин гуна талошҳо роҳи ягонаи амалӣ барои даст ёфтан ба рушду тавоноӣ ва қудрати асили илмӣ-барномавӣ мебошад.

Ба майдон омадани риштаҳои илмӣ-иҷтимоии исломӣ дар бархе донишгоҳҳои ҷаҳони Ислом, монанди иқтисоди исломӣ, матбуоти исломӣ, тамаддуни исломӣ, ё худ таъсиси марказҳои пажӯҳишӣ-омӯзишии иҷтимоии исломӣ, аз қабили марказҳои пажӯҳиши андешаи исломӣ ва иқтисоди исломӣ, ё худ омӯзиши маводи иҷтимоии исломӣ дар зимни маърифати иҷтимоӣ, аз қабили омӯзиши муносибатҳои байналмила-

лии исломӣ, андешаи сиёсии исломӣ, асосҳои ҳукми исломӣ, рушди сиёсӣ дар ҷаҳони Ислом ва ғайра ҳамагӣ қадамҳои накуе дар ҷодаи дуруст мебошанд ва бояд ташвиқ шаванду дастгирӣ ёбанд, абзору воситаҳои зарурӣ барои рушди онҳо омода карда шуда, доираи амалкарду интишори он тавсеа дода шаванд ва бояд бо пажӯҳишгарони ихтисосманди соҳа ва сарчашмаҳои маърифати исломӣ таъмин гарданд.

Муҳимтарин чизе, ки омӯзишҳои иҷтимоӣ-исломӣ аз он танқисӣ мекашад, ин норасоии воситаҳову имкониятҳо мебошад. Масалан, дилхоҳ марказ, қисм ё иттиҳодияеро аз ин гуна марказҳо мисол наорем, албатта, дар он камбуди имкониятҳо ва набудани пажӯҳишгарони ихтисосманди сарсупурдаро мулоҳиза менамоем.

Дар ин марҳила танҳо кушодани марказу факултете ва ё муқаррар намудани ин ё он моддаи таълимие, ки ба ихтисосмандон ва ё ба асбобҳои ёрирасон, воситаҳои нашру тарвиҷ ва ташвиқот таъмин намешаванд, кофӣ нест.

Гузоштани бори пажӯҳишу омӯзиши барномаи техникӣ ё иҷтимоӣ-исломӣ бар дӯши пажӯҳишгарон ё муаллимоне, ки зери бори вазифаҳову корҳо монда, фурсате барои пажӯҳиши илмӣ надоранд, дар ин марҳилаи масири илмӣ-тамаддунии уммат услуби беҳосил аст. Шояд ин равиш аз истеҳсол дида ба баҳонаҷӯӣ ва тасмиму ризоият дида ба шиор наздиктар аст.

Роҳи комёбӣ дар исломӣ намудани маърифату донишҳо ва барномаҳои илмӣ-таълимӣ танҳо тавассути фаъолияти пайваста, дунболагириҳои бардавоме, ки ниҳоду дидгоҳ ва маводи илмии бунёдии исломӣ аз он ошкор мегардад, инчунин, тавассути нақшагузориву амалкарди мураттабу пайиҳам сурат мегирад, ба ин гуна ки бархе фаъолият ба бархе дигар зам мегардад, дар натиҷа поя сахт шудаву шохаҳо гул мекунанд ва мева бор меоваранд. Воқеан, ин масъала ҳамчун эълон ё қароре нест, ки дар воситаҳои ахбори оммаву матбуот эълон шавад ва ё шиоре нест, ки касе дунболагираш набошад.

Қадами нахустин дар исломинамоии маърифату уммат ин аст, ки муассисаҳои илмии исломӣ чанд масъулиятеро ба анҷом расонанд:

а) Таҳқиқу тасниф ва зиёд овардани нусуси ваҳй аз Қуръону Суннати саҳеҳ, осоннамоии фаҳму дарки мақсадҳои онҳо барои пажӯҳишгарону равшанфикрон ва шароит фароҳам овардан барои онҳо, то ба нусуси мазкур дастрасӣ доштаву аз он вобаста ба алоқамандиву риштаи ихтисос истифода кунанд;

б) Таҳқиқ, тасниф ва зиёд овардани сарчашмаҳои мероси мавзӯӣ ва соҳавии исломӣ ва осоннамоии фаҳму дарки он барои пажӯҳишгарону равшанфикрон. Раванди пайваст намудани донишҳову барнома ва замири омӯзандаи мусулмон ба усулу мероси исломӣ ва бо таҳқиқу бобгузорӣ ва шарҳ осоннамоии он бунёдитарин роҳе барои эҷоди асолату рушд ёфтан аст ва бидуни ин тамоми талоши ислоҳгарой дар мавриди андешаи муосири исломӣ ҷуз хаёлу фиреби назар ва зоеъ намудани кӯшишу вақт чизи дигаре нест.

в) Муассисаҳои илмӣ-таълимӣ ва донишгоҳҳои исломиро мебояд, ки донишмандону мутахассисони варзидаи риштаи иҷтимоиро, ки шинохту фаҳмиш дар мавриди роҳҳалҳову мероси исломӣ доранд, барои фаъолият ва пажӯҳиши муназзаму пайвастаи соҳавии илмӣ ба кор гиранд, то бо такя бар пажӯҳишҳову омӯзишҳои эшон дидгоҳу барномаи илмии муносиб маълум гардад. Дар ин мавридд марказҳои тахассусии илмӣ ва риштаҳои омӯзишҳои олӣ беҳтарин шаклҳое ба шумор мераванд, ки метавонанд барои ба даст овардани чизи дилхоҳ мусоидат намоянд. Зеро дар ин гуна муассисаҳо пажӯҳишгарону омӯзандагон ва донишҷӯён ҳамеша дар ҳамкорӣ ва ҷидду талоши пайвастаанд. Аз ин рӯ, бо такя бар талошҳои эшон дидгоҳи илимии Ислом ошкору маълум гардад, ки дар асоси он метавон донишҳову барномаҳо ва китобҳои комили дарсӣ тартиб дод, то оҳиста-оҳиста

ҷойи барномаву тасаввурот ва донишҳои бегонаро гирифта, аз донишҳои бегона танҳо ҳамон андозаеро боқӣ гузорад, ки омӯзишҳои муқоисавӣ тақозо мекунаду ба он ниёз дорад. Вале пешниҳоди навиштаҳои сатҳии назарногире, ки барои таҳия ва комил шуданаш фурсату натиҷаҳои муносиб фароҳам нашудааст, танҳо ба маънои гурехтан аз масъулият аст, чун ин гуна таълиф танҳо ноумедиву тиратар шудани дидгоҳ, озору ошуфтагӣ ва аз даст додани роҳнамову муршидро бештар менамояду бас.

г) Муассисаҳои илмии исломиро мебояд ба ошно намудани ҷомеа бо нухбагону равшанфикрон ва донишмандони уммат пардохта, масъалаҳои маърифати исломиро барои онҳо матраҳ намоянд ва авлавиятҳо ва ҷойгоҳи авлавиятҳоро дар шароити кунунии уммат тавзеҳ дода, мавриди таваҷҷуҳу талош қарор гирифтани онро таъкид созанд. Ҳамзамон, муассисаҳои мазкур бояд дарҳояшонро бо ташкил намудани ҳамоишҳову форумҳои илмӣ-фарҳангӣ ба рӯйи нухбагон кушоянд ва ҷанбаҳои ин масъаларо барои онҳо равшан созанд ва барои дастандаркорон минбаре омода кунанд, ки дастоварду хидматҳои худро дар соҳаи ин ё он илме, ки барои уммат зарур будаву мавриди қадрдонии равшанфикрону нухбагон қарор мегирад, арзёбӣ намоянд. Муассисаҳо бояд ташкили ҷамъиятҳои илмӣ ва нашр кардани маҷаллаҳои тахассусии илмиро осон намоянд, зеро маҳз ҳамин нуктаҳо барои ҷоннок кардани ҳамкории илмӣ, ташвиқ ба ин ҳамкорӣ, огоҳ намудан аз вуҷуди ин ё он қазия ва онро қазияи уммату мавриди назари ҷомеа гардондан ва баррасии ҳадафи нухбагон воситаи асосие ба шумор меравад. Ҳоло вақти он расидааст, ки марҳилаи шиори хушку холие, ки дар гӯшае аз манораҳои оҷӣ шумораи андаке аз дастандаркорон ба он машғул мегаштанд, ба охир расад.

ғ) Муассисаҳои илмии исломиро мебояд, ки фиристодагони илмӣ, омӯзишҳои олӣ ва пажӯҳишҳои илмии худро

ба мавзӯот ва масъалаҳое равона созад, ки асолати илмии исломӣ ва масъалаҳои зарурии умматро аз нигоҳи асили исломӣ хидмат намояд. Бояд ин муассисаҳо донишҷӯёну пажӯҳишгаронро дар синфхонаҳову пажӯҳишҳояшон барои хидмати асолати маърифат тарбия намуда, ҳамзамон, барои бардоштани ин шуъла ва идома додани роҳ кадрҳои зарурии илмӣ омода созад. То пажӯҳанда раҳгум назанад ва ё аз сафари илмӣ баргардад, дар ҳоле ки ақлаш ғарбгаро гаштаву ҳувияташ коста шудааст ва абзоре барои торочи истеъморгароёнаи фарҳангие гаштааст, ки кайҳо боз инҷониб устухону поядеворҳои ақидавӣ ва фикрии академии умматро сӯрох менамояд.

Бояд мо яқин дошта бошем, ки бо талоши барномарезишудаи мураттаб ва амали бардавоми босамар метавонем уҳдадории худро анҷом дода, масъулиятамонро ба дӯш гирем. Шоиста аст, ки ризову тавфиқи Худовандро умед намоем, чун ӯ беҳтарин пуштибону бузургтарин кумакрасон аст.

## 6.3. ОЯНДАИ МАСИРИ ИНСОН

Агар ояндаи сохтори уммати исломӣ ба чӣ қадар комёб шудан дар ислоҳи барномаҳои андешаи уммату услубҳои тарбиявию банизомдарории он ва ба устувор намудани маърифату донишҳои иҷтимоии исломӣ вобаст бошад, пас, ояндаи пуризтиробу таҳдидшудаи инсонӣ ба комёбии уммати Ислом дар ислоҳи барномаҳову дидгоҳаш ва пешниҳод кардани намунаи пӯёи исломӣ бастагӣ дорад.

Зеро Ислом инсонро (ҳам фарду ҳам ҷамъиятро) аз ҳадафмандии ризоятмандонаи вуҷуд бархӯрдор сохта, барои ниҳоди инсонӣ асосҳои писандидаи ахлоқӣ пешкаш менамояд ва эҳсосу хоҳишот ва алоқаҳои куллии фитратро, хоҳ ғайбӣ бошад, хоҳ ғайриғайбӣ, дар нафсу ҷомеа ва кавну ҳастӣ барои дидаи инсон ошкор месозад.

Ислом барои инсоният пояҳои суботи иҷтимоӣ, пешрафти тамаддунӣ ва сулҳу амнияти ҷаҳониро пешкаш менамояд.

Ислом бунёди ниҳоди оиларо пос дошта, пояи адлу кафолат, масъулияти фардиву ҷамъиятӣ ва озодии ақидаву андеша ва виҷдонро муқаррар намудааст, ҳамзамон, бунёди шӯро ва ҳамбастагии инсонро аслу шоистагӣ ва ҳадаф қарор додааст. Ислом инсонро ба касби илм ташвиқ намуда, ба сӯйи маърифат фаро мехонад ва бо назардошти ниёзҳову осоннамоии талаботҳо баислоҳнамоиву ободсозӣ ва созандагӣ фаро мехонад. Ин дидгоҳи ростини исломӣ, ки инсон ба он назар мекунад, ба бемориҳои замону хавфу хатари тамаддуни моддигарои гумроҳшудаи аз роҳнамоии ҳидояти илоҳӣ маҳрум бархӯрд менамояд.

Имрӯз варшикастагии (нобудии) тамаддуни муосири модигаро, таназзули ҷомеаҳову пошхӯрии бунёди оила дар он ва ранҷ кашидани фарзандонаш аз навъҳои гуногуни изтироби равониву варшикастагии маънавӣ барои касе пинҳон нест.

Дар партави қудрати тамаддуни моддигаро имрӯз ҷомеаҳои пешрафтаи инсонӣ шикасту пош хӯрда, ҷаҳони инсонӣ ба шимолу ҷануб, сафеду сиёҳ, дорову нодор, гуруснаву пурхор, истисморгару истисморшуда ва хоҷаву барда тақсим мешавад. Ҳамагӣ ба сӯйи харобкориву воситаҳои харобиовару ҳалокатсоз пештозӣ мекунанд ва барои инсон аз маонии сулҳ чизе боқӣ намондаву ҳамагӣ гирифтори тарсу бими ҳалокати ҳамагонии ҳастанд, ки вижаи ҷаҳони миллатгароиву синфгаро ва урдугоҳҳои ба ҳам бо кинтӯзиву ситеза бархӯрдкунанда мебошад.

Воқеан, инсоният ва халқиятҳои аз нигоҳи илмиву моддӣ пешрафта ба Ислом ниёзи бештар доранд, чун Ислом фарогири мафҳумҳоест, ки ба ҷанбаҳои заъфе, ки дар ниҳоди кунунии инсоният ҷо гирифтаву дар оянда боз буҳронитар мешавад, посухгӯ мебошад.

Метавон ин мафҳумҳоро дар ду нукта хулоса намуд:

***Нуктаи аввал.*** Бе шак, Ислом ҷомеаеро асос мегузорад, ки дар пояи ҳамбастагӣ бунёд ёфтаву бо мафҳуми бародарӣ устувор мегардад ва ба пазироии ниёзи бунёдии инсон ва та-

лаботи муштараки байни шахсу дигарон дар ҳама қишрҳо, аз оила сар намуда, то ҳамсояву миллату инсоният, таваҷҷуҳ менамояд.

Халқиятҳои мазкур, дар ҳоле ки тавонҳои моддии ҳалокаткунандаву даҳшатангезро ба таркиш медароранд, наметавонанд дар партави фалсафаҳои бархӯрду пайкор байни афрод ё миллатҳову синфҳо ё фалсафае, ки онро «корзори дуҷониба» меномам, ором зиндагӣ намоянд. Ҷойи тардид нест, ки бо афзоиш ёфтани олоти маргбори ҷаҳонӣ, боло рафтани эҳсоси бадбиниву ситезаҷӯӣ – дар баробари он хунрезиҳову бадхоҳиҳои миллатҳо, ки дидаему мебинем – рӯзе зимоми девонагии худкушонаи инсонӣ раҳо мешаваду ҷаҳони фардо шоҳиди пайомадҳои маргборе мешавад.

Дар ин ҷо бо боварӣ метавон гуфт, ки маҳз ҷаҳони ислом ё худ ҷаҳони «ҳалқаҳои ба ҳам пайваста» ва «амнияти дастаҷамъӣ» фалсафаи фардо мебошад, ки ба ҷуз он барои таъмини амнияту сулҳ дар ҷаҳони оянда дигар роҳе нест.

Худованди поку баландмартаба дар Қуръони карим мефармояд:

*«Эй мардум, битарсед аз Парвардигоратон, он ки шуморо аз як тан биёфарид ва аз он як тан ҳамсари ӯро ва аз он ду мардону занони бисёр падид овард»; Сураи «Нисо», ояти 1.*

*«Эй мардум, ҳароина, Мо шуморо аз як марду як зан биёфаридем. Ва шуморо ҷамоатҳо ва қабилаҳо кардем, то якдигарро бишиносед. Албатта, гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост. Ҳароина, Худо огох ва бохабар аст»; Сураи «Ҳуҷурот», ояти 13.*

*«Ва аз нишонаҳои қудрати ӯст офариниши осмонҳову замин ва гуногунии забонҳову рангҳоятон»; Сураи «Рум», ояти 22.*

*«Мардум ҷуз як уммат набуданд, миёнашон ихтилоф афтод»; Сураи «Юнус», ояти 19.*

*«Ва ба падару модар ва хешовандону ятимон ва бенавоёну ҳамсояи хешованд ва ҳамсояи бегона ва ёри мусоҳибу мусофири раҳгузар ва бандагони худ некӣ кунед»; Сураи «Нисо», ояти 36.*

*«Аз ин рӯ, бар Бани Исроил муқаррар доштем, ки ҳар кас каси дигарро на ба қасоси қатли касе ё иртикоби фасоде бар рӯйи замин бикушад, чунон аст, ки ҳамаи мардумро кушта бошад»; Сураи «Моида», ояти 32.*

*«Ва фазилатро миёни худ фаромӯш макунед»; Сураи «Бақара», ояти 237.*

*«Ва ба мардумон сухани нек гӯед»; Сураи «Бақара», ояти 83.*

*«Худо шуморо аз некӣ кардан ва адолат варзидан ба онон, ки бо шумо дар дин наҷангидаанд ва аз сарзаминатон берун нарондаанд, боз намедорад. Ҳароина, Худо касонеро, ки ба адолат рафтор мекунанд, дӯст медорад»; Сураи «Мумтаҳана», ояти 8.*

*«Агар уқубат мекунед, чунон уқубат кунед, ки шуморо уқубат кардаанд. Ва агар сабр кунед, собиронро сабр некутар аст»; Сураи «Наҳл», ояти 126.*

*«Бо касоне, ки бо шумо ҷанг мекунанд, дар роҳи Худо биҷангед ва аз ҳад нагузаред»; Сураи «Бақара», ояти 190.*

*«Вале агар аз дини хеш даст бардоштанд, таҷовуз ҷуз бар ситамкорон раво нест»; Сураи «Бақара», ояти 193.*

*«Душманӣ бо гурӯҳи дигар водоратон накунад, ки беадолатӣ кунед. Адолат варзед, ки ба тақво наздиктар аст ва аз Худо битарсед»; Сураи «Моида», ояти 8.*

*«Ва ҳар гоҳ сухан гӯед, одилона гӯед, ҳарчанд ба зиёни хешовандон бошад»; Сураи «Анъом», ояти 152.*

*«Ва чун дар миёни мардум ба доварӣ нишинед, ба адл доварӣ кунед»; Сураи «Нисо», ояти 58.*

*«Ва дар некукорӣ ва парҳез ҳамкорӣ намоед, на дар гуноҳу таҷовуз»; Сураи «Моида», ояти 2.*

*«Ва агар ду гурӯҳ аз муъминон бо якдигар ба ҷанг бархостанд, миёнашон оштӣ афканед. Ва агар як гурӯҳ бар дигаре даст дарозӣ кард, бо он ки дастдарозӣ кардааст, биҷангед, то ба фармони Худо бозгардад. Пас, агар бозгашт, миёнашон сулҳе одилона барқарор кунед ва адолат варзед, ки ҳароина, Худо одилонро дӯст дорад. Ҳароина, муъминон бародаронанд. Миёни бародаронатон оштӣ бияфканед ва аз Худо битарсед, то ки бар шумо раҳмат орад. Эй касоне, ки имон овардаед, мабод, ки гурӯҳе аз мардон гурӯҳи дигарро масхара кунад, шояд он масхарашудагон беҳтар аз онҳо бошанд. Ва мабод, ки гурӯҳе аз занон гурӯҳи дигарро масхара кунад, шояд он масхарашудагон беҳтар аз онҳо бошанд. Ва аз ҳам айбҷӯӣ макунед ва якдигарро ба лақабҳои зишт махонед». Сураи «Ҳуҷурот», оятҳои 9-11.*

***Нуктаи дувум*** ба маънои маърифат ва ба равишҳои пажӯҳиши илмӣ вобаста мебошад. Масалан, андешаи моддигаро, асосан, ба услуби ақлӣ-таҷрибавӣ ва истиқроӣ такя намуда, аз ҷаҳони моддӣ ва таҷрибаҳову маълумотҳои мавҷуда ба ошноӣ ёфтан ба қонунҳое мепардозад, ки дар зиндагиву ҳастӣ ҳукмронӣ мекунанд, дар ҳоле ки андешаи мазкур аз ягон маърифати пешину ваҳйи нозилшуда барнахостааст. Зеро бо сабабҳои махсус наметавон ба маълумоте, ки дар китобҳои динҳои бузурги дигар, ба вижа дар масеҳият омодааст, бо боварӣ пайравӣ намуд. Зеро китобҳои ин динҳо ҳамаги дар гузори таърих таҳрифу тағйир хӯрдаву саршон аз нуктаҳое гаштанд, ки на ақл онро мепазираду на илм ва на фитрати салим.

Агар печидагии назарраси табиати иҷтимоии инсон, гуногунии омилҳое, ки дар як вақт ба рафтори инсонӣ таъсир мегузоранд, ҳамзамон, имконият надоштани устуворсозии бархе аз он ва фармонбардорсозии башарро ба таҷрибаи илмӣ дарк намоем, ҳатман, бесарусомонии бузурги илмҳои иҷтимоӣ ва пайвастагии назарияҳои камрангро дар арсаи илмҳои сулукӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявӣ дарк хоҳем намуд.

Дар ҳоле ки осори хатоҳо дар соҳаҳои мазкур дар як муддати кӯтоҳ ошкор намешавад, инчунин, ҷуброни пайомадҳои он баъд аз он ки ба ташкили ҷамъиятҳои инсониву таъсиргузорӣ ба сохтори он ба ниҳояти худ расидаанд, кори осоне нест.

Агар ин нуктаро дарк намоем, пас, он сифати фарқкунандаи меросиро дар арсаи маърифати исломӣ, ки дар бунёди фитриву қонунҳои коинот бо маърифати ақлонияти моддигаро ҳамсозу ҳамнавост, вале дар ҳадди он боз наистода, балки онро ба танзим медарораду зиёнҳо ва гунаҳои норасоиро аз он манъ менамояд, дарк хоҳад намуд.

Дар баробари чашмандозу назари мӯшикофона ва дарки офаринишу офаридаҳо ва муносибату истифода аз фитрату қонунҳое, ки Худованд дар онҳо гузоштааст, инсон мебояд боз ба чанде аз роҳҳалҳову заминаҳое пардозад, ки вижаи масъалаҳои бунёдии иҷтимоӣ-сулукӣ будаву аз ҷониби Худованд ба ӯ ваҳй шудааст. Билфарз, агар фаҳму чашмандоз инсонро дар мавриди қонуниятҳои коиноту ҳастӣ ба ҳар тараф барад ҳам, боз ӯ боздорандае аз ваҳй дорад, ки баъд аз он ки дер шуда бошад ҳам, ӯро аз пушаймонӣ боз медорад. Ба ин тартиб маърифати исломӣ дар як вақт сарчашмаҳои маърифати ақлӣ-таҷрибавӣ ва истиқроиро дар баробари сарчашмаҳои ҳидояти фарогири илоҳӣ масъулиятшинос менамояд. Аз ин рӯ, инсон бояд чунончи муносиб аст, ҳамкорӣ намояду ва чунончи Худованд дар робита ба доду гирифти бозаргониву истеҳсолот барояш хостааст, доду гирифти бозаргонӣ ва истеҳсол намояд. Аммо аз коре, ки сабаби озори мардум, рибо ё зулм мешавад ва дар он ҳеҷ гуна талошу табодули манфиате нест, бояд канора гирад.

Мусулмон кадом услуби зиндагӣ ва анъанаи ҳаёти бузурги оилавиеро, ки хоҳад, метавонад ба он зиндагӣ кунад ва бо назардошти шароити хосса онро тағйир диҳад, вале ба он шарт, ки мувофиқ ба ақди қонуние бошад, ки бузургвории зану кӯдак ва ҳуқуқи маънавиву моддии онҳоро месозад. Вагарна ӯ зулму бадкорӣ ва таҷовуз кардааст, дар ҳоле ки Худованд таҷовузкоронро дӯст намедорад.

Ҳамин гуна ваҳй ва таълимоти Ислом ҳамчун завлонаву қолабҳо не, балки ҳамчун чароғу аломатҳое бар пайраҳаҳои зиндагианд, то аз гумроҳиву лағжиш ва бадкорӣ ҷилавгирӣ намоянду ҳастӣ ва муносибатҳои беҳтарини иҷтимоиро таъмин созанд.

*«Худо бар адлу эҳсон ва бахшиш ба хешовандон, фармон медиҳад. Ва аз фаҳшову зишткорӣ ва ситам, наҳй мекунад. Шуморо панд медиҳад, бошад, ки пазирои панд шавед». Сураи «Наҳл», ояти 90.*

Ҳақиқати мазкурро ҷаҳли пайравони Ислом дар мавриди ҷойгоҳи ақлу нақл ва паст зада шудани ақл аз ҷониби эшон тағйир намедиҳад. Зеро чунин муносибати онҳо ба ақл аз тавони онҳо берун буд ва реша дар канорагирӣ ва ҷудоии чандинасраи нухбагони фикрӣ аз нухбагони иҷтимоӣ дорад.

Вақте ҷомеаи башарӣ аз пардохти баҳои хатоҳо оҷиз мондааст, ин ду нукта: а) «ҷомеаи ҳамкор (ягона)» дар муқобили «ҷомеаи пайкор» ва б) комилнамоии асосҳои алоқа дар сарчашмаҳои маърифати исломӣ аҳамияти хосае хоҳанд дошт, ба шарте мусулмонон дар ҷаҳони фардо (оянда) дарки накуву пешгомӣ дошта бошанд. Мавриди зикр аст, ки дар гузашта ҳангоми корзорҳои хунини таърихӣ даҳҳо ё садҳо абармардон ҳалок мешуданд, дар ҳоле ки миллатҳо аз он чӣ дар майдонҳои миллатҳои дигар мегузашт эмин буданд. Вале имрӯз замин дар маҷмӯъ ба мисли як майдон гаштааст: ҳар фарёде гӯши дар хона будагонро мехарошад; ҳар фоҷеае дидаи дар

хона будагонро дар ларза меорад; ҳар озоре, ки дар ин майдон рух медиҳад, ҳар касеро, ки дар он аст, фаро мегирад.

Вақте инсоният воситаҳои харобовару маргбор ва таҳдиди ҳастии заминро дар фазои кайҳон, ки худи ӯ сабаб гаштааст, ба таври яқин дарк созад, пас, ниёзи худро ба қонунҳои мӯшикофонаву қотеона: маълумоти Қуръону Суннати саҳеҳ, ки барои ҳар инсофкору андешаманд эҳтирому боварӣ намудан ба он фарз гаштааст, дарк хоҳад кард ва боварӣ хоҳад пайдо намуд, ки маҳз ин маълумот инсониятро аз афтодан дар чоҳи бетаги фано нигаҳ медорад.

Дар ин маврид роҳи баромад танҳо бо назар кардан ба бархӯрду чирагӣ не, балки бо ҳамбастагиву наздикшавӣ ва бо ҷустуҷӯи омилҳои вуҷуду манфиати муштарак ба даст меояд.

Мусулмонон бояд, воқеан, масъулияти худро дарк сохта, барои иҷрои дурусту пиёдасозии он дар ҳастӣ, ба гунае тақозои ҳикмати Офаридгор аст, талош варзанд.

Худованди бузург рост гуфтааст:

*«Оре, чунин аст, ки шуморо беҳтарини умматҳо гардонидем, то бар мардумон гувоҳ бошед»; Сураи «Бақара», ояти 143.*

*«Пас, ҳар кас ба вазни заррае некӣ карда бошад, онро мебинад. Ва ҳар кас ба вазни заррае бадӣ карда бошад, онро мебинад». Сураи «Зилзила», оятҳои 7-8*

Маҳз ҳамин нукта масъулияти уммати исломӣ, донишмандон, андешамандон ва равшанфикрони мусулмонро дучанд мегардонад. Зеро агар онҳо мафҳумҳои ин дини ростинро дар амал қарор диҳанду ҷомеаи намунавие созанд, ки пешоҳангу улгу бошад, пас, бо ин амалашон на фақат худро наҷот додаву сохтмони тамаддуну ҷомеаи худро ислоҳу тармим намудаанд, балки бо ин аҳволи ҳама инсониятро ислоҳ намуда, тамаддуни инсониро дар замин ва масъулияти ӯро дар мавриди ислоҳу созандагӣ аз вартаи нестшавӣ наҷот медиҳанд. Бо ин амалкарди худ барои худ ва барои

ҳамаи мардум ҷомеаи дурусте бо сулҳу амният амалӣ сохта, талошҳои кашфи илмиву пешрафти моддӣ ва созандагии тамаддуниро ба роҳи рост мебаранд ва ҷомеаи хилофатеро, ки Худованд дар мавриди он дар ин замин дастур додааст, барпо мекунанд.

## ДАР ОХИР:

### ИСЛОМ - МАСЪАЛАИ БУНЁДИИ УММАТ

Мақсад аз ин пажӯҳиш тавсифи аҳволи уммат дар шакли умум ва тақдими он ба мусулмонон мебошад, то роҳнамое дар пайгирии масири уммат дар таърих ва баррасии муҳимтарин масъалаҳое бошад, ки умматро ба ин рӯз расонидааст; то барои ёфтани роҳҳое ҷиҳати некуаҳволиву дармони шахсу уммати мусулмон ва дар умум инсоният имконият фароҳам оварад.

Дар ростои пиёдасозии ин ҳадафҳои бузург танҳо чизе, ки ин пажӯҳиш интизор дорад, ин устувор намудани дидгоҳи фарогир дар андешаи мусулмон, такон додани ақли мусулмон барои назари бунёдиву амиқ намудан дар масъалаҳои қафомондагиву ақибмондагӣ ва мушкилоти уммат ва баррасӣ намудани масъалаҳои мазкур барои донистани сабабу ёфтани илоҷ бо бурдбориву ҷиддият ва мӯшикофонаву воқеона мебошад.

Андеша, фарҳанг, таҷриба ва тааммули нигорандаи ин пажӯҳиш ба ин нукта мутааккид гаштааст, ки уммат аз ҷиҳати доштани захираҳову имкониятҳо ва арзишҳо камбудие надорад, норасоии он танҳо набудани равиши андешаи солим аст. Иллати ин бошад, дар халалпазирии андеша хулоса мешавад, ки аз халал ёфтани дидгоҳи иҷтимоӣ-тамаддунӣ, фасоди тарбияи исломӣ ва пош хӯрдани ниҳодҳои ҷамъиятӣ маншаъ мегирад. Дар натиҷаи ин ҳама уммат пора-пора гаштаву мусулмонон бинобар тарсу нотавонӣ ба мисли барда шудаанд, ки душманонро бар худ чира месозанд.

Умед аст, ки ислом дар умум бо маърифату пайгириаш дар ислоҳи равишҳои фикру тарбия дар даҳсолаҳои оянда масъалаи бунёдии уммати исломӣ мегардад, то ин ки пояи

уммат рост гаштаву рушд мекунад ва тандурустиву неру ва бузургвориву масъулияти худро дар ислоҳнамоиву созандагӣ бозмегардонад ва имконият пайдо менамояд, ки масъулияти худро дар мавриди роҳнамоии башар ба сӯйи роҳи ҳаққу дини ростини Худо ба дӯш гирад.

Азбаски ин пажӯҳиш роҳкори амалии асили фикрист, на тарвиҷи фаъолияти ҷунбиши сиёсӣ, пас, нигоранда умедвор аст, ки дастандаркорони исломӣ ва нухбагони ҷамъиятҳо ба ин пажӯҳиш ҳамчун хатибутлонзанандаи арзиши талошҳояшон назар наменамоянд. Вале инро бояд донист, ки дар ин ҷода фаъолияти сиёсӣ ва ҷунбишӣ бе раҳнамоии фикриву неруи равонӣ нотавонӣ ва дур кардани дарки саҳеҳ аз воқеият аст.

Таъкид намудан зарур аст, ки масъалаи муҳим ин масъалаи уммат ва омода намудани он барои маснади идораи тамаддунӣ аст, на масъалаи ҳукмронӣ, ё сарзамину ҳизбе. Ва андеша омили бунёдӣ ва асосие барои ин омодасозист, то талошҳову барномаҳо имкони бороварӣ дошта бошанд.

Инчунин, таъкид намудан муҳим аст, ки дар майдонҳои гуногун талош намудан, такмилдиҳандаву комилкунандаи якдигаранд, ба ин хотир наметавон ба назардошти шароиту ниёз ба коре авлавият доду кори дигареро нодида гирифт ё хати бутлон зад. Аз ин рӯ, дар баробари талошҳои сиёсӣ ва ҷунбишӣ бояд ба андеша низ таваҷҷуҳ намуд, балки бахши сиёсӣ-ҷунбиширо, пеш аз ҳама, бояд кори дифоие дар мавриди таъмини шароит ва имконоти рушду ислоҳи сарчашмаҳои неруи ақлҳову ҷонҳо шуморид.

Тавзеҳи ин нукта низ муҳим аст, ки фаъолияти фикрӣ зинаҳову соҳаҳое дорад, ки бархе аз онҳо бунёдиву асосӣ буда, ба барномаву усул, сарчашмаҳову ҳадафҳо ва азнавсозии табиати дидгоҳи ақл вобаста мебошад, дар ҳоле ки бархе дигар аз онҳо татбиқӣ-стратегӣ ва ҷунбишӣ мебошад. Мехоҳам ба ин нукта таъкид созам, ки мушкили уммат дар мавриди масоиле, ки ба ақлонияту барнома тааллуқ дорад, бештар аст. Гузашта аз ин, муваффақияти андешаи татбиқӣ-стартегӣ-ҷунбишӣ, пеш аз ҳама, вобаста ба чигу-

нагии ақлонияту барнома аст. Шояд ин нукта бароямон равшан созад, ки чаро андешаи ҷунбишӣ-стратегие, аз қабили андешаи Абдураҳмони Кавкабӣ дар китобаш «Умм-ул-қуро», ки тахминан сад сол пеш навишта шудаву бо забони шево фарогири барномаву пешниҳодҳое барои ҷунбишҳои ислоҳотхоҳи муосири исломӣ мебошад, дар амалисозии ҳадафҳову ормонҳои худ муваффақ нашуд, ба истисnои бархе комёбиҳои ҷузъие, ки ҷойгоҳи умматро дар таърих ҳеҷ тағйир намедиҳад.

Умед аст, ки талошҳо дур аз ҳама фиребҳои ҷузъӣ ба ҳамдигар пайванд мехӯранд ва ба ин тартиб фаъолияти ислоҳии Ислом имконият пайдо мекунад, ки дар сатҳи миллат ба зинаи муқовимат гузарад.

Нигоранда ҳеҷ тардиде надорад, ки агар ин андоза аз дидгоҳи дуруст барои андешамандону донишмандон ва равшанфикрони уммат маълум гардад ва дар расонидану роҳнамоӣ ва такон додани талошҳои уммат ҳиммат гузоранд, пас, ин кор ҳамгуни ахгаре бар алафҳои хушк ва бомдоде бар майдонҳо мегардад ва боз монанди чархаҳои корхонаҳое мебошад, ки молро ба шакли намунаи нахустин истеҳсол менамояд. Дарсҳову ибратҳои таърих дар ин маврид ошкору равшананд, ки маҳз уммате ҷодаи худро ёфтаву андешаву роҳкорҳояш ислоҳ гаштааст, ки неру ва мардумонаш мисли сели пурталотуме барангехта шуданд, ки роҳи худро барои амалкарду дастовард мекушоянд, ба он гунае ки қудрату ҳаракат ва амалкарди фарзандонаш пештар шоҳиди он нашудааст. Чархи рӯзгор ҳамин гуна аст, ки барои нотавону роҳгумкарда дароз мешаваду тӯлонӣ менамояд, вале дар муқобили тавоноиву ҳиммат коставу нобуд мегардад.

Андешамандону донишмандон ва равшанфикрони умматро мебояд, ки ҳиммату диди худро, пеш аз ҳама, ба ислоҳи фикр ва ошкор сохтани дидгоҳ барои фарзандону абармардон ва нухбагони уммат равона созанд. Маҳз дар ин сурат, бо фазли эзадӣ, метавонанд дар як мижазанӣ сафҳову гурӯҳҳои умматро гирди ҳам оранд ва ба неруи фаъол даст ёфта, дар

ҳаракат овардани бодбон, баланд бардоштани бинову рафтан ба сӯйи арсаҳои пешравию тараққиёт комёб гардад.

Суханро дар ин ҷо ба анҷом расонида, ба сӯйи Худованди баландмартабаи тавоно дуо менамоям, ки ба мо ҳикмату савоб бахшида, моро аз харобаҳои ин ғарам, ки уммату инсоният дар зераш хаставу нафасгир шудааст, наҷот диҳад ва моро аз зумраи коргарону солеҳоне гардонад, ки ба гуфтор гӯш додаву аз беҳтарини он пайравӣ менамоянд ва охири дуои мо ин аст, ки «Ситоиш барои Худо – Парвардигори оламиён аст».

# МУАРРИФИНОМА

Абдулҳамид Аҳмад Абу Сулаймон соли 1355 ҳ. / 1936 м. дар Маккаи мукаррама ба дунё омадааст.

Таҳсили ибтидоиву миёнаро дар Маккаи мукаррама фаро гирифтаву соли 1374 ҳ. / 1955 м. мактаби тайёрии фиристодагонро хатм намудааст.

Соли 1378 ҳ. / 1959 м. дар бакалаврияти тиҷорати факултети донишҳои исломи Донишгоҳи Қоҳира таҳсил кардааст.

Дараҷаи магистриро соли 1381 ҳ. / 1962 м. дар риштаи донишҳои сиёсии факултети тиҷоратии Донишгоҳи Қоҳира ба даст овардааст.

Соли 1393 ҳ. / 1973 м. ба гирифтани дараҷаи докторӣ дар риштаи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи Пенсилвания мушарраф гаштааст.

Ба ҳайси нозири анҷуманҳои маҷлиси олии банақшагирӣ, узви ҳайати таълимии факултети донишҳои идоравӣ (собиқ факултети тиҷорат)-и Донишгоҳи Малик Саъуд дар Риёз (собиқ Донишгоҳи Риёз) ва декани факултети донишҳои сиёсии он фаъолият кардааст.

Номбурда аз муассисони Иттиҳодияи донишҷӯёни мусулмон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Канада ва Иттиҳодияи исломии созмонҳои донишҷӯён, Ҷамъияти донишмандони мусулмони анҷуманҳо дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Канада, ҷамъияти ҷаҳонии ҷавонони исломӣ дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва рӯзномаи амрикоии «Донишҳои иҷтимоӣ-исломӣ» ба шумор меравад.

Дабиру муассиси дабирхонаи Анҷумани ҷаҳонии ҷавонони исломӣ дар Риёз, нахустин мудири Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ, собиқ директори генералии Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ, собиқ директори Ҷамъияти донишмандони мусулмони анҷуманҳо дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Канада мебошад.

Солҳои 1988-1999 ба ҳайси директор ва муассиси Донишгоҳи исломии ҷаҳонӣ дар Малайзия фаъолият кардааст.

Номбурда чандин китобу пажӯҳишҳои илмие дорад, ки ба ҷанбаҳои созандагиву ислоҳнамоии исломии уммат равона шудаанд.

Раиси Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ ва раиси Ташкилоти рушди кӯдак мебошад.

**Ҳамагон дар ин масъала иттифоқи назар доранд, ки уммати исломӣ марҳилаи вазнинтарини худ: парешониву азҳамгусехтагӣ, аз даст додани ҳувият, пош хӯрдани ниҳодҳо ва ҳолати бухрониеро, ки ба он дучор омадааст, аз сар мегузаронад.**

**Ҳамчунин, баъд аз он ки уммат гирифтори ду озмуни талх: бедодиву фармонбардорӣ аз таҷрибаи бегонагон ва ду аср боз ба таври иҷборӣ кӯшиши амалӣ намудани он таҷрибаҳои бегона гардид, инчунин аз вақте, ки уммат эҳсос намуда истодааст, ки маҳз иртиботи бевоситаи кишварҳои мусулмоннишин, хусусан, Туркияву Миср бо тамаддуни ғарбӣ сабаби мушкилоти мавҷуда мебошад, ҳамагон ба тағйиру дигаргун намудани вазъият иттифоқи назар доранд.**

**Уммат муддати тӯлоние мешавад, ки дар сиёсату ҳукмронӣ, фарҳангу идора, адабиёту иҷтимоъ ва илму ҳунар ба тамаддуни Ғарб пайравӣ менамояд, аммо ин (тақлиди кӯр-кӯрона) орзуву нияти ӯро (барои бурунрафт аз бухрону мушкилӣ) ҷомаи амал напӯшонид. Дар натиҷа ба чунин хулоса омад, ки беҳтарин роҳ барои ҷилавгирӣ аз тавсеа ёфтани фосилаи байни худ бо дигар умматҳо танҳо такя намудан ба худ ва ҷустани роҳҳалҳо дар ниҳоди худ мебошад.**

9 789967 493445